**ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ**
**ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

# РОҲНАМОИ
# ФАННИ ТЕХНОЛОГИЯ
# (ТАЪЛИМИ МЕҲНАТ
# БАРОИ ДУХТАРОН)
# СИНФИ 5-УМ

## барои омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ

**ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ**
**ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
**ТАСДИҚ КАРДААСТ**

**ДУШАНБЕ**
**МАОРИФ**
**2017**

**УДК 373. 167. 1(072**
**ББК Я72+74.263**
**А-37.**

**А-37.** Рӯзиева М., Насимӣ Н. М. **Роҳнамои фанни технология (таълими меҳнат барои духтарон)** синфи 5-ум. Барои омӯзгорони муассисаҳои таҳсилотӣ умумӣ. Душанбе, Маориф, 2017, 180 саҳ.

**ISBN 978-99947-1-472-8**
**© Маориф, 2017**

## МУНДАРИҶА

Муқаддима…………………………………………………………………………… 5
**I. МАЗМУН ВА МУНДАРИҶАИ СТАНДАРТИ ФАННИ ТЕХНОЛОГИЯ (ТАЪЛИМИ МЕҲНАТ)**.......................................................................................... 6
1. 1. Мафҳумҳои асосии стандарти фанни технология (таълими меҳнат)………… 6
1. 2. Заминаи меъёрии ҳуқуқии стандарти фанни технология (таълими меҳнат)…. 15
1. 3. Соҳаи истифодаи стандарти фанни технология (таълими меҳнат)……………. 15
1. 4. Принсипҳои асосии стандарти фанни технология (таълими меҳнат)………… 16
1. 5. Мақсад ва вазифаҳои стандарти фанни технология (таълими меҳнат)………. 17
**II. САЛОҲИЯТҲОИ ФАННИ ТЕХНОЛОГИЯ (ТАЪЛИМИ МЕҲНАТ)**……….. 19
2. 1. Салоҳиятҳои иҷрои амалҳо, эҷод, арзёбӣ………………………………………… 19
2. 2. Баҳодиҳии салоҳиятҳои иҷрои амалҳо, эҷод, арзёбӣ…………………………… 20
2. 3. Салоҳиятҳои тарбиявӣ-ахлоқӣ…………………………………………………….. 21
2. 4. Нишондиҳандаҳои хислатҳо……………………………………………………….. 21
2. 5. Салоҳиятнокии омӯзгорон…………………………………………………………. 22
**III. ТАШКИЛИ РАВАНДИ ТАЪЛИМИ САЛОҲИЯТНОКӢ АЗ ФАННИ ТЕХНОЛОГИЯ (ТАЪЛИМИ МЕҲНАТ) БАРОИ СИНФИ ПАНҶУМ**………… 23
3. 1. Ба хусусиятҳои фардии хонанда диққат додан…………………………………... 24
3. 2. Принсипҳои таълими самаранок………………………………………………….. 24
3. 3 Тайёрии омӯзгор ба дарс ва алоқамандии таълими технология бо дигар фанҳо………………………………………………………………………………….. 25
Тарз ва тариқи реза кардани сабзавот……………………………………………….. 27
**IV РАВИШИ ДАРСИ ФАННИ ТЕХНОЛОГИЯ (ТАЪЛИМИ МЕҲНАТ) ДАР СИНФИ 5**……………………………………………………………………………... 33
**V.АРЗЁБӢ**……………………………………………………………………………… 33
фанни ТЕХНОЛОГИЯ (ТАЪЛИМИ МЕҲНАТ) барои синфи 5…………………… 42
**БОБИ 1. ИНТЕРЙЕРИ ОШХОНА**
**ИНТЕРЙЕРИ ОШХОНА ВА ХОНАИ ХӮРОКХӮРӢ -1 СОАТ**......................... 45
**БОБИ 2. ТЕХНОЛОГИЯИ ОМОДА КАРДАНИ ХӮРОКҲОИ МИЛЛӢ**
**ТЕХНОЛОГИЯИ ПУХТАНИ ХӮРОКҲОИ МИЛЛӢ -1 СОАТ**………………….. 49
Аҳамияти сабзавот барои организми одам ва таркиби ғизоии он -1 соат........... 53
Навъҳои сабзавот -1 соат……………………………………………………………… 55
Мафҳуми коркарди гарми сабзавот -1 соат………………………………………….. 58
Тарз ва тариқи реза кардани сабзавот -1 соат……………………………………… 62
Одоби нишастан дар сари дастархон -1 соат………………………………………… 67
Ороиши дастархон барои хӯрок. Ороиш ва гузоштани асбобҳо ба дастархон-1 соат........................................................................................................ 70
Тарзи омода кардани хӯроки якум аз сабзавот -1 соат......................................... 74
Хӯрокҳои дуюм аз сабзавот -1 соат.......................................................................... 78
Хӯроки дуюми хӯришаш аз сабзавот -1 соат……………………………………… 83
**БОБИ 3. ЗАХИРА КАРДАНИ МАҲСУЛОТИ ХӮРОКВОРӢ**
Захира кардани маҳсулоти хӯрокворӣ, консервонӣ ва очоронии сабзавот-1 соат.. 89
Технологияи омода кардани матоъ.......................................................................... 94
Хосияти матоъҳои пахтагӣ ва катонӣ -1 соат........................................................ 100
**БОБИ 5. КАСБУ ҲУНАРИ МИЛЛӢ**
Технологияи корҳои дастӣ-дарзҳои дастӣ -1 соат.................................................. 104
Маълумоти мухтасар дар бораи таърихи гулдӯзӣ (кашидадӯзӣ)-1 соат.............................. 108
Дӯхтани кӯки зарбӣ -1 соат..................................................................................... 112
**БОБИ 6. УНСУРҲОИ МОШИНШИНОСӢ**
Таъйинот ва сохти мошини дарздӯзии дастӣ -1 соат............................................. 117
Қоидаи ба кор омода кардани мошини дарздӯзӣ -1 соат...................................... 121

Кори амалӣ. Усулҳои кор бо мошини дарздӯзӣ -1 соат....................................... 125
**БОБИ 7. ТЕХНОЛОГИЯИ ЧОКБУРӢ**
Банақшагирии либоси махсус бо унсурҳои амсиласозӣ -1 соат........................... 129
Кашидани тарҳи маснуот -1 соат……………………………………………………… 134
Омода кардани андоза ва сохтани қолаб -1соат……………………………………. 138
Технологияи чокбурӣ ва дӯхтани либоси махсус -1 соат………………………….. 142
Барои дӯхтан омода кардани ҷузъҳои буридашуда -1 соат………………………… 146
Кори амалӣ: Технологияи дӯхтани пешдоман -1 соат…………………………….. 149
Кори амалӣ: Дӯхтани камарбанд ё миёнбанд (тасма)-1 соат............................... 152
Кори амалӣ: Дӯхтани киса -1 соат………………………………………………….. 154
Пурра дӯхтани маснуот -1 соат......................................................................... 156
Технологияи дӯхтани остинчаи нонпазӣ -1 соат................................................... 159
**БОБИ 8. ЛОИҲАИ ЭҶОДӢ**
Лоиҳаи эҷодӣ. Дӯхтани болиштча барои диван -1 соат....................................... 164
Ҳисоби иқтисодӣ -1 соат.................................................................................... 170
**БОБИ 9. НИГОҲУБИН ВА ТАЪМИРИ ЛИБОС**
Таъмири либос -1 соат........................................................................................ 172
**БОБИ 10. ГИГИЕНАИ ДУХТАРОН**
Тарзи шустани мӯй ва кашидани ӯсма -1 соат....................................................... 175
Адабиёт.............................................................................................................. 178

## Муқаддима

Соҳаи маориф аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун яке аз самтҳои афзалиятноки рушди мамлакат эътироф гардида, дар ин самт ҳамасола тадбирҳои зиёд андешида мешаванд. Илова ба бунёди муассисаҳои таълимии нав, таҷдиди инфрасохтор, инчунин ба сифат, мазмуну самарабахшии мундариҷа ва ҷараёни таълим низ таваҷҷуҳи қобили назар зоҳир мегардад. Таҳияи стандарт ва барномаҳои нави таълимӣ метавонанд сатҳу сифати таҳсилоти миёнаи умумиро баланд бардоранд.

Дар татбиқи сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф омӯзгорон нақши калидӣ мебозанд. Ин нукта дар суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқот бо зиёиёни мамлакат (2015) хеле мушаххас баён гардидааст: “... калиди ҳама гуна дастоварду пешравӣ ва истиқлолияти фикрии омӯзгор-омӯзгор ва хазинаи маъ-навию илмии ӯ ба шумор меравад. Аз ин рӯ, самаранок ба роҳ мондани корҳои таълиму тарбия аз ҷониби омӯзгор имкон фароҳам меорад, ки сатҳи мафкура ва донишу ҷаҳонбинии толибилмон боло равад ва онҳо ҳамқадами замон гарданд”.

Барои мо – олимон, кормандони соҳаи маориф, мутахассисон ва омӯзгорон ин суханон беҳтарин дастурамаланд.

Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади баланд бардоштани сифати таълим ва натиҷабахшии раванди он таҳияи стандартҳои фанниро ба роҳ мондааст, ки Стандарти фанни “технология (таълими меҳнат)” барои синфи панҷум аз ҷумлаи онҳост. Вазорати маориф ва илм натиҷа ва дастовардҳои ислоҳоти соҳаро, ки тайи солҳои охир татбиқ гаштаанд, эътироф карда, дар асоси ба эътибор гирифтани таҷрибаи ҷаҳонӣ стандарт ва барномаҳои навро ҳамчун як ҷузъи таркибии ислоҳоти пурраи мундариҷаи таҳсилот таҳия намудааст.

Стандарти фанни технология (таълими меҳнат) барои синфи панҷум ҷузъи таркибии силсилаи стандартҳои фанни технология (таълими меҳнат) дар зинаи таҳсилоти болоӣ аст. Стандарти мазкур дар асоси салоҳият таҳия шуда, талаботи Стандартҳои давлатии таҳсилоти миёнаи умумиро ба эътибор мегирад.

Сохтор ва услуби пешниҳоди стандарт тарзе интихоб шудааст, ки паҳлуҳои гуногуни раванди таълими фанни технология (таълими меҳнат)-ро дар синфи панҷум фаро мегирад ва ба ин васила фаъолияти омӯзгорро дар ҷараёни банақшагирӣ ва таълиму арзёбӣ осон мегардонад.

Тавре ки таҷрибаи байналмилалӣ ва шароити кунунии Тоҷикистон нишон медиҳад, вобаста ба талаботи бозори меҳнат ва инкишофи босуръати муносибатҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарогирии ҳар чӣ бештари воситаҳои иттилоот (интернет, телевизион ва ғайра) имрӯз танҳо бо дониш мусаллаҳ будан кифоя набуда, дар амал истифода бурдани донишу малакаҳо муҳимтарин роҳи иҷтимоишавии ҷавонон ва дастёбӣ ба натиҷаҳои дилхоҳ ба шумор меравад. Ин нуктаи муҳим санги маҳаки стандарти мазкурро ташкил медиҳад.

Дар ҷаҳони муосири зудтағйирёбанда ва пур аз тазодҳо шаҳрвандон бояд сифатҳои ташаббускорӣ, навоварӣ, амалигардонӣ, тағйирпазирӣ, уҳдабароӣ, масъулиятшиносӣ ва созандагию бунёдкориро дошта бошанд. Онҳо бояд шахсони бомаърифати аз ҷиҳати маънавӣ-ахлоқӣ устувор ва кордоне бошанд, ки роҳҳои дастрас кардани ахбор (маълумот)-ро тавассути воситаҳои гуногун интихоб намуда, онро таҳлилу таҷзия ва арзёбӣ карда, масъалаҳои мураккаби олами атрофро дарк кунанд, мушкилиҳои гуногуни таълимию ҳаётиро пешгӯйӣ ва ҳал карда тавонанд, масъулияти худро дар назди оила, аҳли ҷомеа ва кишвар дарк намоянд. Тавре ҳамагон медонанд, барои ташаккули ин сифатҳо маҳз дар зинаи таҳсилоти ибтидоӣ заминаи мусоид фароҳам оварда мешавад.

Барои ноил гаштан ба ин вазифаҳо Вазорати маориф ва илм низоми нави таълимро дар амал татбиқ менамояд, ки он ба ташаккули рушди салоҳиятнокии хонандагон дар истифодаи амалии дониш, малака ва маҳорат мусоидат хоҳад кард.

Натиҷаҳои салоҳиятнокии хонандагон тавассути низоми миллии арзёбӣ санҷида шуда, натиҷаҳои он барои дуруст ва самаранок ба роҳ мондани раванди таълим истифода мешавад.

Стандарти мазкур мазмуну мундариҷа, салоҳиятҳо, нишондиҳандаҳои салоҳият-нокӣ ва воситаҳои арзёбиро муайян мекунад. Бо татбиқи низоми нави таълим натиҷаҳои таълимии хонанда (салоҳиятнокии ӯ) мақсади асосии санҷишу назорати сифати таҳсилот мегардад.

Бо татбиқи стандартҳои нав на танҳо малакаву маҳорати касбии омӯзгор, балки натиҷаи таълимии хонандагон низ ҳамчун нишондиҳандаи самаранокии раванди таълим шинохта мешавад. Дар низоми нави таълим масъулиятнокии омӯзгорон барои беҳтар гаштани натиҷаҳои таълимии хонандагон ба маротиб зиёд мегардад.

Дар ҷараёни татбиқи маҷмӯи стандартҳо ва барномаҳои фаннӣ омӯзгор шахси калидӣ аст. Аз ин рӯ, самаранокии татбиқи стандартҳои нав ва ҷараёнҳои ислоҳот маҳз ба дарки масъулият, ташаббусу эҷодкорӣ ва маҳорату малакаи омӯзгорон вобаста аст. Масъулияти омӯзгор дар ин ҷараён хеле зиёд буда, ҷанбаҳои зеринро дар бар мегирад:

– Ба роҳ мондани таълим дар асоси стандартҳои нав ва барномаи фаннӣ;

– Муҳокимаи масъалаҳои умдатарини татбиқи ислоҳот бо ҳамкорон;

– Муҳокимаи мушкилот ва роҳҳои ҳалли онҳо дар ҳамкорӣ бо мудирияти муассисаи таълимӣ ва идораву шуъбаҳои маорифи шаҳру ноҳия;

– Ба роҳ мондани ҳамкорӣ бо кормандони Барномаи глобалии ҳамкорӣ баҳри рушди Вазорати маориф ва илм(мо ба тавсия ва маслиҳатҳои шумо ниёз дорем);

– Таҳияи маводди иловагии таълимӣ ва истифодаи онҳо дар раванди таълим бо ҳамкорон.

Табиист, ки дар марҳалаи ибтидоӣ масъалаҳои зиёд пайдо мегарданд, ки ба истифодаи стандартҳо, барномаҳои таълим ва китобҳои дарсии нав алоқаманданд. Аммо мо бовар дорем, ки батадриҷ, бо роҳи фароҳам сохтани имкониятҳои хуби иштирок дар марҳалаи татбиқи ин ислоҳот дар сатҳи мамлакат омӯзгорони муассисаҳои таълимӣ пурра омода хоҳанд шуд.

Вазорати маориф ва илм ҳамаи омӯзгорон, сарварони муассисаҳои таълимӣ, кормандони раёсату шуъбаҳои маориф ва тамоми кормандони соҳаи маорифи ҷумҳуриро барои татбиқи ислоҳоти мазкур, ки самаранокӣ ва сифати таълимро барои хонандагон – фарзандони мо таъмин мекунад, даъват менамояд. Стандарти фанни технология (таълими меҳнат) барои синфи панҷум.

## I. МАЗМУН ВА МУНДАРИҶАИ СТАНДАРТИ ФАННИ ТЕХНОЛОГИЯ (ТАЪЛИМИ МЕҲНАТ) БАРОИ СИНФИ ПАНҶУМ

### 1. 1. МАФҲУМҲОИ АСОСИИ СТАНДАРТИ ФАННИ ТЕХНОЛОГИЯ (ТАЪЛИМИ МЕҲНАТ) БАРОИ СИНФИ ПАНҶУМ

**Арзёбӣ** – ҷараёни ҷамъоварии маълумот барои баҳодиҳӣ. Навъ ва воситаҳои гуногуни ташкили ҷараёни арзёбӣ вуҷуд доранд. Он барои муайян кардани дараҷаи дастовардҳои таълимии хонандагон имкон медиҳад. Маълумоте, ки тавассути арзёбӣ ҷамъ оварда мешавад ҳам ба шахсони алоҳида ва ҳам ба муассисаҳои соҳа зарур аст. Маълумоти аз арзёбӣ ба даст омадаро ба тарзи мухталиф ниҳодҳои ҳокимияти давлатӣ, шахсони алоҳида, волидон, хонандагон ва омӯзгорон истифода бурда метавонанд.

**Ангуштпона** – ҳанӯз дар асри XV маълум буд. Аввалҳо ангуштпонаро аз чарм, тилло ва дигар филизот (металл) сохта, нақшу нигор меандохтанд. Баъдтар, яъне аз асри XVI ва XVII ангуштпонаро бо усули фабрикавӣ аз арзиз (алюминий), пӯлод, нуқра, пластмасса месохтанд.

**Ахборот** – аз забони арабӣ буда, маъношн ҷамъи хабарҳост.

**Баҳодиҳӣ** – ҷараёни натиҷагирӣ оид ба дараҷаи мувофиқати дониш, салоҳият, малака ва маҳорати хонанда ба талаботи муқарраркардаи стандарти фаннӣ. Баҳодиҳӣ имкон медиҳад, ки дараҷаи азхудкунии салоҳиятҳо муайян карда шавад.

**Бодиринг** – қариб дар ҳама ҷо мепарваранд. Бодиринг барои одамони фарбеҳ маҳсулоти шифобахш ҳисоб меёбад. Дар таркиби бодиринг қариб 1 мг% равғани эфир вуҷуд дорад, ки боиси бӯйи ба худ хос доштани он гаштааст.

**Боимҷон** – боимҷонро дар тамоми минтақаҳои Тоҷикистон парвариш мекунанд. Боимҷон хосияти табобатӣ дорад. Вай миқдори холестерини хунро кам карда, организмро аз касалиҳои ҷигар, ниқрози рагҳо эмин медорад. Боимҷон дар таркибаш қанд, моддаҳои сафеда, намакҳои минералӣ, витамини С дорад.

**Бофиши матоъ** – якчанд хел мешавад: катонӣ, сарҷагӣ, сатинӣ, атласӣ, мураккаб, нобофта ва ғайра.

**Бирёнкунӣ** – Дар ин шакл пухтан масолеҳ дар ҳарорати баланд тайёр мешавад. Масолеҳ дар равғани кам пухта шавад, дар ҳарорати то 140-160°С ва дар равғани зиёд бирён карда шавад, дар ҳарорати 160°-180° мепазад.

**Бӯри дӯзандагӣ** – барои кашидани тарҳи ҷузъҳо, ҷойи буридани матоъ ва кашидани хатҳо, ҷойгир кардани ҷойи кисаҳо, ангулаи тугмаҳо ва ғайра истифода мешавад.

**Витаминҳо** – пайвастҳои органикӣ буда, манбаи қувваи организми инсон ҳисобида намешаванд, лекин барои мубодилаи муътадили моддаҳо ва ҳаёти организм ниҳоят заруранд. Одам витаминҳоро аз хӯрокҳои гуногуни серғизо мегирад. Витаминҳо ба ҳаёти одам ва нигоҳ доштани саломатӣ ёрӣ мерасонанд. Витамин аз калимаи лотинии Vita гирифта шуда, маъношн ҳаёт мебошад. Аксари витаминҳоро шартан бо ҳарфҳои лотинӣ (масалан, витаминҳои А, В, С ва ғайра) ишора мекунанд.

**Воситаҳои медиявӣ** – ҳамаи воситаҳои коммуникатсионӣ, ки бо мақсадҳои педагогӣ дар ташкили ҷараёнҳои омӯзиш истифода бурда мешавад.

**Гулдӯзӣ** – (кашидадӯзӣ) як намуди ҳунари халқист, ки дастӣ бо сӯзан ё чангаки махсус ва ё ба воситаи мошини махсуси гулдӯзӣ дар рӯйи матоъҳои гуногун, пӯст ва ғайра бо риштаҳои пахтагӣ, абрешимӣ, пашмӣ, нахҳои зарҳалию нуқрагӣ, инчунин бо марҷону сангҳои қиматбаҳо, пулакчаҳои рахшон, марворид, танга ва ғайра дӯхта мешавад. Дар матоъҳои дурушт низ гул дӯхта мешавад.

**Гулдӯзии ироқӣ** – ин намуди кашидаро дар матоъҳое, ки торҳои риштаи онҳо якдигарро бурида гузаштаанд (суф, матои дурушти дастӣ) медӯзанд, чунки риштаҳои ин гуна матоъҳоро ҳисоб кардан осон аст. Гули ин гуна кашидаҳо аз нақшҳои ҳандасавӣ (хатҳои рости дарозу кӯтоҳ) иборат аст.

**Давраи ташкилӣ-тайёрӣ** – қадами аввалин дар роҳи лоиҳакашӣ-интихоб ва асосноккунии лоиҳа мебошад. Қадами оянда ин раванди конструксиясозии маҳсулот мебошад. Самти дигари давраи ташкилӣ-тайёрӣ ин ба нақша гирифтани технологияи тайёр кардани маҳсулот, коркарди раванди технологӣ мебошад.

**Дарзмол – (утюг)** намуди зоҳирии либос ба сифати дарзмолкунӣ вобаста аст. Бинобар ин дуруст анҷом додани ин амалиёт аҳамияти калон дорад. Дарзмоли барқӣ тавассути унсури гармибахши дохилӣ пас аз васл кардан ба шабакаи барқ тафсонида мешавад.

**Дарзи одӣ** – барои муваққатан пайваст кардани пораҳои матоъ, дар пораҳои матоъ ишорат кардани хати мобайнии сохтани чин истифода мешавад. Дарозии ин дарз бояд дар матои тунук 0,5-1 см, дар матои ғафс 0,8-1 см бошад.

**Дарзи печон** – начандон калон буда, барои сахт часпонидан ва дарзбанд кардани канори порчаи матои бурида истифода мешавад. Онро барои аз титшавӣ нигоҳ доштани канори порчаи матои буридашуда низ истифода мебаранд.

**Дарзи қатъкунӣ** – барои қатъ карда дӯхтани лаби домани курта, доман, шим, нимтана ва ғайра истифода бурда мешавад. Ин дарз ҳамеша бояд бо риштаи борики

ҳамранги либос дӯхта шавад. Лаби доман ва ё остинро аввал 0,5, баъд 5-7 см қатъ карда, нахуст бо кӯкҳои калон, сипас бо кӯкҳои ноаён медӯзанд.

**Дарзи паси сӯзан** – аз рӯйи тартиби иҷро чун дарзи мошинӣ буда, шаклан ва ҳаҷман фарқ мекунад. Яъне дарзҳои паси сӯзан ба якдигар зич нею бо фосила дӯхта мешаванд.

**Дастовард (пешрафт)** – дар педагогика дастовард (пешрафт) ба фаҳмиши мувофиқи омӯзиш алоқаманд аст. Агар мақсадҳои таҳсилоти мактабӣ аз оғоз ба рушди ҳамаҷонибаи шахсият ва инкишофи салоҳиятҳо равона шуда бошад, пас барои ин фаҳмиши "васеътари" омӯзиш зарур аст, ки тамоми вазифаҳои мактабро дар бар мегирад. Яъне ҳосил намудани ақидаю эътиқод, қобилият, маърифат, дониш, маҳорат.

**Дидактикаи тахассусӣ** – илм дар бораи ҷараёнҳои таълимии тахассус дар соҳаи фанни додашуда мебошад. Вай ба қисматҳои алоҳидаи дидактикаҳои тахассусии фанҳои таълимӣ тақсим мешавад. Масалан, дидактикаи математика, дидактикаи техника, дидактикаи химия. Дидактикаҳои тахассусии алоҳида ҳамчун силсилаи пайвасткунандаи байни илми тахассусии мувофиқ ва илм дар бораи тарбия хизмат мекунанд.

**Зағир** – рустании яксола буда, ватанаш Миср мебошад. Зағирро бисёртар дар Русия ва дар ҷумҳурии мо ҳам мекоранд.

**Иттиҳодияи методӣ** – яке аз шаклҳои ташкили кори методӣ, паҳн намудани таҷрибаи пешқадам ва такмили ихтисоси омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ.

**Изолятор** – маводде, ки қувваи баркро намегузаронанд.

**Калориянокии хӯрок** – дар тақсимоти шабонарӯзии хӯрок аҳамияти калон дорад. Калориянокии хӯрок дар вақти наҳорӣ (субҳона) ва хӯроки шом бояд як хел (25%) бошад. Хӯроки калориянокиаш баланд дар нисфирӯзӣ (35-36%) бояд истеъмол шавад. Давраи дуюми ноништа (барои басти дуюм) аз ҳисоби умумии якрӯзаи калорияи хӯрок 15%- ро бояд ташкил кунад. Ин тавсияҳоро риоя кардан барои саломатӣ фоидаовар аст.

**Кори лоиҳавӣ** – машғулияти мустақилонаи гурӯҳи хонандагон буда, берун аз дарс таҳия карда мешавад. Он дар асоси маълумот ва донишу малакаи ҳосилкардаи хонандагон дар марҳалаи муайяни таълим гузаронида мешавад.

**Коркарди аввалияи сабзавот** – Дар ҷараёни коркарди аввалияи сабзавот онро ба навъҳо ҷудо менамоянд. Дар вақти тозакунии дастӣ воситаҳои гуногуни ёрирасонро истифода мебаранд.

**Кислотаи фоласин** – дар ҷараёни хунофарӣ иштирок ва аз камхунӣ муҳофизат менамояд. Вай кори рӯдаро мувозинат ва муътадил мекунад. Дар таркиби помидор, себ, картошка, ҷигар, гурда ва кабудӣ мавҷуд аст.

**Кӯки нусхагирӣ** – барои ба пораҳои ҷуфт гузаронидани хатҳо ва гузаронидани хатҳои симметрии тағйирдода истифода мебаранд. Аз тарафи рост ба чап сӯзан мезананд. Дарозии кӯк бояд то 1 см шавад. Кӯкҳоро сахт накашида, чун ҳалқаҳо 1-1,5 см партофта-партофта бо риштаи дуқабати дарозиаш 90 см медӯзанд. Баъди кӯк кардан пораҳоро аз ҷойи кӯк ҷудо мекунанд, риштаҳо кашида таранг мешаванд. Сипас риштаҳоро бо қайчӣ мебуранд. Барои иҷрои кӯки нусхагирӣ риштаи сафедро истифода бурдан беҳтар аст.

**Кӯки зарбӣ** – салибшакл буда, барои ороиши либос, дӯхтани доман, нӯги остин, гиребон истифода мешавад. Ин кӯк аз тарафи рост ба чап дӯхта мешавад.

**Кӯки чин-чин** – барои ҳосил кардани чин дар куртаи занона, болои остин, миёнаи доман, шим, дӯхтани қисми болоӣ ва ё миёнаи пешдоман (пешгир) истифода мешавад. Барои ҳосил шудани чин ду хати мувозӣ мекашанд ва бо кӯкҳои калони роста дарозии чокаш 3-7 мм медӯзанд. Дар вақти кашидани риштаҳо чин ташкил меёбад. Онро ба дарозии маснуот ба намуди дарзи одӣ ё дарзи мошинӣ иҷро карда метавонем.

**Қайчӣ** – асбоби тези дӯзандагӣ буда, аз замонҳои қадим маълум аст. Қайчӣ барои пора кардани матоъ, буридани ҷузъиёти алоҳида ва иҷро кардани дигар корҳо зарур аст. Қайчиҳои калону дағал (мисли қайчии пашмтарошӣ) мешаванд. Андозаи онҳо аз №1 (калон) то №8 (хурд) мешавад.

**Қатъкунӣ** – амалиёти челонгарист, ки тавассути он ба маҳсулоти хом ё ягон қисми он шакли зарурӣ дода мешавад.

**Қаламфур, занчабили сурх** – як навъ рустании бисёр тунд аст. Қаламфурро асосан дар ноҳияҳои ҷануб мекоранд, вале дар минтақаҳои миёна ҳам нағз нашъунамо мекунад.

**Қолаб** – нақшаи ҷузъӣ буда, ба андозаи аслӣ баробар аст. Як маснуот аз якчанд ҷузъ иборат мебошад.

**Лаблабуи ошӣ** – Лаблабуи сурхи оширо дар ҳама ҷо мепарваранд. Дар таркиби лаблабу сафеда, кислотаҳои органикӣ, клетчатка, витамини **Р**, витамини **С** ва намакҳои минералӣ мавҷуданд. Лаблабуи тару тозаи обпаз хусусиятҳои шифоӣ дорад.

**Лавҳаи дарсхона** – «тахтаи синф»; лавҳ –ҳар чизи сатҳаш паҳни сангӣ, чӯбӣ, филизӣ ва ғайра, ки ба рӯйи он хат менавиштанд ё нақшу нигор мекашанд, фаҳмида мешавад;

**Либос** – ҳамчун василаи муҳофизати инсон аз таъсири гуногуни беруна (гармою сармо, обу оташ, гарду чанг ва ғайра) пайдо шудааст. Либоси аввалини одамони қадим аз пӯсти ҳайвонот, баргу пӯстлохи дарахтон, пару пӯсти парандагон ва ғайра буд.

**Либоси корӣ** – вобаста ба касбу кор ва машғулият дӯхта мешавад. Масалан, либоси кории табибон, ошпазҳо, фурӯшандаҳо хилъати сафеду кулоҳ (рӯймол)-и махсус буда, либоси сохтмончиёну коркунони кону шахтаҳо аз матои махсуси дағал дӯхта мешавад.

**Лоиҳа** – кори лоиҳавӣ методи байнифаннӣ, демократии таълими ба амалҳои мушаххас равонашуда мебошад. Дар рафти он хонандагон барои коркарди ягон супориш ё проблема муттаҳид мегарданд, ки ба масъулияти бештар, фаъолона иштирок намуда, дониш аз худ мекунанд. Хусусияти асосии кори лоиҳавӣ иҷрои мустақилонаи супориш ё проблема аз ҷониби гурӯҳ мебошад. Вай аз банақшагирӣ, ташкилу гузаронидан ва то муаррифии натиҷаҳоро дар бар мегирад. Мавзӯи лоиҳаро, одатан гурӯҳи хонандагон худашон интихоб мекунанд. Дар анҷом натиҷаҳое ба даст меоянд, ки аз ҷониби тамоми гурӯҳ арзёбӣ мегардад, ба тарзи оммавӣ муаррифӣ карда мешавад.

**Лоиҳаи эҷодӣ** – кори мустақилонаи ҷамъбастӣ мебошад, ки сифати иҷрояш аз дараҷаи аз худ кардани мундариҷаи қисмҳои гуногуни барнома аз тарафи хонанда то кадом дараҷа мустаҳкам будани донишу малакаю маҳорати онҳо дар дарсҳои технология (таълими меҳнат) вобаста аст.

**Мақсади таълим** – мақсади таълимии дарс дар асоси натиҷаҳои таълими дарс таҳия карда мешавад. Натиҷаҳои таълим ба қисмҳои хурдтар (мақсади таълим) ҷудо мешаванд, ки ҳамчун зина барои расидан ба натиҷаҳои таълим хизмат мекунанд.

**Малака** – қудрат ва тавоноӣ дар иҷрои коре, ки дар натиҷаи машқу тамрин дар табиати инсон пайдо мешавад.

**Манбаъҳои ахборот** – ба манбаъҳои ахборот мулоқот, хат, китоб, рӯзномаву маҷаллаҳо, телефон, радио, телевизион, компютер дохил мешаванд.

**Маҳорат** – фаъолияте, ки дар инсон дар натиҷаи таълим ва такрори бисёркарата ҳосил шуда, баъд ба раванди бошуурона табдил меёбад ва инсон минбаъд ҳар як кори худро дониста иҷро мекунад; моҳирӣ, устодӣ, забардастӣ, ҳунармандӣ ва ғайра маҳорат аст.

**Марҳалаи технологӣ** – фаъолиятест, ки дар раванди технологӣ пешбинӣ карда шудааст. Иҷрои ин кор риояи маданияти технологӣ ва меҳнатиро тақозо мекунад.

**Марҳалаи хотимавӣ** – назорати охирин ва озмоишии объекти лоиҳашударо дар бар мегирад. Ҳимояи лоиҳа дар намуди баромад дар назди тамоми синф бо намоиши маҳсулот гузаронида мешавад.

**Матоъ** – дар натиҷаи бофтани риштаҳои тору пуд ҳосил мешавад.

**Метод** (юн. methodos-роҳ, тарз, усул, восита, назария, таълимот) - усули назариявӣ ва амалии донистани воқеият; маҷмӯи амалиёт; ташкили бо низоми фаъолияти одамон дар ҳалли масъалаҳои гузошташуда аст.

**Методика** – калимаи юнонӣ буда, маънои санъати амалҳо аз рӯйи нақшаро дорад. Предмети таҳқиқотии методҳои таълим, методҳои машғулият, яъне тарзу усулҳои ташкили

ҷараёнҳои омӯзиш мебошад. Ҳангоми баррасии системавӣ методика як қисми соҳаи дидактика ба шумор меравад.

**Методи озмоишӣ** – методи маъмул дар соҳаи техника мебошад. Озмоишгар кӯшиш мекунад ҳангоми шароитҳои сунъӣ ташкилшуда омилҳои алоҳидаи таъсиррасонро ҷудо намояд. Онҳоро мунтазам иваз мекунад ва ба ҳамин васила нишон-диҳандаҳои алоҳидаи ба тамоми системаи таъсиррасонро ошкор кунад.

**Меъёр** – нишонае, ки дар асоси он баҳодиҳӣ, муайянкунӣ ё таснифи чизе анҷом дода мешавад.

**Модел** – инъикоси идеалии идеалии воқеият. Модел чунин нишонаҳо дорад: Тасвир. Модул ҳамеша инъикоси ягон чиз мебошад. Намунаи аслии табиӣ ё сунъӣ дар навбати худ метавонанд модел бошад. Мухтасар. Модел тамоми нишонаҳои аслро дар бар намегирад, балки барои созандаи модел ё истифодабарандаи он муҳимтаринашро фаро мегирад; Прагматизм. Модел аз ҷониби созанда ё истифодабарандаи он ба сифати асл дар муҳлати муайян ва барои мақсади муайян ворид карда мешавад.

**Миз** – ҷевонҳои рӯйифаршӣ, ки баландиашон 85 см аст, сатҳи ҳамвор дошта, барои тозаю реза кардани масолеҳи хӯрок, тайёр кардани хӯроки сард, таомкашӣ пешбинӣ шудаанд.

**Мошини дарздӯзӣ** – барои дӯхтани маснуот хизмат мекунад. Истифодаи мошини дарздӯзӣ кори дӯзандаро осон мегардонад, суръат ва сифати корро баланд мебардорад.

**Назарияҳои омӯзиш** – моделҳоеро фаро мегиранд, ки шароит ва равандҳои омӯзишро мефаҳмонанд.

**Нақшаи таълим** – ҳуҷҷатест, ки омӯзиши фанҳои таълим ва тақсимоти солонаи онҳоро барои тамоми давраи таҳсил дар муассисаҳои таълимӣ муайян менамояд.

**Низоми таълими ба ташаккули шахсияти хонанда нигаронидашуда** – низоми таълиме, ки дар он қобилияти фардӣ ва таҷрибаи қаблии хонанда ҳамчун меҳвар (тири асосӣ) барои омӯзиши минбаъда заминаи асосӣ нигаронида шудааст.

**Нишондиҳанда** – нишодиҳандаҳо маҷмӯи дониш, малака ва маҳоратҳое мебошанд, ки аз ноил шудан ба салоҳиятҳо дарак медиҳанд.

**Пахта** – нахи табиӣ буда, ватанаш Ҳиндустон мебошад. Пахта аз асри 1-и то милод асосан дар мамлакатҳои Осиё парвариш ва истеҳсол карда мешавад. Ҷумҳурии Тоҷикистон ба парваришу истеҳсоли пахта эътибори калон медиҳад. Пахтаро дар урфият «тиллои сафед» мегӯянд.

**Портфолио** – калимаи итолиёӣ буда, маънояш ҳуҷҷатҳо, ҳуҷҷатҳои мутахассис аст.

**Портфолиои хонанда** – ҷамъоварии мақсадноки корҳои хонанда, ки саъю кӯшиш, пешрафт ва дастовардҳои (муваффақиятҳо)-и ӯро аз рӯйи як ё якчанд фан нишон медиҳанд.

**Помидор** – сабзавоти маъмулест, ки тарқибан дар ҳама ҷо мепарваранд. Помидор рустании ҷанубӣ буда, ватанаш Амрикои Ҷанубӣ мебошад.

**Пиёз** – Чанд намуди он – бехпиёз, батунпиёз, гандано, шнитпиёз, шалотпиёз ва ғайра мавҷуд аст. Маъмултарини он бехпиёз мебошад. Пиёз 4 ҳазор сол пеш аз мелод маълум буд.

**Принсип** – қоидаҳои асосии таълим, ки мазмун, шаклҳои ташкилӣ ва усули таълимро дар алоқамандӣ бо мақсадҳои умумии тарбия ва меъёрҳои раванди таълим муайян менамояд.

**Раванди таълим** – раванди мақсаднок ва муташаккилонаи ҳосил намудани дониш, маҳорат ва малакаҳо аст.

**Ришта (ресмон).** Дар чокбуриву дарздӯзӣ ғайр аз ин асбобу анҷом боз риштаҳои гуногунро истифода мебаранд. Риштаҳо вобаста ба таъйиноташон дӯзандагӣ, гулдӯзӣ, бофандагӣ, руфӯгарӣ мешаванд. Риштаҳоро аз наххои пахтагӣ, пашмӣ, абрешимӣ (пилла), катонӣ, химиявӣ мересанд.

**Роҳнамои фаннӣ барои татбиқи стандартҳо** – роҳнамои омӯзгор оид ба татбиқи стандартҳо маводди иловагии методӣ мебошад. Он тавсияҳо ва намунаҳоро оид ба тарзи ташкили ҷараёни таълим фаро гирифта, ба омӯзгор дар самти ташаккули салоҳиятнокии хонандагон ёрӣ мерасонад.

**Сабзӣ** (бехӣ, зардак, газар)-ро дар ҳама ҷо мепарваранд. Ватани сабзӣ соҳилҳои Баҳри Миёназамин мебошад. Агар ба он равғани рустанӣ ҳамроҳ кунем, витамини А ҳосил мешавад, ки ин хусусияти он аз дигар сабзавот бартарӣ дорад.

**Сарсӯзан** – (сӯзанак) ҳангоми чокбурӣ барои ба мистар қолаб ё андоза часпондани матоъ истифода мешавад. Он асбоби филизӣ буда, интиҳояш сарпӯшаки пластмассӣ дорад. Сӯзанак бояд тез ва ҳамвор бошад.

**Салоҳият** – маҷмӯи дониш, малака ва маҳоратҳои ба ҳам пайванде, ки ба мақсади ҳалли масъалаҳои мушаххаси ҳаётӣ (иҷтимоӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ), маърифатӣ ва касбӣ равона карда мешаванд.

**Сачоқча** – (салфетка) аз калимаи фаронсавӣ «seriette» гирифта шуда, дастмолча, қоғази мулоим барои пок кардани дасту лаб ҳангоми хӯрокхӯрӣ ё баъд аз он аст.

**Сир, сирпиёз** – сум, саримсоқ, савм. Дар аксар кишварҳои ҷаҳон мекоранд. Таъму бӯйи тунди махсус дорад. Сирпиёз гурӯҳи витаминҳои В, С, Д, йод, равғани эфир ва дигар моддаҳо дорад. Дар таббохӣ сирпиёзро ҳамчун сабзавоти хуштаъм ва хушбӯйкунандаи хӯришҳо, таоми якум, дуюм, очоронидану намаккунӣ истифода мебаранд.

**Супоришҳои лоиҳакашӣ** – методи маъмули омӯзиши дар машғулиятҳои меҳнат ва техника. Принсипи методии он дар баръакс гардонидани объект ва системаҳои техникӣ ба супориш оид ба ихтироъкорӣ ифода меёбад. Хонандагон аз рӯйи усули ихтироъкорӣ дар ягон ҷараён оид ба ҳалли проблема кор мекунанд. Дар хонандагон қобилияти техникию амалӣ ва техникию лоиҳакашӣ инкишоф меёбад. Онҳо то ҳадди имкон маҳдуд кардани проблема, ҷудо кардани он ба қисматҳои таркибӣ ва ба ҳамин васила мақсаднок тайёр кардани ҳалли умумиро меомӯзанд.

**Сӯзан** – асбоби дӯзандагӣ буда, аз замонҳои қадим истифода мешавад. Одамон аввалҳо барои дӯхтан хори дарахтон, устухони моҳию ҳайвонотро истифода мебурданд. Баъд сӯзанро аз нуқра, мис, тилло ва оҳан месохтанд.

**Стандарти фаннӣ** – санадест, ки дар он меъёри дониш, малака, маҳорати хонандагон, мазмуну муҳтавои фаннӣ, равиши дарси фан, роҳу усули самаранок истифода бурдани вақти ба омӯзиши фан ҷудогардида ва талабот ба тарзи санҷиши дониш аз фанни мазкур ифода гардидааст.

**Стратегия** – роҳу усули ноил гардидан ба мақсад. Роҳ (усул)-и алтернативӣ (ҷойгузин), интихоб, таҳия ва татбиқи барномаро дар назар дорад.

**Тасмаи ченакгирӣ** – соли 1810 ихтироъ шудааст. Он аз картон ё клеёнка сохта мешавад. Дарозии тасмаи ченакгирӣ асосан 150 см, бараш 1-2 см буда, дар ду нӯгаш филиз (металл) часпонда шудааст. Тасмаи ченакгирӣ барои андозагирӣ, аз ҷусса чен кардани матоъ ва ҷузъҳои маснуот истифода мешавад.

**Таҳлили ҷойи корӣ** – яке аз методҳои маъмул барои машғулиятҳо доир ба меҳнат ва техника мебошад. Ҷойи корӣ, ки дар он кор гузаронида мешавад, аз рӯйи меъёрҳои муайян тасвир меёбад. Меъёрҳо вазифаи гузошташуда, ҷараёнҳои кор, воситаҳои меҳнат, мавзӯъ оид ба техникаи бехатарӣ ва муҳофизати меҳнат мебошад.

**Таҳлили маҳсулот** – методи маъмули таълим барои машғулиятҳои доир ба меҳнат ва техника. Предмети/маҳсулоти техникӣ зеҳнӣ ё дастӣ ҷудо карда намоиш дода мешавад. Ба воситаи он дар хонандагон қобилияти фаҳмидани алоқамандиҳои техникию амалии ҷараёнҳои саноат ва арзёбии онҳо инкишоф меёбад.

**Таҳсилот** – ҳамчун ҷараёни кушодан ва инкишоф додани қобилиятҳои инсон, аз заминаҳои он мебошад, ки воситаи тарбияи ҳавасманд ва идоракарда мебошад.

**Таълим додан** –омӯзонидан, таълим додан ё дониш додан кардан буда, ҳамчун рафтор муайян кардан мумкин аст, ки тавассути он мақсаднок таҷриба ва дониш интиқол дода мешавад, омӯзишро бедор мекунад.

**Тарроҳии либос** – раванди аз матои ҳамвор тайёр кардани ҷилди ҳаҷмдор аст, ки бадани одамро мепӯшонад. Раванди ченкунии бадани одамро бо мақсади тарроҳ андозагирӣ меноманд.

**Тобиши ранг** – хосияти рангро муайян мекунад. Дар вақти интихоб намудани рангҳои нусхаи расми интихобкарда ранги заминаи матоъро ба назар гирифта, рангҳои риштаҳои гулдӯзиро интихоб бояд кард.

**Техника** – техника дар бар мегирад: миқдори объектҳои сунъӣ ашёшудаи ба манфиат равонашуда (артефактҳо, системаи ашё); миқдори амалҳои инсонӣ ва иншооте, ки дар он системаи ашё пайдо мешаванд; миқдори амалҳои инсонӣ, ки дар он системаи ашёҳо истифода мешаванд.

**Технология** – илм дар бораи техника. Зери ин мафҳум илм дар бораи ба даст овардан, коркард, сохтан, истеҳсоли маҳсулот, ҳамчунин хизматрасонӣ бо ёрии техникаи дар ихтиёр дошта мебошад.

**Технологияи коркарди гарми сабзавот.** Барои коркарди сабзавот чунин амалиёт иҷро карда мешаванд: ба навъҳо ҷудо кардан, шустан, тоза кардан, гирифтани қисмҳои хӯрданашаванда, такроран шустан, реза кардан ва тайёр кардани масолеҳи нимтайёр (полуфабрикат).

**Дурнамо** – намо ё манзараи дуродур, чашмандоз. Тағйири ашё вобаста ба мавқеи он аз нигоҳи бинанда. Назар ё нигоҳи мо воситаи асосии муайян сохтани дурнамо аст. Ҳар як чиз ҳар қадар аз назари мо дур бошад, ҳамон қадар хурд ба назар мерасад, ҳар як қадар ба мо наздик бошад, ҳамон қадар калон менамояд. Навъи дигари дурнамо, дурнамои ранг ё дурнамои тобиши ранг номида мешавад. Вақте ки ашё аз мо дур қарор гирад, ранги он дар назари мо тиратар метобад, ҳар қадар наздик бошад, ранги он равшантар метобад. Вобаста ба ин хосияти муайянии тарҳи ашё низ (дар масофаи дур) дигаргун мешавад.

**Замина** – мавод (материал), яъне, матоъ, коғаз, картон ва сафол, ки рӯйи он расм мекашем санг филиз, чӯб, гаҷ ва ғайра, ки рӯйи он кандакорӣ мекунем.

**Интерйер-**и ошхона фазои дохилии ошхона мебошад, ки бо асбобу анҷоми мураттаб оро дода шудааст.

**Калсий** – барои фаъолияти кори дил ва системаи асаб хизмат мекунад ва бисёртар дар меваю сабзавот вомехӯрад. Калсий барои мустаҳкам кардани устухон ва дандонҳо муфид мебошад.

**Карбогидрат** – таъмингари қувваи инсон буда, дар таркиби сабзавот, шираворӣ, ғалладона, асал ва қанд фаровон аст.

**Карам** – сабзаволи серистеъмол аст ва дар ноҳияҳои иқлимашон гарм ду бор ҳосил медиҳад. Бинобар ҳамин, карам тамоми сол дастрас аст. Карамро дар ҳазорсолаи сеюми пеш аз милод киштукор ва ҷамъоварӣ мекарданд. Онро ҳамчун сирпиёз аҷдоди қадими мо ба сифати сабзавоти шифобахш истифода мебурданд.

**Кабудӣ** – шибит, кашнич, пиёзи кабуд, райҳон, пудина, чаъфарӣ ва ғайра ба миқдори зиёд витамину намакҳои минералӣ, равғани эфир дошта, таомро болаззат мекунад. Онҳоро ҳам тару тоза ва ҳам хушконида истеъмол мекунанд.

**Каду.** Дар дунё 15 намуди каду мерӯяд. Асосан 3-4 намудашро мекоранд: гаҳворакаду, палавкаду, ошкаду ё чӯбкаду. Аз каду хӯрокҳои лазиз мепазанд. Каду то 11% қанд, то 20% оҳар, 0,2-0,7% моддаҳои пектинӣ, намакҳои минералӣ (махсусан фосфор, витамин, аз ҷумла каротин), то 40% равғани хӯрданбоб, то 28% сафеда дорад.

**Картошка** – қариб дар ҳама ҷо парвариш карда мешавад. Вобаста ба навъ картошкаҳо гуногуншакл (мудаввар, дарозрӯя) ва гуногунранг (сафед, зард, гулобӣ) мешаванд.

**Корд** – аз қадимулайём дар таббохӣ истифода мебаранд. Он аввал аз чӯб, пӯлод, нуқра ва тилло сохта мешуд. Корд ҳангоми хӯрокхӯрӣ барои иҷрои амалҳои гуногун истифода мешавад. Он на фақат барои буридани масолеҳи таом, балки барои иҷрои баъзе ҳолатҳои ёрирасон низ лозим аст.

**Қошуқ** – ҳанӯз дар асри X маълум буд. Аввалин намуди қошуқро аз чӯб барои одамони бой месохтанд. Баъдан қошуқро аз нуқра барои ҳамаи намуди таомҳо месохтагӣ шуданд. Тадриҷан шакл ва андозаи қошуқҳо (мувофиқи таъйиноташон) гуногун шуданд.

**Матбах –** гуфта ошхона ва ё хонаи хӯрокхӯриро меноманд.

**Нақша** – дар санъати тасвирӣ аксаран маънии «мавқеъ»-ро дошта, тарзи ҷойгир кардани ашёи мавриди тасвирро дар сатҳи мусаввара ифода мекунад он чӣ дар қисмати пеши мусаввара тасвир шудааст, мавқеи аввал, он чӣ дуртар тасвир гардидааст, мавқеи сонӣ ё мавқеи дувум ном мегирад ва амсоли он.

**Номгӯйи таъом** – рӯхати хӯрокҳо, газаку хӯришот, субҳона, хӯроки нисфирӯзӣ ва шом

**Намаки ошӣ –** яке аз масолеҳи хӯроквории тайёр дар табиат аст.

**Об** – қариб аз 2/3 ҳиссаи вазни бадани инсонро ташкил медиҳад. Мураккабтарин тағйироти сершумори моддаҳои ҳуҷайра, ки боиси фаъолияти ҳаётии организм мегарданд, танҳо дар маҳлулҳои об ба вуҷуд меоянд. Агар инсон бе таом якчанд ҳафта зиндагонӣ карда тавонад, бе об ҳамагӣ якчанд шабонарӯз зиндагӣ карда метавонаду бас.

**Орнамент** – аз калимаи лотинии «орнаментум»- «ороиш» гирифта шуда, маънояш нақшу нигор мебошад, ки ба мунтазам ивазшавию пайвастшавии элементҳои геометрӣ ва тасвирӣ асос карда шудааст. Вазифаи асосии нақшу нигор ороиши рӯйи ашё ва нишон додани шакли онҳост. Дар замонҳои қадим нақшу нигор нақши расму оин ва муъҷизакориро низ адо менамуд. Якчанд намудҳои нақшу нигор мавҷуд аст: геометрӣ, набототӣ (рустанигӣ) ва ғайра. Ҳар як давр, ҳар як халқу миллат системаи нақшу нигори худро ба вуҷуд овардааст. Аз рӯйи нақшу нигор ҳам давр ва ҳам миллати ба вуҷуд овардаи онро бехато муайян кардан мумкин аст.

**Оростани дастархон** – тайёр кардани миз барои тановули таом ва тартиби гузоштани асбобҳо дар рӯйи он мебошад.

**Остинча** – барои часпонидани санбӯса ва нон дар танӯр истифода мебаранд. Шаклҳои остинча гуногунанд. Онҳоро аз рӯйи қолаб амсиласозӣ мекунанд. Асоси остинча дароз, рафидашакл, мудаввар ва андозаҳояш хурд, миёна, калон ва ғайра мешаванд.

**Ошпаз**-вазифаи хӯрокпазиро иҷро менамоянд. Онҳо таоми хунук, якум, дуюм, шираворихо, хӯришҳо, нӯшокиҳом гарм, масолеҳи нимтайёр барои хӯрок тайёр мекунанд, коркарди аввалияи сабзавот, гӯшт, моҳӣ, мурғро ба ҷо меоранд ва хӯрокҳои тайёрро ороиш медиҳанд.

**Таносуб** – (пропорсия)-муносибати байниҳамдигарии ҷузъҳои ашё аз рӯйи бузургии он. Дар расмкашӣ риоя намудани пропортсия (таносуб) аҳамияти ҳалкунанда дорад, чунки он асоси тасвири ҳақиқатнигорӣ ва таъсирбахшиpо ташкил медиҳад.

**Тартиб додани нақшаи бадеӣ** (дизайн - зебосозӣ) - намуди фаъолияти бадеӣ буда, маснуоти саноатиро, ки хусусияти эстетикӣ дорад, ба нақша мегирад.

**Таҳлили дидактикӣ** – мақсади он ба сохтор даровардани асосноки соатҳои таълимӣ мебошад. Бо таҳлили дидактикӣ як қатор қарорҳои пешакии педагогӣ алоқамандaнд, ки ҳар маротиба аз нав иҷро карда мешавад. Маҳаки асосии таҳлили дидактикӣ “тахфифи дидактикии” маводди таълимӣ мебошад. Дар ин радиф бояд асоснок инъикос гардад, ки кадом ҷузъҳои маҷмӯи мавод барои гурӯҳи таълимӣ бояд интихоб карда шавад, кадомашро сарфи назар кардан мумкин шавад, кадомашро сарфи назар кардан мумкин. Вобаста ба ин чунин ҷиҳатҳо манфиатноканд: аҳамияти замонавӣ, аҳамияти оянда, сохтори фан, аҳамияти намоишдиҳии намунавӣ, дастрасӣ.

**Таъмири хурд** – корҳои марбут набуда,бо тағйири соз ва фасони маҳсулотро дар бар мегирад. Дӯхтани тугмаҳои кандашуда, чангак ва ангулаи филизӣ, барқароркунии фарсудаҳо маҳкамкунии нӯгҳои кисаҳои дарун, таъмири гӯшаҳои поёнии шим ва ғайра.

**Таъмири миёна** – дарбеҳкунии ҷойҳои фарсуда, иваз кардани ҷузъиёт, тағйироти андаки андозаи маҳсулот ё ҷузъҳои асосии онро дар бар мегирад.

**Таъмири калон** – корҳои алоқаманд ба тағйирдиҳии андоза ва фасони ҷузъиёти ҷудогона таалуқ доранд.

**Тухм** – масолеҳи қиматбаҳои хӯрок мебошад. Дар таркиби он қариб ҳамаи моддаҳои зарурӣ мавҷуданд.

**Дидактика** – илм (таълимот) дар бораи донишандӯзӣ ва умуман таълим мебошад. Вай ба омӯзиши ҳамаи шаклҳо, гирифтани ҳамаи намуди донишҳо, дар ҳамаи зинаҳои таҳсил беназардошти хусусиятҳои мундариҷаи таълимӣ машғул аст.

**Санъати ороишӣ** – амалӣ (дастӣ)- санъати сохтани ашёи маишӣ, ки дорои сифатҳои эстетики бадеӣ мебошад ва натанҳо барои қонеъ гардонидани талаботи бевоситаи зиндагӣ, балки барои ороиши хонаҳо, сохтмонҳои меъморӣ, боғҳо ва ғайра истифода мешаванд.

**Сафеда** – ғизои табиию бағоят муҳимми организми зинда аст. Аз сафеда ҳуҷайра, бофтаҳо ва узвҳои инсон таркиб меёбанд. Сафеда манбаи қувва, василаи ҳазми хӯрок ва таъвизгари моддаҳост.

**Стандартҳои таҳсилот** – стандартҳо муайян мекунанд, ки мактаббача дар охири соли таҳсил ё анҷоми гурӯҳи синнусолӣ кадом натиҷаҳои омӯзишро ба даст меорад. Ин ҷо сухан дар бораи дониш, ақида, эътиқод, майлу рағбат ва қобилиятҳои асосӣ меравад, ки хонандагон бояд аз худ кунанд.

**Стил** – (Stylos)-услуб ба мо аз Юнони қадим омадааст. Маънояш чӯбчаи нӯгтез барои мактубҳои бо мум маҳкамкарда мебошад. Дар замони ҳозира услуб гуфта хислати хос ва кирдору рафтори муаллифи мактуб, хусусиятҳои асарҳои бадеӣ, рассомӣ (наққошӣ)-ро мегӯянд.

**Чангак** – 700 – 800 сол инҷониб истифода мебаранд. Дар асрҳои миёна ва баъдан онро аз филизоти қиматбаҳо, мисли тилло, нукра ё устухони фил месохтанд. Бинобар ин, онҳо асосан дар мизи одамони доро истифода мешуданд. Бисёр одамон дар гузашта таомро бо даст мехӯрданд, зеро чангак пеш на барои ҳама дастрас буд. Чангакҳои қадима нисбат ба ҳозира 1,5-2 маротиба калон буданд.

**Чарбу** – (равған) дар ҳама ҳолатҳои мубодилааш моддаи фаъоли ҳаёт аст. Он организми зиндаро аз сардӣ муҳофизат менамояд. Чарбу манбаи асосии қувваи (энергияи) организм мебошад. Вобаста ба синну сол, ҷинс ва фаъолияти меҳнатӣ талаботи шабонарӯзии инсон ба равған 80-100 г аст, ки аз он 20-25 г бояд равғани рустанӣ, 20 г маска бошад. Равған дар таркиби бисёр маҳсулоти хӯрокворӣ вомехӯрад.

**Ҷадвал** – метр аз тахтачӯби тунук сохта мешавад. Дарозиаш аз 20 то 100 см ва аз ин ҳам дарозтар, бараш 3-5 см буда, барои кашидани нақша ва андозаи либос чен кардани матоъ, кашидани хатҳо дар матоъ ва ғайра истифода мешавад.

**Ҷадвали миқёсиро** – (масштаби 1:4) барои нисбатан хурд карда кашидани нақшаи маснуот дар дафтар ва ё албоми корӣ истифода мебаранд.

**Фон** – қафои- фазоии нақшаи расм.

**Фосфор** – барои афзоиши устухон ва дандонҳо хизмат карда, дар маҳсулоти ширӣ бисёртар дида мешавад.

**Хӯриш** – таоми хунук буда, онро аз як ё якчанд намуди сабзавот, майонез, қаймоқ ё равғани рустанӣ тайёр мекунанд.

**Хӯрокпазӣ** – (ошпазӣ, таббохӣ) санъати хуштаъм, болаззат ва серғизо пухта тавонистани таом мебошад.

**Хомкӯк** – барои дӯхтани рӯймол, куртаи чакан, рӯйҷо,тоқӣ, болишт ва навъҳои сӯзанӣ истифода мешавад. Хомкӯк дутарафаю ҳамвор буда, ришта рост ё андаке уреб дӯхта мешавад. Бо риштаи хом дӯхта мешавад.

**Ӯсма** – (басма) гиёҳест, ки занону духтарон баргҳои онро фишурда, оби сабзашро ба абрувон ва пӯсти худ мемоланд. Баландин ӯсма то 25 см расида, поя ва баргҳояш ранги сабзи нилгун доранд.

**Эстетика** – калимаи юнонӣ буда, маънояш "эҳсос" мебошад. Илме, ки муносибати қимати эстетикии байни одаму олам ва доираи фаъолияти бадеии одамонро ошкор мекунад, меомӯзонад.

**Эскиз** – калимаи франсузӣ буда, маънои омӯзишро дорад. Дар санъати тасвирӣ асари бо мақсади омӯзиши он аз тарафи рассом иҷрокардаро меноманд.

**Эҷодиёт** – фаъолияте, ки чизи сифатан нав ва фарққунандаи беназир, оригиналӣ, нодирро ба вуҷуд меоварад. Эҷодиёт ба инсон хос аст.

**Шалғамча (редиска).** Шалғамчаро дар ҳама ҷо парвариш мекунанд. Шалғамча қанд, об, моддаҳои нитрогенӣ, клетчатка, витамини С, намакҳои минералӣ дорад ва бинобар ин сабзаволи хуби иштиҳоовар мебошад.

**Ширеш** – ин моддаи часпандаест, ки дар вақти сахтшавӣ қабати мустаҳкамиро ҳосил мекунад, ки он сатҳҳои ширешшавандаро мепайвандад.

## 1. 2. ЗАМИНАИ МЕЪЁРИИ ҲУҚУҚИИ СТАНДАРТИ ФАННИ ТЕХНОЛОГИЯ (ТАЪЛИМИ МЕҲНАТ) БАРОИ СИНФИ ПАНҶУМ

Стандарти фанни технология (таълими меҳнат) барои хонадагони синфи панҷум дар асоси Конститутсия Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» ва сархати 6, банди 7 Низомномаи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 марти соли 2014, №145 тасдиқ шудааст, инчунин дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи маориф таҳия гардида, минбаъд барои расонидани ёрии таълимию методӣ барои омӯзгорон ва хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон омода гардидааст.

## 1. 3. СОҲАИ ИСТИФОДАИ СТАНДАРТИ ФАННИ ТЕХНОЛОГИЯ (ТАЪЛИМИ МЕҲНАТ) БАРОИ СИНФИ ПАНҶУМ

Доираи татбиқи стандарти фанни технология (таълими меҳнат) дар синфи панҷум хеле васеъ аст. Истифодабарандагони бевоситаи стандартҳо омӯзгорони синфҳои 5-ум буда, дар марҳалаи банақшагирӣ, таълим ва арзёбии салоҳиятнокии хонандагон онро ҳамчун ҳуҷҷати асосӣ истифода мебаранд. Инчунин, мутахассисони зинаи таҳсилоти ибтидоии муассисаҳои дахлдори соҳаи маориф, ки барои расонидани ёрии таълимию методӣ масъуланд, дар банақшагирӣ ва татбиқи чорабиниҳо дар самти расонидани ёрии методӣ ба омӯзгорони зинаи таҳсилоти ибтидоӣ стандарти мазкурро истифода мебаранд.

Стандарти мазкур дар донишгоҳ ва коллеҷҳои омӯзгорӣ ҳамчун ҳуҷҷати асосии муайянкунандаи мундариҷаи барномаи таълимии курси равиши дарси фанҳои зинаи таҳсилоти ибтидоӣ истифода мешавад.

Донишкада ва марказҳои такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони маориф, махсусан шуъба - кафедраи таҳсилоти ибтидоӣ омӯзиши стандарти мазкурро дар курсҳои такмили ихтисоси омӯзгорони синфҳои панҷум ташкил мекунанд.

Минбаъд арзёбии салоҳиятҳо (дониш, малака ва маҳорат)-и хонандагони синфи панҷумро дар асоси талаботи стандарти мазкур ба роҳ монда мешавад. Саволу масъалаҳои санҷишии нимсола, солона ва аз синф ба синфгузаронӣ дар асоси салоҳиятҳои дар стандарт ва барномаи таълим муқарраршуда таҳия карда мешаванд.

## 1. 4. ПРИНСИПҲОИ АСОСИИ СТАНДАРТИ ФАННИ ТЕХНОЛОГИЯ (ТАЪЛИМИ МЕҲНАТ) БАРОИ СИНФИ ПАНҶУМ

Стандарти фанни технология (таълими меҳнат) барои синфи панҷум дар асоси принсипҳои таълимии зерин таҳия шудааст:

– баробарҳуқуқии шаҳрвандон дар гирифтани таҳсилоти босифат;

– қонуният, эҳтироми ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд;

– ҳатмӣ будани таълими умумии асосӣ;

– дастрасии таҳсилоти миёнаи умумӣ ва идомаи таҳсил дар зинаҳои минбаъдаи таҳсилот дар асоси озмун;

– бартарии арзишҳои миллию умумибашарӣ, моҳияти башардӯстонаи мазмуни таҳсилот, рушди озодонаи шахс;

– муҳаббат ба Ватан, оила ва муҳити зист;

– ҷанбаи илмӣ, дунявӣ ва башардӯстонаи таълиму тарбия дар муассисаҳои таълимӣ;

– ягонагии фазои маърифатию фарҳангӣ, рушди фарҳанг ва ҳифзи анъанаҳои миллӣ;

– ҷанбаи инсондӯстӣ, демократӣ ва давлатию ҷамъиятии идоракунии соҳаи маориф ва шаффофият дар фаъолияти он;

– раванди муттасили таҳсил;

– ҳавасмандгардонии маърифатнокшавии шахс ва инкишофи истеъдоди ӯ;

– пайдарҳамии раванди таҳсилот, ки алоқамандии зинаҳои таҳсилот ва ягонагии таълиму тарбияро таъмин месозад;

– ҳамгироии таҳсилот, илм ва истеҳсолот.

– <u>ба қобилияти фардии хонанда диққат додан</u>. Раванди таълим дар асоси дониш, малака ва маҳорати базавӣ (асосӣ)-и хонанда ба роҳ монда шуда, бояд талаботи маърифатии ӯро қонеъ намояд. Ба эътибор гирифтани қобилияти хонандагон дар иҷрои фаъолиятҳои таълимӣ ва дар заминаи он такмил додани малакаву маҳорати онҳо. Ҳар як хонанда ба дарс бо дараҷаҳои гуногуни салоҳият меояд. Аз ин лиҳоз, омӯзгор бояд қобилияти муайян кардани сатҳи салоҳиятнокии хонандаро дошта бошад. Омӯзгор барои ташаккули натиҷаҳои таълими ҳар як хонанда аз лиҳози касбӣ ва ахлоқӣ низ масъул аст.

Таълим ҳамеша самаранок мегардад, агар:

❖ хонандагон дар заминаи дониш ва малакаи базавиашон таълим гиранд;

❖ хонандагон мақсаду вазифаҳои таълимии гузошташударо дарк кунанд ва онҳоро иҷро карда тавонанд;

❖ раванди азхудкунии маводди таълим барои хонандагон шавқовар ва ҷолиб бошад;

❖ барои азхудкунии маводди нави таълим ё малакаи нав ба хонандагон имко-нияти мувофиқи машқ кардан дода шавад;

❖ ҳам омӯзгор ва ҳам хонанда барои таълим масъуланд;

❖ омӯзгорон усулҳои гуногуни таълимро ба мақсади таҳким ва мустаҳкам гардонидани донишу малакаи нав истифода баранд;

❖ ба хонандагон ҳангоми ҳалли масъалаҳои таълимӣ ва ташаккули малака имконияти ҳамкорӣ дода шавад;

❖ раванди таълим ба “чӣ тавр фикр кардан” равона гардад, на ба “оид ба чӣ фикр кардан”;

❖ ҳама оид ба ҷиҳатҳои суст ва қавии донишу малакаашон ростқавл бошанд;

❖ нокомӣ дар ҷараёни таълим ҳамчун қисми таркибии он шинохта шавад.

– <u>**ба эътибор гирифтани гуногунзеҳнии хонандагон**</u>. Баъзе хонандагон тавассути амалан иҷро намудан кореро аз худ мекунанд ва баъзеи онҳо тавассути мушоҳида дониш мегиранд. Ба баъзеи хонандагон машғулияти серҳаракат, ба дигарон бошад, баръакс,

ором̣ӣ барои таълим гирифтан мусоидат мекунад. Омӯзгорон бояд ба ҳама баробар диққат диҳанд, ёрӣ расонанд ва мувофиқи шавқу завқашон фаъолият таҳия намоянд.

– **<u>ҷанбаи башардӯстӣ доштани раванди таълим.</u>** Вазифаи омӯзгор танҳо аз додани дониш ва аз бар кунонидани салоҳиятҳо иборат нест. Ӯ барои фароҳам овардани фазои мусоиди таълим, барои ҳамкорию ҳамдигарфаҳмӣ низ масъул аст.

– **<u>инкишофи арзишҳо.</u>** Стандарти мазкур дар баробари салоҳиятҳои таълимӣ инкишофи арзишҳоро ба роҳ мемонад. Ин арзишҳо на танҳо барои аз худ кардани салоҳиятҳои таълимӣ, балки барои тарбияи шаъну шарафи шаҳрвандӣ низ заруранд.

– **<u>алоқамандии таълим бо ҳаёт.</u>** Стандартҳои нав ташаккули дониш, малакаву маҳоратҳои барои имрӯз ва ояндаи Тоҷикистон заруриро таъмин намуда, таълимро ҳамчун раванди омӯзиш дар тӯли ҳаёт таъкид мекунанд. Низоми нави таълим низ бе мақсади мутобиқ сохтани натиҷаҳои таълим ба талаботи ҳаёт равона мегардад. Яъне дар натиҷаи таълим хонанда дониш, малака ва маҳораташро дар амал барои ҳалли масъалаҳои ҳаётӣ истифода мебарад.

– **<u>омӯзиш дар тӯли ҳаёт.</u>** Раванди таълим ва инкишоф беохир аст. Шояд барои пурра аз худ кардани баъзе салоҳиятҳо як умр сарф карда шавад ва баъзеашон мумкин аст тамоман аз худ карда нашаванд. Аз ин лиҳоз, “Низоми таълими салоҳиятнокии хонандагон” раванди омӯзишро дар тӯли ҳаёт тақозо мекунад.

– **<u>арзёбӣ ба мақсади таълим.</u>** Мо бояд мунтазам натиҷаҳои таълимии хонандагонро арзёбӣ намоем, то тавонем усули таълимро тағйир дода, раванди таълимро самараноктар гардонем.

## 1. 5. МАҚСАД ВА ВАЗИФАҲОИ СТАНДАРТИ ФАННИ ТЕХНОЛОГИЯ (ТАЪЛИМИ МЕҲНАТ) БАРОИ СИНФИ 5

Стандарти мазкур ба мақсади татбиқи талаботи Стандарти давлатии таҳсилоти миёнаи умумӣ ва Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020 таҳия шудааст.

Таълими технология (таълими меҳнат)» дар синфҳои панҷум хусусияти амалӣ дошта, дар хонандагон одитарин малакаю маҳорати меҳнатӣ ва рассомӣ ташаккул ёфта, ба корҳои амалӣ, ба ҳаёт омода мешаванд.

Мақсади асосии таълими фанни технология (таълими меҳнат) аз инҳо иборат аст:

– муайян ва муқаррар кардани маҷмӯи салоҳият (меъёри дониш, малака ва маҳорат)-и хонандагони синфи панҷум аз фанни технология (таълими меҳнат);

– ба низом даровардани мазмун, мундариҷа ва раванди банақшагирӣ, таълим ва арзёбии фанни технология (таълими меҳнат) дар синфи панҷум;

– муқаррар намудани доираи мавзӯъҳои бобҳои таълими фанни технология (таълими меҳнат) мувофиқи талаботи забономӯзӣ ва мувофиқат ба инкишофи синну солии хонандагони синфи панҷум.

– мазмун, мундариҷа ва фаъолиятҳои таълим барои аз ташаккули салоҳиятнокии равонашуда, байни онҳо робитаи қавӣ барқарор гардонида шавад;

– бояд малакаҳои гуногуни фаннӣ ба таври мушаххас ва фарогир пешниҳод гардад. Нишондиҳандаҳои азхудкунии ҳар як салоҳият оварда мешаванд;

– мазмуну мундариҷа ва миқдори салоҳиятҳо бояд мувофиқи сарбории фан, ки нақшаи таълим муқаррар кардааст, пешниҳод гарданд;

– мунтазам инкишоф додани малакаю маҳорати меҳнатӣ, рассомӣ, ороишӣ ва эҷодӣ ҳангоми таълиму ҳаёти рӯзмарра;

– тарбияи меҳнатӣ, эстетикӣ ва касбии мактабиён;

– шиносоӣ бо асос ва намудҳои санъати графикӣ ва ташаккули малакаю маҳорати тасвири графикӣ;

– дар хонандагон бедор намудани кӯшишу ғайрат, меҳнатдӯстӣ, ҳисси эҳтиром ба меҳнати худ ва дигарон;

– омода намудани хонандагон ба иҷрои корҳои мухталиф ба худхизмат;

– инкишофи қобилияти амалӣ, фикр ва эҷод.

Вазифаи асосии таълиму омӯзиши фанни технология (таълими меҳнат) ба меҳнат ва зебопарастӣ омода кардани хонандагон мебошад, аз тадбирҳои аввалини таълими политехникӣ дар ин синну сол ба ҳисоб меравад. Дар натиҷаи мақсаднок ва бошуурона омӯхтани ин фан хонандагон ба машғулиятҳои амалии синфҳои минбаъда тайёр мешаванд. Ҳамзамон дар таҳкиму ҳамбастагии меҳнати фикрию ҷисмонӣ нақши хосса гузошта, имконоти васеъ фароҳам меорад, ки хонандагон одитарин малакаю маҳорати меҳнатӣ пайдо намуда, ба корҳои амалӣ ва ба ҳаёт омода гарданд.

- Шиносоии хонандагон бо асосҳои илмӣ ва илмӣ-техникии истеҳсолот;
- Мусаллаҳ гардонидани хонандагон бо дониш ва маҳорати аввалия дар соҳаи техника ва технологияи муосир;
- Дар хонандагон ташаккул додани тафаккури техникӣ;
- Муносибати эҷодкорона ба меҳнат ва шавқ ба намудҳои гуногуни фаъолияти меҳнатӣ;
- Тарбияи меҳнатӣ ва маданияти меҳнат, ташаккули маънавиёт;
- Шиносоии хонандагон бо касбҳои гуногун ва ёрӣ расонидан дар муайян намудани роҳи ҳаётии худ;

Вазифаи ниҳоӣ ва муҳимтарини ин фан ба шогирдон ёд додани фаъолиятҳои одитарини меҳнат, омода намудани онҳо ба меҳнат кардан, фаҳмиши рангҳо, сохтани шакли ашё аз қисмҳои додашуда, пухтани намудҳои гуногуни хӯрокҳои миллӣ, дӯхтани маснуот, захиракунии маҳсулот, кор бо мошинҳои дарздӯзии дастӣ, истифодаи дурусти рӯзғордорӣ ва дӯзандагӣ, пурзарурати омӯзиши амалиёти корӣ ва монанди инҳо мебошад.

- вазифаҳои асосии таълими фанни технология (таълими меҳнат) инкишофи қобилияти фардии хонандагон;
- дарки зарурати меҳнат дар зиндагӣ;
- ташаккули қобилияти эҷодию тахайюли бадеӣ, зебоипарастӣ, эҷодкории хонандагон;
- шинос намудани хонандагон бо амалиёти марбут ба касбу корҳои меҳнат дастӣ;
- омӯзонидани амалҳо бо унсурҳои фаъолияти меҳнат ва тасвиру ороиш;
- шинос намудани хонандагон бо касбу корҳои марбут ба меҳнати дастӣ;
- дар хонандагон ҳосил намудани меҳру муҳаббат ба меҳнат ва меҳнатпарастӣ;
- тарбияи хонандагон дар рӯҳияи эҳтироми меҳнати худ ва меҳнати калонсолон, аҳли заҳмат;
- тарбияи сарфаю сариштакорӣ ва ҳифзи сарватҳои табиӣ дар шогирдон.

Таълими технология (таълими меҳнат) дар синфҳои панҷум хусусияти амалӣ дошта, дар хонандагон одитарин малакаю маҳорати меҳнатӣ ва эҷодкорӣ ташаккул ёфта, ба корҳои амалӣ, ба ҳаёт омода мешаванд.

**Мавқеи фанни технология (таълими меҳнат) барои синфи 5 дар нақшаи таълим**

Фанни технология (таълими меҳнат) барои синфи 5 дар нақшаи таълими такягоҳ ҳамчун фанни ҳатмии таълим дар таркиби соҳаи технология (таълими меҳнат) ҷойгир шуда, ҳаҷми сарбории хонандагон дар давоми соли таҳсил 34 соатро ташкил медиҳад:

| Синф | Миқдори соатҳои ҳафтаина | Миқдори ҳафтаҳо дар давоми соли таҳсил | Миқдори соатҳо дар давоми соли таҳсил |
|---|---|---|---|
| **5** | 1 | 34 | 34 |

Технология (таълими меҳнат) ҳамчун ҷузъи зебоипарастӣ ба хонандагон бояд эҷодкорӣ омӯзад, ба дарки нозукиҳои фаъолияти эҷодию амсиласозӣ, ҳунармандӣ водор созад ва меҳри бачагонро нисбат ба намудҳои гуногуни технология (таълими меҳнат) бедор намояд. Ҳангоми дарси технология (таълими меҳнат) хонандагон инчунин бояд қобилияти эҷодкорӣ ва ҳунармандии худро ошкор созанд ва такмил диҳанд, хоҳиш пайдо кунанд, ки дар машғулиятҳои эҷодӣ – маҳфилҳои тарроҳӣ, дӯзандагӣ, амсиласозӣ, рӯзғордорӣ, кашидадӯзӣ, сӯзанидӯзӣ, қолинбофӣ, ороиши мӯй ва рӯй (машотта) ва ғайра (вобаста аз имкону шароити мактаб) иштирок намоянд.

Меҳнат маҷмӯи амалҳоест, ки тавассути он натиҷаҳо, маҳсуле ба даст оварда мешавад ва барои зисту зиндагонӣ шароит фароҳам меояд. Меҳнат инсонро «офаридааст», яъне тавассути меҳнат ба инсон табдил ёфтааст ва ҳайвоноту мавҷудоти дигари зинда фарқ мекунад. Пас, ҳар як фард бояд малакаю маҳорати меҳнатро омӯзад, ба меҳнат омода шавад ва меҳнатро дӯст дорад, зеро ба ин васила ҳам ҷисман ва ҳам рӯҳан ташаккул меёбад.

## II. САЛОҲИЯТҲОИ ФАННИ ТЕХНОЛОГИЯ (ТАЪЛИМИ МЕҲНАТ) БАРОИ СИНФИ ПАНҶУМ

Фасли мазкури стандарти фанни технология (таълими меҳнат) барои синфи панҷум хеле муҳим аст. Дар фасли мазкур салоҳиятҳои фанни технология (таълими меҳнат) мувофиқи самтҳои таълим оварда мешаванд. Салоҳиятҳои ҳамаи фанҳо дорои хусусиятҳои зеринанд:

- аз рӯйи принсипи аз сода ба мураккаб тартиб дода шудаанд. Омӯзгорон метавонанд салоҳиятҳои синфи пешина ва баъдинаро мушоҳида карда, мутаносибан раванди таълимро аз оғоз то анҷом ба нақша гиранд. Ин муносибати спиралии татбиқи барномаи таълим мебошад, яъне салоҳиятҳое, ки дар як синф муаррифӣ шудаанд, дар синфҳои минбаъда такмил дода мешаванд. Дар сатҳи ҳар як синф талабот ба салоҳиятнокӣ мураккабтар мегардад.
- мувофиқи самтҳои асосии таълимии фанҳо гурӯҳбандӣ шудаанд. Аз ин лиҳоз, тартиби пешниҳоди салоҳиятҳо (малака ва маҳоратҳо) ба тартиби маводди китобҳои дарсӣ мувофиқат мекунад.
- хусусияти арзёбӣ дошта, мушоҳида мешаванд ва азхудкунии салоҳиятҳо тавассути нишондиҳандаҳо муайян мегарданд.
- дар таҳияи салоҳиятҳо усули спиралӣ истифода шудааст, яъне омӯзгор барои хонандагон имконияти салоҳиятнок шуданро фароҳам оварда, дар сатҳи синфҳои минбаъда ба хонанда имконияти ташаккули бештар дода мешавад. Ҳамин тавр, хонанда дараҷаи баландтари салоҳиятнокиро аз худ карда, ташаккул медиҳад.

### 2. 1. САЛОҲИЯТҲОИ ИҶРОИ АМАЛҲО, ЭҶОД, АРЗЁБӢ

**Салоҳияти истифода ва асосҳои коркарди мавод:**

5. 1. 1. Баъзе воситаи технологиро истифода бурда метавонад.

**Салоҳияти муносибати эҷодкорона дар меҳнат:**

5. 2. 1. Дар доираи мавзӯъҳои маҳдуд ғояи навро пайдо карда метавонад..

**Салоҳияти интихоби касб:**

5. 3. 1. Доир ба баъзе касбҳо маълумот дода метавонад.

**Салоҳияти асосҳои тарбиявӣ:**

5. 4. 1. Хусусиятҳои тарбиявии фанро дарк карда, баъзе унсурҳои онро дар амал татбиқ карда метавонад.

## 2. 2. БАҲОДИҲИИ САЛОҲИЯТҲОИ ИҶРОИ АМАЛҲО, ЭҶОД, АРЗЁБӢ

Дар фасли мазкур мо тартиб ва воситаҳои арзёбии салоҳиятҳои иҷрои амалҳоро пешниҳод мекунем.

**Салоҳияти истифода ва асосҳои коркарди мавод:**
5. 1. 1. Баъзе воситаи технологиро истифода бурда метавонад.

**Нишондиҳандаҳои салоҳиятнокӣ:**

- дар бораи коркарди мавод ва тайёр кардани он шарҳ дода метавонад;
- сохт ва нуқсонҳои маводро фарқ карда метавонад;
- хосиятҳои физикӣ ва механикии маводро ба назар гирифта метавонад;
- хондани нақша (ангора)-и ҷузъиёт, ҳуҷҷатҳои графикии маводҳоро тасвир карда метавонад;
- равандҳои иҷро кардани маснуотро шарҳ дода метавонад;
- истифодаи асбобу абзорҳоро номбар карда метавонад;
- ҳангоми иҷрои кори амалӣ техникаи бехатариро риоя карда метавонад;
- эҳтиёткорона кор кардан ва муносибати хуб бо асбобу абзорҳоро риоя карда метавонад;
- қолаб ва шаклҳои гуногун сохта метавонад;
- мафҳумҳои содаи фан (абзорҳои ченкунанда, абзорҳои назоратӣ)-ро дарк мекунад ва ҳангоми иҷрои кори амалӣ ва баёни фикр дуруст истифода бурда метавонад.

**Салоҳияти муносибати эҷодкорона дар меҳнат:**
5. 2. 1. Дар доираи мавзӯъҳои маҳдуд ғояи навро пайдо карда метавонад.

**Нишондиҳандаҳои салоҳиятнокӣ:**

- Бо маснуоти гуногун ғояҳои содаро пайдо менамояд ва онро ба таври умумӣ шарҳ медиҳад.
- Баъзе қисматҳои маснуотро иваз карда, таъйиноти онро дигар карда метавонад;

**Салоҳияти интихоби касб:**
5. 3. 1. Доир ба баъзе касбҳо маълумот дода метавонад.

- дар бораи баъзе касбҳо маълумот дода метавонад;
- хусусияти касбҳоро фарқ карда метавонад;
- барои худ касби мувофиқро интихоб карда метавонад.

**Салоҳияти асосҳои тарбиявӣ:**
5. 4. 1. Хусусиятҳои тарбиявии фанро дарк карда, онро дар амал татбиқ карда метавонад.

*Нишондиҳандаҳои салоҳиятнокӣ:*

- ҳангоми истифодаи маводҳо сарфакориро риоя карда метавонад;
- хусусиятҳои эстетикии маснуотро шарҳ дода, онро арзёбӣ карда метавонад;
- урфу одатҳои миллиро шарҳ дода, онро арзёбӣ карда метавонад;
- табиатро қадр карда ҳифзи онро шарҳ дода метавонад.

## 2. 3. САЛОҲИЯТҲОИ ТАРБИЯВӢ–АХЛОҚӢ

Таълиму тарбия дар зинаи таҳсилоти ибтидоӣ. Азбаски хонандагон қобилиятҳои гуногун доранд, мо бояд пешрафти хонандаро берун аз салоҳиятҳои фаннӣ низ эътироф намоем. Дар намунаи ҳисоботи дар боло омада, сутуне барои нишон додани кӯшишу ғайрати хонанда омадааст. Кӯшишу ғайрат ҳам бо низоми 6 (10, 20, 100) балла баҳогузорӣ карда мешавад.

Барои қайди муносибати хонанда ба омӯзиш корти ҳисоботи хонанда истифода карда мешавад, ки қисмҳои зеринро дар бар мегирад.

Дар омӯзиши ҳар фан хислатҳои зерин нақши асосиро мебозанд.

| **Худро идора карда тавонистан** | мунтазам | одатан | баъзан |
|---|---|---|---|
| Мустақилият нишон медиҳад | □ | | |
| Интизориҳои баланд дорад | | □ | |
| Барои таваккал кардан омода аст | □ | | |
| Тобовар аст | | □ | |
| **Муносибат бо дигарон** | | | |
| Аҳамият медиҳад | | □ | |
| Таҳаммулпазир аст | | □ | |
| Ҳамкорӣ менамояд | | □ | |
| **Иштирок ва саҳмгузорӣ** | | | |
| Эътимод нишон медиҳад | □ | | |
| Масъулиятро ба дӯш мегирад | | □ | |
| Фаъол аст | | □ | |
| Мақсаднок ба коре ҷалб мегардад | □ | | |
| **Андешаронӣ** | | | |
| Фикрронии дараҷаи баланд дорад | | □ | |
| Эҷодкорӣ | | □ | |

## 2. 4. НИШОНДИҲАНДАҲОИ ХИСЛАТҲО

Дар ҷадвали зер нишондиҳандаҳое оварда шудаанд, ки хонандагони болаёқатро тавсиф менамояд. Ин нишондиҳандаҳо то андозаи муайяне хусусияти инфиродӣ доранд. Ҳангоми арзёбӣ омӯзгор нишондиҳандаҳои зеринро ба эътибор мегирад.

| **Хислат** | **Нишондиҳанда (ё муайянкунанда)** – Хонанда |
|---|---|
| | **Худро идора намудан** |
| Мустақилият нишон додан | Бе ёрии дигарон кор мекунад ва агар ёрӣ лозим шавад, пеш аз мадад пурсидан барои ҳалли ҳама гуна мушкилӣ аввал худ кӯшиш ба харҷ медиҳад. |
| Интизориҳои баланд дорад. | Ҳангоми иҷрои супорише ҳадаф мегузорад, ки натиҷааш босифат бошад, бо интизории он ки меъёрҳои баҳодиҳиро аз худ менамояд ва аз он ҳам болотар ноил мешавад. Агар вазифа ё супориш аз тарафи омӯзгор арзёбӣ нашавад ҳам, хонанда дар пеши худ меъёрҳои баланд мегузорад, то кори ӯ ҳамчун як муваффақият арзёбӣ шавад. |
| Ба таваккал (дар омӯзиш) кардан омода аст. | Зарурати таҷриба намудани ашёро эътироф менамояд, ҳарчанд он қисман ба нокомӣ ё танқид мебарад. Аммо ин хавфҳо хавфҳои асосноке бошанд, ки ба бехатарии шахсӣ мушкилӣ эҷод накунанд. |
| Тобовар аст | Бо вуҷуди мушкилот, ноумед намешавад ва кӯшиш мекунад, ки вазифаҳоро ба анҷом расонад. |
| Бовиҷдон аст | Арзишҳои худро ҳамеша, новобаста аз вазъият хифз менамояд. Арзишҳо инҳоянд:<br>– дар амалҳояш ростқавл аст;<br>– меҳрубонӣ зоҳир мекунад; |

| | |
|---|---|
| | – адолатро риоя мекунад;<br>– ҳақгӯ аст;<br>– дар рафтору амал масъулиятшинос аст;<br>– дар амалҳояш шаффофиро риоя мекунад (ба истиснои ҳолатҳои номутобиқ);<br>– дар сахтиҳо қатъият нишон медиҳад;<br>– фарҳанги худ ва дигаронро эҳтиром мекунад. |
| **Муносибат бо дигарон** | |
| Аҳамият медиҳад | Вақте бо дигарон кор мекунад ба ниёзҳои онҳо аҳамият медиҳад (масалан дигаронро гӯш мекунад, сухани онҳоро намебурад). |
| Таҳаммулпазир аст | Ақида ва фарҳанги шахсони гуногунро қабул мекунад (ин маънои онро надорад, ки мо аз ин сӯийстифода кунем). |
| Ҳамкорӣ менамояд | Хамкорӣ мекунад, ба дигарон барои саҳм гузоштан дар иҷрои супоришҳо имкон медиҳад. |
| **Иштирок ва саҳмгузорӣ** | |
| Эътимод нишон медиҳад | Ҳангоми пурсиш ақидаашро иброз медорад ва барои иҷрои супориш на ҳамеша аз дигарон меҷӯяд. |
| Масъулиятро ба дӯш мегирад | Ҳангоми ичрои фаъолиятҳо оқибатҳои онро ба зимма мегирад. Агар аз ӯ хоҳиш кунанд, масъулиятро ба дӯш мегирад. |
| Фаъол аст | Ғайрифаъол нест, баръакс кӯшиш мекунад саҳми худро гузорад. |
| Мақсаднок ба коре ҷалб мегардад | Пеш аз ҳар гуна фаъолият мақсаде мегузорад, ки ба ҳалли вазифаи додашуда марбут аст. |
| **Андешаронӣ** | |
| Фикрронии дараҷаи баланд | Барои анҷом додани вазифаҳо малакаҳои фикрронии баландро истифода мебарад. |
| Эҷодкорӣ | Фикрҳои тоза пешниҳод мекунад. |

## 2. 5. САЛОҲИЯТНОКИИ ОМӮЗГОРОН

Барои татбиқи стандарт ва барномаи нави фанни технология (таълими меҳнат) омӯзгори синфҳои панҷум бояд дониш, малака ва маҳорати зеринро дошта бошад:

– назария ва принсипҳои низоми таълими салоҳиятнокиро донад ва ҷанбаҳои татбиқи амалии онро дар раванди таълим шарҳ дода тавонад;

– тарзи банақшагирӣ ва арзёбии салоҳиятнокии хонандагонро донад ва ҳангоми раванди таълим истифода барад;

– усулҳои таълимие, ки барои ташаккули салоҳиятнокии хонанда мусоидат мекунанд донад ва усули мувофиқро интихоб карда тавонад;

– усул ва воситаҳои арзёбии ташаккулдиҳандаро барои муайян кардани сатҳи азхудкунии салоҳиятҳо истифода бурда тавонад;

– натиҷаҳои арзёбии ташаккулдиҳандаро ба мақсади қабули қарори мувофиқ истифода бурда тавонад;

– роҳу воситаҳои самараноки ба хонандагон барои салоҳиятнок шудан ёрӣ расониданро донад ва дар раванди таълим истифода барад;

– барои ташаккули салоҳиятнокии хонанда аз методҳои интерактивӣ ва бозиҳои дидактикӣ истифода бурда тавонад;

– ҳар як мавзӯи барнома бо методҳои интерактивӣ ё бозиҳои дидактикӣ гузаронида шавад.




## III. ТАШКИЛИ РАВАНДИ ТАЪЛИМИ САЛОҲИЯТНОКӢ АЗ ФАННИ ТЕХНОЛОГИЯ (ТАЪЛИМИ МЕҲНАТ) БАРОИ СИНФИ ПАНҶУМ

Аксари низомҳои таълими анъанавӣ ба азхудкунии мавзӯъ нигаронида шудаанд, яъне омӯзгорон хонандагонро ба аз худ кардани мавзӯъ ва аз ёд кардани маълумот водор менамоянд. Чунин муносибат ба таълим дар гузашта мутобиқ буд, аммо дар замони ҳозира, ки андозаи дониш босуръат зиёд мегардад, дар раванди таълим диққати асосӣ бояд ба ташаккули малакаҳои омӯзишии хонандагон равона гардад, то онҳо тавонанд дониши зарурӣ ва маълумоти мушаххасро интихоб ва истифода баранд.

Акнун барои омӯзгорон "хонандагон чиро меомӯзанд?" ва "чӣ тавр меомӯзанд?" аз "ба хонандагон чиҳоро меомӯзонанд?" муҳимтар аст. Барои баъзеҳо омӯзондан ва омӯхтан (аз худ кардан) як маъно дорад, аммо бояд дар хотир дошт, ки агар омӯзгор нодуруст дарс диҳад, ҳатто дар ҳолати дарси зиёд додан ҳам, азхудкунӣ наметавонад самарабахш бошад.

Дар низоми таълим ва арзёбии салоҳиятнокӣ ба дониш, малака ва маҳоратҳои воқеии хонандагон диққати махсус дода мешавад. Салоҳиятҳо фаъолиятҳоеро, ки хонандагон дар натиҷаи омӯхтан аз худ мекунанд, нишон медиҳанд.

Барои муайян кардани он ки оё хонанда салоҳиятҳоро аз худ кардааст ё не, барои ҳар салоҳият нишондиҳандаҳои он оварда мешавад. Нишодиҳандаҳо маҷмӯи дониш, малака ва маҳоратҳое мебошанд, ки аз ноил шудан ба салоҳиятҳо дарак медиҳанд. Онҳо ба шумо имкони мушоҳида ва арзёбӣ карданро фароҳам оварда, нишон медиҳанд, ки то кадом андоза хонанда салоҳиятро аз худ кардааст. Тартиб додани рӯйхати пурраи нишондиҳандаҳо барои баъзе салоҳиятҳо имконнопазир аст, шояд шумораи онҳо ба садҳо нишондиҳанда расад ва миқдори онҳо вобаста ба нуктаи оғози инкишофи салоҳиятнокӣ ва вобаста ба сатҳи синф фарқ кунад.

Дар гузашта самтҳои гуногуни раванди таълим (таҳия ва татбиқи нақшаи тақвим) бештар назорат ва мушоҳида карда мешуд. Акнун натиҷаҳои таълимии хонандагон ва

раванди омӯзиши онҳо бештар назорат карда мешаванд. Аз байн бурдани навъҳои дигари назорат дар ҳолате амалӣ мегардад, ки агар:

1) муассисаи таълимӣ ва омӯзгорон самаранок ба низоми таълими салоҳиятнокии хонандагон гузаранд.

2) тартиби ҷамъоварии маълумоти дуруст, ки дараҷаи азхудкунии салоҳиятҳоро нишон медиҳад, ба роҳ монда шавад.

Ба омӯзгорон озодии бештар дода, ҳамзамон масъулияти онҳо барои беҳтар шудани дастовардҳои таълимии хонандагон зиёд мегардад. Ин чунин маъно дорад, ки арзёбии салоҳиятҳо қисми асосии ислоҳот маҳсуб меёбад.

Акнун барои омӯзгор танҳо донистани мундариҷаи фан кифоя нест. Омӯзгорон бояд дар асоси таҷриба, омӯзиши равиши дарс, азхудкунии назарияи таълим ва маълумот оид ба ҳар як хонандаи синф барои инкишоф додани салоҳиятҳои онҳо ва таъмини пешравӣ ҷараёни таълимро ба роҳ монанд.

## 3. 1. БА ХУСУСИЯТҲОИ ФАРДИИ ХОНАНДА ДИҚҚАТ ДОДАН

Стандарту барномаҳои нави таълим ташаккули натиҷаҳои таълимии ҳамаи хонандагонро новобаста аз қобилият ва вазъи иҷтимоӣ дастгирӣ менамоянд. Стандарт ва барномаи мазкур ақидае, ки тибқи он ба ҳамаи хонандагон талаботи ягона гузошташавандаро дастгирӣ намекунад. Он ақидаеро дастгирӣ менамояд, ки дар он ҳар як хонанда дорои маҷмӯи таҷрибаи мушаххас, инчунин дараҷаҳои гуногуни салоҳият аст. Омӯзгорон барои ташаккули натиҷаҳои таълими ҳар як хонанда аз лиҳози касбӣ ва ахлоқӣ масъуланд.

Самаранокии таълим тавассути ташаккули натиҷаҳои таълимии тамоми аҳли синф муайян карда мешавад, на дастовардҳои таълимии якчанд хонанда. Барои амалӣ сохтани мақсади мазкур омӯзгорон бояд тарзи муайян намудани сатҳи дониши мавҷудаи хонанда ва сатҳи ниҳоии азхудкунии салоҳиятҳои ҳар як хонандаро истифода бурда тавонанд.

## 3. 2. ПРИНСИПҲОИ ТАЪЛИМИ САМАРАНОК

Таълим ҳамеша самаранок мегардад, агар:

- хонандагон дар заминаи дониш ва малакаи базавиашон инкишоф ёбанд;
- хонандагон мақсади вазифаҳои таълимии гузошташударо дарк кунанд;
- мақсади таълим барои хонандагон фаҳмо бошад;
- вазифаҳои таълим мувофиқи қобилияти хонандагон муайян карда шаванд;
- раванди азхудкунии маводди таълим барои хонандагон шавқовар ва ҷолиб бошад;
- барои азхудкунии маводди нави таълим ё малакаи нав ба хонандагон имконияти мувофиқи машқ кардан дода шавад;
- омӯзгорон усулҳои гуногуни таълимро ба мақсади таҳким ва мустаҳкам гардонидани донишу малакаи нав истифода баранд;
- ҳам омӯзгор ва ҳам хонанда барои таълим масъулият дошта бошанд;
- омӯзгорон усулҳои гуногунро ба мақсади такрор ва дар хотир нигоҳ доштани донишу малака истифода баранд;
- ба хонандагон ҳангоми ҳалли масъалаҳои таълимӣ ва ташаккули малака имконияти ҳамкорӣ кардан диҳанд;
- раванди таълим ба “чӣ тавр фикр кардан” равона гардад, на ба “оид ба чӣ фикр кардан”;
- ҳама оид ба ҳаҷми донишу малакаашон ростқавл бошанд;
- нокомӣ дар ҷараёни таълим ҳамчун қисми таркибии он шинохта шавад;
- омӯзгор раванди омӯзишро дарк кунад ва донад, ки таълим чӣ тавр бояд ба роҳ монда шавад ва онро доимо назорат кунад.

## 3. 3. ТАЙЁРИИ ОМӮЗГОР БА ДАРС ВА РОБИТАИ ТАЪЛИМИ ТЕХНОЛОГИЯ БО ДИГАР ФАНҲО

Дар тайёрӣ ба машғулият ҷойи марказиро ба нақшагирии раванди таълим ишғол мекунад.

Ба туфайли банақшагирӣ амалҳои омӯзгор ва хонанда дар машғулиятҳои дар устохона вобаста бо мақсад ва масъалаҳои таълими технология, принсипҳои он ва дигар талаботҳое, ки бо хонандагон дар кор муқаррар карда шудааст имконпазир мешавад. Дар рафти банақшагирии раванди таълим чунин масъалаҳои дидактикӣ ҳал мешавад:

1. Барои таъмини раванди таълим бо маводди ҳозиразамон замина ба вуҷуд меорад. Инчунин, пешакӣ муҳлати таъмини устохонаи таълимӣ бо ин мавод ва асбобҳо маълум мегардад.

2. Робитаи байни мазмуни машғулиятҳои таълими технология (таълими меҳнат) бо дигар фанҳои таълимӣ кушода мешавад. Маводди таълимиро тақсим карда омӯзгор муайян мекунад, ки хонандагон кадом донишҳоро аз дарсҳои физика, химия, риёзиёт, санъати тасвирӣ, нақшакашӣ ва ғайра гирифтаанд, дар он вақт ки онҳо мавзӯи мушаххасро аз таълими техноглогия (таълими меҳнат) меомӯзанд; вобаста ба ин таъмини робитаи дидактикиро байни таълими техноглогия (таълими меҳнат) ва асосҳои илм ба роҳ мондан мумкин аст.

3. Дар раванди машғулият дар ҳуҷраи технология (таълими меҳнат) хусусан ҳангоми пазандагӣ, ороишдиҳӣ, амсиласозӣ, буридан, дӯхтани маснуот, ороиши дохили хона, захиракунии маҳсулот, ҳунармандӣ мумкин аст маҷмӯи маҳсулот иҷро карда шавад, ки аз ҷузъиёти маҳсулоти хӯрока ва истифодаи асбобҳои он ва маснуоти дӯзандагӣ иборат мебошад. Дар ин ҳолат кори хонандагон дар кадом вақт мувофиқа карда мешавад, ки дар рафти банақшагирӣ ҳаллу фасли худро меёбад.

4. Ҳангоми натиҷабардорӣ санҷидани иҷрои барномаи таълимӣ ба омӯзгор осон мегардад. Барои ин ба нақша гирифтан иҷрои корро бо ҳаҷми воқеан иҷро шударо муқоиса кардан лозим аст.

5. Аз тарафи қисми таълим ва маориф назорат аз болои раванди таълим осон мешавад.

**2. Тайёрии омӯзгор ба соли таҳсил.** Тайёрии омӯзгор ба соли таълимии навбатӣ аз охири соли ҷорӣ сар мешавад.

Омӯзгор таълими техноглогия (таълими меҳнат) ҳолати таҷҳизот ва асбобҳоро месанҷад. Камбудиҳои худро худи омӯзгор ислоҳ мекунад. Агар таъмири капиталӣ ё харидории асбобу таҷҳизот лозим бошад, омӯзгор ба роҳбарияти мактаб ба таври хаттӣ муроҷиат мекунад.

Банақшагирии кори таълим аз омӯхтани барномаи мактабӣ ва навиштаҷоти фаҳмонидадиҳии он оғоз меёбад. Барномаро омӯхта, бояд бодиққат таҳлил намуда вазифаи таълимро муайян кард. Инчунин, бо мазмуни барнома, ки дар ҳаҷми дониш, маҳорат ва малака, ки хонандагони ҳар як синф бояд соҳиб шаванд, бо нишондоди ин ё он мавзӯъ, шумораи соат, номгӯйи объектҳои меҳнат бодиққат шинос шудан лозим аст.

Интихоби маҳсулот, яъне объекти меҳнат давраи масъулиятноки тайёрии омӯзгор ба гузаронидани машғулият ба ҳисоб меравад. Ба ғайр аз он маҳсулот бояд аз рӯйи таъйиноти хоб бояд ҷамъияти фоиданокӣ бошад, ки ба онҳо як қатор талаботҳо муайян карда шудааст:

1. Коркарди маҳсулот бояд аз амалиёти меҳнатии дар барномаи таълим буда, иборат бошад.

2. Кори ба сохтани маҳсулот вобастабуда, бояд барои хонанда, чун дар дақиқӣ ва меъёри вақти банақшагирифта мувофиқи қувваи онҳо бошад.

3. Аз рӯйи таъйинот ва сохти маҳсулот ба фаҳмиши хонандагон дастрас бошад. Ин талабот хусусан барои он лаҳза, ки хонандагон амсилаҳои гуногун месозанд.

**3. Тайёрии омӯзгор ба машғулиятҳои мавзӯи навбатӣ.** Тайёрии омӯзгор ба машғулият аз рӯйи мавзӯъ аз тартиб додани нақшаи тақвимӣ оғоз меёбад.

Вобаста аз шароит нақшаи тақвимӣ якбора ба тамоми соли таҳсил, нимсола ё як чоряк тартиб дода мешавад. Агар мактаб устохона ва пойгоҳи хуби моддӣ дошта бошад, нақша барои тамоми соли таҳсил тартиб дода мешавад. Агар масолеҳ барои сохтани объекти меҳнат кам бошад ё аз сарчашмаҳои тасодуфӣ ворид шавад, нақшаи тақвимӣ дар нимсол ё як чоряк тартиб дода мешавад.

Барои мактабҳое, ки ба омӯзиши фронталии ҳамаи гурӯҳ қудрат надорад, ҷадвали (график) алоҳида тартиб медиҳанд. Масалан, агар муассиса ба шумораи лозимӣ таҷҳизот ва асбобҳо надошта бошад ё шумораи хонандагон зиёд бошад, ҷадвал тартиб медиҳанд, ки хонандагон бо навбат кори дар барнома муқаррар шударо иҷро намоянд.

Барои пурра истифодаи таҷҳизот намуди варианти сохтани маҳсулот мусоидат мекунад. Ин маънои онро дорад, ки бонавбат аз дастгоҳ ё таҷҳизот истифода мебаранд, яъне кор чунин ташкил мешавад.

Ҳамаи маводди таълимӣ, ки мазмуни мавзӯи таълимиро ифода мекунад, омӯзгор ба машғулият (дарс) тақсим мекунанд, намуди дарс ва робитаи байни онро муайян мекунад, методҳои таълимиро қайд менамояд, объекти кори хонандаро интихоб мекунад.

Таҳлили кори омӯзгорони пешқадам нишон медиҳад, ки системаи дарсро оиди ин ё он мавзӯъ тартиб дода, аз рӯйи чунин дастур кор кардан лозим аст: 1) ҷойи мавзӯъ дар фанни таълимӣ ва доираи дониш, маҳорат ва малака, ки хонандагон бояд соҳиб шаванд; 2) робитаи назария бо амалия; 3) аҳамияти маводди мавзӯъ барои имконияти инкишофи дониши хонандагон; 4) тайёрии хонандагон ба аз худ кардани мавзӯи нав; 5) аз рӯйи мантиқ баён кардани маводди таълимӣ; 6) имконияти эҷодии кори хонандагон; 7) натиҷаҳои дар назар дошташуда баъди омӯзиши мавзӯъ; 8) робитаи дарс бо корҳои берунасинфии хонандагон.

Мазмуни ҳар як дарсро пешакӣ донист, омӯзгор имконияти муайян кардани тайёрии хонандагонро дорад ва дар назди онҳо вазифа оид ба такрор намудани маводди гузаштаро гузорад. Дар натиҷаи ҳамаи корҳои дар боло нишон додашуда нақшаи тақвими омӯзиши мавзӯъҳои дар пеш истодаро тартиб медиҳад.

## НАМУНАИ НАҚШАИ ТАҚВИМӢ ОИД БА МАВЗӮИ «ТАРЗ ВА ТАРИҚИ РЕЗА КАРДАНИ САБЗАВОТ» (СИНФИ 5)

| | Мавзӯи дарс | Маълумоти техникӣ | Кори амалӣ | Объекти кор |
|---|---|---|---|---|
| | Тарз ва тариқи реза кардани сабзавот | Тарзи коркарди пайдарҳамии тайёр кардани хӯриш. Истифодаи асбоб ва таҷҳизоти зарурӣ | Коллективона тайёр намудани хӯриш аз бодирингу помидор | Асбоб ва таҷҳизоти зарурӣ барои тайёр кардани хӯриш |

Омӯзгорон метавонанд аз нақшаи тақвимии шуъбаи маориф, ки аз тарафи омӯзгорони пешқадам тартиб дода шудааст ё аз рӯзномаю маҷалла, ки пешниҳод мешавад истифода баранд.

**4. Тайёрии омӯзгор ба дарс.** Дар тайёрии омӯзгор ба дарс чунин чорабиниҳои характери ташкилӣ, методӣ, инчунин чорабиниҳо оид ба баланд бардоштани ихтисосро ҷудо кардан мумкин аст.

Маълум аст, ки дониши омӯзгор бояд васеъ ва чуқур бошад, назар ба талаботҳое, ки аз хонандагон талаб карда мешавад. Омӯзгор бояд ба ҳамаи саволҳои берун аз барномаи хонандагон тайёр бошад. Вай бояд ба малакаҳои касбӣ вобаста бо самтҳои таълими технология (таълими меҳнат) соҳиб бошад. Аз ин лиҳоз, сарчашма барои тайёр шудани омӯзгор китоб ё устои таълим хизмат мекунад.

Тайёрии методии омӯзгор ба дарс аз кор бо адабиёти методӣ сар мешавад. Омӯзгор китоби дарсӣ барои хонандагонро дида мебарояд, то ки ҳангоми баёни маълумоти нав ин маводро ба назар гирад. Омӯзгор, инчунин ба адабиёти таълимӣ оид ба асосҳои илм шинос мешавад. Чунин раҳнамоӣ аз рӯйи ду сабабҳои асосӣ зарур аст. Якум, дар китоби дарсӣ маводди минималӣ барои иҷрои барномаи таълим ба қадри кифоя ифода ёфтааст. Дуюм, мазмуни дар китоби дарсӣ ифода ёфтаи маводди таълим ба дараҷаи инкишофи умумии хонандагон ва дониши онҳо оид ба асосҳои илм, ки ба омӯзгор барои тайёр шудан ба баёни мавзӯи дастрас барои хонандагон бошад ёрӣ мерасонад, мувофиқ мебошад.

Барои тайёрии омӯзгор ба дарс шиносоӣ бо адабиёти методӣ, ки таҷрибаи кории омӯзгорон ва муассисаҳои беҳтарин ҷамъбаст шудааст, аҳамияти калон дорад. Дар адабиётҳои методӣ тавсияҳо оид ба сохтани раванди таълим, интихоби объекти меҳнат ва оид ба дигар саволҳо, ки бо иҷрои масъалаҳои таълимӣ дар дарсҳои таълими технология (таълими меҳнат) марбут аст, дида мешавад. Омӯхтани таҷрибаи дигар омӯзгорон зарур аст. Иштирок дар дарсҳои кушод, дарсҳои намунавӣ, ки барномаро камтар пешгузарӣ мекунад, барои омӯзгор ҳатмӣ мебошад.

То саршавии машғулият ба омӯзгорон тавсия дода мешавад, ки мустақилона объекти меҳнатро, ки барои хонандагон ба сифати вазифаи меҳнатӣ қайд шудааст, тайёр кунанд. Аз нуқтаи назари методӣ аз рӯйи чунин сабабҳо зарур мебошад: якум, обрӯю эътибори омӯзгор баланд шавад, агар хонандагон бинанд, ки омӯзгор бо пуррагӣ ба тарзҳои меҳнатӣ соҳиб мешавад ва ӯ чун намунаи шахсӣ хизмат карданаш мумкин аст. Дуюм, объекти меҳнате, ки омӯзгор месозад, чун намуна барои хонандагон хизмат мекунад. Сеюм, раванди меҳнатиро мустақилона иҷро намуда, омӯзгор аниқ тасаввур мекунад, ки дар хонандагон чӣ гуна мушкилӣ пеш меояд ва ҳангоми иҷрои кор ба кадом хатогиҳо роҳ медиҳанд.

Дар тайёрии омӯзгор ба дарс таҳлили хатогии хонандагон ҷойи асосиро ишғол мекунад. Таҷриба нишон медиҳад, ки 10% вақти таълимӣ ба ислоҳи хатогиҳо сарф мешавад. Хатогиҳои хонандагон аз сабабҳои гуногун ба амал меоянд. Баъзан аз гуноҳи омӯзгор, агар ӯ маводди навро пурра баён карда наметавонад.

Баъзан аз гуноҳи хонандагон, агар онҳо бодиққат баёни омӯзгорро гӯш накарданд. Хатогӣ баъзан объективӣ (воқеӣ) ба амал омаданаш мумкин аст (инкишофи ҷисмонии хонандагон).

Сифати гузаронидани дарс аз коркарди пешакии саволҳои ташкилӣ вобастагии калон дорад. Ҳар як хонанда бояд бо асбобҳои лозимӣ ва масолеҳ таъмин бошад. Аз омӯзгор тайёр намудани аёният (ҳуҷҷатҳои техникӣ, нақша, харитаи технологӣ, овезаҳои бехатарии кор, моделҳо ва ғайра) талаб карда мешавад.

Тайёрии омӯзгор ба дарс бо тартиб додани нақшаи дарс ба охир мерасад.

Чӣ қадаре, ки нақшаи дарс пурра, муфассал бошад, ҳамон қадар ба омӯзгор ҳангоми гузаронидани дарс ёрӣ мерасонад.

Нақшаи дарс аз рӯйи чунин шакли намунавӣ тартиб дода мешавад:

## МАВЗӮЪ: «ТАРЗ ВА ТАРИҚИ РЕЗА КАРДАНИ САБЗАВОТ»

**Барнома:** Талаботи риояи санитарию гигиенӣ ва ҳодисаҳои бехатарии меҳнат. Ташкили ҷойи корӣ. Тарз ва тариқи резакунӣ. Коркарди сабзавот. Коркарди механикии сабзавотҳо. Қоидаҳои умумии тайёр кардани хӯриш аз сабзавот.

**Салоҳиятҳо:**

- Баъзе воситаи технологиро истифода бурда метавонад;
- Дар доираи мавзӯъҳои маҳдуд ғояи навро эҷод карда метавонад;
- Доир ба баъзе касбҳо маълумоти сода дода метавонад;
- Хусусиятҳои тарбиявии фанро дарк карда, баъзе унсурҳои онро дар амал татбиқ карда метавонад.

**Мақсадҳои дарс:**

- Тарз ва тариқи реза кардани сабзавот, хӯришҳоро шарҳ дода тавонад;
- Раванди реза кардани сабзавот ва ороиши онро шарҳ дода тавонад;
- Эҳтиёткорона кор кардан ва муносибати хуб бо асбобу афзорҳоро риоя карда тавонад;
- Ҳангоми иҷрои кори амалӣ техникаи бехатариро риоя карда тавонад;
- Ҳангоми реза кардани сабзавот сарфакориро риоя карда тавонад;
- Саломатии худро эҳтиёт карда, дар бораи тарзи ҳаёти солим маълумот дода тавонад.

**Таҷҳизоти зарурӣ:** китоби дарсӣ, овезаҳо оид ба коркарди гарми сабзавот.

**1. 1. Методикаи таълим:** Ҳангоми банақшагирии дарс аз тавсияҳои зерин истифода бурда метавонед.

1. Ташкили дарс: Дар ин марҳала корҳои зерин ба роҳ монда мешавад:

Тайёр намудани маводди хониш;

Ҳозир - ғоиб кардани хонандагон;

Омода намудани хонандагон ба дарс.

**2. Такрори дарси гузашта:** дарсро аз гузоштани масъала оғоз намоед. Бо саволҳои зерин ба хонандагон муроҷиат намоед:

1. Оид ба мафҳуми коркарди гарми сабзавот маълумот диҳед.
2. Раванди технологияи коркарди сабзавотро баён кунед.
3. Тарзҳои гуногуни реза кардани сабзавотҳо кадомҳоянд?
4. Бирёнкунӣ аз буғпазӣ бо кадом хусусият фарқ мекунад?

**3. Шиносоӣ бо мазмуни мавзӯъ:** Оид ба тарз ва тариқи реза кардани сабзавот суҳбат гузаронида, дар бораи риояи қоидаи техникаи бехатарӣ ҳангоми реза кардани сабзавот, оид ба бехмеваҳо, сабзавот, тарзи реза кардан ва ороиши он, асбоби сабзавотпоккунӣ, шаклҳои резакунии сабзавот, хӯришҳо ва намудҳои онҳо, унсурҳои асосии омода кардани хӯришҳо шарҳ дода мешавад.

Ҳангоми иҷрои кор ба тарзи истифодаи корд, ба бехатарии он ва асбобҳои гармибахш, қоидаҳои беҳдоштиро риоя карда, мувофиқи харитаи дастурдиҳию расмҳои зерин амал намоед. Бехмеваҳо (картошка, бехпиёз, сирпиёз, сабзӣ, лаблабу, шалғам, шалғамча, турб ва ғайра)-ро аз ифлосиҳо тоза карда, баргу пояи зиёдатиро бурида мешӯем, пӯсташро мегирем, баъди пӯст кандан бори дигар мешӯем. Кабудиро аз алафи бегона ҷудо карда, ҷойи нолозимашро бурида партофта, тоза шуста, болои сачоқ гузошта, обашро таровондан лозим аст. Ҳар намуди сабзавотро ба таври махсус пора мекунанд. Масалан; бехпиёзро дар шакли ҳалқачаҳо, сабзиву картошкаро дар шакли доирачаҳо, тилимчаҳо, наргисӣ, ба намуди гулҳо, ситорача ва ғайра.

Тарзи реза кардани сабзавот ва ороиши он. Сабзавот барои ороиши хӯришу таомҳои дигар фаровон истифода мешавад. Бехпиёз ё дигар навъҳои сабзавоти мудавваршаклро гирифта мешӯем ва агар лозим бошад, пӯст мекунем ва аз мобайн чуқур бо хатҳои дандонадор мебурем. Сабзавоти буридаро ду қисм мекунем, ки ниҳоят шакли гул мешавад.

Рустаниҳои буттагӣ ҳам барои ороиш хеле мувофиқанд. Пиёзи сабзро ҳалқавор бурида, ба ду ҳисса тақсим мекунем ва ба паҳлу ё болои хӯриш гузошта, ҳар ҷо - ҳар ҷо гулҳои аз бехпиёз, шалғамча ё помидор тайёрнамударо мегузорем, аз болояш кабудии резакарда мепошем. Дар ороиши хӯриш аз тухм низ хуб истифода мебаранд.

Аз тарафи омӯзгор маълумоти бештар оид ба тарз ва тариқи реза кардани сабзавот барои хӯриш баён карда шавад.



***Тарзи дастӣ реза кардани сабзавот***



***а б***

***Тартиби реза кардани сабзавот: а) асбобҳои сабзавотпоракунӣ;***
***б) шаклҳои резакунии сабзавот***

Хӯриш аз як ва ё чанд намуди сабзавоти тару тоза тайёр мешавад. Дар тайёр кардани хӯришҳои омехта, баробари сабзавоти тару тоза сабзавоти пухта, гӯшту тухми обҷӯш, чакка, нахӯди сабз ва ғайраро истифода мебаранд. Сабзавоти обпаз барои тайёр намудани хӯриш зарур аст. Онро бо пӯсташ пухта ва алоҳида-алоҳида реза карда, баъд бо дигар маҳсулот омехтан лозим аст. Дар акси ҳол хӯриш зуд турш мешавад. Барои тайёр кардани хӯриши омехта сабзавотро дар шакли чоркунҷаҳо ва тилимчаҳои ҳаҷмашон 1 см пора мекунанд. Хӯришҳои сабзавотии тару тозаро андаке пеш аз истеъмол бояд тайёр кард. Одатан, хӯришҳоро бо ҳар хел кабудӣ, помидору бодиринги ба шаклҳои гуногун бурида оро медиҳанд. Дар тайёр кардани таому хӯришҳо адвиёти гуногунро истифода мебаранд. Миқдори муайяни адвиёт хӯриш ва таомро болаззату хушбӯй ва хуштаъм мекунад. Адвиёт барои хӯришу таом инҳоанд: намаки ошӣ, мурчу қаламфур, қаламфури тунд, сирко, барги дарахти ғор, зира, зирк, кабудиҳо (кашнич, пиёзи кабуд, шибит, пудина, наъно ва ғайра).

Тухм масолеҳи қиматбаҳои таом мебошад. Дар таркиби он қариб ҳамаи моддаҳои зарурӣ мавҷуданд. Ҳамаи тухмро як вақт ба тӯрхалтаи филизӣ андохта ба дегчаи сирдори обаш ҷӯшида гузоред. Агар тухмро нимдунбул 2-4 дона пухтанӣ бошед, 3-5 дақиқа ва агар сахт пухтанӣ шавед, 8-10 дақиқа дар об ҷӯшонед. Тухми дар яхдон нигоҳ дошташударо ба оби ҷӯш намегузоранд, чунки он кафиданаш мумкин аст. Агар пӯсти тухм кафида бошад, онро дар оби шӯр мепазанд. Баъд аз пухтан тухмро ба оби хунук меандозанд, то ин ки

пӯсташ тез ҷудо ва ранги зардии тухм нигоҳ дошта шавад. Тухми пухта дар вақти давр занондан бисёр давр мезанад, тухми хом бошад, 1-2 давр мезанад.






***Навъҳои хӯриш***

**4. Мустаҳкамкунии мавзӯи нав:**

1. Кадом навъҳои хӯришро медонед?
2. Таркиби хӯришҳо аз чӣ иборат аст?
3. Тарзи реза кардани сабзавотро барои хӯриш гӯед.
4. Дар бораи сабзавот маълумот диҳед.
5. Ягон намуди хӯришро ба таври интихобӣ амалан тайёр кунед.

**5. Истифодаи усули Кластери сода**

Кластер (claster – хӯша, даста) усули гирдоварии андешаҳои хонандагон доир ба ягон мавзӯъ, мафҳум буда, дар шаклҳои гуногун тасвир меёбад. Ин усул аз тарафи мутахассиси проблемаҳои эҷодӣ Тони Бюзан кор карда шудааст. Ин усул имкон меди-ҳад, ки хонандагон барои фикр намудани мавзӯи дарпешистода сафарбар шаванд.

Мақсадҳои истифода бурдани усули Кластер: гирдоварии андешаҳои хонандагон; бунёди вазъияти ҷустуҷӯ; инкишофи малакаҳои баёни мухтасари фикр; омӯзиши роҳҳои гуногуни гирдоварии андешаҳо; пешниҳод кардани маълумотҳои иловагӣ; муайян кардани дониши хонандагон доир ба мавзӯъ.

**Масъала:** Сабзавотро бо кадом намудҳо реза мекунанд?




**6. Намуди хӯриш аз мева ва сабзавот**




**7. Кори амалӣ. Тайёр намудани хӯриш аз бодирингу помидор**

Аз тарафи омӯзгор қоидаҳои техникаи бехатарӣ ва санитарию гигиенӣ оид ба мавзӯъ назорат карда, аз ҷониби хонандагон риоя карда шавад.

Таҷҳизот: тахтача, корд, табақ барои омехтани хӯриш, табақчаҳои хӯришгирӣ, чангак ва зарфҳо.

Миқдори масолеҳ: 4-5 дона помидор, 3 дона бодиринг, 1 бандча пиёзи кабуд, мувофиқи табъ намаку мурч, зайтун, панири фаллагин (бринза).

**Қадамҳо:**

1. Бо ёрии омӯзгор хӯриш аз помидору бодиринг омода карда шавад;

2. Аз тарафи омӯзгор супориш дода шавад, ки оид ба хӯриш аз помидору бодиринг аз тарафи хонандагон маълумот дода шавад;

3. Миқдори масолеҳ аз тарафи омӯзгор муайян шуда, ба талаботи санитарию гигиенӣ риоя намуда, коркарди аввалияи сабзавот гузаронида мешавад;

4. Аз тарафи омӯзгор бодирингу помидор, панирчаи фаллагин интихоб карда, нимҳалқа ё чоркунҷашакл реза карда мешавад;

5. Коркарди аввалияи помидору бодирингро иҷро карда, онро реза мекунанд;

6. Ба маҳсулоти тайёркардашудаи хӯриш мувофиқи табъ намак, зайтун, панирчаи фаллагин, сабзавот андохта мешавад;

7. Хӯриши тайёршуда бо равғани рустанӣ, майонез, қаймоқ ё ҷурғот омехта карда мешавад;

8. Аз ҷониби омӯзгор ва хонандагон тарзи тайёр кардани хӯриши муайян карда, пурра тайёр шудани таом санҷида мешавад.

9. Ба хонандагони фаъол ҳангоми гузаронидани кори амалӣ аз тарафи омӯзгор баҳогузорӣ карда мешавад.



***Тайёр кардани хӯриш аз сабзавот «Наврӯзӣ»: а) тарзи пора кардани сабзавот; б) ороиши хӯриши сабзавот***

**8. Дарсро ҷамъбаст намуда, заҳмати хонандагонро қадрдонӣ кунед.**

**9. Арзёбӣ.** Дар рафти дарс фаъолияти таълимии хонандагонро мушоҳида намуда, дараҷаи ба салоҳиятҳо ноил гаштани онҳоро муайян кунед. Натиҷаҳои фаъолияти таълимии хонандагонро аз рӯйи савол ва супоришҳои зерин арзёбӣ карда метавонед. *(мувофиқи натиҷаи арзёбии мазкур ба хонандагон баҳои аъло, хуб, қаноатбахш ва ғайриқаноатбахш гузошта мешавад).*

| Фаъолият | Метавонад | Қисман метавонад | Наметавонад |
|---|---|---|---|
| Дар бораи тарз ва тариқи реза кардани сабзавот, хӯришҳо шарҳ дода метавонад? | | | |
| Раванди реза кардани сабзавот ва ороиши онро шарҳ дода метавонад? | | | |

| | | | |
|---|---|---|---|
| Эҳтиёткорона кор кардан ва муносибати хуб бо асбобу афзорҳоро риоя карда метавонад? | | | |
| Ҳангоми иҷрои кори амалӣ техникаи бехатариро риоя карда метавонад? | | | |
| Ҳангоми реза кардани сабзавот сарфакориро риоя карда метавонад? | | | |
| Саломатии худро эҳтиёт карда, дар бораи тарзи ҳаёти солим маълумот дода метавонад? | | | |

## IV. РАВИШИ ДАРСИ ФАННИ ТЕХНОЛОГИЯ (ТАЪЛИМИ МЕҲНАТ) ДАР СИНФИ 5

Фанни технология (таълими меҳнат) дар синфҳои панҷум таълим дода шуда, таълими якҷояи фанни пештараи «таълими меҳнат»-ро дар бар мегирад.

Дар равиши дарси мазкур хонандагон ҳам расм мекашанд, коркарди маҳсулотро иҷро мекунанд, хӯрок, хӯриш, ширинӣ ва ғ. пухта, мувофиқи табъ ороиш медиҳанд, барои зимистонгузаронӣ маҳсулотро захира мекунанд, тарзҳои нигоҳдории маҳсулотро муайян менамоянд, маснуотро бурида, медӯзанд, ороиш медиҳанд, гулдӯзӣ (кашидадӯзӣ) менамоянд, ҳам дар заминаи ҳамон ашё таълими меҳнатро иҷро менамоянд. Яъне ҳар як дарс тахминан ба ду қисм тақсим мешавад: қисми аввал – маълумоти назариявӣ ва қисмати дуюм кори амалӣ ё баръакс. Вале мазмуни дарс ва тарзи ташкили он ба мавзӯъ вобаста аст. Яке аз вазифаҳои асосии омӯзиши фанни технология (таълими меҳнат) ин инкишоф додани образҳои бадеии хонандагон, ба меҳнат ва зебоиофарию зебопарастӣ ва ба эҷодкорӣ ҳидоят намудани онҳо мебошад. Фароҳам овардани шароити мувофиқ, муҳайё намудани асбобу маводди кор, дуруст, мақсаднок ва мунтазаму бошуурона ба роҳ мондани омӯзиши фанни технология (таълими меҳнат) хонандагонро ба машғулиятҳои амалии синфҳои минбаъда тайёр намуда, аз тадбирҳои аввалини таълими технология дар доираи муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ ба ҳисоб меравад. Инчунин, дар хонандагон одитарин малакаю маҳорати меҳнатӣ ва эҷодӣ ташаккул ёфта, ба корҳои амалӣ ба ҳаёт омода мешаванд. Вобаста ба малакаҳои меҳнативу эҷодӣ фанни мазкур ба даҳ самти зерин таксим карда шудааст:

-Интерйери ошхона
-Технологияи омода кардани хӯрокҳои миллӣ
-Захира кардани маҳсулоти хӯрокворӣ
-Унсурҳои матоъшиносӣ
-Касбу ҳунари миллӣ
-Унсурҳои мошиншиносӣ
-Технологияи чокбурӣ
-Лоиҳаи эҷодӣ
-Нигоҳубин ва таъмири либос
-Гигиенаи духтарон

## V. АРЗЁБӢ

Арзёбӣ раванди бонизомест дар таълим, ки барои муайян, таҳлил ва гирдоварии маълумот ва барои ноил гаштан ба мақсадҳои таълими дар барномаи фаннӣ зикршуда пешбинӣ шудааст.

Чунин хусусиятҳо арзёбӣ ва ҳисоботдиҳиро самаранок мегардонанд:

– бояд ба мақсади ташаккул ва ҷамъбаст истифода шавад;

– бояд доимӣ бошад (яъне мо набояд то охири мавзӯъ ё соли таҳсил интизор шавем, дар ин ҳолат барои тағйир ва такмил додани раванди таълим вақт намемонад);

– бояд ба мақсади таълимии дарс, ки дар асоси натиҷаҳои таълими стандарт ва барномаи таълим таҳия шудаанд, робитаи мушаххас дошта бошад;

– мувофиқ бошад (яъне супориши санҷишӣ бояд дониш ва малакаи мушаххасро арзёбӣ кунад. Масалан, мо барои санҷидани малакаи хондиши хонанда аз ӯ хоҳиш мекунем, ки матнро бо овози баланд хонад. Ин санҷиши мувофиқ нест, зеро он доир ба малакаи хондиш ва муайян кардани ғояи асосии матн маълумоти кофӣ дода наметавонад. Ин нукта хеле муҳим аст, зеро мақсади хондан, муайян намудани ғояи асосии матн аст) ;

– воқеӣ бошад (ин маънои онро дорад, ки мо тест ё санҷишро бо якчанд хонандаи дорои қобилияти якхела гузаронем, натиҷаи якхела ба даст меорем);

– дубора санҷида шавад (яъне, натиҷаи онро каси дигар низ санҷида тавонад. Масалан, агар санҷиши шифоҳӣ гузаронем ва ба хонанда баҳо гузорем. Агар ҳамон хонандаро шахси дигар санҷад, он гоҳ шояд хонанда баҳои дигар гирад);

– дар асоси ин меъёрҳо ба роҳ монда шаванд, ин метавонад дурустии онро таъмин созад;

– методҳои гуногуни арзёбӣ истифода шаванд (мо набояд танҳо ба санҷиши шифоҳӣ қонеъ шавем);

– қобилияти аксари хонандагонро ба эътибор гирад (тестҳо тарзе таҳия шаванд, ки барои хонандаи сустхон ва аълохон маълумоти кофӣ пешниҳод намоянд);

– усулҳои баробариро риоя кунад (воситаҳои арзёбӣ бояд хоҳиши гурӯҳи алоҳидаро инъикос накунад).

Барои таъмини пайдарпай ва истифодаи самараноки вақт омӯзгор бояд арзёбии умумиро ба роҳ монад. Ин чунин маъно дорад:

– роҳбарони иттиҳодияҳои методии фаннӣ якҷоя бо омӯзгорон бонки воситаҳои арзёбиро таҳия карда, аз он дар мавриди лозима истифода бурда метавонанд;

– дурустӣ ва мувофиқатии воситаҳоро омӯзгорон метавонанд якҷоя санҷанд ва натиҷаҳои санҷишҳоро муқоиса намоянд;

– натиҷаи санҷиши ҷамъбастиро роҳбарони иттиҳодияҳои методӣ ва муовини директор ҷамъ оварда, таҳлил мекунанд ва инкишофи тамоми мактабро нисбат ба натиҷаҳои таълими барномаи мазкур муқоиса менамоянд.

Аслан роҳбарони иттиҳодияҳои методӣ бояд маълумотро доир ба ноил гаштани хонандагон ба натиҷаҳои таълим таҳлил карда, дар асоси таҳлилҳои мазкур муайян намоянд, ки кадом натиҷаҳои таълим ба даст оварда нашудаанд ва ба кадом омӯзгор ёрии методӣ ва маводди иловагии таълим зарур аст.

Комёбиҳои дониш, малакаю маҳоратҳои хонандагон оид ба фанни технология (таълими меҳнат) тавассути тестҳо ва таҳлили фаъолияти мустақилонаи онҳо, сифати кори иҷрокарда арзёбӣ карда мешаванд.

1. Тест (саволнома). Талабот ба гузарондани санҷиш:

саволҳои пурсишнома дар доираи маводди барномаи таълим бошад;

супоришҳо танҳо маводди омӯхтаи фанро фаро гиранд;

тарзи ифодаи саволҳо ба хонандаҳо фаҳмо ва дастрас бошад;

пурсишнома мунтазам гузаронида шавад, то ки хонандагон ба талаботи он одат кунанд.

2. Фаъолияти кори мустақилонаи хонандагон бояд ба талаботи зерин ҷавоб диҳанд:

маҳорати истифодаи воситаҳои меҳнат;

ба назар гирифтани ороиш, рӯшноӣ, тобишу шинами рангҳо;

муҳайё намудани асбобу маводди кор;

риояи қоидаи бехатарӣ;

сарфаю сариштакорона истифода бурдани маводди зарурӣ;

муайян намудани ченаки маснуоти сохташаванда ва ашёи тасвиршаванда, маснуоти пухташаванда ва дӯхташаванда;

коршоямии маснуоти сохташаванда, дӯхташаванда;

дуруст баҳо додан ба натиҷаи меҳнати худ ва дигарон.

Барои муайян намудани дараҷаи ба даст овардаи салоҳияти хонанда аз фанни технология (таълими меҳнат) дар давоми сол (дар аввали сол, рейтингҳои 2,3,4; нимсолаи 1; нимсолаи 2; ҷамъбасти сол) санҷишҳо гузаронида мешаванд. Санҷишҳоро дар шаклҳои гуногун гузаронидан мумкин аст: шифоҳӣ, тестҳо, хаттӣ ва амалӣ (эҷод, ё иҷро намудани ягон амал) ва ғайра. Воситаҳои арзёбӣ бояд мақсадҳои таълимии банақшагирифташударо инъикос кунанд.

Дар арзёбӣ намудани салоҳияти хонанда "Портфолио"- и ӯ нақши хеле калонро дорад. Дар вақтҳои охир дар муассисаҳои таълимии ҷумҳурии мо чунин таҷриба анъана шуда истодааст, ки бунёди ҷузви (портфолио) комёбиҳои таълимии шахсии хонандагонро пешниҳод мекунад. Ҳар сол шумораи муассисаҳое, ки фаъолона ба ҷамъоварии комёбиҳо барои бунёди чунин портфолио зиёд шуда истодааст. Дар анъанаҳои таҳсилоти ғарб чунин таҷриба кайҳо истифода мешавад ва мафҳуми "портфолио" ин равандро инъикос мекунад. Портфолио яке аз ғояҳои асосии таҳсилоти даҳсолаи охир қабул шудааст. Чунин қарор мавҷуд аст, ки мактаби асри XXI - ин "мактаби портфолио" мебошад. Аз ин лиҳоз, ғояи портфолио ҳамчун унсури навкунии (модернизатсия)-и таҳсилоти мактаб ва умуман таҳсилот, ки дар тамоми ҷаҳон паҳн шудааст, баромад мекунад. Мафҳуми навкунӣ (модернизатсияи таҳсилот) чиро дар бар мегирад ва бо кадом роҳ амалӣ мешавад? Низоми таҳсилот дар ин ҳолат дар намуди низоми таҳсилоти яклухт, ки дарякҷоягии бо ҳамаи низоми тағйирёбанда, ки ба тамаддуни муосир ва ҳамаи доираи ҳаётиро дар бар мегирад, инкишоф меёбад. Бунёди ҷаҳони меҳнат вобаста ба шароитҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ. Симои зоҳирии портфолио аз тахайюлот ва қобилиятҳои эҷодӣ ва маҳорати хонандагон вобастагӣ дорад. Портфолио мумкин аст дар намуди ҷузвдон, карточка, қуттӣ ё чизи дигар ороиш дода шавад. Дар ин ҷо, хонандагон озодона худашон метавонанд бо захираҳои зеҳнӣ ва эҷодии худ идора кунанд ва ташаббуси мустақилона зоҳир кунанд, ки дар ин кор фақат маъқул дониста мешавад. Фақат ба як талабот диққат додан лозим аст - ин мувофиқ будани нигоҳдорӣ ҳангоми бунёди чунин портфолио. Мазмуни асосии портфолио аз чӣ иборат мебошад? Дар он, ки мақсади портфолио "нишон додани ту чӣ қобилият дорӣ" ин чунин шиор мебошад, ки хонанда ҳангоми бунёди портфолио ташаббускор бояд бошад. Мафҳуми "портфолио" муайянкунандаи зиёди гуногун дорад, ки ҳангоми ин раҳнамои муайяни гузариш ба ин муайянкунанда дорад.

1. Портфолио ҳамчун тарз, ки комёбиҳои шахсии хонандаро дар ин ё дигар давраи таълими ӯ қайд карда мешавад, ҷамъ карда мешавад ва баҳогузорӣ карда мешавад. Портфолио ба дараҷаҳои "аутентӣ" (саҳеҳ), яъне ҳақиқӣ, ки ба баҳогузорӣ наздик мебошад. Дар ин ҷо баҳо фардӣ кунонида мешавад. Портфолио ба баҳогузорӣ аз рӯйи нуқтаи назари аслии баҳо ва худбаҳодиии хонандагон муайян карда мешавад.

2. Портфолио ҳамчун папкаи файлии корӣ, ки маълумоти гуногуни малака ва қомёбиҳои хонандагонро гирд овардааст, ҳуҷҷат карда шудааст.

3. Мақсади портфолио ба ҳисоби аз тарафи хонандагон дар фаъолияти такмилӣ, иҷтимоӣ, коммуникативӣ, эҷодӣ натиҷа мегирад, нигаронида шудааст. Он унсури асосии муносибат ба раванди таҳсилот ба ҳисоб меравад. Аз ҳама асосӣ инъикоси комёбиҳои шахсӣ бидуни фаъолияти таҳсилотӣ барои хонандагони зирак, боистеъдод, ки вазъияти фаъолро ишғол мекунанд".

Мафҳуми "портфолио" модели баҳогузории ҳақиқӣ мебошад, ки дар дараҷаи калон, назар ба баҳогузории анъанавӣ барои зоҳир намудан: (расми 1)

П
О
Т
Р
Ф
О
Л
И
О

Муаммо дар тайёрӣ

Ба таври объективӣ мавҷуд будан ба дараҷаи соҳибшавӣ

Дараҷаи инкишофи фаъолияти фикрӣ

Муҳокимаҳо дар азхудкунӣ

Дараҷаи ташаккулёбии маҳорат, такмилдиҳии онҳо

Роҳиислоҳи раванди таълим

Сабабҳои мусбии таълим

Шавқ ба фан

Гуфтаҳои дар боло қайдкардашударо ба назар гирифта, чунин хулоса кардан мумкин аст, ки портфолио на фақат шакли баҳодиҳии муосир, балки чунин вазифаҳои асосиро ҳал мекунад:

*Вазифаҳои портфолио*

**Дастгирии сабабияти баланди таълими хонандагон;**

**Баланд бардоштани мақоми кӯдак дар оила;**

**Ташаккули маҳорати умумӣ, таълимӣ ва малака ҳамчун воситаи баланд бардоштани маданияти меҳнати фикрӣ;**

**Барои фаъолнокӣ ва мустақилӣ ҳавасманд мекунад;**

**Васеъ гардонидани имкониятҳои таълим ва худтаълим;**

**Инкишофи малакаи фаъолияти рефлексивӣ ва баҳодиҳии (худбаҳодиҳӣ) хонандагон;**

**Ба фардикунонӣ ва касбикунонии таҳсилнокии хонандагон ёрӣ мекунад;**

**Ташаккули маҳорати хонандагон: гузоштани мақсад, банақшагирӣ ва ташкилӣ фаъолияти таълимии фардӣ;**

**Тарбия намудани чунин сифатҳои шахсӣ: ростқавлӣ, бомақсад будан, устуворӣ дар комёбӣ ва ғайра;**

**Барои бомуваффақият худамалигардонӣ имконият медиҳад.**

Портфолио ба таври анъанавӣ интихоби маҷмӯи корҳо бо мақсади намоиши комёбиҳои хонандагон ба ҳисоб меравад. Портфолио тарзи имконпазири баҳодиҳӣ нисбат аз шакли имконпазири баҳодиҳии анъанавӣ ба ҳисоб меравад, ба монанди тест ё имтиҳон.

**Портфолио аз ҳисоби васеъ гардидани иқтидори функсияҳои таълимии мониторинги педагогӣ ба он чунин имкониятҳо пешниҳод мекунад:**

зоҳир намудани камбудӣ; фарқи донистан аз надонистан дар раванди ҳимояи портфолио, ки аз рӯйи чунин меъёрҳо ба амал меояд;

| а) | б) | в) | г) | ғ) | д) |
|---|---|---|---|---|---|
| даќи-ќӣ | мантиқи баёни мавод дар портфолио | мавҷуд будани ҳамаи корҳо, ки аз рӯйи бахш ба нақши гирифта шудааст | инъикоси ҷойи шахсии хонанда (худтаҳлилкунӣ аз рӯйи мавзӯъ) | ҳақиқӣ будани корҳои эҷодӣ ва муносибати креативӣ ба раванди ҳалли муаммо | ҷавоби салоҳи-ятнок додан ба саволҳои рафиқон аз рӯйи мавзӯи омӯзишӣ |

2) таъминот ҳангоми ба вуҷуд омадани мушкилиҳо дар баҳодиҳӣ ба комёбиҳои фардии хонандагон дар чунин методи корҳои коллективӣ, чун лоиҳакашӣ ва ҳамкории робитаи баръакс (аз хонанда ба омӯзгор)

3) сабабият, ки ба зарурият ва фоиданок будани мониторинг меоварад, ба худи хонанда, чунон, ки дар натиҷаи худбаҳодиҳии доимӣ ва худназораткунии хонандагон дониши худро такмил диҳанд, онҳо ба як системаи муайян мубаддал мешавад ва ба инкишофи тафаккур ва хотира мусоидат мекунанд.

4) мониторинги шахсӣ ба раванди таълим дар ташкили машғулият ва азхудкунии мавод маҳсулнок мешавад.




Хулоса, вазифаҳои асосии портфолио ин баҳодиҳии комёбиҳо, таҳсилоти он ва пурра намудани (ё иваз кардан) натиҷаҳои тестӣ ва дигар мониторингҳои шакли анъанавӣ; ҳуҷҷати ҷамъбастии портфолио монанди (аналог) аттетстати ӯ монанди шаҳодатнома дар бораи натиҷаи тест; назорати инкишофи фардии хонандагон дар раванди гирифтани таҳсилот, ки бо комёбиҳои дигар хонандагон муқоиса карда нашудааст.

**Арзёбии ҷамъбастӣ**

Вобаста ба хусусиятҳои хоси фанни технология (таълими меҳнат), ки се тарзи асосии кор (иҷрои амал, эҷод, арзёбӣ)-ро дар бар мегирад, намудҳои назорат ҳам аз рӯйи ҳамин се самт ба роҳ монда мешавад.

**<u>Истифода ва асосҳои коркарди мавод:</u>** вобаста ба синф (синну сол) донистан ва баъзе воситаи технологӣ истифода бурда метавонад.

**<u>Муносибати эҷодкорона дар меҳнат:</u>** вобаста ба синф (синну сол) дар доираи мавзӯъҳои маҳдуд ғояи навро пайдо карда метавонад.

**<u>Интихоби касб:</u>** вобаста ба синф (синну сол) доир ба баъзе касбҳо маълумот дода метавонад.

**<u>Асосҳои тарбиявӣ:</u>** вобаста ба синф (синну сол) хусусиятҳои тарбиявии фанро дарк карда, баъзе унсурҳои онро дар амал татбиқ карда метавонад.

**Намунаҳои арзёбӣ**




Вобаста ба синф (синну сол) донистан ва истифода бурдани баъзе воситаи технологӣ (компютер, асбобҳои дуредгарӣ, челонгарӣ, асбобҳо барои кандакорӣ дар чӯб ва ғ...).

Ин самт бештар ба дуруст истифода бурда тавонистани баъзе воситаҳои технологӣ инчунин, донистан дар бораи вазифаи онҳо равона шудааст.

Барои арзёбӣ намудани ин самт чунин усулҳоро истифода бурдан мумкин аст:

**<u>Усули "Супориш"</u>**. Хонанда супоришҳои гуногунро мустақилона иҷро менамояд.

Масалан:

1. Мувофиқи хоҳиши худ лоиҳаи эҷодиро тартиб диҳед.
2. Пешдомани дӯхташударо ороиш диҳед.
3. Тарзи омода кардани хӯрок аз сабзавотро интихобан муайян намуда, онро амалан иҷро намоед.
4. Мувофиқи хоҳиши худ хӯроки якумро интихоб намуда, онро пазед ва мизро ороиш диҳед ва ғ...

**<u>Усули "Тест":</u>** Хонанда ба саволҳо ҷавоби хаттӣ медиҳад.

Масалан:

**1. Он фазои ошхона буда, бо асбобу анҷоми мураттаб оро дода шудааст, чӣ меноманд?**

а) интерйери ошхона
б) интерйер
в) интерйери хонаи меҳмон

**2. Вазифаи хӯрокпазиро киҳо иҷро мекунанд?**

а) ошпазҳо
б) пешхизматон
в) қаннодон

**3. Мақсади консервонӣ ва очоронидани сабзавот?**

а) муддати зиёд нигоҳ доштан

б) беҳтар шудани тамъи сабзавот
в) аз хунукӣ нигоҳ доштан

**4. Аввалин наххое, ки одамон истифода мебурданд, кадомҳо буданд?**
а) сӯзгиёҳ ва канабӣ
б) пахтагӣ ва сӯзгиёҳ
в) катонӣ ва канабӣ

**Усули “Шифоҳӣ”.** Хонанда ба саволҳои омӯзгор шифоҳӣ ҷавоб медиҳад.
Масалан, омӯзгор ашёро нишон дода, аз хонанда ном ва вазифаи онҳоро мепурсад.

**Муносибати эҷодкорона дар меҳнат**

Вобаста ба синф (синну сол) дар доираи мавзӯъҳои маҳдуд эҷод карда тавонистани ғояҳои навро шарҳ дода тавонистани он.

| |
|---|
| Ин самт бештар ба эҷод карда тавонистани баъзе ғояҳои нав инчунин, шарҳ дода тавонистани он равона шудааст, на ба дуруст истифода бурда тавонистани воситаҳои технологӣ). Дар ин ҷо муҳим эҷод ва кашф карда тавонистани баъзе ғояҳои нав мебошад. |

Барои арзёбӣ намудани ин самт чунин усулҳоро истифода бурдан мумкин аст:
**Усули “Кори амалӣ”** Пухтани хӯроки карами дампаз бо гӯшт (хӯроки дуюм)
Аз тарафи омӯзгор қоидаҳои техникаи бехатарӣ ва санитарию гигиенӣ оид ба мавзӯъ назорат карда, аз ҷониби хонандагон риоя карда шавад.
**Қадамҳо:**
1. Бо ёрии омӯзгор таоми карами дампаз бо гӯшт омода карда шавад;
2. Аз тарафи омӯзгор супориш дода шавад, ки оид ба тарзи тайёр кардани хӯроки дуюм аз тарафи хонандагон маълумот дода шавад;
3. Миқдори масолеҳ аз тарафи омӯзгор муайян карда, ба талаботи санитарию гигиенӣ риоя намуда, коркарди аввалияи сабзавот гузаронида мешавад;
4. Аз тарафи омӯзгор маҳсулоти зарурӣ интихоб карда, мутобиқи талабот маҳсулот реза карда мешавад;
5. Коркарди аввалияи маҳсулоти хӯроки дуюм иҷро карда шавад;
6. Бонавбат махсулоти омодакардаро ба дег андохта, мҳлати пухтани хӯроки дуюм риоя карда шавад;
7. Карами тару тозаро шуста, ба 4 ҳисса тақсим карда, пӯсти сахташ гирифта шавад;
8. Гӯшти тозаи лаҳми гӯсфандро тоза шуста, майда реза карда шавад;
9. Дар равғани на он қадар зиёд бо пиёз, помидор ё қайлаи он бирён карда шавад;
10. Баъд камтар об, намак, адвиёт мувофиқи табъи худ андохта, то пухтанаш дам карда, дар оташи паст пухтанро давом диҳед;
11. Таоми тайёрро ба табақ кашида, ба болояш қайлаи помидор ва кабудӣ андохта ба миз диҳед.
12. Аз ҷониби омӯзгор ва хонандагон тарзи тайёр кардани карами дампаз бо гӯшт муайян карда, баъди пухта шудани хӯроки дуюм санҷида мешавад.
13. Ба хонандагони фаъол ҳангоми гузаронидани кори амалӣ аз тарафи омӯзгор баҳогузорӣ карда мешавад.
14. Ба он хонандае, ки дуруст бо риояи талаботи қоидаҳои техникаи бехатарӣ асбоб ва зарфҳоро дуруст истифода бурданд, баҳогузорӣ карда шавад.



***Раванди тайёр кардани карами дампаз бо гӯшт (хӯроки дуюм)***

**Интихоби касб**

Вобаста ба синф (синну сол) шарҳ дода тавонистани баъзе касбҳо, арзёбӣ карда тавонистани намунаҳои объекти меҳнат, кори худ ва дигарон.

| |
|---|
| Ин самт бештар ба қобилияти арзёбӣ карда тавонистан, инчунин шарҳ дода тавонистани намунаҳои объекти меҳнат, кори худ ва дигарон равона карда шудааст. |

Барои арзёбӣ намудани ин самт чунин усулҳоро истифода бурдан мумкин аст:

**Усули “Арзёбӣ намудани кори худ”.** Хонанда ба натиҷаи кори худ баҳо медиҳад, камбудиҳову бартариҳои худро ёфта, онро мегӯяд.

Масалан, хонанда ягон маснуот мебофад, хӯрок ё хӯриш тайёр менамояд, ё месозад, омода менамояд. Омӯзгор супориш медиҳад, ки хонанда ба кори худ баҳо диҳад ва онро шарҳ диҳад, сабабашро фаҳмонад, камбудиву бартариҳои худро ёбад.

**Усули "Арзёбӣ намудани кори дигарон".** Хонанда ба натиҷаи кори дигарон, намунаҳои маснуотҳои бофташдуда, хӯрок ва хӯришҳои тайёршуда, ба меҳнат баҳо медиҳад, муносибати худро нисбат ба он шарҳ медиҳад.

Масалан, хонанда кори ҳамсинфашро ё ягон намунаи маснуоти бофташуда, хӯрок ё хӯришҳои пухташударо мушоҳида карда, онро таҳлил менамояд ва камбудиву бартариҳои онро меёбад. Муносибати худро нисбат ба он шарҳ медиҳад, яъне мегӯяд, ки ба вай писанд омад, ё не ва сабабаш дар чист.

**Асосҳои тарбиявӣ**

Вобаста ба синф (синну сол) шарҳ дода тавонистани баъзе касбҳо, ва сифатҳои шахсият, ки ба мавзӯи мазкур мувофиқ аст.

| |
|---|
| Ин самт бештар ба хусусиятҳои шахсияти хонанда ва қобилияти онҳоро арзёбӣ карда тавонистан, инчунин шарҳ дода тавонистани намунаҳои объекти меҳнат, кори худ ва дигарон равона карда шудааст. |

Барои арзёбӣ намудани ин самт чунин усулҳоро истифода бурдан мумкин аст:

**Намунаи арзёбии самти асосҳои тарбия**

Дар ҷараёни дарс фаъолияти таълимии хонандагонро мушоҳида намуда, дараҷаи ба салоҳиятҳо ноил гаштани онҳоро муайян кунед. Натиҷаҳои фаъолияти таълимии хонандагонро аз рӯйи савол ва супоришҳои зерин арзёбӣ карда метавонед *(мувофиқи натиҷаи арзёбии мазкур ба хонандагон баҳои аъло, хуб, қаноатбахш ва ғайриқаноатбахш гузошта мешавад).*

| Фаъолият | метавонад | қисман метавонад | наметавонад |
|---|---|---|---|
| Қобилияти таҳлилии худро инкишоф дода метавонад? | | | |
| Ҳангоми ба кор омода кардани таҷҳизоти техникӣ ба қоидаҳои бехатарӣ риоя карда метавонад? | | | |
| Ба тозагӣ ва батартиб гузоштани асбобҳо риоя карда метавонад? | | | |
| Ба покизагӣ дар раванди тасвири нақша барои гулдӯзӣ (кашидадӯзӣ) риоя карда метавонад? | | | |

**Талабот ба гузарондани санҷиш:**

– санҷиш бо мақсади ташаккул додани хонанда гузаронида шавад, на барои маҳдуд намудани ӯ

– саволҳои тест дар доираи муайян намудани рушди салоҳиятҳо ва нишондиҳандаҳо бошад;

– супоришҳо танҳо маводди омӯхтаи фанро дар бар гиранд;

– тарзи ифодаи саволҳо ба хонандагон фаҳмо ва дастрас бошанд.

| |
|---|
| Ин фан бештар бо мақсади ташаккул додани меҳнатпарастӣ ва бедор кардани шавқи эҷодкорӣ равона карда шудааст ва дар арзёбӣ намудан ҳам, ин мақсадҳо бояд чун замина барои таҳия намудани саволу супоришҳо қабул карда шаванд. |

**Нақшаи тақвимӣ**

**Фанни технология (таълими меҳнат) барои синфи 5**

**(ҳафтае 1 соат. Ҳамагӣ 34 соат)**

| Номгӯйи мавзӯъҳо | миқдори соат | Сентябр | Октябр | Ноябр | Декабр | | Феврал | Март | Апрел | Май | Июн |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **Нимсолаи якум** **Рейтинги 1** | | | | | | | | | | | |
| Интерйери ошхона ва хонаи хӯрокхӯрӣ | 1 | | | | | | | | | | |
| Технологияи пухтани хӯрокҳои миллӣ | 1 | | | | | | | | | | |
| Аҳамияти сабзавот барои организми одам ва таркиби ғизоии он | 1 | | | | | | | | | | |
| Навъҳои сабзавот | 1 | | | | | | | | | | |
| Мафҳуми коркарди гарми сабзавот | 1 | | | | | | | | | | |
| Тарз ва тариқи реза кардани сабзавот | 1 | | | | | | | | | | |
| Одоби нишастан дар сари дастархон | 1 | | | | | | | | | | |
| Ороиши дастархон барои хӯрок. Ороиш ва гузоштани асбобҳо ба дастархон | 1 | | | | | | | | | | |
| Тарзи омода кардани хӯроки якум аз сабзавот | 1 | | | | | | | | | | |
| Ҳамагӣ | 9 | | | | | | | | | | |
| **Нимсолаи 1** **Рейтинги 2** | | | | | | | | | | | |
| Хӯрокҳои дуюм аз сабзавот | 1 | | | | | | | | | | |

| | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Хӯроки дуюми хӯришаш аз сабзавот | 1 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| Захира кардани маҳсулоти хӯрокворӣ, консервонӣ ва очоронии сабзавот | 1 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| Технологияи омода кардани матоъ | 1 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| Хосияти матоъҳои пахтагӣ ва катогӣ | 1 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| Технологияи корҳои дастӣ-дарзҳои дастӣ | 1 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| Маълумоти мухтасар дар бораи таърихи гулдӯзӣ (кашидадӯзӣ) | 1 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| Дӯхтани кӯки зарбӣ | 1 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| Ҳамагӣ | 8 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| **Нимсолаи 2**<br>**Рейтинги 3** | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| Таъйинот ва сохти мошини дарздӯзии дастӣ | 1 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| Қоидаи ба кор омода кардани мошини дарздӯзӣ | 1 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| Усулҳои кор бо мошини дарздӯзӣ | 1 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| Банақшагирии либоси махсус бо унсурҳои амсиласозӣ | 1 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| Кашидани тарҳи маснуот | 1 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |

| | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Омода кардани андоза ва сохтани қолаб | 1 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| Технологияи чокбурӣ ва дӯхтани либоси махсус | 1 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| Барои дӯхтан омода кардани ҷузъҳои буридашуда | 1 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| Технологияи дӯхтани пешдоман | 1 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| Ҳамагӣ | 9 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| Нимсолаи 2<br>Рейтинги 4 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| Дӯхтани камарбанд ё миёнбанд (тасма) | 1 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| Дӯхтани киса | 1 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| Пурра дӯхтани маснуот | 1 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| Технологияи дӯхтани остинчаи нонпазӣ | 1 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| Лоиҳаи эҷодӣ. Дӯхтани болиштча барои диван | 1 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| Ҳисоби иқтисодӣ | 1 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| Таъмири либос | 1 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| Тарзи шустани мӯй ва кашидани ӯсма | 1 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| Ҳамагӣ | 8 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| **Ҷамъи умумӣ** | 34 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| **Ҳафтаҳо** | | 1 | 2 | 3 | 4 | 5 | 6 | 7 | 8 | 9 | 10 | 11 | 12 | 13 | 14 | 15 | 16 | 17 | | 18 | 19 | 20 | 21 | 22 | 23 | 24 | 25 | 26 | 27 | 28 | 29 | 30 | 31 | 32 | 33 | 34 |

## ДАРСИ 1

## МАВЗӮЪ: ИНТЕРЙЕРИ ОШХОНА ВА ХОНАИ ХӮРОКХӮРӢ

**Барнома:** Маълумот дар бораи интерйер, ҷиҳози ошхона, хелҳои манқал. Рангҳои ҷиҳози ошхона ва интихоби рангҳои ҷиҳози ошхона, хелҳои парда, ҷиҳози хонаи хӯрокхӯрӣ.

**Салоҳиятҳо:**

- Баъзе воситаҳои технологиро истифода бурда метавонад;
- Дар доираи мавзӯъҳои маҳдуд ғояи навро пайдо карда метавонад;
- Доир ба баъзе касбҳо маълумоти сода дода метавонад;
- Хусусиятҳои тарбиявии фанро дарк карда, баъзе унсурҳои онро дар амал татбиқ карда метавонад.

**Мақсадҳои дарс:**

- Интерйери ошхона ва оро додани онро шарҳ дода тавонад;
- Ҷобаҷогузории таҷҳизот ва ороиши ошхонаро шарҳ дода тавонад;
- Баъзе ҷобаҷогузории таҷҳизоти ошхонаро эҷодкорона иваз карда, таъйиноти онро дигар карда тавонад;
- Оид ба талаботи санитарию гигиенӣ дар ошхона ва хонаи хӯрокпазӣ маълумот дода тавонад;
- Хусусиятҳои эстетикии интерйери ошхонаро шарҳ дода, онро арзёбӣ карда тавонад.

**Таҷҳизоти зарурӣ:** китоби дарсӣ, овезаҳо вобаста ба интерйери ошхона, интерйери ошхонаи утоқи муассисаи таълимӣ.

**1. Методикаи таълим:** Ҳангоми банақшагирии дарс аз тавсияҳои зерин истифода бурда метавонед.

1. Ташкили дарс: Дар ин марҳала корҳои зерин ба роҳ монда мешавад:

Тайёр намудани маводди хониш;

Ҳозир-ғоиб кардани хонандагон;

Омода намудани хонандагон ба дарс.

**2. Такрори дарси гузашта:** Дарсро аз гузоштани масъала оғоз намоед. Бо саволҳои зерин ба хонандагон муроҷиат намоед:

1. Фикри шумо оид ба мафҳуми «Интерйер» ва «Манқал»
2. Вазифаи ошхона дар замон муосир.
3. Таҷҳизоти зарурии барои ошхонаро номбар кунед.

**3. Шиносоӣ бо мазмуни мавзӯъ:** Оид ба интерйери ошхона ва хонаи хӯрокхӯрӣ суҳбат гузаронида, дар бораи вазифаи ошхонаи муосир, қоидаи дуруст ба роҳ мондани кор дар ошхона, ҷобаҷогузории таҷҳизоти ошхона, ороиши ошхона, мебели ошхона, гигиенаи ошхона ва хонаи хӯрокхӯрӣ, намудҳои манқал, фарқи байни манқали барқӣ ва газӣ, талаботи санитарию гигиенӣ дар ошхона ва хонаи хӯрокпазӣ шарҳ дода мешавад.

Ҷиҳоз (интерйер)-и ошхона фазои дохилии ошхона мебошад, ки бо асбобу анҷоми мураттаб оро дода шудааст. Матбах гуфта ошхона ва ё хонаи хӯрокхӯриро меноманд. Матбах дар хонаҳои замонавӣ аз рӯйи таъйинот ва истифода якчанд вазифаро иҷро мекунад. Дар матбах ғайр аз хӯрокпазӣ, боз дигар корҳои рӯзғор, ба монанди дарзмолкунӣ, дарздӯзӣ ва корҳои хурди гуногуни хоҷагӣ низ иҷро карда мешаванд. Вобаста ба таъйинот ва таҷҳизоту истифода матбахҳо махсус барои таомпазӣ ва ҳам барои таомпазию таомхӯрӣ мешаванд. Дар матбахе, ки ҳам ҷойи хӯрокпазӣ ва ҳам ҷойи

таомхӯрӣ аст, бояд барои дар як вақт якҷоя хӯрок хӯрдани аҳли оила мизи хӯрокхӯрӣ гузошта шавад.

Дар матбах ҳар як ҷиҳози он бояд ҷой ва макони аниқи худро дошта бошад. Аз ин рӯ, ҷобаҷогузории ашёи матбах тартиби муайян дорад. Таҷҳизоти матбахро ба тартиби зерин гузоштан ба мақсад мувофиқ аст: яхдон, ҷойи зарфшӯйӣ, девони корӣ, миз, манқали (плитаи) газӣ ё барқӣ, мизи хӯрокхӯрӣ.

1. Пеш аз даргирондани манқал аввал калидакҳоро ҳатман муоина карда, ошхонаро шамол диҳед.

2. Манқалро тавре даргиронед, ки алангааш баробар ва кабуд бошад.

3. Пас аз ба ҷӯш омадани хӯрок алангаро пасттар кунед.

4. Манқали даргирондаро бе назорат нагузоред.

5. Манқали барқиро дар ҷойи ба оташ тобовар бояд гузошт.

6. Пеш аз васл кардани манқал симашро аз назар гузаронед.

7. Чангаки калиди барққушои манқал ва мурватҳои чангак бояд то охир даромада бошанд ва ҳатман бо дасти хушк васлу қатъ бояд кард.

8. Пас аз анҷоми кор қатъ кардани манқалро зинҳор фаромӯш накунед.



***Интерйери ошхонаи муосир***

**4. Мустаҳкамкунии мавзӯи нав:**

1. Кадом қоидаҳои тоза нигоҳ доштани ошхонаро медонед?

2. Чӣ хел мебелҳоро барои ошхона интихоб бояд кард?

3. Тарзи ҷобаҷогузории таҷҳизоти матбахро дар синфхонаи асосҳои касбу ҳунар амалан иҷро намоед.

4. Кадом намуди масолеҳи тозакуниро дар матбах истифода мебаранд, баён кунед.

5. Дар нигоҳубини матбах ба модаратон чӣ тавр ёрӣ мерасонед, гуфта диҳед.

**5. Истифодаи усули Чархи ақидаҳо**

Ба интерйери ошхона ва хонаи хӯрокхӯрӣ чиҳо доҳил мешаванд?



**6. Кори амалӣ:** Иҷрои тарзи ҷобаҷогузории таҷҳизоти ошхона дар синфхонаи технология (таълими меҳнат)

Аз тарафи омӯзгор қоидаҳои техникаи бехатарӣ ва санитарию гигиенӣ оид ба мавзӯъ назорат карда, аз ҷониби хонандагон риоя карда шавад.

**Қадамҳо:**

1. Аз тарафи омӯзгор хонандагон ба ду зергурӯҳ ҷудо карда мешавад;
2. Супориш дода шавад, ки ҳар як зергурӯҳ бонавбат таҷҳизоти ошхонаи технология (таълими меҳнат)-ро ҷобаҷо гузоранд;
3. Аз тарафи омӯзгор вақти муайян дода шавад;
4. Ба зергурӯҳе, ки дуруст ва дар вақти ҷудошуда таҷҳизоти ошхонаро ҷобаҷо гузошт, ғолиб дониста шавад.
5. Ба зергурӯҳе, ки мағлуб омад, бояд хатогӣ сари вақт аз тарафи омӯзгор ислоҳ карда, дурустии он бори дигар шарҳ дода шавад.

**7. Дарсро ҷамъбаст намуда, заҳмати хонандагонро қадрдонӣ кунед.**

**8. Вазифаи хонагӣ:**

**Арзёбӣ:** Дар рафти дарс фаъолияти таълимии хонандагонро мушоҳида намуда, дараҷаи ба салоҳиятҳо ноил гаштани онҳоро муайян кунед. Натиҷаҳои фаъолияти таълимии хонандагонро аз рӯйи савол ва супоришҳои зерин арзёбӣ карда метавонед. *(мувофиқи натиҷаи арзёбии мазкур ба хонандагон баҳои аъло, хуб, қаноатбахш ва ғайриқаноатбахш гузошта мешавад).*

| Фаъолият | Метавонад | Қисман метавонад | Наметавонад |
|---|---|---|---|
| Дар бораи интерйери ошхона ва оро додани он шарҳ дода метавонад? | | | |
| Оид ба ҷобаҷогузории таҷҳизот ва ороиши ошхона шарҳ дода метавонад? | | | |
| Баъзе ҷобаҷогузории таҷҳизоти ошхонаро иваз карда, таъйиноти онро дигар карда метавонад? | | | |
| Оид ба талаботи санитарию гигиенӣ дар ошхона ва хонаи хӯрокпазӣ маълумот дода метавонад? | | | |
| Хусусиятҳои эстетикии интерйери ошхонаро шарҳ дода, онро арзёбӣ карда метавонад? | | | |

## ТЕСТ
## БОБИ I

**1. Он фазои ошхона ки, бо асбобу анҷоми мураттаб оро дода шудааст, чӣ меноманд?**
а) интерйери ошхона
б) интерйер
в) интерйери хонаи меҳмон

**2. Дар ошхонае, ки ҳам ҷойи хӯрокпазӣ ва ҳам ҷойи хӯрокхӯрӣ ҳаст, чӣ бояд гузошта шавад?**
а) мизи хӯрокхӯрӣ
б) қошуқ
в) дару тиреза

**3. Масофаи байни таҷҳизоти асосӣ ва девори муқобил бояд аз чанд см кам набошад?**
а) 110 см

б) 113 см
в) 100 см

**4. Таҷҳизоти дар кунҷи байни 2 девори ба ҳамдигар амудӣ ҷойгирифтаро чӣ меноманд?**
а) ҷобаҷогузории кунҷӣ
б) ҷобаҷогузории амудӣ
в) ҷобаҷогузории уфуқӣ

**5. Агар деворҳои ошхона то чанд метр баланд бошанд, онҳоро ранг кардан мумкин аст?**
а) 2,5-2,7
б) 1,7-2,4
в) 2,5-2,6

**6. Чанд намуди рӯбучин ва тоза нигоҳ доштани ошхона мавҷуд аст?**
а) 3 намуд
б) 1 намуд
в) нест

**7. Маъмултарин манқал кадом аст?**
а) манқали гази табиӣ
б) ҳамаи манқалҳо
в) манқали барқӣ

**8. Кадом намуди манқал норасоӣ дорад?**
а) манқали барқӣ
б) манқали газӣ
в) ягон манқал норасоӣ надорад.

**9. Поккории куллӣ дар 1 сол чанд маротиба бояд иҷро кард?**
а) аз 3 то 5
б) аз 2 то 4
в) аз 4 то 5

**10. Ҳавотозакунакро асосан ба болои чӣ насб мекунанд?**
а) плитаи газӣ ё барқӣ
б) ҷевон
в) яхдон

## ДАРСИ 2
## МАВЗӮЪ: ТЕХНОЛОГИЯИ ПУХТАНИ ХӮРОКҲОИ МИЛЛӢ

**Барнома:** Талаботи санитарию гигиенӣ ва ҳодисаҳои бехатарии меҳнат. Ташкили ҷойи корӣ.

**Салоҳиятҳо:**

- Баъзе воситаи технологиро истифода бурда метавонад;
- Дар доираи мавзӯъҳои маҳдуд ғоя пайдо карда метавонад;
- Доир ба баъзе касбҳо маълумоти сода дода метавонад;
- Хусусиятҳои тарбиявии фанро дарк карда, баъзе унсурҳои онро дар амал татбиқ карда метавонад.

**Мақсадҳои дарс:**

-Ҳунари хӯрокпазии тоҷиконро шарҳ дода тавонад;

-Тарзи дурусти нигоҳдории маҳсулоти дернапояндаро шарҳ дода тавонад;

-Баъзе ҷобаҷогузории зарфҳои ошхонаро иваз карда, таъйиноти онро дигар карда тавонад;

-Хусусиятҳои эстетикии ҳунари хӯрокпазии тоҷиконро шарҳ дода, онро арзёбӣ карда тавонад;

-Урфу одатҳои миллиро шарҳ дода, онро арзёбӣ карда тавонад.

**Таҷҳизоти зарурӣ:** китоби дарсӣ, овезаҳо вобаста ба технологияи пухтани хӯрокҳои миллӣ

**1. Методикаи таълим:** Ҳангоми банақшагирии дарс аз тавсияҳои зерин истифода бурда метавонед.

1. Ташкили дарс: Дар ин марҳала корҳои зерин ба роҳ монда мешавад:

Тайёр намудани маводди хониш;

Ҳозиру-ғоиб кардани хонандагон;

Омода намудани хонандагон ба дарс.

**2. Такрори дарси гузашта:** Дарсро аз гузоштани масъала оғоз кунед. Бо саволҳои зерин ба хонандагон муроҷиат намоед:

1. Оид ба ҷобаҷогузории таҷҳизот ва ороиши ошхона маълумот диҳед.
2. Гигиенаи ошхона ва хонаи хӯрокхӯрӣ чӣ гуна бояд бошад?
3. Талаботи санитарию гигиенӣ дар ошхона ва хонаи хӯрокхӯрӣ кадомҳоянд?
4. Намудҳои манқалро номбар кунед.

**3. Шиносоӣ бо мазмуни мавзӯъ:** Оид ба технологияи пухтани хӯрокҳои миллӣ суҳбат гузаронида, дар нигоҳдории маҳсулоти дернапоянда, талабот ба ҳуҷрае, ки дар он озуқа маҳфуз аст, зарф асбобҳои ошхона, хӯрокҳое, ки ба саломатии одам таъсири мусбат мерасонад, шарҳ дода мешавад.

Ошхона бояд манқали барқӣ ё газӣ, яхдон, ҷевону рафҳои махсус, мизу курсиҳо ё ҷиҳози табақу косашӯйӣ, яъне оби гарму хунук дошта бошад. Ҳуҷрае, ки дар он озуқа маҳфуз аст, бояд хушк ва шамолрасу салқин бошад. Дар ошхона маҳсулоти дернапоянда (моҳӣ, ширу маҳсулоти ширӣ, кабудӣ)-ро дар яхдон, ҷойи хушк, хӯришу адвиётро дар қуттичаҳои сарпӯшида ё халтачаҳо андохта, дар ҷевон нигоҳ медоранд.

Анҷому зарфи ошхона бояд ҳамеша тозаю озода бошанд. Андозаву ҳаҷм ва шумораи зарфу анҷом бояд ба ҳаҷми ошхона (матбах) ва шумораи аъзои оила мувофиқат кунад.

**Таомпазӣ** (таббохӣ) санъати хуштаъм, болаззат ва серғизо пухта тавонистани таом мебошад. Таббохӣ таърихи қадим дорад. Сарчашмаҳои таърихӣ қайд мекунанд, ки ҳанӯз дар асри VII то милод мактабҳои таббохӣ мавҷуд будаанд. Тайёр кардани таом аз қадимулайём кори пурифтихор маҳсуб мешавад. Ҳар як халқу миллат дар баробари дигар расму суннату таърихаш бо таомҳои миллии худ ифтихор мекунад.

Вазифаи таомпазиро ошпазҳо иҷро менамоянд. Онҳо таоми хунук, якум, дуюм, шираворихо, хӯришҳо, нӯшокиҳои гарм, масолеҳи нимтайёр барои таом тайёр мекунанд,

коркарди аввалияи сабзавот, гӯшт, моҳӣ, мурғро ба ҷо меоранд ва таомҳои тайёрро ороиш медиҳанд.

Нон ғизои асосии инсон аст. Дар урфият мегӯянд, ки «Ҳар чӣ қадар фикр кунӣ, аз нону намак зиёд чизеро фикр карда намеёбӣ» ё «Бе намак хӯрок бемаза», ё «Бе нон сер намешавӣ», «Дар касалӣ офат нест, агар нон ва об бошад» ва ғайра. Намаки ошӣ яке аз масолеҳи хӯроквории тайёр дар табиат аст. Яке аз калонтарин кони намаки Тоҷикистон кони Хоҷамуъмин мебошад. Дар ноҳияи Ашти вилояти Суғд низ кони намаки баландсифат мавҷуд аст.

**4. Мустаҳкамкунии мавзӯи нав:**

1. Таомпазӣ (таббохӣ) чиро мефаҳмонад?
2. Таомҳои миллии тоҷиконро, ки бисёртар истеъмол карда мешаванд, номбар кунед.

**5. Истифодаи усули “Чархи ақидаҳо”**

Методи «Чархи ақидаҳо» барои гирдоварии миқдори муайяни (4, 6, 8, 12) андешаҳо доир ба мафҳум ё мавзӯъ дар шакли шохаҳои гирдгардон аст. Омӯзгор ин усулро дар мавридҳое истифода мебарад, ки агар масъалаи ҷудо кардани чизҳои нисбатан муҳим ба миёнояд.

Дар маркази «чарх» мафҳум, савол ё мушкилоти мавзӯи нав навишта мешавад. Вазифаи хонандагон аз он иборат аст, ки ду ё чорнафарӣ кор карда, маълумотҳои доштаашонро оид ба ин мавзӯъ нависанд.

**Мақсадҳо:** бедор намудани шавқу ҳавас; муайян кардани сарҳади донишҳои мукаммал; муайян кардани донишҳои нопурраи мавҷуда; ҷудо карда тавонистани чизҳои муҳим; инкишофи малакаҳои таҳлил ва хулосабарорӣ.

**Қадамҳои истифода бурдани ин метод:**

1. Дар маркази нақша мушкилот ва ё масъалаеро, ки ҳал кардан зарур аст, нависед.
2. Омӯзгор аз хонандагон хоҳиш менамояд, ки ақидаҳо, ё далелҳои асосиро вобаста ба мушкилот, ё масъалаи дар марказбуда дар шохаҳои чарх қайд кунанд. Агар далелҳо камӣ кунанд, хонандагон метавонанд саволҳои худро вобаста ба мушкилот, ё масъалаи дар марказбуда нависанд.
3. Гурӯҳҳо фаъолияти худро муаррифӣ мекунанд (чунин фаъолият бештар дар кори гурӯҳӣ гузаронида мешавад)
4. Омӯзгор муаррифии гурӯҳҳоро бодиққат гӯш карда, мубоҳиса ташкил менамояд.

**Намуна**:

**Масъала**: *«Дар бораи технологияи омода кардани хӯрокҳои миллӣ чӣ медонед? Ақидаҳои худро баён кунед.»*



**6. Кори амалӣ: Технологияи омода кардани хӯриш аз шалғамча**

Аз тарафи омӯзгор қоидаҳои техникаи бехатарӣ ва санитарию гигиенӣ оид ба мавзӯъ назорат карда, аз ҷониби хонандагон риоя карда шавад.

**Қадамҳо:**

1. Аз тарафи омӯзгор хонандагон ба ду зергурӯҳ ҷудо карда шаванд;

Аз тарафи омӯзгор ба хонандагон оид ба омода кардани хӯриш аз шалғамча супориш дода шавад;

2. Супориш дода шавад, ки ҳар як зергурӯҳ мувофиқи табъ аз шалғамча хӯриш тайёр намоянд;

3. Аз тарафи омӯзгор вақти муайян дода шавад;

4. Ба зергурӯҳе, ки дар вақти муайяншуда ва бо маҳорати баланд хӯришро омода кард, ғолиб дониста шавад.



**7. Дарсро ҷамъбаст намуда, заҳмати хонандагонро қадрдонӣ кунед.**

**8. Арзёбӣ:** Дар рафти дарс фаъолияти таълимии хонандагонро мушоҳида намуда, дараҷаи ба салоҳиятҳо ноил гаштани онҳоро муайян кунед. Натиҷаҳои фаъолияти таълимии хонандагонро аз рӯйи савол ва супоришҳои зерин арзёбӣ карда метавонед. *(мувофиқи натиҷаи арзёбии мазкур ба хонандагон баҳои аъло, хуб, қаноатбахш ва ғайриқаноатбахш гузошта мешавад).*

| Фаъолият | Метавонад | Қисман метавонад | Наметавонад |
|---|---|---|---|
| Дар бораи ҳунари хӯрокпазии тоҷикон шарҳ дода метавонад? | | | |
| Оид ба тарзи дурусти нигоҳдории маҳсулоти дернапоянда шарҳ дода метавонад? | | | |
| Баъзе ҷобаҷогузории зарфҳои ошхонаро эҷодкорона иваз карда, таъйиноти онро дигар карда метавонад? | | | |
| Хусусиятҳои эстетикии ҳунари хӯрокпазии тоҷиконро шарҳ дода, онро арзёбӣ карда метавонад? | | | |
| Урфу одатҳои миллиро шарҳ дода, онро арзёбӣ карда метавонад? | | | |

## ДАРСИ 3
## МАВЗӮЪ: АҲАМИЯТИ САБЗАВОТ БАРОИ ОРГАНИЗМИ ОДАМ ВА ТАРКИБИ ҒИЗОИИ ОН

**Барнома:** Талаботи санитарию гигиенӣ ва ҳодисаҳои бехатарии меҳнат. Ташкили ҷойи корӣ. Аҳамияти сабзавот барои организми одам ва таркиби ғизоии он. Истифодаи сабзавот дар тайёр кардани хӯрокҳои гуногун. Хӯрок аз маҳсулоти гӯштӣ (ҷигар). Шиносоӣ бо фаъолияти ошпаз.

**Салоҳиятҳо:**
- Баъзе воситаҳои технологиро истифода бурда метавонад;
- Дар доираи мавзӯъҳои маҳдуд ғояи навро пайдо карда метавонад;
- Доир ба баъзе касбҳо маълумоти сода дода метавонад;
- Хусусиятҳои тарбиявии фанро дарк карда, баъзе унсурҳои онро дар амал татбиқ карда метавонад.

**Мақсадҳои дарс:**
- Раванди технологиро шарҳ дода тавонад;
- Таркиби хӯрок ва аҳамияти сабзавотро шарҳ дода тавонад;
- Хусусияти касби ошпазиро фарқ карда тавонад;
- Витаминҳои ба организми одам зарурро шарҳ дода, хосиятҳои ба худ хоси витаминҳоро арзёбӣ карда тавонад;
-Саломатии худро эҳтиёт карда, дар бораи тарзи ҳаёти солим маълумот дода тавонад.

**Таҷҳизоти зарурӣ:** китоби дарсӣ, овезаҳо оид ба витаминҳо.

**1. Методикаи таълим:** Ҳангоми банақшагирии дарс аз тавсияҳои зерин истифода бурда метавонед.

1. Ташкили дарс: Дар ин марҳала корҳои зерин ба роҳ монда мешавад:
Тайёр намудани маводди хониш;
Ҳозиру-ғоиб кардани хонандагон;
Омода намудани хонандагон ба дарс.

**2. Такрори дарси гузашта:** Дарсро аз гузоштани масъала оғоз кунед. Бо саволҳои зерин ба хонандагон муроҷиат намоед:
1. Дар ошхона бояд чиҳо ҷой дода шуда бошад?
2. Оид ба касби ошпаз маълумоти муфассал диҳед.
3. Оид ба тарзи омода кардани хӯрокҳои тоҷикӣ маълумоти мухтасар диҳед.
4. Дар ошхона дар қуттича ва халтачаҳо чиҳоро нигоҳ медоранд?

**3. Шиносоӣ бо мазмуни мавзӯъ:** Оид ба аҳамияти сабзавот барои организми одам ва таркиби ғизоии он суҳбат гузаронида, дар бораи раванди технологӣ, витаминҳо ва намакҳои минералии барои организми инсон зарур, бо мақсади муайян истифода бурдани сабзавот, зарурияти истеъмоли хӯрок барои инсон, оид ба ошпаз шарҳ дода мешавад.

Дар вақти тайёр кардани таом як қатор амалиёти пайдарҳами коркарди табохии масолеҳ мавҷуданд, ки онро раванди технологӣ меноманд. Раванди технологии тайёр кардани таом аз коркарди сабзавот сар мешавад. Аҳамияти сабзавот ба моддаҳои зудҳазм, аз ҷумла ангиштобҳои он вобаста аст. Дар сабзавот витаминҳо ва намакҳои минералӣ барои организми инсон зарур мавҷуданд. Онҳо инчунин сафеда, кислотаҳои органикии гуногун ва равғани эфир доранд, ки ба ҳазми хӯрок ёрӣ мерасонанд.

Барои он ки қимати ғизоии сабзавотро нигоҳ дорем, онро пеш аз пухтан дуруст тайёр бояд кард. Азбаски микробу ангезандаҳои касалиҳои сироятӣ тавассути сабзавоти хуб коркарднашуда ба организми инсон интиқол меёбанд, сабзавотро пеш аз истеъмол кардан ҳатман бо оби хунук шустан лозим аст. Бехмева ва картошкаро баъди шустан тунук пӯст

карда, ҷойҳои пӯсидаву иллатнокашро бурида мепартоянд. Аз сабаби он ки витаминҳо ва намакҳои минералӣ дар зери пӯсти сабзавот ҷойгир мешаванд, онро то ҳадди имкон тунуктар пӯст кандан беҳтар аст.

Вазифаи таомпазиро ошпазҳо иҷро менамоянд. Онҳо таоми хунук, якум, дуюм, ширавориҳо, хӯришҳо, нӯшокиҳои гарм, масолеҳи нимтайёр барои таом тайёр мекунанд, коркарди аввалияи сабзавот, гӯшт, моҳӣ, мурғро ба ҷо меоранд ва таомҳои тайёрро ороиш медиҳанд. Барои ҳамаи ин корҳо донистани талаботҳои зерин зарур аст: таркиби масолеҳ, таомҳои нимтайёр, меъёр ва вазифаи асосии тайёр кардани таомҳои ҳархела, риояи қоидаҳои низоми технологияи коркард, қисмҳои таҷҳизоте, ки дар истеҳсолот ҳаст ва тарзи истифода бурдани онҳо, малакаи кор бо таҷҳизоти ошхона ва ғайра. Агар ҳамаи ин талаботҳоро иҷро намоед, касби ошпазиро ёд мегиред ва таомҳоятон болаззату фоидабахш мегарданд.

Каллапӯши ошпаз дар Англия пайдо шудааст. Дар соли 1727 подшоҳ Георги II фармон баровардааст, ки ошпазҳо бо каллапӯш таом пазанд. Таоме, ки витаминҳои бисёр ва ба организми одам фоидаовар дорад, ҷигар аст. Аз ҷигари гӯсфанд, гов ва гӯсола таомҳои гуногуни бирён ва яхнӣ тайёр мекунанд. Дар таркиби ҷигар витаминҳои A, B, B2, B12, K, PP, E, калсий ва ғайра мавҷуданд.




***Таркиби хӯрок: 1 сафеда; 2-равған, 3-карбогидрат, 4-об, 5-моддаҳои минералӣ, 6-витаминҳо***

**4. Мустаҳкамкунии мавзӯи нав:**

1. Сабзавот барои организми одам чӣ аҳамият дорад?
2. Зарурати витаминҳоро дар организми одам гӯед.

**5. Истифодаи усули Кластери сода:**

Кластер (claster – хӯша, даста) усули гирдоварии андешаҳои хонандагон доир ба ягон мавзӯъ, мафҳум буда, дар шаклҳои гуногун тасвир меёбад. Ин усул аз тарафи мутахассиси проблемаҳои эҷодӣ Тони Бюзан кор карда шудааст. Ин усул имкон медиҳад, ки хонандагон барои фикр намудани мавзӯи дар пешистода сафарбар шаванд.

**Мақсадҳои истифодаи усули Кластер:** гирдоварии андешаҳои хонандагон; бунёди вазъияти ҷустуҷӯ; инкишофи малакаҳои баёни мухтасари фикр; омӯзиши роҳҳои гуногуни гирдоварии андешаҳо; пешниҳод кардани маълумотҳои иловагӣ; муайян кардани дониши хонандагон доир ба мавзӯъ.

Масъала: Аҳамияти сабзавот барои организми одам. Кадом намуди ғизо дар таркиби хӯрок буда ба организми одам заруранд?




**6. Кори амалӣ:** Технологияи омода кардани хӯрок аз ҷигар

Аз тарафи омӯзгор қоидаҳои техникаи бехатарӣ ва санитарию гигиенӣ оид ба мавзӯъ назорат карда, аз ҷониби хонандагон риоя карда шавад.

**Қадамҳо:**

1. Зери назорати омӯзгор аз тарафи хонандагон аз ҷигар хӯрок тайёр карда шавад;
2. Аз байни хонандагон 2 нафар аъзои ҳакамон эълон карда шавад;
3. Хонандагони боқимонда ба ду зергурӯҳ ҷудо карда шавад;
4. Супориш дода шавад, ки бояд хӯроки тайёршуда аз тарафи зергурӯҳҳо оро дода шавад;
5. Аз тарафи омӯзгор вақти муайян дода шавад;
6. Аз тарафи ҳакамон ғолиб муайян карда шавад.



***Расми хӯрокҳо аз ҷигар***

**7. Дарсро ҷамъбаст намуда, заҳмати хонандагонро баҳо диҳед.**

**8. Арзёбӣ:** Дар рафти дарс фаъолияти таълимии хонандагонро мушоҳида намуда, дараҷаи ба салоҳиятҳо ноил гаштани онҳоро муайян кунед. Натиҷаҳои фаъолияти таълимии хонандагонро аз рӯйи савол ва супоришҳои зерин арзёбӣ карда метавонед. *(мувофиқи натиҷаи арзёбии мазкур ба хонандагон баҳои аъло, хуб, қаноатбахш ва ғайриқаноатбахш гузошта мешавад).*

| Фаъолият | Метавонад | Қисман метавонад | Наметавонад |
|---|---|---|---|
| Дар бораи раванди технологӣ шарҳ дода метавонад? | | | |
| Оид ба таркиби хӯрок ва аҳамияти сабзавот шарҳ дода метавонад? | | | |
| Хусусияти касби ошпазиро фарқ карда метавонад? | | | |
| Оид ба витаминҳое, ки ба организми одам заруранд шарҳ дода, хосиятҳои ба худ хоси витаминҳоро арзёбӣ карда метавонад? | | | |
| Саломатии худро эҳтиёт карда, дар бораи тарзи ҳаёти солим маълумот дода метавонад? | | | |

## ДАРСИ 4
## МАВЗӮЪ: НАВЪҲОИ САБЗАВОТ

**Барнома:** Талаботи санитарию гигиенӣ ва ҳодисаҳои бехатарии меҳнат. Ташкили ҷойи корӣ. Истифодаи оқилонаи сабзавот. Маълумот оид ба навъҳои сабзавот.

**Салоҳиятҳо:**

- Баъзе воситаи технологиро истифода бурда метавонад;
- Дар доираи мавзӯъҳои маҳдуд ғояи навро пайдо карда метавонад;
- Доир ба баъзе касбҳо маълумоти сода дода метавонад;
- Хусусиятҳои тарбиявии фанро дарк карда, баъзе унсурҳои онро дар амал татбиқ карда метавонад.

**Мақсадҳои дарс:**

-Навъҳои сабзавотро шарҳ дода тавонад;

-Коркарди аввалияи сабзавот ва воситаҳои ёрирасон ҳангоми реза кардани сабзавотро шарҳ дода тавонад;

-Хусусияти таркиби сабзавот, қимати ғизоии сабзавотро фарқ карда тавонад;

-Коркарду истифодаи сабзавот дар хӯрокро шарҳ дода, хосиятҳои ба худ хоси сабзавотро арзёбӣ карда тавонад;

-Саломатии худро эҳтиёт карда, дар бораи тарзи ҳаёти солим маълумот дода тавонад.

**Таҷҳизоти зарурӣ:** китоби дарсӣ, овезаҳо оид ба намудҳои сабзавот.

**1. Методикаи таълим:** Ҳангоми банақшагирии дарс аз тавсияҳои зерин истифода бурда метавонед.

1. Ташкили дарс: Дар ин марҳала корҳои зерин ба роҳ монда мешавад:

Тайёр намудани маводди хониш;

Ҳозиру-ғоиб кардани хонандагон;

Омода намудани хонандагон ба дарс.

**2. Такрори дарси гузашта:** Дарсро аз гузоштани масъала оғоз намоед. Бо саволҳои зерин ба хонандагон муроҷиат намоед:

1. Аҳамияти сабзавот ба организми одам дар чист?
2. Зарурати витаминҳо дар организми одам дар чист?
3. Витаминҳое, ки ба организми одам заруранд, номбар кунед.
4. Хӯрок ба организми одам барои чӣ ҳатмист?

**3. Шиносоӣ бо мазмуни мавзӯъ:** Оид ба навъҳои сабзавот суҳбат гузаронида, дар бораи анвои сабзавот ва таъсири ғизоию аҳамиятнокии картошка, карам, сабзӣ, пиёз, помидор, бодиринг, қаламфур, боимҷон, лаблабуи ошӣ, шалғамча, шалғам, каду, сабзавот, сирпиёз ва коркарди аввалияи сабзавот шарҳ дода мешавад.

Барои пухтани таом навъҳои сабзавот, таркиби онҳо, қимати ғизоияшон, тарзи коркарду истифодаашон дар хӯрок ва ба ин монанд чизҳоро донистан муфид аст. Аз ҳамин сабаб, дар ин ҷо мо дар бораи анвои сабзавот ва таъсири ғизоию аҳамияташон маълумот медиҳем.

Картошка қариб дар ҳама ҷо парвариш карда мешавад. Вобаста ба навъ картошкаҳо гуногуншакл (мудаввар, дарозрӯя) ва гуногунранг (сафед, зард, гулобӣ) мешаванд. Картошка то 17,5% оҳар, инчунин қанд, намакҳои минералӣ ва сафеда дорад. Қимати ғизоии сафедаи он нисбат ба сафедаи гӯшт камтар бошад ҳам, пурбаҳотарин сафедаи рустанигӣ ба шумор меравад. Ватани картошка Америкои Марказӣ ва Ҷанубӣ буда, онро зиёда аз 14 ҳазор сол пеш истеъмол мекарданд. Ба Аврупо картошкаро дар миёнаҳои асри XV1 оварданд. Ҳоло намудҳои зиёди картошкаро парвариш мекунанд. Дар соҳаи табохӣ аз картошка таому хӯришҳои гуногунро дар шакли обпаз, буғпаз, дампаз, бирён тайёр

менамоянд. Карам сабзавоти серистеъмол аст ва дар ноҳияҳои иқлимашон гарм ду бор ҳосил медиҳад. Бинобар ҳамин, карам тамоми сол дастрас аст. Карамро дар ҳазорсолаи сеюми пеш аз милод киштукор ва ҷамъоварӣ мекарданд. Онро ҳамчун сирпиёз аҷдодони қадими мо ба сифати сабзавоти шифобахш истифода мебурданд. Карамро барои табобати ҷароҳатҳои мадданок ва пучакҳо тавсия мекарданд. Ватани карам соҳили Баҳри Миёназамин мебошад. Бодирингро қариб дар ҳама ҷо мепарваранд. Бодиринг барои одамони фарбеҳ маҳсулоти шифобахш ҳисоб меёбад. Дар таркиби бодиринг қариб 1 мг% равғани эфир вуҷуд дорад, ки боиси бӯйи ба худ хос доштани он гаштааст. Дар таркиби бодиринг то 98,2% об, қанд, сафеда, клетчатка, равған, намакҳои минералӣ, 10 мг% витамини С мавҷуд аст. Бодирингро дар табохӣ барои тайёр кардани хӯриш ва дигар газакҳои тару тоза ва очоронида ё намак карда истифода мебаранд.

Помидор рустании ҷанубӣ буда, ватанаш Америкои Ҷанубӣ мебошад. Дарёнавардоне, ки помидорро ба Аврупо оварданд, намедонистанд, ки он сабзавот мебошад. Помидорро дар мамлакати мо аз асри XX киштукор мекарданд. Помидор дар таркибаш натрий, калий, калсий, магний, оҳан, мис, фосфор, сулфур, витаминҳои В1 В2 РР, С (каротин, провитамини А) ва ғайраҳо дорад.

Ба навъҳои сабзавот боз сабзӣ, пиёз, намудҳои қаламфур, боимҷон, лаблабуи ошӣ, шалғамча, шалғам, сирпиёз, каду сабзавот ва ғайраҳо дохил мешаванд. Оид ба навъҳои сабзавот омӯзгор метавонад бисёртар маълумот диҳад.

Сабзавоти гарм ва хунукро якҷоя кардан мумкин нест, зеро онҳо тез турш мешаванд. Хӯриши сабзавотиро пеш аз ба дастархон додан (1-2 соат пеш) тайёр мекунанд. Ба он майонез, қаймоқ, равғани рустанӣ меандозанд ва ороиш медиҳанд.



***Навъҳои сабзавот***

**4. Мустаҳкамкунии мавзӯи нав:**

1. Навъҳои сабзавотро номбар кунед.
2. Аҳамияти коркарди сабзавотро гӯед ва амалан тунук гирифтани пӯсти сабзи-ро нишон диҳед. Зери назорати омӯзгор қоидаҳои техникаи бехатарии кор бо корд ва қоидаҳои санитарию гигиениро риоя кунед.
3. Дар вақти реза кардани сабзавот кадом воситаҳои ёрирасонро истифода ме-баранд?
4. Дар хонаатон кадом намуди воситаҳои ёрирасон барои реза кардани сабзавот мавҷуд аст, гуфта диҳед.

**5. Истифодаи бозии “Изофагиро ёбед”.**

**Қадамҳо**

1. Аз тарафи омӯзгор синф ба ду зергурӯҳ ҷудо карда мешавад;
2. Ба тамоми синф расмҳои мева ва сабзавот пешниҳод карда мешавад;
3. Ба гурӯҳи аввали хонандагон супориш дода мешавад, ки аз расмҳои пеш--ниҳодшуда навъи сабзавотро ёбанд;
4. Ба гурӯҳи дуюми хонандагон супориш дода мешавад, ки аз расмҳои пешни-ҳодшуда навъи меваро ёбанд;
5. Аз тарафи омӯзгор муҳлати вақт муайян карда мешавад;
6. Бояд ҳарду гурӯҳ дар муҳлати муайяншуда ҷавобҳои дурустро қайд намоянд;

7. Он гурӯҳе, ки ва дар вақти муайяншуда ҷавоби дуруст дода тавонад, ғолиб дониста мешавад.



***Навъҳои мева ва сабзавот***

**6. Кори амалӣ:** Тунук гирифтани пӯсти сабзӣ

Омӯзгор қоидаҳои техникаи бехатарӣ ва санита-рию гигиенӣ оид ба мавзӯъ назорат карда, аз ҷониби хонандагон риоя карда шавад.

**Қадамҳо:**

1. Аз тарафи омӯзгор супориш дода шавад, ки хонандагони ихтиёрӣ оид ба аҳамияти коркарди сабзавот маълумоти мухтасар диҳанд;
2. Аз байни хонандагон 2 нафар барои иҷрои кори амалӣ даъват карда шавад;
3. Аз тарафи омӯзгор супориш дода мешавад, ки пӯсти сабзӣ тунук гирифта шавад;
4. Ичрои кори амалӣ зери назорати омӯзгор бошад;
5. Аз тарафи омӯзгор вақти муайян дода шавад;
6. Аз тарафи хонандагон ғолиб муайян карда шавад.



***Раванди коркарди сабзӣ***

**7. Дарсро ҷамъбаст намуда, заҳмати хонандагонро қадрдонӣ кунед.**

**8. Арзёбӣ:** Дар рафти дарс фаъолияти таълимии хонандагонро мушоҳида намуда, дараҷаи ба салоҳиятҳо ноил гаштани онҳоро муайян кунед. Натиҷаҳои фаъолияти таълимии хонандагонро аз рӯйи савол ва супоришҳои зерин арзёбӣ карда метавонед. *(мувофиқи натиҷаи арзёбии мазкур ба хонандагон баҳои аъло, хуб, қаноатбахш ва ғайриқаноатбахш гузошта мешавад).*

| Фаъолият | Метавонад | Қисман метавонад | Наметавонад |
|---|---|---|---|
| Дар бораи навъҳои сабзавот шарҳ дода метавонад? | | | |
| Оид ба коркарди аввалияи сабзавот шарҳ дода метавонад? | | | |
| Хусусияти таркиби сабзавот, қимати ғизоии сабзавотро фарқ карда метавонад? | | | |
| Оид ба тарзи коркарду истифодаи сабзавот дар хӯрок шарҳ дода, хосиятҳои ба худ хоси сабзавотро арзёбӣ карда метавонад? | | | |
| Саломатии худро эҳтиёт карда, дар бораи тарзи ҳаёти солим маълумот дода метавонад? | | | |

## ДАРСИ 5

## МАВЗӮЪ: МАФҲУМИ КОРКАРДИ ГАРМИ САБЗАВОТ

**Барнома:** Талаботи санитарию гигиенӣ ва ҳодисаҳои бехатарии меҳнат. Ташкили ҷойи корӣ. Коркарди сабзавотҳо (ба навъҳо ҷудо кардан, шустан, резакунӣ дар рӯзгор ва истеҳсолот. Мафҳуми коркарди гармии сабзавот, пухтан, бирён кардан, дам карда пухтан, чанд дақиқа дар оби ҷӯш монда гирифтани сабзавот.

**Салоҳиятҳо:**

- Баъзе воситаҳои технологиро истифода бурда метавонад;
- Дар доираи мавзӯъҳои маҳдуд ғояи навро пайдо карда метавонад;
- Доир ба баъзе касбҳо маълумоти сода дода метавонад;
- Хусусиятҳои тарбиявии фанро дарк карда, баъзе унсурҳои онро дар амал татбиқ карда метавонад.

**Мақсадҳои дарс:**

-Мафҳуми коркарди гармии сабзавотро шарҳ дода тавонад;

-Коркарди технологияи коркарди сабзавотро шарҳ дода тавонад;

-Раванди иҷрои технологияи коркарди сазаботро шарҳ дода тавонад;

-Баъзе қисматҳои амалиёти коркарди гармиро иваз карда, таъйиноти онро дигар карда тавонад;

-Урфу одатҳои миллиро шарҳ дода, онро арзёбӣ карда тавонад;

-Саломатии худро эҳтиёт карда, дар бораи тарзи ҳаёти солим маълумот дода тавонад.

**Таҷҳизоти зарурӣ:** китоби дарсӣ, овезаҳо оид ба коркарди гарми сабзавот.

**1. Методикаи таълим:** Ҳангоми банақшагирии дарс аз тавсияҳои зерин истифода бурда метавонед.

1. Ташкили дарс: Дар ин марҳала корҳои зерин ба роҳ монда мешавад:

Тайёр намудани маводди хониш;

Ҳозир-ғоиб кардани хонандагон;

Омода намудани хонандагон ба дарс.

**2. Такрори дарси гузашта:** Дарсро аз гузоштани масъала оғоз намоед. Бо саволҳои зерин ба хонандагон муроҷиат намоед:

1. Сабзавотҳо ба кадом навъҳо ҷудо мешаванд?
2. Аҳамияти коркарди сабзавот дар чист?
3. Оид ба коркарди аввалияи сабзавот маълумоти мухтасар диҳед.
4. Сирпиёзро дар ошпазӣ бо кадом мақсад истифода мебаранд?

**3. Шиносоӣ бо мазмуни мавзӯъ:** Оид ба мафҳуми коркарди гармии сабзавот суҳбат гузаронида, дар бораи технологияи коркарди сабзавот, таркиби химиявии он, шаклҳои резакунии сабзавот дар хӯрокҳои миллӣ, оид ба хусусиятҳои ба худ хоси коркарди гармии ошхонаи миллии тоҷикон, муҳлати коркарди гармии сабзавот шарҳ дода мешавад.

Барои коркарди сабзавот чунин амалиёт иҷро карда мешавад: ба навъҳо ҷудо кардан, шустан, тоза кардан, гирифтани қисмҳои хӯрданашаванда, такроран шустан, реза кардан ва тайёр кардани масолеҳи нимтайёр (полуфабрикат). Ҳамаи ин амалиётҳоро коркарди гарм меноманд. Пайдарҳамии корро риоя кардан лозим аст. Сабзавотро дар оби равон ё дар сатили обдор якчанд бор шустан мумкин аст. Барои таровидани оби сабзавот онро аз чавлӣ мегузаронанд. Барои осон кардани раванди тоза кардани сабзавот кордҳои махсус ва асбобҳои шаклу андозаашон гуногун лозиманд. Дар амалияи таббохӣ тарзҳои гуногуни реза кардани сабзавот мавҷуданд. Барои таомҳои миллӣ бисёр вақт сабзавотро ба шаклҳои росткунҷа, чоркунҷа, палахҳои ҳархела, ҳалқа, нимҳалқа ва ғайра пора мекунанд. Дар вақти додани таом ва хӯриши хунук ба миз аз сабзавот ва кабудиҳо шаклҳои гуногуни ороишӣ тайёр кардан мумкин аст. Таркиби химиявии онҳоро ба ҳисоб мегиранд, чунки таъми хӯрок ва хушбӯйияш ба он вобаста аст. Давомоти интихоби ин ё он намуди коркарди гарм ба таркиби масолеҳ ва технологияи тайёр кардани таом вобаста мебошад. Ошхонаи миллии тоҷикон намудҳои ба худ хоси коркарди гармӣ дорад: обпаз, булён, дар шир, буғ, равған ва дуд пухтан, дампаз ва ғайра. Барои буғпаз намудани сабзавот бештар деги мантуро истифода мебаранд. Сабзавоти буғпаз шакли беҳтарини коркарди гарми сабзавот аст. Дар ин ҳолат дар масолеҳи тайёр қисми зиёди намакҳои минералӣ ва витаминҳо нигоҳ дошта шуда, ба осонӣ дар организм ҳазм мешаванд.

Сабзавотро барои таом ба оби ҷӯшидаистода меандозанд. Дар ин вақт ба оби ҷӯшидаистода камтар намак мепартоянд ва дар оташи паст мепазанд. Дар вақти пухтан сабзавот бояд дар об пурра ғарқ шавад ва оби рӯйи он аз 1,5 см зиёд бошад. Дар буғ пухтан. Барои нест нашудани витамини С сабзавотро дар буғ дар зарфи сарпӯшдор мепазанд (масалан, дар деги манту). Дар равған бирён кардан. Дар вақти бирён кардан дар равған рӯйи масолеҳ сурхча шуда, болаззат мешавад. **Дампаз.** Дар вақти дампаз масолеҳро аввал камтар дар равған бирён карда, баъд булён ё адвиётро андохта, сарпӯши дегро пӯшонида, то тайёр шуданаш дам дода мепазанд.

**Ҷадвали 1**

**Муҳлати коркарди гарми сабзавот**

| Сабзавот | Муддати коркарди гарм (дақиқа) |
|---|---|
| Обпаз:<br>Картошкаи бутун<br>Картошкаи ба шакли чоркунҷа поракарда | <br>25-30<br>15-20 |
| Сабзии бутун<br>Сабзии тилимкарда | 25<br>15-20 |

| | |
|---|---|
| Карами резакарда | 20-30 |
| Дампаз:<br>Сабзии наргисӣ<br>Карами резакарда | 35<br>30 |
| Бирён:<br>Картошкаи ба шакли росткунҷа поракарда<br>Сабзии резакарда | 15-20 |
| Сирпиёзи маҳин резакарда | 10-15 |

1. Сабзавотро барои таом ба оби ҷӯшидаистода меандозанд. Дар ин вақт ба оби ҷӯшидаистода камтар намак мепартоянд ва дар оташи паст мепазанд.

2. Дар вақти пухтан сабзавот бояд дар об пурра ғарқ шавад ва оби рӯйи он аз 1,5 см зиёд бошад.

3. Дар буғ пухтан. Барои нест нашудани витамини С сабзавотро дар буғ дар зарфи сарпӯшдор мепазанд (масалан, дар деги манту).

4. Дар равған бирён кардан. Дар вақти бирён кардан дар равған рӯйи масолеҳ сурхча шуда, болаззат мешавад.

5. Дампаз. Дар вақти дампаз масолеҳро аввал камтар дар равған бирён карда, баъд булён ё адвиётро андохта, сарпӯши дегро пӯшонида, то тайёр шуданаш дам дода мепазанд.




***Намудҳои коркарди гарми сабзавот***

**4. Мустаҳкамкунии мавзӯи нав:**

1. Коркарди гармии сабзавотро шарҳ диҳед.
2. Қоидаҳои коркарди сабзавотро шарҳ диҳед
3. Муҳлати пухтани сабзавотро гуфта диҳед.

**5. 1. Истифодаи усули "Чӣ тавр?"**

Методи «Чӣ тавр?» силсилаи муҳокимарониҳо барои муайян кардани роҳҳои ба даст овардани натиҷа аст. Онро дар мавридҳои зерин истифода мебаранд: ҷустуҷӯйи роҳҳои гуногуни ҳалли мушкилот; муайян кардани пайдарпайии ҳодисаю амалҳо; муайян кардани сабаби ҳодисаю амалҳо.

Агар савол дуруст гузошта шавад, роҳҳои пайдоиши ҳама гуна натиҷаро ёфтан мумкин аст. Пайваста истифода бурдани ин усул барои ташаккули малакаҳои ҳаётӣ: ҷустани роҳҳои гуногуни ҳалли вазъият, мушкилоти баамаломада имконпазир мегардад.

**Масъала: 1.** Барои коркарди сабзавот кадом амалиётро бояд иҷро кард?




**2. Истифодаи усули Кластери сода**

**Масъала: 2.** Коркарди гармиро аз сабзавотро номбар кунед.

Кластер (claster – хӯша, даста) усули гирдоварии андешаҳои хонандагон доир ба ягон мавзӯъ, мафҳум буда, дар шаклҳои гуногун тасвир меёбад. Ин усул аз тарафи мутахассиси проблемаҳои эҷодӣ Тони Бюзан кор карда шудааст. Ин усул имкон медиҳад, ки хонандагон барои фикр намудани мавзӯи дарпешистода сафарбар шаванд. Дар марказ як мафҳум, савол ё проблемаи мавзӯи нав навишта мешавад. Вазифаи хонандагон аз он иборат аст, ки маълумотҳои доштаашонро оиди он нависанд. Ин имкон медиҳад, ки хонандагон ҳамаи андешаҳои баёншударо дар як ҷо гирд оварда, дар баробари шунидани онҳо боз аёнӣ бо онҳо шинос гарданд.




**6. Кори амалӣ:** Омода кардани дамламаи помидорӣ

Омӯзгор ба риоя гардидани қоидаҳои техникаи бехатарӣ ва санитарию гигиенӣ аз ҷониби хонандагон назорат мекунад.

**Қадамҳо:**

1. Бо ёрии омӯзгор дамламаи помидорӣ омода карда шавад;
2. Аз тарафи омӯзгор супориш дода шавад, ки оид ба дамлама ва навъҳои дамлама аз тарафи хонандагон маълумот дода шавад;
3. Миқдори масолеҳ аз тарафи омӯзгор муайян карда, ба талаботи санитарию гигиенӣ риоя намуда, коркарди аввалияи сабзавот гузаронида мешавад;
4. Аз тарафи омӯзгор гӯшт интихоб карда, лӯнда-лӯнда реза карда мешавад;
5. Коркарди аввалияи пиёзро иҷро карда, онро реза мекунанд;
6. Дар тафдон равғанро тасфонида, маҳсулот бирён карда мешавад;

7. Ба таом мувофиқи табъ намак, барги ғор, як қаламфур андохта оташи тафдон паст карда мешавад;

8. Мағзи помидорро бурида, дар рӯйи гӯшт помидор чида мешавад;

9. Таомро дар оташи паст дар 40 дақиқа пухта мешавад;

10. Аз ҷониби омӯзгор ва хонандагон тарзи тайёр кардани таом аз сабзавотро муайян карда, пурра тайёр шудани таом санҷида мешавад.

11. Ба хонандагони фаъол ҳангоми гузаронидани кори амалӣ аз тарафи омӯзгор баҳогузорӣ карда мешавад.




***Хӯроки тайёри дамламаи помидорӣ***

**7. Дарсро ҷамъбаст намуда, заҳмати хонандагонро қадрдонӣ кунед.**

**8. Арзёбӣ:** Дар рафти дарс фаъолияти таълимии хонандагонро мушоҳида наму-да, дараҷаи ба салоҳиятҳо ноил гаштани онҳоро муайян кунед. Натиҷаҳои фаъолияти таълимии хонандагонро аз рӯйи савол ва супоришҳои зерин арзёбӣ карда метавонед. *(мувофиқи натиҷаи арзёбии мазкур ба хонандагон баҳои аъло, хуб, қаноатбахш ва ғайриқаноатбахш гузошта мешавад).*

| Фаъолият | Метавонад | Қисман метавонад | Наметавонад |
|---|---|---|---|
| Дар бораи мафҳуми коркарди гарми сабзавот шарҳ дода метавонад? | | | |
| Оид ба коркарди технологияи коркарди сабзавот шарҳ дода метавонад? | | | |
| Раванди иҷрои технологияи коркарди сазавотро шарҳ дода метавонад? | | | |
| Баъзе қисматҳои амалиёти коркарди гармиро эҷодкорона иваз карда, таъйиноти онро дигар карда метавонад? | | | |
| Урфу одатҳои миллиро шарҳ дода, онро арзёбӣ карда метавонад? | | | |
| Саломатии худро эҳтиёт карда, дар бораи тарзи ҳаёти солим маълумот дода метавонад? | | | |

## ДАРСИ 6

## МАВЗӮЪ: ТАРЗ ВА ТАРИҚИ РЕЗА КАРДАНИ САБЗАВОТ

**Барнома:** Талаботи санитарию гигиенӣ ва ҳодисаҳои бехатарии меҳнат. Ташкили ҷойи корӣ. Тарз ва тариқи резакунӣ. Коркарди сабзавот. Коркарди механикии сабзавотҳо. Қоидаҳои умумии тайёр кардани хӯриш аз сабзавот.

**Салоҳиятҳо:**

- Баъзе воситаҳои технологиро истифода бурда метавонад;
- Дар доираи мавзӯъҳои маҳдуд ғояи навро пайдо карда метавонад;
- Доир ба баъзе касбҳо маълумоти сода дода метавонад;

➢ Хусусиятҳои тарбиявии фанро дарк карда, баъзе унсурҳои онро дар амал татбиқ карда метавонад.

**Мақсадҳои дарс:**

-Тарз ва тариқи реза кардани сабзавот, хӯришҳоро шарҳ дода тавонад;

- Раванди реза кардани сабзавот ва ороиши онро шарҳ дода тавонад;

-Эҳтиёткорона кор кардан ва муносибати хуб бо асбобу афзорҳоро риоя карда тавонад;

-Ҳангоми иҷрои кори амалӣ техникаи бехатариро риоя карда тавонад;

-Ҳангоми реза кардани сабзавот сарфакориро риоя карда тавонад;

-Саломатии худро эҳтиёт карда, дар бораи тарзи ҳаёти солим маълумот дода тавонад.

**Таҷҳизоти зарурӣ:** китоби дарсӣ, овезаҳо оид ба коркарди гарми сабзавот.

**1. Методикаи таълим:** Ҳангоми банақшагирии дарс аз тавсияҳои зерин истифода бурда метавонед.

1. Ташкили дарс: Дар ин марҳала корҳои зерин ба роҳ монда мешавад:

Тайёр намудани маводди хониш;

Ҳозир-ғоиб кардани хонандагон;

Омода намудани хонандагон ба дарс.

**2. Такрори дарси гузашта:** Дарсро аз гузоштани масъала оғоз намоед. Бо саволҳои зерин ба хонандагон муроҷиат намоед:

1. Оид ба мафҳуми коркарди гарми сабзавот маълумот диҳед.
2. Раванди технологияи коркарди сабзавотро баён кунед.
3. Тарзҳои гуногуни реза кардани сабзавотҳо кадомҳоянд?
4. Бирёнкунӣ аз буғпазӣ бо кадом хусусият фарқ мекунад?

**3. Шиносоӣ бо мазмуни мавзӯъ:** Оид ба тарз ва тариқи реза кардани сабзавот суҳбат гузаронида, дар бораи риояи қоидаи техникаи бехатарӣ ҳангоми реза кардани сабзавот, оид ба бехмеваҳо, сабзиҷот, тарзи реза кардан ва ороиши он, асбоби сабзавотпоккунӣ, шаклҳои резакунии сабзавот, хӯришҳо ва намудҳои онҳо, унсурҳои асосии омода кардани хӯришҳо шарҳ дода мешавад.

Ҳангоми иҷрои кор ба тарзи истифодаи корд, ба бехатарии он ва асбобҳои гармибахш, қоидаҳои беҳдошту беҳдор риоя карда, мувофиқи харитаи дастурдиҳию расмҳои зерин амал намоед. Бехмеваҳо (картошка, бехпиёз, сирпиёз, сабзӣ, лаблабу, шалғам, шалғамча, турб ва ғайра)-ро аз ифлосиҳо тоза карда, баргу пояи зиёдатиро бурида мешӯем, пӯсташро мегирем, баъди пӯст кандан бори дигар мешӯем. Кабудиро аз алафи бегона ҷудо карда, ҷойи нолозимашро бурида партофта, тоза шуста, болои сачоқ гузошта, обашро таровондан лозим аст. Ҳар намуди сабзавотро ба таври махсус пора мекунанд: Масалан, бехпиёзро дар шакли ҳалқачаҳо, сабзиву картошкаро дар шакли доирачаҳо, тилимчаҳо, наргисӣ, ба намуди гулҳо, ситорача ва ғайра.

Тарзи реза кардани сабзавот ва ороиши он. Сабзавот барои ороиши хӯришу таомҳои дигар фаровон истифода мешавад. Бехпиёз ё дигар навъҳои сабзавоти мудавваршаклро гирифта мешӯем ва агар лозим бошад, пӯст мекунем ва аз мобайн чуқур бо хатҳои дандонадор мебурем. Сабзавоти буридаро ду қисм мекунем, ки ниҳоят шакли гул мешавад.

Рустаниҳои буттагӣ ҳам барои ороиш хеле мувофиқанд. Пиёзи сабзро ҳалқавор бурида, ба ду ҳисса тақсим мекунем ва ба паҳлу ё болои хӯриш гузошта, ҳар ҷо - ҳар ҷо гулҳои аз бехпиёз, шалғамча ё помидор тайёрнамударо мегузорем, аз болояш кабудии резакарда мепошем. Дар ороиши хӯриш аз тухм низ хуб истифода мебаранд.

Аз тарафи омӯзгор маълумоти бештар оид ба тарз ва тариқи реза кардани сабзавот барои хӯриш баён карда шавад.



***Тарзи дастӣ реза кардани сабзавот***



***а б***

***Тартиби реза кардани сабзавот: а) асбобҳои сабзавотпоракунӣ;***
***б) шаклҳои резакунии сабзавот***

Хӯриш аз як ва ё чанд намуди сабзавоти тару тоза тайёр мешавад. Дар тайёр кардани хӯришҳои омехта баробари сабзавоти тару тоза сабзавоти пухта, гӯшту тухми обҷӯш, чакка, нахӯди сабз ва ғайраро истифода мебаранд. Сабзавоти обпаз барои тайёр намудани хӯриш зарур аст. Онро бо пӯсташ пухта ва алоҳида-алоҳида реза карда, баъд бо дигар маҳсулот омехтан лозим аст. Дар акси ҳол хӯриш зуд турш мешавад. Барои тайёр кардани хӯриши омехта сабзавотро дар шакли чоркунҷаҳо ва тилимчаҳои ҳаҷмашон 1 см пора мекунанд. Хӯришҳои сабзавотии тару тозаро андаке пеш аз истеъмол бояд тайёр кард. Одатан, хӯришҳоро бо ҳар хел кабудӣ, помидору бодиринги ба шаклҳои гуногун бурида оро медиҳанд. Дар тайёр кардани таому хӯришҳо адвиёти гуногунро истифода мебаранд. Миқдори муайяни адвиёт хӯриш ва таомро болаззату хушбӯй ва хуштаъм мекунад. Адвиёт барои хӯришу таом инҳоанд: намаки ошӣ, мурчу қаламфур, қаламфури тунд, сирко, барги дарахти ғор, зира, зирк, кабудиҳо (кашнич, пиёзи кабуд, шибит, пудина, наъно ва ғайра).

Тухм масолеҳи қиматбаҳои таом мебошад. Дар таркиби он қариб ҳамаи моддаҳои зарурӣ мавҷуданд. Ҳамаи тухмро як вақт ба тӯрхалтаи филизӣ андохта ба дегчаи сирдори обаш ҷӯшида гузоред. Агар тухмро нимдунбул 2-4 дона пухтанӣ бошед, 3-5 дақиқа ва агар сахт пухтанӣ шавед, 8-10 дақиқа дар об ҷӯшонед. Тухми дар яхдон нигоҳ дошташударо ба оби ҷӯш намегузоранд, чунки он кафиданаш мумкин аст. Агар пӯсти тухм кафида бошад, онро дар оби шӯр мепазанд. Баъд аз пухтан тухмро ба оби хунук меандозанд, то ин ки пӯсташ тез ҷудо ва ранги зардии тухм нигоҳ дошта шавад. Тухми пухта дар вақти давр занондан бисёр давр мезанад, тухми хом бошад, 1-2 давр мезанад.



*Навъҳои хӯриш*

**4. Мустаҳкамкунии мавзӯи нав:**

1. Кадом навъҳои хӯришро медонед?
2. Таркиби хӯришҳо аз чӣ иборат аст?
3. Тарзи реза кардани сабзавотро барои хӯриш гӯед.
4. Дар бораи сабзавот маълумот диҳед.
5. Ягон намуди хӯришро ба таври интихобӣ амалан тайёр кунед.

**5. Истифодаи усули Кластери сода**

Кластер (claster – хӯша, даста) усули гирдоварии андешаҳои хонандагон доир ба ягон мавзӯъ, мафҳум буда, дар шаклҳои гуногун тасвир меёбад. Ин усул аз тарафи мутахассиси проблемаҳои эҷодӣ Тони Бюзан кор карда шудааст. Ин усул имкон медиҳад, ки хонандагон барои фикр намудани мавзӯи дарпешистода сафарбар шаванд.

Мақсадҳои истифода бурдани усули Кластер: гирдоварии андешаҳои хонандагон; бунёди вазъияти ҷустуҷӯ; инкишофи малакаҳои баёни мухтасари фикр; омӯзиши роҳҳои гуногуни гирдоварии андешаҳо; пешниҳод кардани маълумотҳои иловагӣ; муайян кардани дониши хонандагон доир ба мавзӯъ.

**Масъала:** Сабзавотро бо кадом намуд реза мекунанд?




**2. Намуди хӯриш аз мева ва сабзавот**




**6. Кори амалӣ: Тайёр намудани хӯриш аз бодирингу помидор**

Аз тарафи омӯзгор қоидаҳои техникаи бехатарӣ ва санитарию гигиенӣ оид ба мавзӯъ назорат карда, аз ҷониби хонандагон риоя карда шавад.

Таҷҳизот: тахтача, корд, табақ барои омехтани хӯриш, табақчаҳои хӯришгирӣ, чангак ва зарфҳо.

Миқдори масолеҳ: 4-5 дона помидор, 3 дона бодиринг, 1 бандча пиёзи кабуд, мувофиқи табъ намаку мурч, зайтун, панири фаллагин (бринза).

**Қадамҳо:**

1. Бо ёрии омӯзгор хӯриш аз помидору бодиринг омода карда шавад;
2. Аз тарафи омӯзгор супориш дода шавад, ки оид ба хӯриш аз помидору бодиринг аз тарафи хонандагон маълумот дода шавад;
3. Миқдори масолеҳ аз тарафи омӯзгор муайян карда, ба талаботи санитарию гигиенӣ риоя намуда, коркарди аввалияи сабзавот гузаронида мешавад;
4. Аз тарафи омӯзгор бодирингу помидор, панирчаи фаллагин интихоб карда, нимҳалқа ё чоркунҷашакл реза карда мешавад;
5. Коркарди аввалияи помидору бодирингро иҷро карда, онро реза мекунанд;
6. Ба маҳсулоти тайёркардашудаи хӯриш мувофиқи табъ намак, зайтун, панирчаи фаллагин, сабзавот андохта мешавад;
7. Хӯриши тайёршуда бо равғани рустанӣ, майонез, қаймоқ ё ҷурғот омехта карда мешавад;
8. Аз ҷониби омӯзгор ва хонандагон тарзи тайёр кардани хӯриши муайян карда, пурра тайёр шудани таом санҷида мешавад.
9. Ба хонандагони фаъол ҳангоми гузаронидани кори амалӣ аз тарафи омӯзгор баҳогузорӣ карда мешавад.



***Тайёр кардани хӯриш аз сабзавот «Наврӯзӣ»: а) тарзи пора кардани сабзавот; б) ороиши хӯриши сабзавот***

**7. Дарсро ҷамъбаст намуда, заҳмати хонандагонро қадрдонӣ кунед.**

**8. Арзёбӣ:** Дар рафти дарс фаъолияти таълимии хонандагонро мушоҳида намуда, дараҷаи ба салоҳиятҳо ноил гаштани онҳоро муайян кунед. Натиҷаҳои фаъолияти таълимии хонандагонро аз рӯйи савол ва супоришҳои зерин арзёбӣ карда метавонед. *(мувофиқи натиҷаи арзёбии мазкур ба хонандагон баҳои аъло, хуб, қаноатбахш ва ғайриқаноатбахш гузошта мешавад).*

| **Фаъолият** | **Метавонад** | **Қисман метавонад** | **Наметавонад** |
|---|---|---|---|
| Дар бораи тарз ва тариқи реза кардани сабзавот, хӯришҳо шарҳ дода метавонад? | | | |
| Раванди реза кардани сабзавот ва ороиши онро шарҳ дода метавонад? | | | |
| Эҳтиёткорона кор кардан ва муносибати хуб бо асбобу афзорҳоро риоя карда метавонад? | | | |
| Ҳангоми иҷрои кори амалӣ техникаи бехатариро риоя карда метавонад? | | | |
| Ҳангоми реза кардани сабзавот сарфакориро риоя карда метавонад? | | | |
| Саломатии худро эҳтиёт карда, дар бораи тарзи ҳаёти солим маълумот дода метавонад? | | | |

## ДАРСИ 7

## МАВЗӮЪ: ОДОБИ НИШАСТАН ДАР САРИ ДАСТАРХОН

**Барнома:** Талаботи санитарию гигиенӣ ва ҳодисаҳои бехатарии меҳнат. Ташкили ҷойи корӣ. Ороиши дастархон. Одоби нишаст дар сари дастархон.

**Салоҳиятҳо:**
- Баъзе воситаҳои технологиро истифода бурда метавонад;
- Дар доираи мавзӯъҳои маҳдуд ғояи навро пайдо карда метавонад;
- Доир ба баъзе касбҳо маълумоти сода дода метавонад;

➢ Хусусиятҳои тарбиявии фанро дарк карда, баъзе унсурҳои онро дар амал татбиқ карда метавонад.

**Мақсадҳои дарс:**

- Қоидаҳои нишастан дар сари дастархонро шарҳ дода тавонад;
- Раванди омода кардани миз ва талаботи санитарию гигиенӣ, эстетикӣ ва бехатарии корро шарҳ дода тавонад;
- Эҳтиёткорона кор кардан ва муносибати хуб бо асбобу афзорҳоро риоя карда тавонад;
- Баъзе қисматҳои оростани дастархонро эҷодкорона иваз карда, таъйиноти онро дигар карда тавонад;
- Урфу одатҳои миллиро шарҳ дода, онро арзёбӣ карда тавонад;
- Саломатии худро эҳтиёт карда, дар бораи тарзи ҳаёти солим маълумот дода тавонад.

**Таҷҳизоти зарурӣ:** китоби дарсӣ, овезаҳо оид ба одоби нишастан дар сари дастархон ва оростани дастархон.

**1. Методикаи таълим:** Ҳангоми банақшагирии дарс аз тавсияҳои зерин истифода бурда метавонед.

1. Ташкили дарс: Дар ин марҳала корҳои зерин ба роҳ монда мешавад:

Тайёр намудани маводди хониш;

Ҳозир-ғоиб кардани хонандагон;

Омода намудани хонандагон ба дарс.

**2. Такрори дарси гузашта:** Дарсро аз гузоштани масъала оғоз намоед. Бо саволҳои зерин ба хонандагон муроҷиат намоед:

1. Дар бораи тартиби реза кардани сабзавот маълумот диҳед.
2. Оид ба шаклҳои резакунии сабзавот маълумот диҳед.
3. Адвиётҳо ҳангоми омода кардани хӯрок ва хӯришҳо кадомҳоянд?
4. Хусусияти хӯришҳои сабзавотӣ дар чист?

**3. Шиносоӣ бо мазмуни мавзӯъ:** Оид ба қоидаҳои нишастан дар сари дастархон суҳбат гузаронида, дар бораи оростани дастархон, тарзи ҷобаҷогузории чизҳои зарурӣ барои тановул, талаботи санитарию гигиенӣ, эстетикӣ ва бехатарӣ барои омода намудани миз, мафҳумҳои хӯрокнома ва дастархон шарҳ дода мешавад.

1. Дар сари миз рост шинед, саросемавор таом нахӯред, онро нағз хоида фурӯ баред, дар вақти таомхӯрӣ нахандед, нӯшокӣ ва таоми бисёр гармро истеъмол накунед.
2. Талаботи бехатариро риоя кунед. Бо асбобҳои таомхӯрӣ боэҳтиёт муносибат кунед. Дар вақти таомхӯрӣ бо қошуқ, чангак, корд боэҳтиёт бошед.
3. Агар чизе лозим шаваду аз шумо дуртар бошад, даст дароз накунед. Аз шахси дар наздатон нишаста илтимос кунед ва баъд аз гирифтан миннатдории худро ҳатман баён намоед.
4. Баъд аз таомхӯрӣ рухсат гирифта аз ҷой хезед ва ба соҳибхона миннатдорӣ баён карда равед.

Оростани дастархон тайёр кардани миз барои тановули таом ва тартиби гузоштани асбобҳо дар рӯйи он мебошад. Рӯйи миз зебо бошад, ҳолати хуш, табҳи гуворо ва иштиҳои томро таъмин мекунад. Дар вақти оростани дастархон ба рӯйи миз аввал ягон масолеҳи гармитобовар мегузоранд. Баъд дастархони рангубораш равшанро аз болои он мегустуранд. Ба рӯйи миз аввал чизҳои барои тановул зарурӣ, адвиёт ва боз асбобҳои таомхӯрӣ ва таомнома гузошта мешаванд, ки микдори ҷойи нишастро дар миз нишон медиҳанд. Таомнома номгӯйи таомҳо, газаку хӯришҳо барои хӯроки пагоҳӣ, нисфирӯзӣ ва шом аст. Сипас табақчаи таомро назди ҳар кас монда, аз тарафи чап чангак ва аз тарафи рост корду қошуқ мегузоранд. Чой ё нӯшокиҳои дигар, шаравориҳо ва меваҳоро баъди истеъмоли таом ба дастархон бояд гузошт, зеро дастархон барои ҳамагон оро дода

мешавад ва кас бояд ба тановули бомаънию бонизом, истифодаи дурусти қошуқу корд ва чангак одат кунад. Истифодаи ин асбобҳо чандин садсолаҳо идома дорад ва чун унсуру одоби таомхӯрӣ қабул шудааст. Истифодаи онҳо на фақат барои ба завқ овардани атрофиён пешбинӣ шудааст, балки ахлоқу одоби таомхӯрии онҳоро нишон медиҳад.

Пеш аз таомхӯрӣ дастатонро бо собун шӯед. Дар вақти таомхӯрӣ ва баъди ба охир расидани таомхӯрӣ даст ва даҳонро бо сачоқча пок кунед.

**4. Мустаҳкамкунии мавзӯи нав:**

1. Барои ороиши дастархон кадом намуди асбобҳоро истифода мебаранд?
2. Қоидаи дуруст нишастан дар сари мизро гӯед.
3. Зарфҳои синфхонаи асосҳои касбу ҳунарро шӯед ва кадом маҳлул ё моеъро истифода бурдед, гуфта диҳед.

**5. Истифодаи бозии “Изофагиро ёбед!”**

Масъала: Ороиши дастархон

Аз тарафи омӯзгор супориш дода мешавад, ки барои ороиши дастархон кадом асбобҳоро истифода мебаранд. Он асбобҳое, ки ба рӯйи дастархон гузошта намешавад, аз рӯйхати пешниҳодшуда изофагиро муайян намоянд. Он хонандае, ки дуруст ва бехато асбобҳо барои ороиши дастархонро муайян мекунад, ғолиб дониста, баҳои баланд гузошта мешавад.

**Намуна:**

1. Қошуқ, чангак, корд, табар, асбобҳои хӯрокхурӣ;
2. Зарф, табақча, чойник, дег;
3. Дастарҳон , сачоқчаи матоъгӣ, сатил, сачоқчаи коғаз
4. Гулдон, зарфҳо барои афшура, дарзмол.

**6. Кори амалӣ:** Ороиши дастархон ва риояи қоидаҳои нишаст дар сари дастархон.

Аз тарафи омӯзгор қоидаҳои техникаи бехатарӣ ва санитарию гигиенӣ оид ба мавзӯъ назорат карда, аз ҷониби хонандагон риоя карда шавад.

**Қадамҳо:**

1. Аз тарафи омӯзгор синф ба ду зергурӯҳ тақсим карда мешавад;
2. Супориш дода мешавад, ки бояд ҳар як гурӯҳ мизро оро дода, рафтор ва одоби мизбон ва меҳмон дар сари мизро шарҳ диҳад;
3. Он гурӯҳе, ки ба пуррагӣ ва дуруст дастархонро оро дода, тибқи талабот одоби нишастан дар сари мизро шарҳ медиҳад, ғолиб дониста мешавад;
4. Мувофиқи фаъолияти хонандагон аз тарафи омӯзгор баҳогузорӣ карда мешавад.



***Намуди ороиши дастархон***

**7. Дарсро ҷамъбаст намуда, заҳмати хонандагонро қадрдонӣ кунед.**

**8. Арзёбӣ:** Дар рафти дарс фаъолияти таълимии хонандагонро мушоҳида намуда, дараҷаи ба салоҳиятҳо ноил гаштани онҳоро муайян кунед. Натиҷаҳои фаъолияти

таълимии хонандагонро аз рӯйи савол ва супоришҳои зерин арзёбӣ карда метавонед. *(мувофиқи натиҷаи арзёбии мазкур ба хонандагон баҳои аъло, хуб, қаноатбахш ва ғайриқаноатбахш гузошта мешавад).*

| Фаъолият | Метавонад | Қисман метавонад | Наметавонад |
|---|---|---|---|
| Дар бораи қоидаҳои нишастан дар сари дастархонро шарҳ дода метавонад? | | | |
| Раванди омода кардани миз ва талаботи санитарию гигиенӣ, эстетикӣ ва бехатарии корро шарҳ дода метавонад? | | | |
| Эҳтиёткорона кор кардан ва муносибати хуб бо асбобу афзорҳоро риоя карда метавонад? | | | |
| Баъзе қисматҳои оростани дастархонро эҷодкорона иваз карда, таъйиноти онро дигар карда метавонад? | | | |
| Урфу одатҳои миллиро шарҳ дода, онро арзёбӣ карда метавонад? | | | |
| Саломатии худро эҳтиёт карда, дар бораи тарзи ҳаёти солим маълумот дода метавонад? | | | |

## ДАРСИ 8

## МАВЗӮЪ: ОРОИШИ ДАСТАРХОН БАРОИ ХӮРОК. ОРОИШ ВА ГУЗОШТАНИ АСБОБҲО БА ДАСТАРХОН

**Барнома:** Талаботи санитарию гигиенӣ ва ҳодисаҳои бехатарии меҳнат. Ташкили ҷойи корӣ. Ороиши дастархон барои хӯрокҳои тайёр. Ороиши таомҳои тайёр. Оростани дастархон. Ба сари дастархон кашидани таомҳои тайёр. Муайян кардани сифати онҳо. Таҳлил ва камбудиҳои рухдода. Шиносоӣ бо касби пешхизмат. Шиносоӣ бо асбобу зарфҳои хӯрокхӯрӣ

**Салоҳиятҳо:**

- Баъзе воситаҳои технологиро истифода бурда метавонад;
- Дар доираи мавзӯъҳои маҳдуд ғояи навро пайдо карда метавонад;
- Доир ба баъзе касбҳо маълумоти сода дода метавонад;
- Хусусиятҳои тарбиявии фанро дарк карда, баъзе унсурҳои онро дар амал татбиқ карда метавонад.

**Мақсадҳои дарс:**

-Истифодаи асбобҳои хӯрокхӯрӣ, намудҳои қошуқ, чангак, кордро шарҳ дода тавонад;

- Раванди гузориш ва истифодаи асбобу зарфҳои хӯрокхӯриро шарҳ дода тавонад;
- Эҳтиёткорона кор кардан ва муносибати хуб бо асбобҳои хӯрокхӯрӣ: чангак, қошуқ ва кордро риоя карда тавонад;
- Баъзе қисматҳои оростани дастархонро иваз карда, таъйиноти онро дигар карда тавонад;
- Урфу одатҳои миллиро шарҳ дода, онро арзёбӣ карда тавонад;
- Саломатии худро эҳтиёт карда, дар бораи тарзи ҳаёти солим маълумот дода тавонад.

**Таҷҳизоти зарурӣ:** китоби дарсӣ, овезаҳо оид ба ороиш ва гузоштани асбобу зарфҳо ба дастархон.

**1. Методикаи таълим:** Ҳангоми банақшагирии дарс аз тавсияҳои зерин истифода бурда метавонед.

1. Ташкили дарс: Дар ин марҳала корҳои зерин ба роҳ монда мешавад:

Тайёр намудани маводди хониш;

Ҳозир-ғоиб кардани хонандагон;

Омода намудани хонандагон ба дарс.

**2. Такрори дарси гузашта:** Дарсро аз гузоштани масъала оғоз намоед. Бо саволҳои зерин ба хонандагон муроҷиат намоед:

1. Қоидаи дуруст нишастан дар сари дастархонро баён кунед.
2. Оростани дастархон аз чиҳо иборат аст?
3. Ба рӯйи миз аввал чиҳо гузошта мешавад?

4. Оид ба намудҳои дастархон маълумот диҳед.

**3. Шиносоӣ бо мазмуни мавзӯъ:** Оид ба ороиш ва гузоштани асбобу зарфҳо ба дастархон суҳбат гузаронида, дар бораи ороиши дурусти дастархон, истифодаи асбобҳои хӯрокхӯрӣ, намудҳои қошуқ, чангак, корд ва фарқияти байни намудҳои онҳо, таърихи пайдоиши сачоқча шарҳ дода мешавад.

Ороиши дастархонро аз наҳорӣ сар мекунем. Доир ба аҳамияти ороиши дастархон олими рус И.П.Павлов гуфтааст: «Аз ҳама хӯроки нағз ва фоидаовар ин бо иштиҳо ва бо завқ хӯрок хӯрдан мебошад». Истеъмоли таоми болаззату ҳархела ва ороиши зебои дастархон боиси табъи хуш мегарданд. Ороиши дурусти дастархон ботартибии мизро нишон медиҳад.

Истифодаи асбобҳои таомхӯрӣ. Баъзеҳо фикр мекунанд, ки риояи қоидаҳои таомхӯрӣ, истифода бурдани қошуқ, чангак ва корд, донистани қоидаҳои истифодаи онҳо зарур нестанд ва онҳоро раванди изофагӣ ва нолозим дар таомхӯрӣ мешуморанд. Аммо ин одоби қабулшуда дар таомхӯрӣ асрҳо инҷониб дар амалия санҷида шудааст. Қоидаҳои истифодаи дурусти асбобҳои таомхӯрӣ нафақат барои ба завқ овардани атрофиён заруранд, инчунин маданиятнокии шахсро нишон медиҳанд.

Намудҳои қошуқ. Қошуқ ҳанӯз дар асри X маълум буд. Аввалин намуди қошуқро аз чӯб барои одамони бой месохтанд. Баъдан қошуқро аз нуқра барои ҳамаи намуди таомҳо месохтагӣ шуданд. Тадриҷан шакл ва андозаи қошуқҳо (мувофиқи таъйиноташон) гуногун шуданд. Инак, таоми равонро бо қошуқе истеъмол мекунанд, ки он барои таомҳои якум таъйин шудааст. Ҳангоми хӯрдани таоми якум қошуқро аз дастакаш ба дасти рост мегиранд. Умуман, ҳамаи намуди шавларо бо қошуқ мехӯранд. Барои хӯрдани шираворӣ (десерт) қошуқи десертиро истифода мебаранд. Қошуқча барои нӯшидани чой, қаҳваи бо шир ва қаҳваи сиёҳ лозим аст. Бо он шакарро омехта мекунанд ва мурабборо мехӯранд.

Намудҳои чангак. Чангакро 700 - 800 сол инҷониб истифода мебаранд. Дар асрҳои миёна ва баъдан онро аз филизҳои (металлҳои) қиматбаҳо, мисли тилло, нуқра ё устухони фил месохтанд. Бинобар ин, онҳо асосан дар мизи одамони доро истифода мешуданд. Бисёр одамон дар гузашта таомро бо даст мехӯрданд, зеро чангак пеш на барои ҳама дастрас буд. Чангакҳои қадима нисбат ба ҳозира 1,5-2 маротиба калон буданд. Ба онҳо ҳиссаҳои калони гӯшт ва гӯшти парандаро тақсим мекарданд. Шумораи дандонҳояш (шохаҳояш) асосан 2-то буд. Бо гузашти замон, ки анвои таомҳо хеле зиёд шуданд, вазифаи чангакҳо низ зиёд шуд.

Маълумот оид ба пешхизмат. Ҳангоми интихоби касби пешхизматӣ инро дар хотир бояд дошт, ки дар тарабхона, қаҳвахона ва ғайра ба ғайр аз дониши махсус хизматрасонии бекаму кос, боз бо одамон муносибати дуруст карда тавонистан лозим аст.

Либоси пешхизмат бояд ба намуди дохили тарабхона ё қаҳвахона мувофиқ, ба талаботи эстетикии замон ҷавобгӯ, ба ҳамаи мавсими сол мувофиқ ва зебо бошад. Пешхизмат бояд хушгуфтор, дорои санъати баланди муошират бошад: дидадароӣ, сазовор гаштан ба боварии мардум, худро чун зебопараст, рӯҳшинос, корчалон, чолоку

ҳозирҷавоб ба мардум шиносондан, чеҳраи хандон ва одобу ахлоқи нек доштан ба мароми зиндагияш табдил ёбад. Пешхизмат баъд аз қабули меҳмон ӯро ба ҷойи муайян шинонида, менюро пешниҳод мекунад. Бисёр таомҳо мувофиқи хоҳиши мизоҷон алоҳида тайёр карда мешавад. Шахсе, ки касби пешхизматиро интихоб мекунад, бояд нисбат ба ин касб шавқу завқ, майлу рағбат ва қобилият дошта бошад, яъне техникаи хизматрасониро пурра донад.



*Намудҳои асбобҳои хӯрокхӯрӣ*

**4. Мустаҳкамкунии мавзӯи нав:**

1. Вазифаи асбобҳои дар рӯйи миз гузоштаро гуфта диҳед.
2. Ба рӯйи миз гузоштани корд, чангак, қошуқро амалан нишон диҳед.
3. Агар дар синфхонаи касбу ҳунар шароит муҳайё бошад, ороиши дастархон, тарзи гузоштани асбобҳо ва сачоқчаҳоро барои шаш нафар амалан иҷро намоед.

**5. Истифодаи усули Кластери сода**

Кластер (claster – хӯша, даста) усули гирдоварии андешаҳои хонандагон доир ба ягон мавзӯъ, мафҳум буда, дар шаклҳои гуногун тасвир меёбад. Ин усул аз тарафи мутахассиси проблемаҳои эҷодӣ Тони Бюзан кор карда шудааст. Ин усул имкон медиҳад, ки хонандагон барои фикр намудани мавзӯи дарпешистода сафарбар шаванд.

**Марҳалаҳои кор ҳангоми таҳияи кластер:**

**Марҳалаи якум** – дар маркази тахтаи синф (ё варақи сафед) давра тасвир карда мешавад, ки дар дохили он мафҳум ва ё калимаи асосии мавзӯи нав навишта мешавад, ки ғоя, мақсади асосии дарсро ташкил мекунад;

**Марҳалаи дувум** – хонандагон дар атрофи мавзӯъ, мафҳум ва ё калимаи асосӣ андешаҳои худро менависанд. Дар натиҷа, дар атрофи ин калима ё ибора, ғояҳо, далелҳо, ё симоҳое, ки онро зоҳир менамоянд, гирд оварда мешаванд;

**Марҳалаи сеюм** – пас аз хондани китоб, шарҳи омӯзгор, хонандагон ба таҳлил ва низом даровардани кардани маводди омӯхташуда оғоз менамоянд. Хонандагон байни андешаҳо алоқаи мувофиқро барқарор намуда, онҳоро вобаста ба мазмунашон ба гурӯҳҳо муттаҳид мекунанд;

**Марҳалаи чорум** – андешаҳои навишташуда, бо хатҳои рост бо мавҳум, ё калимаи асосӣ пайваст карда мешаванд. Дар натиҷа як сохтор ба вуҷуд меояд, ки фикрҳоро ба таври графикӣ инъикос менамояд.




**6. Кори амалӣ:** Гузориш ва истифодаи асбобу зарфҳои хӯрокхӯрӣ

Аз тарафи омӯзгор қоидаҳои техникаи бехатарӣ ва санитарию гигиенӣ оид ба мавзӯъ назорат карда, аз ҷониби хонандагон риоя карда шавад.

**Қадамҳо:**

1. Аз тарафи омӯзгор супориш дода мешавад, ки ба рӯйи дастархон мутобиқи расмҳои пешниҳодшуда асбоб ва зарфҳо гузошта шаванд;
2. Асбоб ва зарфҳое, ки дар синфхонаи технология (таълими меҳнат) мавҷуд аст, ҷобаҷогузории зарф ва асбобҳо амалан иҷро карда шавад;
3. Баъди гузоштани зарфҳо ба рӯйи дастархон аз тарафи омӯзгор назорат бурда санҷида шавад;
4. Камбудиҳои дучоршуда саривақт аз тарафи омӯзгор ислоҳ карда шавад;
5. Бо мақсади баҳогузорӣ ба хонандаи камфаъол аз байни хонандагон як хонанда ихтиёрӣ саволҳои дар саҳифаи 42 овардашударо хонад;
6. Ба саволҳои пешниҳодшуда аз тарафи хонандагони дигар бонавбат ҷавоб дода шавад;
7. Аз тарафи хонандагони фаъол ҷавобҳои дурусти савол муайян карда шавад;
8. Ба хонандае, ки фаъолона ба саволҳо ҷавоби дуруст медиҳад, аз тарафи хонандагон баҳогузорӣ карда шавад.



***Тарзи дурусти гузориш ва истифодаи асбобу зарфҳои хӯрокхӯрӣ***

**7. Дарсро ҷамъбаст намуда, заҳмати хонандагонро қадрдонӣ кунед.**

**8. Арзёбӣ:** Дар рафти дарс фаъолияти таълимии хонандагонро мушоҳида намуда, дараҷаи ба салоҳиятҳо ноил гаштани онҳоро муайян кунед. Натиҷаҳои фаъолияти таълимии хонандагонро аз рӯйи савол ва супоришҳои зерин арзёбӣ карда метавонед. *(мувофиқи натиҷаи арзёбии мазкур ба хонандагон баҳои аъло, хуб, қаноатбахш ва ғайриқаноатбахш гузошта мешавад).*

| Фаъолият | Метавонад | Қисман метавонад | Наметавонад |
|---|---|---|---|
| Дар бораи истифодаи асбобҳои хӯрокхӯрӣ, намудҳои қошуқ, чангак, корд, шарҳ дода метавонад; | | | |
| Раванди гузориш ва истифодаи асбобу зарфҳои хӯрокхӯрӣ шарҳ дода метавонад; | | | |
| Эҳтиёткорона кор кардан ва муносибати хуб бо асбобҳои хӯрокхӯрӣ: чангак, қошуқ ва кордро риоя карда метавонад? | | | |
| Баъзе қисматҳои оростани дастархонро эҷодкорона иваз карда, таъйиноти онро дигар карда метавонад? | | | |
| Урфу одатҳои миллиро шарҳ дода, онро арзёбӣ карда метавонад? | | | |
| Саломатии худро эҳтиёт карда, дар бораи тарзи ҳаёти солим маълумот дода метавонад? | | | |

## ДАРСИ 9

## МАВЗӮЪ: ТАРЗИ ОМОДА КАРДАНИ ХӮРОКИ ЯКУМ АЗ САБЗАВОТ

**Барнома:** Талаботи санитарию гигиенӣ ва ҳодисаҳои бехатарии меҳнат. Ташкили ҷойи корӣ. Ороиши дастархон барои хӯрокҳои тайёр. Ороиши таомҳои тайёр. Оростани дастархон. Ба сари дастархон кашидани таомҳои тайёр. Муайян кардани сифати онҳо. Таҳлил ва камбудиҳои рӯхдода. Тарзҳои гуногуни тайёр кардани хӯроки якум аз сабзавот.

**Салоҳиятҳо:**

- Баъзе воситаи технологиро истифода бурда метавонад;
- Дар доираи мавзӯъҳои маҳдуд ғояи навро пайдо карда метавонад;
- Доир ба баъзе касбҳо маълумоти сода дода метавонад;
- Хусусиятҳои тарбиявии фанро дарк карда, баъзе унсурҳои онро дар амал татбиқ карда метавонад.

**Мақсадҳои дарс:**

- Тарзи омода кардани хӯроки якум аз сабзавотро шарҳ дода тавонад;
- Раванди омода кардани хӯроки якум аз сабзавотро шарҳ дода тавонад;
- Эҳтиёткорона кор кардан ва муносибати хуб бо асбобҳоро риоя карда тавонад;
- Хусусияти эстетикии омода намудани хӯроки якум аз сабзавотро шарҳ дода, онро арзёбӣ карда тавонад;
- Урфу одатҳои миллиро шарҳ дода, онро арзёбӣ карда тавонад;
- Саломатии худро эҳтиёт карда, дар бораи тарзи ҳаёти солим маълумот дода тавонад.

**Таҷҳизоти зарурӣ:** китоби дарсӣ, овезаҳо оид ба раванди омода кардани хӯроки якум аз сабзавот.

**1. Методикаи таълим:** Ҳангоми банақшагирии дарс аз тавсияҳои зерин истифода бурда метавонед.

1. Ташкили дарс: Дар ин марҳала корҳои зерин ба роҳ монда мешавад:

Тайёр намудани маводди хониш;

Ҳозир-ғоиб кардани хонандагон;

Омода намудани хонандагон ба дарс.

**2. Такрори дарси гузашта:** Дарсро аз гузоштани масъала оғоз намоед. Бо саволҳои зерин ба хонандагон муроҷиат намоед:

1. Гузориш ва истифодаи дурусти асбобу зарфҳои хӯрокхӯриро баён кунед.
2. Оид ба истифодаи асбобҳои хӯрокхӯрӣ: қошуқ, чангак ва корд маълумоти мухтасар диҳед.
3. Фарқи корд барои моҳӣ аз корди гӯштпоракунӣ дар чист?
4. Аз таърихи пайдоиши сачоқча маълумот диҳед.

**3. Шиносоӣ бо мазмуни мавзӯъ:** Оид ба тарзи омода кардани хӯроки якум аз сабзавот суҳбат гузаронида, дар бораи роҳи якум ва роҳи дуюми омода намудани хӯроки якум, ҳарорати хӯрок, аҳамияти номгӯйи хӯрокҳо, калоринокии хӯрок, тақсимоти хӯрок шарҳ дода мешавад. Тайёр кардани таомҳои миллӣ аз сабзавот қобилият ва дониши махсусро талаб мекунад. Хусусияти тайёр кардани таоми якум дар ошхонаи миллӣ ба технологияи он вобаста аст. Баъзе намудҳои таоми якумро бо ду роҳ тайёр мекунанд.

Роҳи якум. Аввал гӯшт, пиёз, сабзиро бирён мекунанд, баъд об мерезанд ва сабзавотро меандозанду пиёба тайёр мекунанд. Онро дар оташи паст 1-1,5 соат то тайёр шудан мепазанд ва пас аз 5-10 дақиқа дам додан бо риоя кардани қоидаҳои ороиш ба дастархон мегузоранд.

Роҳи дуюм. Барои тайёр кардани пиёба пораҳои калони гӯшти устухондорро дар оташи паст 2 соат ё аз он зиёд меҷӯшонанд ва пеш аз пухтани пиёба ба он пиёзи маҳин резакарда, сабзавот, кабудӣ ва адвиётро паси ҳам меандозанд. Моддаҳои ниҳоят тези гӯшт мазаи махсуси ба таом мувофиқро пайдо мекунанд. Муҳлати пухтани таом ба масолеҳи истифодашавандаи он вобаста аст. Аз сабаби он ки дар таомҳои якум ба ғайр аз гӯшт, гӯшти мурғ, моҳӣ навъҳои зиёди сабзавот (каду, шалғам, картошка, пиёз, помидор, сабзӣ ва ғайра), адвиёту кабудиҳоро истифода мебаранд, онҳо барои организми одам фоидабахш мебошанд. Таомҳои якуми миллии маъмултарин шӯрбо, мастоба, угро мебошанд. Ҳоло номгӯйи таомҳои якум зиёд шуда истодааст. Аз ҳисоби истифодаи маҳсулоти макаронӣ ва ҳар хел ярмаву сабзавот таомҳои гуногуни якумро тайёр мекунанд.

Гӯшти равғандори гӯсфанд ё говро нағз шуста ба деги обдор андозед ва дар оташи паст гузоред. Кафки сафедашро муттасил гирифтан лозим аст. Баъд ба дег пиёзи резакардаро андозед. Пеш аз пурра пухтани таом ба он чанд барги ғорро барои хушбӯйӣ андозед. Вақте ки пиёба қариб тайёр шуд, камтар намак андозед. Дар вақти ҷӯшидан равғанашро бо қошуқ гирифта, ба косаи алоҳида гузоред.

Пиёба бояд камаш 2 соат пазад, ки ин ба ҳолати пухтани гӯшт вобаста аст. Шӯрбо хӯроки равғании иштиҳоовар буда, нағз ҳазм мешавад ва онро ҳамчун таоми якум мехӯранд. Вобаста ба тарзу усули тайёр намудан шӯрбо гуногуннавъу гуногунтаъм мешавад.



*Хӯроки тайёри якум хомшӯрбо*

**4. Мустаҳкамкунии мавзӯи нав:**

1. Ба таоми нисфирӯзӣ чиҳо дохил мешаванд?

2. Бо хоҳиши худ таоми якумро интихоб намуда, онро пазед ва мизро ороиш диҳед.

**5. Истифодаи методи «Намоиши кубӣ»**

Методи «Намоиши кубӣ» имкон медиҳад, ки паҳлуҳои ин ё он масъала аз назари хонандагон гузаронида шавад. Барои истифодаи ин метод бо хонандагон шакли геометрии кубро аз коғаз созед (15-20 см), ё ба хонандагон як дарс пеш барои дарси оянда сохтани шакли кубро вазифаи хонагӣ супоред.

Дар шаш паҳлуи он шаш мафҳум навишта мешавад: **тасвир, муқоиса, тасаввурот, таҳлил, истифода, далел.** Ба ҳар як мафҳум саволҳо оварда мешаванд, ки барои ҷавоби мушаххас додан ёрӣ мерасонанд.

Мақсадҳои истифодаи методи мазкур: ҳаматарафа дида баромадани мавзӯъ ва ё вазъияти проблемавӣ; инкишофи малакаҳои таҳлил ва хулоса баровардан.

**Қадамҳои иҷро кардани ин метод:**

1. Аз рӯйи масъала/мушкилот «ангезиши зеҳн» гузаронед.

2. Савол ё масъалаҳои пешакӣ тайёркардаро пешниҳод намоед ва аз хонандагон хоҳиш кунед, ки ҷавобҳоро нависанд. Одатан барои ҷавоб ба се саволи аввал як дақиқа кифоя аст. Барои ҷавобҳои минбаъда 2-3 дақиқа вақт додан лозим аст.




**Намуна:** Савол. Ба фикри шумо сабзавот чист?

1. **Тасвир** – сабзавот масолеҳи хӯрока

2. **Муқоиса:** Сабзавот ба мева монанд аст. Сабзавот ҳам монанди мева витаминҳоро дорад. Сабзавот нисбат ва мева шира надорад.

3. **Таассурот** Сабзавот масолеҳи барои организми инсон зарур аст.

4. **Таҳлил** Сабзавотҳо гуногун мешаванд: помидор, бодиринг, картошка, шал-ғам, сабзӣ, қаламфур ва ғайра. Сахт, мулоим, сероб, камоб ва ғайра.

5. **Истифода** Сабзавотро асосан барои таом истифода мебаранд. Аз сабзавотҳо таоми якум, дуюм, ва хӯриш тайёр мекунанд. Сабзавотро дар буғ, об, ба тарзи дампаз, бирён истифода мебаранд. Аз сабзавот афшура (сок) тайёр мекунанд.

6. **Далелҳои тарафдор муқобил** Дар таркиби сабзавот сафеда, об, витаминҳо, қанд, намакҳои минералӣ мавҷуд аст. Дар баъзе таркиби сабзавот , оҳан, мис, фосфор, калий ва ғайра мавҷуданд. Сабзавотро барои тайёр кардани ниқоб (маска) барои пӯсти рӯй истифода мебаранд.

**6. Кори амалӣ:** Технологияи омода кардани хомшӯрбо.

Аз тарафи омӯзгор қоидаҳои техникаи бехатарӣ ва санитарию гигиенӣ оид ба мавзӯъ назорат карда, аз ҷониби хонандагон риоя карда шавад.

**Қадамҳо:**

1. Бо ёрии омӯзгор таоми хомшӯрбо омода карда шавад;
2. Аз тарафи омӯзгор супориш дода шавад, ки оид ба тарзи тайёр кардани хӯроки якум хомшӯрбо аз тарафи хонандагон маълумот дода шавад;
3. Миқдори масолеҳ аз тарафи омӯзгор муайян карда, ба талаботи санитарию гигиенӣ риоя намуда, коркарди аввалияи сабзавот гузаронида мешавад;
4. Аз тарафи омӯзгор маҳсулоти зарурӣ интихоб карда, мутобиқи талабот маҳсулот реза карда мешавад;
5. Коркарди аввалияи маҳсулоти хӯроки якум иҷро карда шавад;
6. Бо навбат маҳсулоти омодакардаро ба дег андохта, муҳлати пухтани хӯроки якум риоя карда шавад;
7. Гӯшти гӯсфанд (тӯш, қабурға ва каме равғанаш)-ро шуста, ба деги обдор андохта ҷӯшонида шавад;
8. Баъди ба ҷӯш омадан бехпиёзро ҳалқа-ҳалқа реза карда андохта шавад;
9. Ба хомшӯрбо аввал сабзӣ, баъд шалғам ва дар охир картошкаро бо фосилаи 10-15 дақиқа ва пеш аз пухтан помидору адвиёт андохта шавад;
10. Хомшӯрбо дар оташи паст пухта шавад;
11. Ба дег мувофиқи масолеҳ об андохтан лозим аст. Агар гӯшт дар оби гарм андохта шавад, лаззаташ дар худаш мемонад.
12. Ба маҳсулоти тайёршудаистода хӯроки якум мувофиқи табъ намак, сабзавот, барги ғор, зира, мурч ва ғайра андохта шавад;
13. Аз ҷониби омӯзгор ва хонандагон тарзи тайёр кардани хомшӯрбо муайян карда, баъди пухта шудани хӯроки якум санҷида мешавад.
14. Ба хонандагони фаъол ҳангоми гузаронидани кори амалӣ аз тарафи омӯзгор баҳогузорӣ карда мешавад.
15. Ба он хонандае, ки бо риояи талаботи қоидаҳои техникаи бехатарӣ асбоб ва зарфҳоро дуруст истифода бурдааст, баҳогузорӣ карда шавад.




***Маҳсулот барои тайёр кардани хӯроки хомшӯрбо***

**7. Дарсро ҷамъбаст намуда, заҳмати хонандагонро қадрдонӣ кунед.**

**8. Арзёбӣ:** Дар рафти дарс фаъолияти таълимии хонандагонро мушоҳида намуда, дараҷаи ба салоҳиятҳо ноил гаштани онҳоро муайян кунед. Натиҷаҳои фаъолияти таълимии хонандагонро аз рӯйи савол ва супоришҳои зерин арзёбӣ карда метавонед. *(мувофиқи натиҷаи арзёбии мазкур ба хонандагон баҳои аъло, хуб, қаноатбахш ва ғайриқаноатбахш гузошта мешавад).*

| Фаъолият | Метавонад | Қисман метавонад | Наметавонад |
|---|---|---|---|
| Дар бораи тарзи омода кардани хӯроки якум аз сабзавотро шарҳ дода метавонад? | | | |
| Раванди омода кардани хӯроки якум аз сабзавотро шарҳ дода метавонад? | | | |
| Эҳтиёткорона кор кардан ва муносибати хуб бо асбобҳоро риоя карда метавонад? | | | |
| Хусусияти эстетикии омода намудани хӯроки якум аз сабзавотро шарҳ дода, онро арзёбӣ карда метавонад? | | | |
| Урфу одатҳои миллиро шарҳ дода, онро арзёбӣ карда метавонад? | | | |
| Саломатии худро эҳтиёт карда, дар бораи тарзи ҳаёти солим маълумот дода метавонад? | | | |

## ДАРСИ 10

## МАВЗӮЪ: ХӮРОКҲОИ ДУЮМ АЗ САБЗАВОТ

**Барнома:** Талаботи санитарию гигиенӣ ва ҳодисаҳои бехатарии меҳнат. Ташкили ҷойи корӣ. Ороиши дастархон барои хӯрокҳои тайёр. Ороиши таомҳои тайёр. Оростани дастархон. Ба сари дастархон кашидани таомҳои тайёр. Муайян кардани сифати онҳо. Таҳлил ва камбудиҳои рухдода. Тарзҳои гуногуни тайёр кардани хӯроки дуюм аз сабзавот.

**Салоҳиятҳо:**

- Баъзе воситаҳои технологиро истифода бурда метавонад;
- Дар доираи мавзӯъҳои маҳдуд ғояи навро пайдо карда метавонад;
- Доир ба баъзе касбҳо маълумоти сода дода метавонад;
- Хусусиятҳои тарбиявии фанро дарк карда, баъзе унсурҳои онро дар амал татбиқ карда метавонад.

**Мақсадҳои дарс:**

-Дар бораи тарзи омода кардани хӯрокҳои дуюм аз сабзавотро шарҳ дода метавонад;
-Раванди омода кардани хӯрокҳои дуюм аз сабзавотро шарҳ дода метавонад;
-Эҳтиёткорона кор кардан ва муносибати хуб бо асбобҳоро риоя карда метавонад;
-Хусусияти эстетикии омода намудани хӯрокҳои дуюм аз сабзавотро шарҳ дода, онро арзёбӣ карда метавонад;
-Урфу одатҳои миллиро шарҳ дода, онро арзёбӣ карда метавонад;
-Саломатии худро эҳтиёт карда, дар бораи тарзи ҳаёти солим маълумот дода метавонад.

**Таҷҳизоти зарурӣ:** китоби дарсӣ, овезаҳо оид ба раванди омода кардани хӯрокҳои дуюм аз сабзавот.

**1. Методикаи таълим:** Ҳангоми банақшагирии дарс аз тавсияҳои зерин истифода бурда метавонед.

1. Ташкили дарс: Дар ин марҳала корҳои зерин ба роҳ монда мешавад:

Тайёр намудани маводди хониш;

Ҳозир-ғоиб кардани хонандагон;

Омода намудани хонандагон ба дарс.

**2. Такрори дарси гузашта:** Дарсро аз гузоштани масъала оғоз кунед. Бо саволҳои зерин ба хонандагон муроҷиат намоед:

1. Оид ба раванди омода кардани хӯроки якум аз сабзавотро шарҳ диҳед.
2. Роҳи дуюми омода кардани хӯроки якум аз сабзавот кадом роҳ аст?
3. Аҳамияти калориянокии хӯрок ба организми инсон дар чист?
4. Ноништаи дуюм бояд чанд фоизи калориянокии хӯроки шабонаро ташкил диҳад?

**3. Шиносоӣ бо мазмуни мавзӯъ:** Оид ба тарзи омода кардани хӯрокҳои дуюм аз сабзавот суҳбат гузаронида, дар бораи аз як намудҳои сабзавотҳо омода кардани хӯроки дуюм, талабот ба сифати хӯрок шарҳ дода мешавад.

Таомҳои дуюмро аз як намуди сабзавот тайёр кардан мумкин аст (картошкабирён, карами пухтагӣ, лаблабуи дампаз, котлет аз сабзӣ, каду, шалғам ва ғайра). Ҳамчунин аз якчанд намуди сабзавот рагуи сабзавотӣ ё аз каду, картошка, пиёз, кабудӣ, помидор ё томати помидор, барги ғор дамлама тайёр намудан мумкин аст. Қариб ба ҳамаи таомҳо сирпиёз андохтан мумкин аст. Дар вақти таоми тайёрро ба рӯйи миз гузоштан ба рӯйи он кабудӣ (ҷаъфарӣ ё шибит) ва қайлаи помидор меандозанд. Сабзавоти бирёнкарда ва дампазро бештар ҳамчун хӯриш (гарнир) дар таомҳои аз гӯшти моҳию мурғ истифода мебаранд. Сифати таом бояд ба чунин талаботҳо ҷавобгӯ бошад:

1. Сабзавоти дампаз шакли резакардаашро гум накунад ва аз пухтан нагузарад.
2. Бӯйи лаблабуи дампаз бояд ба бӯйи қаймоқ, рагуи котлети сабзавотӣ ба бӯйи сабзавоти пухтагӣ монанд бошад.

Дар вақти шустани зарфҳо ҳеҷ гоҳ хокаҳои ҷомашӯйиро истифода набаред. Барои ин кор хокаҳои махсус, маҳлулҳо, сода барои шустани зарфҳо мавҷуданд. Дар вақти шустан обро эҳтиёт кунед: Барои он ки аз картошка витаминҳо ва моддаҳои шифобахш шуста нашаванд, ба дег оби зиёд андохтан лозим нест. Картошкаро ба оби хунук наандозед ва сахт наҷӯшонед. Картошкаро дар деги сарпӯшдор пазед. Ба пухтани он назорат кунед, то ин ки аз пухтан нагузарад.



 

*Намудҳои хӯрокҳои дуюм аз сабзавот*

**4. Мустаҳкамкунии мавзӯи нав:**

1. Коркарди аввалияи карамро гуфта диҳед.
2. Барои чӣ карамро барои ин таом маҳин реза намекунанд.

**5. Истифодаи усули "Чӣ тавр?"**

Методи «Чӣ тавр?» силсилаи муҳокимарониҳо барои муайян кардани роҳҳои ба даст овардани натиҷа аст. Онро дар мавридҳои зерин истифода мебаранд:

- ✓ ҷустуҷӯйи роҳҳои гуногуни ҳалли мушкилот;
- ✓ муайян кардани пайдарпайии ҳодисаю амалҳо;
- ✓ муайян кардани сабаби ҳодисаю амалҳо.

Агар савол дуруст гузошта шавад, роҳҳои пайдоиши ҳама гуна натиҷаро ёфтан мумкин аст. Пайваста истифода бурдани ин усул барои ташаккули малакаҳои ҳаётӣ: ҷустани роҳҳои гуногуни ҳалли вазъият, мушкилоти баамаломада имконпазир мегардад.

**Мақсадҳо:**

- ✓ ҷустуҷӯ карда тавонистани роҳ(ҳо)-и ҳалли масъала;
- ✓ алоқаманд карда тавонистани ҷавобҳо ба саволи «Чӣ тавр?»;
- ✓ инкишофи малакаҳои фикрронӣ (исбот карда тавонистани андешаҳои худ) ва нутқи шифоҳӣ;
- ✓ иртиботи сабаб ва натиҷа/оқибат.

**Натиҷа. Хонандагон:**

1) савол гузошта, роҳи ҳалли масъаларо ҷустуҷӯ менамоянд;
2) андешаҳои худро дар гурӯҳ таҳлил мекунанд;
3) ҷавобҳоро муқоиса менамоянд;
4) фикру мулоҳизаҳоро кӯтоҳ ва мушаххас баён ва қайд мекунанд;
5) ба мулоҳизаҳои худ далел меоранд;

**Тарзи истифода бурдани ин метод:**

1. Масъала ва ё натиҷае ба хонандагон пешниҳод мегардад.
2. Аз хонандагон хоҳиш карда мешавад, ки барои ҳалли масъала ё мушкилот саволи «Чӣ тавр?» гузоранд.
3. Агар масъала ё мушкилот ҳалли худро наёбад, саволро боз такроран гузошта, андешаҳо ба якдигар бо тирча алоқаманд карда мешаванд.

Ин амал то муайян кардани сабаб ё натиҷаи ниҳоии мушкилот идома меёбад.

**Намуна:** Номгӯйи хӯрокҳои пагоҳӣ, нисфирӯзӣ ва шомро чӣ тавр бояд тартиб дод?




**Натиҷа. Хонандагон:**

1. Ба мушкилот савол гузошта, ҳалли онро меёбанд;
2. Андешаҳои якдигарро таҳлил менамоянд;
3. Андешаҳояшонро баён мекунанд;
4. Ба андешаҳои худ далел меоранд.

**5. Кори амалӣ:** Карами дампаз бо гӯшт (хӯроки дуюм)

Аз тарафи омӯзгор қоидаҳои техникаи бехатарӣ ва санитарию гигиенӣ оид ба мавзӯъ назорат карда, аз ҷониби хонандагон риоя карда шавад.

**Қадамҳо:**

1. Бо ёрии омӯзгор таоми карами дампаз бо гӯшт омода карда шавад;

2. Аз тарафи омӯзгор супориш дода шавад, ки оид ба тарзи тайёр кардани хӯроки дуюм аз тарафи хонандагон маълумот дода шавад;

3. Миқдори масолеҳ аз тарафи омӯзгор муайян карда, ба талаботи санитарию гигиенӣ риоя намуда, коркарди аввалияи сабзавот гузаронида мешавад;

4. Аз тарафи омӯзгор маҳсулоти зарурӣ интихоб карда, мутобиқи талабот маҳсулот реза карда мешавад;

5. Коркарди аввалияи маҳсулоти хӯроки дуюм иҷро карда шавад;

6. Бо навбат маҳсулоти омодакардаро ба дег андохта, муҳлати пухтани хӯроки дуюм риоя карда шавад;

7. Карами тару тозаро шуста, ба 4 ҳисса тақсим карда, пӯсти сахташ гирифта шавад;

8. Гӯшти тозаи лахми гӯсфандро тоза шуста, майда реза карда шавад;

9. Дар равғани на он қадар зиёд бо пиёз, помидор ё қайлаи он бирён карда шавад;

10. Баъд камтар об, намак, адвиёт мувофиқи табъи худ андохта, то пухтанаш дам карда, дар оташи паст пухтанро давом диҳед;

11. Таоми тайёрро ба табақ кашида, ба болояш қайлаи помидор ва кабудӣ андохта болои миз гузоред.

12. Аз ҷониби омӯзгор ва хонандагон тарзи тайёр кардани карами дампаз бо гӯшт муайян карда, баъди пухта шудани хӯроки дуюм санҷида мешавад.

13. Ба хонандагони фаъол ҳангоми гузаронидани кори амалӣ аз тарафи омӯзгор баҳогузорӣ карда мешавад.

14. Ба он хонандае, ки бо риояи талаботи қоидаҳои техникаи бехатарӣ асбоб ва зарфҳоро дуруст истифода бурдааст, баҳогузорӣ карда шавад.



***Раванди тайёр кардани карами дампаз бо гӯшт (хӯроки дуюм)***

**6. Дарсро ҷамъбаст намуда, заҳмати хонандагонро қадрдонӣ кунед.**

**7. Арзёбӣ:** Дар рафти дарс фаъолияти таълимии хонандагонро мушоҳида намуда, дараҷаи ба салоҳиятҳо ноил гаштани онҳоро муайян кунед. Натиҷаҳои фаъолияти таълимии хонандагонро аз рӯйи савол ва супоришҳои зерин арзёбӣ карда метавонед. *(мувофиқи натиҷаи арзёбии мазкур ба хонандагон баҳои аъло, хуб, қаноатбахш ва ғайриқаноатбахш гузошта мешавад).*

| **Фаъолият** | **Метавонад** | **Қисман метавонад** | **Наметавонад** |
|---|---|---|---|
| Дар бораи тарзи омода кардани хӯрокҳои дуюм аз сабзавотро шарҳ дода метавонад? | | | |
| Раванди омода кардани хӯрокҳои дуюм аз сабзавотро шарҳ дода метавонад? | | | |

| | | | |
|---|---|---|---|
| Эҳтиёткорона кор кардан ва муносибати хуб бо асбобҳоро риоя карда метавонад? | | | |
| Хусусияти эстетикии омода намудани хӯрокҳои дуюм аз сабзавотро шарҳ дода, онро арзёбӣ карда метавонад? | | | |
| Урфу одатҳои миллиро шарҳ дода, онро арзёбӣ карда метавонад? | | | |
| Саломатии худро эҳтиёт карда, дар бораи тарзи ҳаёти солим маълумот дода метавонад? | | | |

## ДАРСИ 11

## МАВЗӮЪ: ХӮРОКИ ДУЮМИ ХӮРИШАШ АЗ САБЗАВОТ

**Барнома:** Талаботи санитарию гигиенӣ ва ҳодисаҳои бехатарии меҳнат. Ташкили ҷойи корӣ. Истифодаи сабзавот дар тайёр кардани хӯрокҳои гуногун. Андозаи истеъмоли хӯрок. Қоидаҳои умумии тайёр кардани хӯроки дуюми хӯришаш аз сабзавот. Тарзҳои гуногуни тайёр кардани хӯрок аз сабзавот. Ороиши таомҳои тайёр.

**Салоҳиятҳо:**
- Баъзе воситаҳои технологиро истифода бурда метавонад;
- Дар доираи мавзӯъҳои маҳдуд ғояи навро пайдо карда метавонад;
- Доир ба баъзе касбҳо маълумоти сода дода метавонад;
- Хусусиятҳои тарбиявии фанро дарк карда, баъзе унсурҳои онро дар амал татбиқ карда метавонад.

**Мақсадҳои дарс:**
- Тарзи омода кардани хӯроки дуюми хӯришаш аз сабзавотро шарҳ дода тавонад;
- Раванди омода кардани хӯроки дуюми хӯришаш аз сабзавот ва коркарди аввалияи картошкаро шарҳ дода тавонад;
- Эҳтиёткорона кор кардан ва муносибати хуб бо асбобҳоро риоя карда тавонад;
- Хусусияти эстетикии омода намудани хӯроки дуюми хӯришаш аз сабзавотро шарҳ дода, онро арзёбӣ карда тавонад;
- Урфу одатҳои миллиро шарҳ дода, онро арзёбӣ карда тавонад;
- Саломатии худро эҳтиёт карда, дар бораи тарзи ҳаёти солим маълумот дода тавонад.

**Таҷҳизоти зарурӣ:** китоби дарсӣ, овезаҳо оид ба раванди омода кардани хӯроки дуюми хӯришаш аз сабзавот.

**1. Методикаи таълим:** Ҳангоми банақшагирии дарс аз тавсияҳои зерин истифода бурда метавонед.

1. Ташкили дарс: Дар ин марҳала корҳои зерин ба роҳ монда мешавад:

Тайёр намудани маводди хониш;

Ҳозир-ғоиб кардани хонандагон;

Омода намудани хонандагон ба дарс.

**2. Такрори дарси гузашта:** Дарсро аз гузоштани масъала оғоз кунед. Бо саволҳои зерин ба хонандагон муроҷиат намоед:

1. Ҳадди ақали омода намудани хӯроки дуюм аз чанд намуди сабзавот омода кардан мумкин аст?
2. Сабзавоти бирёнкарда ва дампазро ҳамчун хӯриш ба кадом хӯрокҳо истифода мебаранд?
3. Сифати хӯрок бояд ба кадом талаботҳо ҷавобгӯ бошад?
4. Оид ба раванди коркарди аввалияи карам шарҳ диҳед.

**3. Шиносоӣ бо мазмуни мавзӯъ:** Оид ба тарзи омода кардани хӯроки дуюми хӯришаш аз сабзавот суҳбат гузаронида, дар бораи талаботи ҳифзи витамини С ҳангоми коркарди аввалия ва бирён кардани картошка шарҳ дода, бо якчанд намуди технологияи омода кардани хӯрок аз картошка шинос карда мешавад.

Таомҳои тайёрро ҳамчун таоми мустақил ва бо хӯриш (гарнир) додан мумкин аст. Миқдори хӯриш ба таоми 2-юм бояд бо вазни таоми асосӣ мувофиқ бошад. Мисол, агар гӯшт ё моҳиро барои 1 кас 100 г гирем, он гоҳ хӯриши картошкаи тайёрро 150-200 г, аммо макарон ё шавлаҳои аз биринҷу марҷумакро 100-150 г мегирем. Барои ҳифзи витамини С дар вақти коркарди аввалия ва бирён кардани картошка чунин талаботҳоро бояд риоя кунед:

1. Дар вақти тоза кардани пӯсти картошка картошкатозакунак ё корди тези маҳин гиред.

2. Картошкаи тозакардаро вақти зиёд дар об надоред.

3. Картошкаро пеш аз бирён кардан реза карда, ба дег андозед, то пухтанаш сарпӯши дег бояд пурра маҳкам бошад.

4. Картошкаи пухтаро зуд болои миз гузоред.

Коркарди аввалияи картошка аз ҷудо кардани он ба навъҳо, шустан, пок кардан, боз шустан, реза кардан иборат мебошад. Барои тоза, реза ва пок кардану гирифтани чашмакҳои картошка кордҳои махсус мавҷуданд. Дар истеҳсолоти хӯроки умумӣ картошкаро бо асбобҳои махсус тоза мекунанд, ки он муҳлати корро тез ва осон намуда, дар як соат аз 125 то 400 кг картошкаро тоза мекунад. Якчанд намуди технологияи тайёр кардани таом аз картошкаро дида мебароем.

1. Ҳангоми тоза кардани картошка ва реза кардани сабзавот (кабудӣ) қоида ва шартҳои кор бо кордро риоя кунед.

2. Сарпӯши деги маҳлули гарм доштаро дуруст кушоед.

3. Сарпӯши дегро бо дастпӯшак гиред.

4. Барои он, ки аз картошка витаминҳо ва моддаҳои шифобахш шуста нашаванд, ба дег оби зиёд наандозед.

5. Картошкаро ба оби хунук наандозед ва сахт наҷӯшонед.

6. Картошка дар деги сарпӯшдор пухта шавад, ба пухтани он назорат кунед.









**Хӯроки дуюми хӯришаш аз сабзавот**

**4. Мустаҳкамкунии мавзӯи нав:**

1. Коркарди аввалияи картошкаро шарҳ диҳед?

2. Барои чӣ картошкаи тозакардаро дар об зиёд мондан мумкин нест?

3. Тарзи тайёр кардани таом аз картошкаро интихобан муайян намоед. Агар дар синфхонаи асосҳои касбу ҳунар шароит бошад, онро амалан иҷро кунед.

**5. Истифодаи усули Кластери сода**

Кластер (claster – хӯша, даста) усули гирдоварии андешаҳои хонандагон доир ба ягон мавзӯъ, мафҳум буда, дар шаклҳои гуногун тасвир меёбад. Ин усул аз тарафи мутахассиси проблемаҳои эҷодӣ Тони Бюзан кор карда шудааст. Ин усул имкон медиҳад, ки хонандагон барои фикр намудани мавзӯи дарпешистода сафарбар шаванд.

Дар марказ як мафҳум, савол ё проблемаи мавзӯи нав навишта мешавад. Вазифаи хонандагон аз он иборат аст, ки маълумотҳои доштаашонро оиди он нависанд. Ин имкон медиҳад, ки хонандагон ҳамаи андешаҳои баёншударо дар як ҷо гирд оварда, дар баробари шунидани онҳо боз аёнӣ бо онҳо шинос гарданд.

**Мақсадҳо:** гирдоварии андешаҳои хонандагон; бунёди вазъияти ҷустуҷӯ; инкишофи малакаҳои баёни мухтасари фикр; омӯзиши роҳҳои гуногуни гирдоварии андешаҳо; пешниҳод кардани маълумотҳои иловагӣ; муайян кардани дониши хонандагон доир ба мавзӯъ.

**Марҳалаҳои кор ҳангоми таҳияи кластер:**

**Марҳалаи якум** – дар маркази тахтаи синф (ё варақи сафед) доира тасвир карда мешавад, ки дар дохили он мафҳум ва ё калимаи асосии мавзӯи нав навишта мешавад, ки ғоя, мақсади асосии дарсро ташкил мекунад;

**Марҳалаи дуюм** – хонандагон дар атрофи мавзӯъ, мафҳум ва ё калимаи асосӣ андешаҳои худро менависанд. Дар натиҷа, дар атрофи ин калима ё ибора, ғояҳо, далелҳо, ё симоҳое, ки онро зоҳир менамоянд, гирд оварда мешаванд;

**Марҳалаи сеюм** – пас аз хондани китоб, шарҳи омӯзгор, хонандагон ба таҳлил ва низом даровардани маводди омӯхташуда оғоз менамоянд. Хонандагон байни андешаҳо алоқаи мувофиқро барқарор намуда, онҳоро вобаста ба мазмунашон ба гурӯҳҳо муттаҳид мекунанд;

**Марҳалаи чорум** – андешаҳои навишташуда, бо хатҳои рост бо мафҳум, ё калимаи асосӣ пайваст карда мешаванд. Дар натиҷа як сохтор ба вуҷуд меояд, ки фикрҳоро ба таври графикӣ инъикос менамояд.

Шакли кластер гуногун шуда метавонад: ба монанди «хӯша», ки аз ақидаҳо ташаккул меёбад ва дар гирди мавзӯи онҳо навишта мешавад. Ҳангоми навишти ақидаҳо алоқаҳои байниҳамдигарии онҳо муайян карда мешавад. Муҳим он аст, ки хонандагон миқдори зиёди алоқаҳоро ёбанд ва вобаста ба он кластер ду намуд мешавад: кластери **сода** ва кластери **мураккаб.**

Дар маркази худ як мафҳуми асосиро дорад, ки дар гирди он якчанд мафҳумҳои ба он тобеъ мавҷуд буда, ин мафҳумҳо низ зермафҳумҳои ба худ тобеъро доранд.




**Намунаи кластери сода: Савол:** Аз картошка кадом таомҳоро тайёр кардан мумкин аст?

Дар бораи тайёр кардани таомҳо аз картошка ҳамаи фикрҳо ҷамъ карда мешаванд.

**6. Кори амалӣ:** Картошкабирён (хӯроки дуюми хӯришаш аз сабзавот).

Аз тарафи омӯзгор қоидаҳои техникаи бехатарӣ ва санитарию гигиенӣ оид ба мавзӯъ назорат карда, аз ҷониби хонандагон риоя карда шавад.

Дар кори амалӣ коркарди гармии як намуди сабзавот (картошка)-ро нишон дода шуд. Шумо метавонед, дигар намуди сабзавотро бо ин роҳҳо (пухтан, бирён кардан, дам карда пухтан, дар оби ҷӯш мондан ва ғайра) тайёр намуда, истеъмол кунед.

**Қадамҳо:**

1. Бо ёрии омӯзгор таоми картошкабирён омода карда шавад;
2. Аз тарафи омӯзгор супориш дода шавад, ки оид ба тарзи тайёр кардани хӯроки дуюми хӯришаш аз сабзавот аз тарафи хонандагон маълумот дода шавад;
3. Миқдори масолеҳ аз тарафи омӯзгор муайян карда, ба талаботи санитарию гигиенӣ риоя намуда, коркарди аввалияи сабзавот гузаронида мешавад;
4. Аз тарафи омӯзгор маҳсулоти зарурӣ интихоб карда, мутобиқи талабот маҳсулот реза карда мешавад;
5. Баъд аз ҳалқашакл ё наргисӣ реза кардан дар чавлӣ гузошта, бо оби равони хунук шуста мешавад;
6. Барои он, ки дар вақти бирён кардан оҳари картошка пораҳои он бо ҳам начаспанд, оби онро равонда, тафдонро гарм карда, картошкаро дар равғани доғ то пурра пухтан бирён карда мешавад;
7. Ба картошкабирён дар вақти пухтан намак пошидан лозим аст, чунки хуштаъм мешавад.
8. Картошкабирёнро ба табақчаҳо кашида, бо бодиринг, помидор, ҳар гуна кабудиҳои бо оби хунуки равон шуста ва бо оби гарм обгардон карда ороиш додан лозим аст.
9. Аз ҷониби омӯзгор ва хонандагон тарзи тайёр кардани картошкабирён муайян карда, баъди пухта шудани таом санҷида мешавад.
10. Ба хонандагони фаъол ҳангоми гузаронидани кори амалӣ аз тарафи омӯзгор баҳогузорӣ карда мешавад.
11. Ба он хонандае, ки риояи талаботи қоидаҳои техникаи бехатарӣ асбоб ва зарфҳоро дуруст истифода бурдааст, баҳогузорӣ карда шавад.



***Раванди тайёр кардани картошкабирён ва ороиши он***

**7. Дарсро ҷамъбаст намуда, заҳмати хонандагонро қадрдонӣ кунед.**

**8. Арзёбӣ:** Дар рафти дарс фаъолияти таълимии хонандагонро мушоҳида намуда, дараҷаи ба салоҳиятҳо ноил гаштани онҳоро муайян кунед. Натиҷаҳои фаъолияти таълимии хонандагонро аз рӯйи савол ва супоришҳои зерин арзёбӣ карда метавонед. *(мувофиқи натиҷаи арзёбии мазкур ба хонандагон баҳои аъло, хуб, қаноатбахш ва ғайриқаноатбахш гузошта мешавад).*

| **Фаъолият** | **Метавонад** | **Қисман метавонад** | **Наметавонад** |
|---|---|---|---|
| Дар бораи тарзи омода кардани хӯроки дуюми хӯришаш аз сабзавотро шарҳ дода метавонад? | | | |
| Раванди омода кардани хӯроки дуюми хӯришаш аз сабзавот ва коркарди аввалияи картошкаро шарҳ дода метавонад? | | | |
| Эҳтиёткорона кор кардан ва муносибати хуб бо асбобҳоро риоя карда метавонад? | | | |
| Хусусияти эстетикии омода намудани хӯроки дуюми хӯришаш аз сабзавотро шарҳ дода, онро арзёбӣ карда метавонад? | | | |

| | | | |
|---|---|---|---|
| Урфу одатҳои миллиро шарҳ дода, онро арзёбӣ карда метавонад? | | | |
| Саломатии худро эҳтиёт карда, дар бораи тарзи ҳаёти солим маълумот дода метавонад? | | | |

## БОБИ II

## ТЕСТ

**1. Ҳанӯз дар асри чанд мактабҳои хӯрокпазӣ мавҷуд буд?**
а) VII то милод
б) VI то милод
в) IV то милод

**2. Амалиёти пайдарҳамии коркарди масолеҳи хӯрокро чӣ меноманд?**
а) раванди технологӣ
б) раванди иқтисодӣ
в) раванди хӯрока

**3. Партови картошкаро бо кадом мақсад истифода бурдан мумкин аст?**
а) ҳосил кардани оҳар
б) ҳосил кардани ранг
в) ҳосил кардани намак

**4. Кадом витамин чашмро пурқувват ва инкишофи муътадили организмро таъмин мекунад?**
а) витамини А
б) витамини С
в) витамини В

**5. Вазифаи хӯрокпазиро киҳо иҷро мекунанд?**
а) ошпазҳо
б) пешхизматон
в) қаннодон

**6. Ватани сабзӣ куҷост?**
а) соҳилҳои Баҳри Миёназамин
б) Тоҷикистон
в) Чин
**7. Лаблабуи тозанокарда дар чанд дақиқа мепазад?**
а) 90
б) 60
в) 30

**8. «Аз ҳама хӯроки нағз ва фоидаовар ин бо иштиҳо ва бо завқ хӯрок хӯрдан аст» - гуфтаи кадом олим аст?**
а) И. П. Павлов
б) В. И. Ленин
в) **А.** Рӯдакӣ
**9. Ороиши дурусти дастархон чиро нишон медиҳад?**
а) ботартибии миз
б) болаззатии хӯрок
в) бетартибии миз

**10. Қошуқ дар асри чанд маълум буд?**
а) X
б) XX
в) XXI
**Эзоҳ: ҷавоби дурусти ҳамаи тест «а»**

## ДАРСИ 12

## МАВЗӮЪ: ЗАХИРА КАРДАНИ МАҲСУЛОТИ ХӮРОКВОРӢ, КОНСЕРВОНӢ ВА ОЧОРОНИИ САБЗАВОТ

**Барнома:** Ташкили ҷойи корӣ. Қоидаҳои бехатарии меҳнат. Ба намакхобонии сабзавот, усули муддати дароз нигоҳ доштани сабзавот. Истифодаи захираҳои табиӣ дар истеҳсолоти хӯрокворӣ. Тайёр кардан ва ба намак андохтани сабзавот.

**Салоҳиятҳо:**
- Баъзе воситаҳои технологиро истифода бурда метавонад;
- Дар доираи мавзӯъҳои маҳдуд ғояи навро пайдо карда метавонад;
- Доир ба баъзе касбҳо маълумоти сода дода метавонад;
- Хусусиятҳои тарбиявии фанро дарк карда, баъзе унсурҳои онро дар амал татбиқ карда метавонад.

**Мақсадҳои дарс:**
- Захира кардани маҳсулоти хӯрокворӣ, консервонӣ ва очоронии сабзавотро шарҳ дода тавонад;
- Раванди роҳҳои гуногуни ба намак андохтан, хушконидан, пухтан дар шакар, яхкунонӣ, дуддиҳиро шарҳ дода тавонад;
- Эҳтиёткорона кор кардан ва муносибати хуб бо асбобҳоро риоя карда тавонад;
- Баъзе роҳҳои захира кардани сабзавотро иваз карда, таъйиноти онро дигар карда тавонад;
- Саломатии худро эҳтиёт карда, дар бораи тарзи ҳаёти солим маълумот дода тавонад.

**Таҷҳизоти зарурӣ:** китоби дарсӣ, овезаҳо оид ба захира кардани маҳсулоти хӯрокворӣ.

**1. Методикаи таълим:** Ҳангоми банақшагирии дарс аз тавсияҳои зерин истифода бурда метавонед.
1. Ташкили дарс: Дар ин марҳала корҳои зерин ба роҳ монда мешаванд:
Тайёр намудани маводди хониш;
Ҳозир-ғоиб кардани хонандагон;
Омода намудани хонандагон ба дарс.

**2. Такрори дарси гузашта:** Дарсро аз гузоштани масъала оғоз намоед. Бо саволҳои зерин ба хонандагон муроҷиат намоед:
1. Талаботҳо барои ҳифзи витамини С кадомҳоянд?
2. Раванди коркарди аввалияи картошкаро шарҳ диҳед.
3. Дар истеҳсолот дар як соат то чанд кг картошка тоза карда мешавад?
4. Оид ба технологияи омода намудани хӯрок аз картошка маълумот диҳед.

**3. Шиносоӣ бо мазмуни мавзӯъ:** Оид ба тарзи захира кардани маҳсулоти хӯрокворӣ суҳбат гузаронида, дар бораи консервонӣ, очоронии сабзавот, раванди дар шароити хона консервонӣ, нигаҳдорӣ ва ба намак андохтани сабзавот, хушконидан, пухтан дар шакар,

яхкунонӣ, дуддиҳӣ ва.ғ., нигаҳдории сабзавот шарҳ дода, бо якчанд намуди захира кардани маҳсулоти хӯрокворӣ шинос карда мешавад.

Истеҳсолоти хӯрокворӣ аз гӯшт, моҳӣ, анвои гуногуни меваҷоту сабзавот тибқи дастурамал ва шароити технологӣ бо нигоҳдории қимати фоидаовари онҳо намудҳои гуногуни консерваро истеҳсол мекунад, ки барои организми инсон аҳамияти калон доранд. Маҳсулоти хӯроквориро бо роҳҳои ба намак андохтан, хушконидан, пухтан дар шакар, яхкунонӣ, дуддиҳӣ ва ғайра муддати зиёд нигоҳ доштан мумкин аст. Консервонӣ меваҷот ва сабзавотро дуру дароз аз вайроншавӣ нигоҳ медорад. Дар ҳарорати 0° С микробҳо нест ва дар ҳарорати баланд (40° С) бисёрии онҳо маҳв мешаванд. Ба намак андохтани сабзавот яке аз роҳҳои одии консервонӣ буда, он муддати зиёд истодани сабзавотро таъмин мекунад. Дар шароити хона усули одӣ ва боэътимоди консервонӣ тамйиз кардан (то ҳарорати муайян гарм кардан) мебошад. Барои тамйиз кардан маҳсулоти хӯрокаро хом ё пухта ба зарфҳо меандозанд, сарпӯшашро ибритӣ маҳкам карда, то ҳарорати 115 - 120°С гарм мекунанд. Дар натиҷаи ба намак андохтан ва тамйиз қимати ғизоии сабзавот он қадар кам намешавад ва витамини С дар онҳо то 80-90% боқӣ мемонад. Дар шароити хона ҳамаи мева ва ғуҷуммеваҳо ва сабзавотро консервонидан мумкин аст. Пеш аз консервонӣ сабзавотро ба навъҳо ҷудо карда, хуб мешӯянд, намакоб ва адвиётро пешакӣ тайёр мекунанд. Асбобҳо, зарфҳо ва зарфҳои шишагиро аввал тоза шуста, баъд бо оби ҷӯш мегардонанд ва хушк мекунанд.

**Нигаҳдорӣ ва ба намак андохтани сабзавот**

1. Бодиринги тару тоза тез вайрон мешавад, чунки дар таркиби он то 95% об мавҷуд аст. Бинобар ин барои муддати дурудароз нигоҳ доштан онро дар намак андохта консерва мекунанд. Бодиринги намаккардаро то ҳосили нав нигоҳ доштан мумкин аст.

2. Помидорро ҳам дар ҳолати тару тоза нигоҳ доштан душвор аст. Помидор дар таркиби худ то 93% об, 7% моддаҳои хушк, аз он ҷумла 3-4% қанд ва дигар моддаҳо дорад ва аз витаминҳо бой аст. Консервонии помидор хеле васеъ истифода мешавад. Помидорро бо усулҳои дар намак андохтан, очоронидан, хушк кардан, тайёр кардани афшура ва ғайра дер нигоҳ доштан мумкин аст.

Барги ғор ё олучаро майда реза карда, сирпиёз гузошта, баъд намакоби гармро, ки дар дегчаи сирдор тайёр карда шудааст, ба болои сабзавот резед ва онро то хунук шудан гузоред. Баъд даҳони зарфро пӯшед. Он баъд аз ду рӯз тайёр мешавад. Шумо метавонед сабзавотро бо усули очоронӣ дар зарфаҳои шишагӣ маҳкам кунед.




***Намудҳои захираҳои маҳсулот***

**4. Мустаҳкамкунии мавзӯи нав:**
1. Фарқи очоронӣ ва ба намак андохтан дар чист?
2. Дар вақти ба намак андохтан кадом таҷҳизотро истифода мебаранд?
3. Қоидаҳои ба намак андохтани сабзавотро гуфта диҳед.
4. Бодиринг ва помидорро ба намак андозед.

**5. Истифодаи усули Кластери сода**

Кластер (claster – хӯша, даста) усули гирдоварии андешаҳои хонандагон доир ба ягон мавзӯъ, мафҳум буда, дар шаклҳои гуногун тасвир меёбад. Ин усул аз тарафи мутахассиси проблемаҳои эҷодӣ Тони Бюзан кор карда шудааст. Ин усул имкон медиҳад, ки хонандагон барои фикр намудани мавзӯи дарпешистода сафарбар шаванд.

**Мақсадҳои истифодаи усули Кластер:** гирдоварии андешаҳои хонандагон; бунёди вазъияти ҷустуҷӯ; инкишофи малакаҳои баёни мухтасари фикр; омӯзиши роҳҳои гуногуни гирдоварии андешаҳо; пешниҳод кардани маълумотҳои иловагӣ; муайян кардани дониши хонандагон доир ба мавзӯъ.

**Масъалаи 1:** Дар саноати хӯрокворӣ аз кадом намуди анвои меваҷоту сабзавот захира кардан мумкин аст?




**Масъалаи 2.** Нигоҳ доштани маҳсулот бо кадом роҳҳо амалӣ мешавад?




**6. Кори амалӣ:** Карами ба намак андохташуда.

Аз тарафи омӯзгор қоидаҳои техникаи бехатарӣ ва санитарию гигиенӣ оид ба мавзӯъ назорат карда, аз ҷониби хонандагон риоя карда шавад.

**Қадамҳо:**

1. Барои ба намак андохтани карам таҷҳизоти зарурӣ: тахтача, корд, карсон, дегчаи сирдор (косстрюл)-и ҳаҷмаш 5-10 литр, санг ё ягон ҷисми вазнин омода карда шавад;
2. Бо ёрии омӯзгор ба намак андохтани сабзавот дар мисоли карам омода карда шавад;
3. Аз тарафи омӯзгор супориш дода шавад, ки оид ба тарзи тайёр кардани намудҳои ба намак андохтани сабзавотҳо аз тарафи хонандагон маълумот дода шавад;
4. Миқдори масолеҳ аз тарафи омӯзгор муайян карда, ба талаботи санитарию гигиенӣ риоя намуда, коркарди аввалияи сабзавот гузаронида мешавад;
5. Аз тарафи омӯзгор маҳсулоти зарурӣ интихоб карда, мутобиқи талабот маҳсулот реза карда мешавад;
6. Карам бояд ҳаҷмаш на он қадар калони нисбатан вазнини навъи дерпаз бошад, интихоб карда шавад;
7. Қабати болоии ифлосу зардшудаи карамро тоза карда, бо оби хунук шуста, реза карда шавад;
8. Сабзиро ба таври наргисӣ реза карда, намак, мурчи донагӣ, қаламфури тунд, барги ғор ё олуча андохта шавад;
9. Маҳсулоти тайёр омехта карда шавад;
10. Маҳсулоти тайёрро ба таги зарф як қабат барги карами тоза, сипас карами омехта андохта шавад;
11. Аз болои карам табақ ва ягон ҷисми вазнин (сангеро) гузошта, зарф нағз маҳкам карда шавад, то ин ки ҳаво надарояд;
12. Аз ҷониби омӯзгор ва хонандагон тарзи тайёр кардани ба намак андохтани карам муайян карда, баъди тайёр шудани карами ба намак андохташуда санҷида мешавад.
13. Ба хонандагони фаъол ҳангоми гузаронидани кори амалӣ аз тарафи омӯзгор баҳогузорӣ карда мешавад.
14. Ба он хонандае, ки бо риояи талаботи қоидаҳои техникаи бехатарӣ асбоб ва зарфҳоро дуруст истифода бурдааст, баҳогузорӣ карда шавад.



***Раванди ба намак андохтани карам***

**7. Дарсро ҷамъбаст намуда, заҳмати хонандагонро қадрдонӣ кунед.**

**8. Арзёбӣ:** Дар рафти дарс фаъолияти таълимии хонандагонро мушоҳида намуда, дараҷаи ба салоҳиятҳо ноил гаштани онҳоро муайян кунед. Натиҷаҳои фаъолияти таълимии хонандагонро аз рӯйи савол ва супоришҳои зерин арзёбӣ карда метавонед. *(мувофиқи натиҷаи арзёбии мазкур ба хонандагон баҳои аъло, хуб, қаноатбахш ва ғайриқаноатбахш гузошта мешавад).*

| **Фаъолият** | **Метавонад** | **Қисман метавонад** | **Наметавонад** |
|---|---|---|---|
| Дар бораи захира кардани маҳсулоти хӯрокворӣ, консервонӣ ва очоронии сабзавотро шарҳ дода метавонад? | | | |
| Раванди роҳҳои гуногуни ба намак андохтани, хушконидан, пухтан дар шакар, яхкунонӣ, дуддиҳиро шарҳ дода метавонад? | | | |
| Эҳтиёткорона кор кардан ва муносибати хуб бо асбобҳоро риоя карда метавонад? | | | |
| Баъзе роҳҳои захира кардани сабзавотро эҷодкорона иваз карда, таъйиноти онро дигар карда метавонад? | | | |
| Саломатии худро эҳтиёт карда, дар бораи тарзи ҳаёти солим маълумот дода метавонад? | | | |

## БОБИ III

## ТЕСТ

**1. Мақсади консервонӣ ва очоронидани сабзавот?**

а) муддати зиёд нигоҳ доштан

б) беҳтар шудани тамъи сабзавот

в) аз хунукӣ нигоҳ доштан

**2. Яке аз роҳҳои одии консервонӣ**
а) ба намак андохтан
б) дуддиҳӣ
в) дар шакар пухтан

**3. Барои тамйиз кардан то ҳарорати чанд гарм мекунанд?**
а) 115-120$^0$
б) 105-120$^0$
в) 115-130$^0$

**4. Дар натиҷаи ба намак андохтан ва тамйиз кардан витамини С-и сабзавот то чанд фоиз боқӣ мемонад?**
а) 80%-90%
б) 90%-98%
в) 70%-90%

**5. Дар таркиби бодиринг то чанд фоиз об мавҷуд аст?**
а) 95%
б) 87%
в) 97%

**6. Чанд фоизи помидорро қанд ташкил медиҳад?**
а) 3%-4%
б) 1%-3%
в) 4%-5%

**7. Дар ҳарорати чанд микробҳо нест мешаванд?**
а) $0^0$С
б) $6^0$С
в) $300^0$С

**8. Дар ҳарорати чанд микробҳо маҳв мешаванд?**
а) $40^0$С
б) $0^0$С
в) $10^0$С

**9. Таркиби помидорро чанд фоиз об ташкил медиҳад?**
а) 93%
б) 86%
в) 92%

**10. Дар таркиби помидор чанд фоиз моддаҳои хушк мавҷуд аст?**
а) 7%
б) 16%
в) 29%

## ДАРСИ 13

## МАВЗӮЪ: ТЕХНОЛОГИЯИ ОМОДА КАРДАНИ МАТОЪ

**Барнома:** Маълумот дар бораи классификатсияи (таснифот) наххо. Истифодаи захираҳои табиӣ ҳангоми истеҳсоли матоъ. Мафҳум дар бораи калоба ва ришта. Технологияи тайёр кардани матоъ. Тору пуд, зеҳи матоъ. Тарафи рост ва чапи матоъ. Маълумоти мухтасар дар бораи касбҳои истеҳсолоти ресандагию бофандагӣ.

**Салоҳиятҳо:**

- Баъзе воситаҳои технологиро истифода бурда метавонад;
- Дар доираи мавзӯъҳои маҳдуд ғояи навро пайдо карда метавонад;
- Доир ба баъзе касбҳо маълумоти сода дода метавонад;
- Хусусиятҳои тарбиявии фанро дарк карда, баъзе унсурҳои онро дар амал татбиқ карда метавонад.

**Мақсадҳои дарс:**

- Омода кардани матоъ, коркарди матоъ, намудҳои бофиши матоъро шарҳ дода тавонад;
- Амалиёти ҳосил кардани нахи заҳир ва матои катонро шарҳ дода тавонад;
- Хусусияти эстетикии матоъро шарҳ дода, онро арзёбӣ карда тавонад;
- Урфу одатҳои миллиро шарҳ дода, онро арзёбӣ карда тавонад.

**Таҷҳизоти зарурӣ:** китоби дарсӣ, овезаҳо оид ба технологияи омода кардани матоъ.

**1. Методикаи таълим:** Ҳангоми банақшагирии дарс аз тавсияҳои зерин истифода бурда метавонед.

1. Ташкили дарс: Дар ин марҳала корҳои зерин ба роҳ монда мешавад:

Тайёр намудани мавodди хониш;

Ҳозир-ғоиб кардани хонандагон;

Омода намудани хонандагон ба дарс.

**2. Такрори дарси гузашта:** Дарсро аз гузоштани масъала оғоз кунед. Бо саволҳои зерин ба хонандагон муроҷиат намоед:

1. Яке аз роҳҳои одии консервонӣ кадом намуд ба ҳисоб меравад?
2. Ҳангоми ба намак андохтан ва тамйиз кардан витамини С то чанд фоиз боқӣ мемонад?
3. Сабаби тез вайрон шудани бодиринг дар чист?
4. Помидорро бо кадом роҳҳо дер нигоҳ доштан мумкин аст?

**3. Шиносӣ бо мазмуни мавзӯъ:** Оид ба технологияи омода кардани матоъ суҳбат гузаронида, дар бораи таърихи техникаи ресандагию бофандагӣ, намудҳои нахҳо, ҳосил кардани матоъ, нахи пахта, раванди истеҳсоли матои пахтагӣ, нахи заҳир, ҳосил намудани лавсан, амалиёти ҳосил кардани нахи зағир ва матои катонӣ, коркарди матоъ, истеҳсолоти бофандагӣ, намудҳои бофиши матоъ шарҳ дода мешавад.

Усулҳои тайёр намудани матоъ ҳанӯз аз замонҳои хеле қадим маълум аст. Кофтуковҳои бостоншиносӣ шаҳодат медиҳанд, ки аҷдоди мо дар асрҳои XV пеш аз милод ба бофандагӣ машғул будаанд. Аввалин нахҳое, ки одамон истифода мебурданд, нахҳои сӯзгиёҳ ва канабӣ буданд. Техникаи ресандагию бофандагӣ солиёни зиёд дастӣ буда, танҳо дар асрҳои миёна рӯ ба тараққӣ ниҳод. Онҳо аз дуку чархҳо то ҳаллоҷӣ, аз ҳаллоҷӣ то дастгоҳҳои одӣ, аз онҳо то дастгоҳҳои механикию автоматии пуриқтидор такмил дода шуданд. Ҳоло якчанд намуди нахҳоро истифода мебаранд. Ба гурӯҳи аслӣ матоъҳое дохил мешаванд, ки аз нахҳои табиӣ, яъне рустанигӣ (пахта, зағирпоя, канаб), ҳайвонотӣ (мӯина, пилла) бофта шудаанд. Матоъ дар натиҷаи бофтани риштаҳои тору пуд ҳосил мешавад. Риштаҳои дарози тор дар вақти кашидан дароз намешаванд. Риштаҳои пуд дар вақти кашидан меёзанд. Риштаҳои пуд ғафс ва кӯтоҳанд. Дар ду канори матоъ милк мавҷуд аст. Масофаи ду милкро бари матоъ меноманд. Пахта нахи табиӣ буда, ватанаш Ҳиндустон мебошад. Пахта аз асри 1-и то милод асосан дар мамлакатҳои Осиё парвариш ва истеҳсол карда мешавад. Ҷумҳурии Тоҷикистон ба парваришу истеҳсоли пахта эътибори калон медиҳад. Пахтаро дар урфият «тиллои сафед» мегӯянд. Пахта ашёи хом ба ҳисоб меравад. Аз баъзе навъҳои он то 33-55% ва аз навъҳои маҳиннах то 38-40% нахи табиӣ мегиранд. Пахта рустании яксола буда, дарозии нахаш аз 12-20 то 50-60 мм мешавад. Пахтаи аз ҳама беҳтарин пахтаи нахаш дароз ба ҳисоб меравад. Аз нахи пахта

риштаҳои ғафс ва бисёр матоъҳои зебо, ба монанди чит, дока, вилвет, духоба ва ғайраҳо истеҳсол мекунанд.



***а)*** ***б)***

***Намудҳои матоъ: а) матои пахтагин б) матои загирин***

**Раванди истеҳсоли матои пахтагӣ.** Дар корхонаи бофандагӣ асосан матоъро якранг бофта, сафед мекунанд ва баъд ранг ё гул мемонанд. Агар матои сафедро ранг диҳанд, он ҷилодор ва зебо мешавад. Гулҳо ва нақшҳоро рӯйи матоъҳои сафед ва рангдор ба тариқи чоп ё нусхагирӣ мегузоранд. Нақшҳо гуногун мешаванд: гулдор ва рустанигӣ (гул, барг, рустанӣ ва шохаҳо), ҳандасавӣ (секунҷа, чоркунҷа, ромбшакл, хатҳал ва ғайра), мавзӯӣ, нақшҳои ҳайвонот, паранда, одамон ё чизҳои алоҳида ва ғайраро бисёртар дар Русия ва дар ҷумҳурии мо ҳам мекоранд. Истеҳсолоти бофандагӣ дар дастгоҳи бофандагӣ намуди гуногуни бофтанро иҷро мекунад. Дар вақти бофтан тартиби муайяни бофишро ба кор мебаранд. Риштаҳои асосӣ баъзан аз боло ва баъзан аз поён барқад бофта мешаванд. Баъди ҳар як, ду, се ва зиёда бофиш тартиби бофтан такрор мешавад. Агар адади камтарини риштаҳо баъд аз тартиби бофтан такрор шавад, онро рапорт меноманд. Дар матоъ риштаҳои тору пудро фарқ мекунанд.

**Наххои табиӣ**




**4. Мустаҳкамкунии мавзӯи нав:**

1. Доир ба наххои пахтагӣ ва катонӣ маълумот диҳед.
2. Тарзи сохтани аппликатсияро гуфта диҳед.
3. Дар соати кори амалӣ интихоби як намуди аппликатсия дар матоъро бо риояи қоидаи техникаи бехатарӣ, кор бо қайчӣ ва ширеш иҷро намоед.

**5. Истифодаи усули “Чархи ақидаҳо”**

Методи «Чархи ақидаҳо» барои гирдоварии миқдори муайяни (4, 6, 8, 12) андешаҳо доир ба мафҳум ё мавзӯъ дар шакли шохаҳои гирдгардон аст. Омӯзгор ин усулро дар мавридҳое истифода мебарад, ки агар масъалаи ҷудо кардани чизҳои нисбатан муҳим ба

миён ояд. Дар маркази «чарх» мафҳум, савол ё мушкилоти мавзӯи нав навишта мешавад. Вазифаи хонандагон аз он иборат аст, ки ду ё чорнафарӣ кор карда, маълумотҳои доштаашонро оид ба ин мавзӯъ нависанд.

**Мақсадҳо:** бедор намудани шавқу ҳавас; муайян кардани сарҳади донишҳои мукаммал; муайян кардани донишҳои нопурраи мавҷуда; ҷудо карда тавонистани чизҳои муҳим; инкишофи малакаҳои таҳлил ва хулосабарорӣ.

**Қадамҳои истифода бурдани ин метод:**

1. Дар маркази нақша мушкилот ва ё масъалаеро, ки ҳал кардан зарур аст, нависед.
2. Омӯзгор аз хонандагон хоҳиш менамояд, ки ақидаҳо, ё далелҳои асосиро вобаста ба мушкилот, ё масъалаи дар марказбуда дар шохаҳои чарх қайд кунанд. Агар далелҳо камӣ кунанд, хонандагон метавонанд саволҳои худро вобаста ба мушкилот, ё масъалаи дар марказбуда нависанд.
3. Гурӯҳҳо фаъолияти худро муаррифӣ мекунанд (чунин фаъолият бештар дар кори гурӯҳӣ гузаронида мешавад).
4. Омӯзгор муаррифии гурӯҳҳоро бодиққат гӯш карда, мубоҳиса ташкил менамояд.

**Намуна**:

**Масъала**: *«Дар бораи амалиёти ҳосил кардани нахи пахта ва матои пахтагӣ чӣ медонед? Ақидаҳои худро баён кунед.»*




**6. Кори амалӣ: Сохтани аппликатсия**

**Таҷҳизот ва асбобу анҷом:** матоъпораҳои пахтагӣ, катонӣ, якранг, гулдор ва рангоранг бо нусха ва нақшҳои гуногун, ҷадвал, қалам, қайчӣ, синтефон, ширеш (ПВА, флизилин), дарзмол, коғаз ва ғайра.



*Намунаҳои аппликатсия аз матоъ*

**Тартиби кор:** расми қаҳрамонони афсонавӣ ё интихобӣ.
**Истифодаи усули Кластери сода ҳангоми иҷрои кори амалӣ**
Намуна: Аз кадом маводҳо аппликатсия сохта мешавад?




Аз тарафи омӯзгор қоидаҳои техникаи бехатарӣ ва санитарию гигиенӣ оид ба мавзӯъ назорат карда, аз ҷониби хонандагон риоя карда шавад.

**Қадамҳо:**

1. Аз тарафи омӯзгор супориш дода мешавад, ки матоъ барои сохтани аппликтсия ва таҷҳизоти зарурӣ омода карда шавад;
2. Аз тарафи хонандагон расм барои сохтани аппликатсия интихоб карда шавад;
3. Аз тарафи омӯзгор расм ва андозаи расм: якеаш санҷишӣ, дигараш барои буридани ҷузъҳо муайян карда шуда, шарҳ дода мешавад;
4. Аз коғаз буридани расми андозааш калонтар, ки он асос мешавад, интихоб карда мешавад;

5. Ба асос расми санҷиширо гузошта, варақи дуюми ҷузъҳои алоҳидаро бурида шуда, бо асос мувофиқ кунонида мешавад;

6. Матоъро интихоб карда, рангҳои баландро ҷудо намуда, ба ҳар як ҷузъаш матоъро мутобиқ кунед;

7. Ҷузъҳоро ба тарафи ростаи матоъ гузошта, бо қалам рӯдавон карда,онро буред;

8. Хонандагон метавонанд ҷузъҳои интихобкардаашонро ба рӯйи коғаз ё матоъ бо флезилин гузошта, дарзмол карда, баъд изофаашро бурида, ба ҷойи расми дар асос буда гузоранд.

9. Қисми тайёршуда бо ширеш часпонида мешавад;

10. Аз ҷониби омӯзгор ва хонандагон тарзи тайёр кардани аппликатсия муайян карда, баъди тайёр шудани аппликатсия сифати кори тайёршуда санҷида мешавад;

11. Ба хонандагони фаъол ҳангоми гузаронидани кори амалӣ аз тарафи омӯзгор баҳогузорӣ карда мешавад.



***Пайдарҳамии сохтани аппликатсия***

**Тавсия ба хонандагон ҳангоми иҷрои кори амалӣ.** Пеш аз иҷрои кор ба ҷузъҳои дар расмбуда аҳамият диҳед, дар куҷо, чӣ хел ҷойгиршавии ҷузъҳоро муайян кунед. Ҳар як ҷузъро дутогӣ тайёр кунед - якеаш барои қолаб, дигарашро дар асос гузоред. Қолабҳои аз коғаз тайёршударо ба рӯйи матоъ гузошта буред ва бо ширеш ба асос часпонед. Ҷузъҳои буридашудаи расмро чаппа гузоштан мумкин нест, зеро ба нақ-шаи асос мувофиқат намекунад.

**7. Дарсро ҷамъбаст намуда, заҳмати хонандагонро қадрдонӣ кунед.**

**8. Арзёбӣ:** Дар рафти дарс фаъолияти таълимии хонандагонро мушоҳида намуда, дараҷаи ба салоҳиятҳо ноил гаштани онҳоро муайян кунед. Натиҷаҳои фаъолияти таълимии хонандагонро аз рӯйи савол ва супоришҳои зерин арзёбӣ карда метавонед. *(мувофиқи натиҷаи арзёбии мазкур ба хонандагон баҳои аъло, хуб, қаноатбахш ва ғайриқаноатбахш гузошта мешавад).*

| Фаъолият | Метавонад | Қисман метавонад | Наметавонад |
|---|---|---|---|
| Дар бораи технологияи омода кардани матоъ, коркарди матоъ, намудҳои бофиши матоъ шарҳ дода метавонад? | | | |
| Амалиёти ҳосил кардани нахи зағир ва матои катонӣ шарҳ дода метавонад? | | | |
| Хусусияти эстетикии матоъро шарҳ дода, онро арзёбӣ карда метавонад? | | | |
| Урфу одатҳои миллиро шарҳ дода, онро арзёбӣ карда метавонад? | | | |

## ДАРСИ 14
## МАВЗӮЪ: ХОСИЯТИ МАТОЪҲОИ ПАХТАГӢ ВА КАТОГӢ

**Барнома:** Технологияи тайёр кардани матоъ. Тору пуд, зеҳи матоъ. Бофиши катонӣ. Хосиятҳои матоъҳои пахтагӣ ва зағирӣ, (физикию механикӣ, бадоштӣ ва ғиҷимшавӣ), гигиенӣ, (намикашӣ ва ҳаводаройӣ), технологӣ, (титшавӣ ва кӯтоҳшавӣ). Бадоштии матоъ ва омилҳое, ки ба он таъсир мекунанд (шустан, корҳои гармию намидиҳӣ, шуъои офтоб). Омӯхтани хусусиятҳои риштаҳои тору пуд.

**Салоҳиятҳо:**
- Баъзе воситаҳои технологиро истифода бурда метавонад;
- Дар доираи мавзӯъҳои маҳдуд ғояи навро пайдо карда метавонад;
- Доир ба баъзе касбҳо маълумоти сода дода метавонад;
- Хусусиятҳои тарбиявии фанро дарк карда, баъзе унсурҳои онро дар амал татбиқ карда метавонад.

**Мақсадҳои дарс:**
- Дар бораи хосият ва фарқи матоъҳои пахтагӣ ва катониро шарҳ дода тавонад;
- Қоидаҳои нигоҳубини матоъҳои пахтагӣ ва катониро шарҳ дода, онро дар амал иҷро карда тавонад;
- Хусусияти эстетикии матоъҳои пахтагӣ ва катониро шарҳ дода, онро арзёбӣ карда тавонад;
- Урфу одатҳои миллиро шарҳ дода, онро арзёбӣ карда тавонад.

**Таҷҳизоти зарурӣ:** китоби дарсӣ, овезаҳо оид ба матоъҳои пахтагӣ ва катонӣ.

**1. Методикаи таълим:** Ҳангоми банақшагирии дарс аз тавсияҳои зерин истифода бурда метавонед.

1. Ташкили дарс: Дар ин марҳала корҳои зерин ба роҳ монда мешавад:
Тайёр намудани маводди хониш;
Ҳозир-ғоиб кардани хонандагон;
Омода намудани хонандагон ба дарс.

**2. Такрори дарси гузашта:** Дарсро аз гузоштани масъала оғоз кунед. Бо саволҳои зерин ба хонандагон муроҷиат намоед:
1. Аҷдодони мо аз асрҳои чанд ба бофандагӣ машғул буданд?
2. Матоъ чӣ тавр ҳосил карда мешавад?
3. Оид ба амалиёти ҳосил кардани нахи пахта ва матои пахтагӣ маълумот диҳед.
4. Оид ба раванди технологии омода кардани нахи пахта маълумот диҳед.

**3. Шиносоӣ бо мазмуни мавзӯъ:** Оид ба хосияти матоъҳои пахтагӣ ва катонӣ суҳбат гузаронида, дар бораи фарқи матоъҳои пахтагӣ ва катонӣ, истеҳсолоти бофандагӣ, истеҳсоли матоъҳои сунъӣ (синтетикӣ), капрон, лавсан, тавсифи хосият-ҳои матоъҳои пахтагӣ ва катонӣ, намудҳои асосии бофтани матоъ шарҳ дода мешавад.

Вақте ки матои пахтагиро ба як сӯ мекашем, риштаҳои барқади тарафҳои муқобили он аввал ба як тараф, баъд ба дигар тараф (кӯндаланг) бисёртар кашида мешаванд. Аммо дар матои катонӣ ин ҳолат дида намешавад. Матоъҳо бо ришта, пуд ва тор, ранг, нақш, ғафсӣ, мустаҳкамӣ, тарзи бофиш, хосияти гармию намигузаронӣ ва ғайра аз ҳамдигар фарқ мекунанд, ки инро хосиятҳои физикию механикии матоъ меноманд. Ҳар як матоъ дорои хосияти физикию механикӣ, гигиенӣ ва технологӣ аст, ки ба нигоҳубини матоъ далолат мекунад. Матоъҳои пахтагӣ бисёр мустаҳкам, сабук, мулоим, зебо буда, барои истифода мувофиқ ва гарм мебошанд, намиро тез мегузаронанд, тез хушк мешаванд, ҳаворо нағз мегузаронанд, осон шуста ва тез тоза мешаванд, ба ҳарорати баланд тобоваранд. Сатҳи матоъҳои пахтагӣ ноҳамвори хира буда, бо риштаҳои ғафсиашон якхела бофта мешаванд. Ин матоъҳо қобилияти кашишхӯрии зиёд доранд, тит

намешаванд. Матоъҳои катонӣ аз матоъҳои пахтагӣ мустаҳкамтар буда, кам кашиш мехӯранд. Тору пудашон як хел шахшӯл буда, вазни гарон доранд, бо вуҷуди ғафсӣ намкаш буда, тез шуста мешаванд. Матоъҳои катонӣ сатҳи суфта доранд, он қадар ҷилодор нестанд, пӯсти баданро салқин нигоҳ медоранд, титу ғиҷим, аммо тез дарзмол мешаванд.

**Намудҳои асосии бофтани матоъ.** Матоъ аз бофти риштаҳои тору пуд, яъне қаду бар таркиб меёбад. Намудҳои бофт гуногунанд, вале се намуди асосии бофтан, катонӣ, сарҷагӣ, сатинӣ ё атласӣ мавҷуд аст. Бофти катонӣ аз тарафи роста ва чаппаи матоъ нақши якхела дошта, барои таркиб ёфтани он ду ремизок лозим аст. Дар матоъҳои пахтагӣ бофти катониро барои тайёр кардани хомсуф, батист, суф, чит, маркизет ва ғайра, дар матои катонӣ барои карбос, дар матоъҳои пашмӣ барои моҳут, дар шоҳивор барои крепдишин, шифон ва ғайра истифода мебаранд. Бофти катонӣ аз ҳама одӣ ва паҳнгашта мебошад. Матоъҳои бофташон катонӣ беҳтаринанд, зич пайвастшавии тору пуд, наху ришта дар онҳо боиси мустаҳкамӣ, бадоштӣ, ба шустан тобоварӣ, камтар кашишхӯрии риштаи пуд мегардад. Дар вақти пора кардани матоъ ва дӯхтани маснуот ба ин хосиятҳо аҳамият додан лозим аст.

Аз ҳафриёти мисриёни қадим намунаи матоъҳое ёфт шудаанд, ки дар 1 см 284 риштаи тор ва 60-то риштаи пуд доштаанд. 240 м матои борики нафис ҳамагӣ 1 г вазн доштааст, Дар борикӣ матоъҳои катонӣ аз абрешимӣ чандон фарқ намекунанд. Бофанда риштаро бо даст ҳис мекунад. Фактураи матоъ гуногун аст. Дар давраи подшоҳии ориёиҳо матоъҳоро бо марҷон ва зардӯзӣ ороиш медоданд. Ороиши матоъ хусусияти ҳандасавӣ (геометрӣ) дошт, нақшҳо дар ҳамаи матоъҳо аз назди милк сар карда ҷойгир мешуданд. Баъд дигар нақшҳоро истифода мебурдагӣ шуданд. Матоъро бо нақшҳои гуногуни рустанигӣ, ки рангҳои сурх, кабуд, бунафш доштанд, ороиш медоданд. Аз ин маълум мешавад, ки матоъҳои катонии давраи пеш бисёр нафис, зебо ва маҳин будаанд.




**4. Мустаҳкамкунии мавзӯи нав:**
1. Хусусиятҳои физикию механикӣ ва гигиении матоъро номбар кунед.
2. Аз матоъҳои пахтагӣ ва катонӣ маҷмӯаи матоъро созед.
3. Намуди бофти катониро нишон диҳед.

**5. 1. Истифодаи бозии "Кроссворд"**
1. Ватани зағир куҷо аст? (Миср)
2. Кадом матоъ хусусияти баланди гигиени дорад (Пахта).
3. Хосияти технологии матои пахтагинро гӯед (Титшавӣ).
4. Матоъро бо кадом тарзи намуд муайян мекунанд (Зоҳирӣ).
5. Дар натиҷаи бофтани риштаҳо тору пур ҷӣ ҳосил мешавад (Матоъ).

| | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | **М** | | | | |
| | | | | **А** | | | | |
| | | | | **Т** | | | | |
| | | | | **О** | | | | |
| | | | | **Ъ** | | | | |

**2. Истифодаи усули Кластери сода**
**Масъала: Намудҳои бофиши матоъро номбар кунед.**




**6. Кори амалӣ: Тартиб додани намунаи бофти катонӣ**

Аз тарафи омӯзгор қоидаҳои техникаи бехатарӣ ва санитарию гигиенӣ оид ба мавзӯъ назорат карда, аз ҷониби хонандагон риоя карда шавад.

**Таҷҳизот ва асбобҳои зарурӣ:** картони 8х8 ё 8х12, қайчӣ, ҷадвал, қалам, сӯзан, риштаҳои рангоранг.

Аз тарафи омӯзгор қоидаҳои техникаи бехатарӣ ва санитарию гигиенӣ оид ба мавзӯъ назорат карда, аз ҷониби хонандагон риоя карда шавад.

**Қадамҳо:**

1. Аз тарафи омӯзгор супориш дода мешавад, ки чанбараки картонӣ тайёр карда шавад;
2. Аз як порча картон мувофиқи тасвир чанбарак сохта андозаҳоро дар чанбарак гузошта бурида мешавад.
3. Дар хати миёнаи боло ва поёни чанбарак бо қалам дар масофаи 0,5 см аз якдигар нуқтаҳо гузошта мешавад;
4. Риштаро ба сӯзан гузаронида, ду қабат карда, ба яке аз сӯрохҳои картон маҳкам карда, ба сӯрохии муқобил гузаронида шавад;
5. Мувофиқи тасвир то сӯрохии охирин риштаро тор кашида шавад;
6. Намуди дигари риштаро ду қабат карда, ба як порча картон чунон печонида шавад, ки нӯги ресмони пуд пайваст шавад;
7. Мувофиқи тасвир ба кунҷи болои тори якум риштаи пуд пайваст карда мешавад;
8. Ҳамин тавр найчаи картон аз байни риштаҳои тор то охир гузаронида мешавад;
9. Баъди то охир бофтан риштаҳо дар назди сӯрохиҳои чанбарак бурида мешаванд;
10. Ҳамин тарафҳо бо тасмачаҳои коғазӣ ширеш карда мешавад;
11. Пораи тайёршуда ба албом часпонида мешавад;
12. Ин кор ба шерозабофӣ ниҳоят монанд аст. Ба ҷойи ин кор шерозабофӣ кардан низ ҷоиз аст.



***Тасвирҳои графикии тартиб додани намунаи бофти катонӣ***

**7. Дарсро ҷамъбаст намуда, заҳмати хонандагонро қадрдонӣ кунед.**

**8. Арзёбӣ:** Дар рафти дарс фаъолияти таълимии хонандагонро мушоҳида намуда, дараҷаи ба салоҳиятҳо ноил гаштани онҳоро муайян кунед. Натиҷаҳои фаъолияти таълимии хонандагонро аз рӯйи савол ва супоришҳои зерин арзёбӣ карда метавонед. *(мувофиқи натиҷаи арзёбии мазкур ба хонандагон баҳои аъло, хуб, қаноатбахш ва ғайриқаноатбахш гузошта мешавад).*

| **Фаъолият** | **Метавонад** | **Қисман метавонад** | **Наметавонад** |
|---|---|---|---|
| Дар бораи хосият ва фарқи матоъҳои пахтагӣ ва катониро шарҳ дода метавонад? | | | |
| Қоидаҳои нигоҳубини матоъҳои пахтагӣ ва катониро шарҳ дода, онро дар амал иҷро карда метавонад? | | | |
| Хусусияти эстетикии матоъҳои пахтагӣ ва катониро шарҳ дода, онро арзёбӣ карда метавонад? | | | |
| Урфу одатҳои миллиро шарҳ дода, онро арзёбӣ карда метавонад? | | | |

## БОБИ IV

## ТЕСТ

**1. Аҷдодони мо ҳанӯз аз асри чанд ба бофандагӣ машғул буданд?**
а) XV пеш аз милод
б) VII пеш милод
в) IV пеш милод

**2. Аввалин наххое, ки одамон истифода мебурданд, кадомҳо буданд?**
а) сӯзгиёҳ ва канабӣ
б) пахтагӣ ва сӯзгиёҳ
в) катонӣ ва канабӣ

**3. Дар натиҷаи бофтани риштаҳои тору пуд чӣ ҳосил мешавад?**
а) матоъ
б) матои ранга
в) матои пахтагӣ

**4. Дар ду канори матоъ чӣ мавҷуд аст?**
а) милк
б) ресмон
в) ресмони ранга

**5. Калобаресҳо, ресандаҳо, торпечонҳо, бофандагон дар кадом фабрика фаъолият мебаранд?**
а) корхонаҳои бофандагӣ
б) корхонаҳои ҷӯҷабарорӣ
в) фермаҳо

**6. Ватани пахта кадом мамлакат ба ҳисоб меравад?**
а) Ҳиндустон
б) Тоҷикистон
в) Чин

**7. Ватани аввалаи зағир**
а) Миср
б) Русия
в) Канада

**8. Аз ҳар як бехи зағирпоя то чанд мм нах гирифтан мумкин аст?**
а) 350-650 мм
б) 370-400 мм
в) 300-500 мм

**9. Ҳангоми ба нахи зағир ҳамроҳ кардани нахҳои сунъӣ ва синтетикӣ кадом намуди матоъ ҳосил карда мешавад?**
а) лавсан
б) катонӣ
в) абрешимӣ

**10. Кадом намуди бофиш одӣ мебошад?**
а) бофиши катонӣ
б) бофиши пахтагӣ
в) бофиши абрешимӣ

## ДАРСИ 15

## МАВЗӮЪ: ТЕХНОЛОГИЯИ КОРҲОИ ДАСТӢ-ДАРЗҲОИ ДАСТӢ

**Барнома:** Дӯхтани гиреҳи одӣ ва паси сӯзан. Ташкили ҷойи корӣ. Бехатарии меҳнат. Технологияи иҷрои гиреҳҳои одӣ ва паси сӯзан. Вазифаи гиреҳҳои канорӣ (одӣ ва паси сӯзан). Қоидаи иҷрои дарзҳои одӣ ва паси сӯзан. Дарозии лаганда вобаста ба матоъ. Васегии чок. Иҷрои гиреҳҳои одӣ ва паси сӯзан.

**Салоҳиятҳо:**
- Баъзе воситаҳои технологиро истифода бурда метавонад;
- Дар доираи мавзӯъҳои маҳдуд ғояи навро пайдо карда метавонад;
- Доир ба баъзе касбҳо маълумоти сода дода метавонад;
- Хусусиятҳои тарбиявии фанро дарк карда, баъзе унсурҳои онро дар амал татбиқ карда метавонад.

**Мақсадҳои дарс:**
- Технологияи корҳои дастӣ-дарзҳои дастӣ шарҳ дода тавонад;

- Талабот ба ҷойи кор барои иҷрои корҳои дастиро шарҳ дода, онро дар амал иҷро карда тавонад;

- Эҳтиёткорона кор кардан ва муносибати хуб бо таҷҳизот ва асбобҳои дарздӯзиро риоя карда тавонад;

- Хусусияти эстетикии дарзҳои дастиро шарҳ дода, онро арзёбӣ карда тавонад;

- Бо дарзҳои дастӣ ғояҳои содаро пайдо намояд ва онро ба таври умумӣ шарҳ диҳад;

- Урфу одатҳои миллиро шарҳ дода, онро арзёбӣ карда тавонад.

**Таҷҳизоти зарурӣ:** китоби дарсӣ, овезаҳои таълимӣ.

**1. Методикаи таълим:** Ҳангоми банақшагирии дарс аз тавсияҳои зерин истифода бурда метавонед.

1. Ташкили дарс: Дар ин марҳала корҳои зерин ба роҳ монда мешавад:

Тайёр намудани маводди хониш;

Ҳозир-ғоиб кардани хонандагон;

Омода намудани хонандагон ба дарс.

**2. Такрори дарси гузашта:** Дарсро аз гузоштани масъала оғоз кунед. Бо саволҳои зерин ба хонандагон муроҷиат намоед:

1. Матоъ аз чиҳо таркиб ёфтааст?
2. Оид ба матои катонӣ маълумот диҳед.
3. Хосияти матоъҳои пахтагӣ дар чист?
4. Фарқи байни матоъҳои пахтагӣ аз матоъҳои катонӣ дар чист?

**3. Шиносоӣ бо мазмуни мавзӯъ:** Оид ба технологияи корҳои дастӣ-дарзҳои дастӣ суҳбат гузаронида, дар бораи таҷҳизот ва асбобу афзорҳои лозимӣ: қайчӣ, сӯзан, сарсӯзан, ангуштпона, дарзмол, тасмаи ченакгирӣ, бӯри дӯзандагӣ, ҷадвал, ҷадвали миқёсӣ, ришта (ресмон), андоза ва таъйиноти сӯзанҳои дастӣ, таърихи пайдоиши сӯзан, андозаҳои ангуштпона, иҷрои дарзҳои дастӣ, омода кардани сӯзан ба кор, намудҳои дарзу кӯки дастӣ: одӣ, кӯки нусхагирӣ, дарзи печон, дарзи паси сӯзан, дарзи қаткунӣ, дарзи юрма, кӯки зарбӣ, хомкӯк ва ғ., ҷойи кор барои иҷрои корҳои дастӣ шарҳ дода мешавад.

Барои дӯхтани маснуот таҷҳизот ва асбобу олот: тасмаи ченакгирӣ, сӯзан, қайчӣ, ришта, сӯзанак, ангуштпона ва ғайра лозиманд. Ҳамаи онҳо бояд дар қуттиҳои махсус нигоҳ дошта шаванд. Дар вақти кор бояд қуттии таҷҳизоти дӯзандагӣ дар тарафи рости дӯзанда гузошта шавад.

Пеш аз кор ва баъд аз кор дастҳоро тоза шӯед, то ки маснуоти медӯхтаатон тоза ва озода бошад, дар даст мӯякҳои матоъ ва риштаҳои кӯтоҳ намонанд. Баъди итмоми кор асбобу афзорро ғундошта, ҷобаҷо кунед. Ҷойи кор барои иҷрои корҳои дастӣ. Корҳои дастӣ гуногун буда, дар ҳолати нишастан ё рост истодан иҷро карда мешаванд. Ҷойи кор барои иҷрои корҳои дастӣ бояд бо мизу курсӣ ва поймонак муҷаҳҳаз бошад. Барои таъмин намудани тарзи муътадили кор баландии мизу курсӣ бояд ҳатман ба талаботи нишондоди антропометрии ҳар хонанда мувофиқ гардонида шавад. Ҳамчунин масофаи зарурии байни сатҳи корӣ, мизу курсӣ ва қисми пеши миз ва курсӣ риоя гардад. Сатҳи мизи корӣ барои амалиёти дастӣ бояд суфта ва дар он таҷҳизот ва олоти корӣ дуруст ҷойгир бошад.

Сӯзан асбоби дӯзандагӣ буда, аз замонҳои қадим истифода мешавад. Одамон аввалҳо барои дӯхтан хори дарахтон, устухони моҳию ҳайвонотро истифода мебурданд. Баъд сӯзанро аз нукра, мис, тилло ва оҳан месохтагӣ шуданд. Дарозии ин сӯзанҳо то 1см ва суфта буданд. Сӯзанро дар замонҳои қадим дастӣ месохтанду боэҳтиёт дар сӯзандони махсус нигоҳ медоштанд. Сӯзанро аз асри XIX бо усули фабрикавӣ месозанд. Андозаи сӯзанҳои замонавии ҳозира аз №1 то №12 буда, асосан аз пӯлод сохта мешаванд. Вобаста ба сӯрохиҳояшон рақамҳои сӯзанҳо гуногун мешаванд. Сӯзанҳои сӯрохиашон калонро барои кашидадӯзӣ, гулдӯзӣ ва руфӯкорӣ истифода мебаранд. Дар ин қабил сӯзанҳо риштаи нисбатан ғафсро гузаронидан ниҳоят бобу осон аст.

Таҳти мафҳуми калимаи сӯзан мо асосан як асбоби тези филизии хурдеро мефаҳмем, ки дар интиҳояш барои гузаронидани ришта гӯшак дорад. Онро асосан барои чокдӯзӣ ва пайвастани ҷузъҳои маснуот истифода мебаранд. Сӯзанҳое низ ҳастанд, ки дар соҳаи тиб истифода мешаванд. Сӯзанро дар ибтидо аз устухони моҳӣ ё дигар навъи устухон месохтанд. Дар асри санг сӯзанро аз санг тарошида, ба воситаи он пӯсти ҳайвонотро медӯхтанд. Баъд ба ҷойи сӯзанҳои устухонӣ сӯзанҳои биринҷӣ, оҳанӣ, дар хонадони одамони сарватманд ҳатто сӯзанҳои нуқрагӣ пайдо шуданд. Аввалин сӯзанҳои пӯлодиро ба Европа дар асри XIV арабҳо оварданд. Дар Маскав 25 намуди сӯзан барои дарздӯзии дастӣ ва мошинӣ истеҳсол мешавад.

Ангуштпона ҳанӯз дар асри XV маълум буд. Аввалҳо ангуштпонаро аз чарм, тилло ва дигар филизот (металл) сохта, нақшу нигор меандохтанд. Баъдтар, яъне аз асри XVI ва XVII ангуштпонаро бо усули фабрикавӣ аз арзиз (алюминий), пӯлод, нуқра, пластмасса месохтагӣ шуданд.

Дарзмол. Намуди зоҳирии либос ба сифати дарзмолкунӣ вобаста аст. Бинобар ин дуруст анҷом додани ин амалиёт аҳамияти калон дорад. Шартҳои техникии дарзмолкунӣ:

1. Ҷузъҳоро қаблан намнок карда ва буғ дода, баъд пурра то бартараф кардани намӣ хушк мекунанд.

2. Аввал ҳарду тарафи ҷузъҳоро то шакл гирифтан, сипас чокҳоро аз тарафи чаппа дарзмол кардан лозим аст. Дар ин ҳолат дарзмол ба ҷузъ бояд зичтар часпад.

Тасмаи ченакгирӣ соли 1810 ихтироъ шудааст. Он аз картон ё клеёнка сохта мешавад. Дарозии тасмаи ченакгирӣ асосан 150 см, бараш 1-2 см буда, дар ду нӯгаш филиз часпонда шудааст. Тасмаи ченакгирӣ барои андозагирӣ, аз ҷусса чен кардани матоъ ва ҷузъҳои маснуот истифода мешавад.

Бӯри дӯзандагӣ барои кашидани тарҳи ҷузъҳо, ҷойи буридани

матоъ ва кашидани хатҳо, ҷойгир кардани ҷойи кисаҳо, ангулаи тугмаҳо ва ғайра истифода мешавад.

Ҷадвал - метр аз тахтачӯби тунук сохта мешавад. Дарозиаш аз 20 то 100 см ва аз ин ҳам дарозтар, бараш 3-5 см буда, барои кашидани нақша ва андозаи либос чен кардани матоъ, кашидани хатҳо дар матоъ ва ғайра истифода мешавад.

Ҷадвали миқёсиро (масштаби 1:4) барои нисбатан хурд карда кашидани нақшаи маснуот дар дафтар ва ё албоми корӣ истифода мебаранд.

Ришта (ресмон). Дар чокбуриву дарздӯзӣ ғайр аз ин асбобу анҷом боз риштаҳои гуногунро истифода мебаранд. Риштаҳо вобаста ба таъйиноташон дӯзандагӣ, гулдӯзӣ, бофандагӣ, руфӯгарӣ мешаванд.

1. Пеш аз сар кардани кор мизи кориро ба тартиб овардан лозим аст.
2. Дар вақти дӯхтани маснуот бояд равшании доимӣ таъмин бошад.
3. Равшанӣ бояд аз тарафи чап фарояд.
4. Мӯйҳоро зери сарбанд нигоҳ бояд дошт.
5. Пеш аз он ки ба кор сар кунед, санҷида бинед, ки сӯзан ё сӯзанакҳо дар маснуоти медӯхтаатон набошанд.
6. Ба пеш зиёд хам шудан манъ аст.
7. Маснуот аз чашми дӯзанда бояд дар масофаи аз 30 то 45 см дошта шавад.
8. Дар сари миз рост нишастан лозим аст.



**4. Мустаҳкамкунии мавзӯи нав**

1. Қайчиро дар ҷойи махсус, дар қуттиҳои махсус нигоҳ доштан лозим аст.
2. Дар вақти кор бо қайчӣ онро пӯшида, муқобили дӯзанда гузоред.
3. Қайчиро ба ҷойи тар гузоштан манъ аст.
4. Қайчиро аз нӯги тезаш гирифта ба ҳамроҳатон дароз кунед.
5. Қайчиро ба тарафи рост ва нӯгҳои тезашро муқобили худ гузоред. Қайчӣ пӯшида бошад, кушода мондани он мумкин нест, то ин ки дар вақти ҳаракат бо нӯги он дастатонро набуред ва осеб набинед.
6. Назорат кунед, ки қайчӣ дар вақти кор дар таги маснуот намонад, чунки агар маснуотро бардоред ё ҷояшро беҷо кунед, қайчӣ афтида ба шумо ё ҳамроҳатон осеб расонданаш мумкин аст.
7. Дар вақти буридани маснуот ба ҳамроҳатон наздик нашавед, то ин ки диққати ҳамроҳатон ба шумо равона нашавад ва дасташро набурад ё маснуотро хато бурад.

**5. Истифодаи усули Кластери сода**

**Масъала: Барои дӯхтани маснуот дар қуттии махсуси корӣ кадом асбобу олотҳо заруранд?**




**6. Кори амалӣ: Дӯхтани дарзи одӣ**

Аз тарафи омӯзгор қоидаҳои техникаи бехатарӣ ва санитарию гигиенӣ оид ба мавзӯъ назорат карда, аз ҷониби хонандагон риоя карда шавад.

**Таҷҳизот:** сӯзан, қайчӣ, риштаи рақами 40 ё 50, ҷадвал, қалам, ду пора матои андозааш 15x10.

**Қадамҳо:**

1. Аз тарафи омӯзгор супориш дода мешавад, ки барои дӯхтани дарзи одӣ матои пахтагӣ ва таҷҳизоти зарурӣ барои дӯхтан интихоб карда шавад;
2. Аз матоъ ду пораи дарозиаш 15 см, бараш 10 см бурида шавад;
3. Андозаи намунаро мувофиқи табъи хонандагон интихоб карда мумкин аст;
4. Чокро аз рост ба чап бо кӯкҳои рост дӯхта шавад;
5. Барои матоъҳои тунук дарозии кӯк бояд 0,5-1 см, барои матои ғафс – 0,8-3 см бояд бошад;
6. Барои ҳосил кардани чин дарозии кӯк то 0,1 - 0,5 см мешавад.
7. Вобаста ба кори ба анҷом расонидаи хонанда аз тарафи омӯзгор баҳогузорӣ карда мешавад.



*Тарзи дӯхтани дарзи одӣ*

**6. Дарсро ҷамъбаст намуда, заҳмати хонандагонро қадрдонӣ кунед.**

**7. Арзёбӣ:** Дар рафти дарс фаъолияти таълимии хонандагонро мушоҳида намуда, дараҷаи ба салоҳиятҳо ноил гаштани онҳоро муайян кунед. Натиҷаҳои фаъолияти таълимии хонандагонро аз рӯйи савол ва супоришҳои зерин арзёбӣ карда метавонед. *(мувофиқи натиҷаи арзёбии мазкур ба хонандагон баҳои аъло, хуб, қаноатбахш ва ғайриқаноатбахш гузошта мешавад).*

| **Фаъолият** | **Метавонад** | **Қисман метавонад** | **Наметавонад** |
|---|---|---|---|
| Дар бораи технологияи корҳои дастӣ-дарзҳои дастӣ шарҳ дода метавонад? | | | |
| Талабот ба ҷойи кор барои иҷрои корҳои дастиро шарҳ дода, онро дар амал иҷро карда метавонад? | | | |
| Эҳтиёткорона кор кардан ва муносибати хуб бо таҷҳизот ва асбобҳои дарздӯзиро риоя карда метавонад? | | | |
| Хусусияти эстетикии дарзҳои дастиро шарҳ дода, онро арзёбӣ карда метавонад? | | | |
| Бо дарзҳои дастӣ ғояҳои содаро пайдо менамояд ва онро ба таври умумӣ шарҳ медиҳад? | | | |
| Урфу одатҳои миллиро шарҳ дода, онро арзёбӣ карда метавонад? | | | |

## ДАРСИ 16

## МАВЗӮЪ: МАЪЛУМОТИ МУХТАСАР ДАР БОРАИ ТАЪРИХИ ГУЛДӮЗӢ (КАШИДАДӮЗӢ)

**Барнома:** Кашидадӯзӣ бо кӯкҳои занҷиршакл, зарбӣ. Ташкили ҷойи корӣ. Қоидаҳои санитарию гигиенӣ. Бехатарии меҳнат. Маълумоти мухтасар дар бораи хелҳои кашидадӯзӣ ва таърихи он. Шиносоӣ бо кашидадӯзиҳои машҳур. Номгӯйи захмҳои (кӯкҳои) ороишӣ (занҷиршакл, гашак, хомдӯзӣ). Нусхагирӣ.

**Салоҳиятҳо:**

- Баъзе воситаҳои технологиро истифода бурда метавонад;
- Дар доираи мавзӯъҳои маҳдуд ғояи навро пайдо карда метавонад;
- Доир ба баъзе касбҳо маълумоти сода дода метавонад;
- Хусусиятҳои тарбиявии фанро дарк карда, баъзе унсурҳои онро дар амал татбиқ карда метавонад.

**Мақсадҳои дарс:**

- Таърихи гулдӯзӣ (кашидадӯзӣ)-ро шарҳ дода тавонад;
- Раванди гулдӯзиро шарҳ дода, онро дар амал иҷро карда тавонад;
- Эҳтиёткорона кор кардан ва муносибати хуб бо таҷҳизот ва асбобҳои гулдӯзиро риоя карда тавонад;
- Хусусияти эстетикии гулдӯзӣ ва кашидадӯзиро шарҳ дода, онро арзёбӣ карда тавонад;
- Бо гулдӯзӣ ва кашидадӯзӣ ғояҳои содаро пайдо намояд ва онро ба таври умумӣ шарҳ диҳад;
- Урфу одатҳои миллиро шарҳ дода, онро арзёбӣ карда тавонад.

**Таҷҳизоти зарурӣ:** китоби дарсӣ, овезаҳои таълимӣ.

**1. Методикаи таълим:** Ҳангоми банақшагирии дарс аз тавсияҳои зерин истифода бурда метавонед.

1. Ташкили дарс: Дар ин марҳала корҳои зерин ба роҳ монда мешавад:

Тайёр намудани маводди хониш;

Ҳозир-ғоиб кардани хонандагон;

Омода намудани хонандагон ба дарс.

**2. Такрори дарси гузашта:** Дарсро аз гузоштани масъала оғоз кунед. Бо саволҳои зерин ба хонандагон муроҷиат намоед:

1. Асбобу лавозимот барои дӯхтани маснуот кадомҳоянд?
2. Таъйинот оид ба ҷойи кор барои иҷрои корҳои дастӣ чӣ гуна аст?
3. Оид ба таърихи истеҳсоли сӯзан маълумот диҳед.
4. Раванди иҷрои дарзҳои дастиро муайян кунед.

**3. Шиносоӣ бо мазмуни мавзӯъ:** Оид ба таърихи гулдӯзӣ суҳбат гузаронида, дар бораи санъати гулдӯзӣ ё кашидадӯзӣ, асбобҳои асосии гулдӯзӣ, навъи кашидадӯзии тоҷикӣ, навъҳои нақши кашида, намуди асосии кашидадӯзии дастӣ, таъйиноти гулдӯзии барҷаста, гулдӯзии ироқӣ ва намудҳои он, роҳҳои гузаронидани нақш ба матоъ, дӯхтани шероза (ҷиҳак), рангҳои ришта шарҳ дода мешавад.

Санъати кашидадӯзӣ таърихи бисёрасра дорад. Ҳафриёти давраи Руси қадим аз мавҷуд будани кашидадӯзӣ дар асрҳои IX - XII шаҳодат медиҳад. Ин маснуоти ёфташуда аз гулҳои зебо ва нафиси аз риштаҳои зардӯзӣ дӯхташуда, порчаҳои сарулибос иборатанд. Дар замонҳои қадим либосҳои одамони номдор, подшоҳон, шахсони мансабдор, ходимони масҷиду ибодатхонаҳоро бо риштаҳои зардӯзӣ оро медоданд. Анъанаҳои санъати кашидадӯзӣ мунтазам тараққӣ мекунанд. Дар асрҳои XIV- XVII либосҳои ҳаррӯзаи бо кашидадӯзӣ оро додашуда васеъ паҳн шуданд. Санъати кашидадӯзӣ оҳиста-оҳиста дар ҳама ҷойҳо паҳн шуд. Аз асри XVIII сар карда кашидадӯзӣ дар сачоқчаҳо, дастархон, сачоқҳои гуногунҳаҷм, чойникпӯшак, пешдоман, сарбанд, рӯмолу сӯзанӣ, ҷойнамоз ва дигар лавозимоти рӯзғор расм шуд. Усулҳои кашидадӯзӣ аз гул ва рангҳои дар он муҷассамшуда аз авлод ба авлод гузашта, такмил ёфта, намунаҳои нотакрор пайдо мекард. Кашидадӯзии тоҷикиро ба ду навъ ҷудо кардан мумкин: кашидадӯзии тоҷикони кӯҳистон ва кашидадӯзии тоҷикони водинишин.

Кашидадӯзони водӣ бештар ба ороиши ҷиҳози сарулибос аҳамият медиҳанд. Аз қадим зиёда аз 700 навъи нақши кашида маълум аст. Махсусан нақшу нигори куртаҳои занонаи Кӯлоб, Қаротегин, Бадахшон, Дарвоз, Хуҷанд, Истаравшан, Ашт, Мастчоҳ қимати баланди бадеӣ доранд. Асосан пешбари доман, гиребон, остин, тахтапушти куртаҳои миллӣ, пешдоман, доман, шим, нимтана ва ғайра оро дода мешаванд.

Умуман, ду намуди кашидадӯзии дастӣ маълум аст:

1. Тору пуди матоъро ҳисоб карда, кашидадӯзӣ кардан.
2. Ба матоъ нақш кашида, бо кӯки озод гулдӯзӣ кардани он.

Кашидаҳои озод ҳамеша аз рӯйи расми дар рӯйи матоъ, инчунин чарму картон кашидашуда дӯхта мешаванд. Махсусан гулдӯзии яктарафа маъмул аст. Он аз тарафи рост ба чап дӯхта мешавад. Гулро кӯкҳо дар тарафи роста қариб пурра мепӯшонанд, дар тарафи чаппа фақат тарҳи нақш мемонаду бас. Онро бо мулина (риштаи ғафси 3-6-тора) ё риштаҳои мӯини сурх, кабуд, сабз, зард медӯзанд, ки ба туфайли он хеле ҷозибадор мебарояд. Гулдӯзии барҷаста барои ороиши либоси таг, либоси миллии занона, мардона, рӯйҷо, ҷилди кӯрпа, дастрӯймолча, рӯпӯшҳои нафис ва ғайра истифода бурда мешавад.



***Намудҳои кашидадӯзӣ: а) нусхаи сӯзании бо кашидадӯзӣ ичрошуда; б) сӯзании (пайпоқи уштур) ба намуди кашидадӯзӣ дӯхташуда***

Кашидадӯзии ироқӣ. Ин намуди кашидаро дар матоъҳое, ки торҳои риштаи онҳо якдигарро бурида гузаштаанд (суф, матои дурушти дастӣ) медӯзанд, чунки риштаҳои ин гуна матоъҳоро ҳисоб кардан осон аст. Гули ин гуна кашидаҳо аз нақшҳои ҳандасавӣ (хатҳои рости дарозу кӯтоҳ) иборат аст. Намуди чунин гулдӯзӣ ироқӣ ном дорад.

Дар вақти гулдӯзӣ ё кашидадӯзӣ ҳеҷ гоҳ нӯги риштаро гиреҳ намекунанд. Намудҳои ин тарзи дӯхт бо номи ироқии чида ва ироқӣ маълуманд. Ироқии чида аз хатчаҳои уреби ҳамдигарро кӯндаланг бурида иборат буда, одатан, аз рост ба боло дӯхта мешаванд. Ироқии чида низ ду хел мешавад:

1. Санама (ё ироқии чидаи санама). Ин чок дар тӯр ё матоъҳое, ки тору пуди онҳо кашида тӯрмонанд карда шудаанд, дӯхта мешавад. Дар аснои дӯхт хатҳои буришдорро ҳисоб карда медӯзанд.

2. Ироқии нақшин (ё ироқии чидаи нақшин), ки аз рӯйи нақшу гули дар рӯйи матоъ кашидашуда дӯхта мешавад. Намуди дигари ироқӣ чунин дӯхта мешавад: ба рӯйи матоъ ришта партофта, аз болояш кӯкҳои майда мепартоянд, боз дар паҳлуи он ришта партофта, ба ҳамин тарз медӯзанд. Бо ироқии чида тоқӣ, гирда ва кашидаҳои майдаро медӯзанд.



*Намунаи технологияи дӯхтани кӯки зарбӣ*

**4. Мустаҳкамкунии мавзӯи нав:**

1. Намуди асбобҳои дар вақти кашидадӯзӣ истифодашавандаро номбар кунед.
2. Сӯзанҳо чанд рақам доранд?
3. Қоидаҳои дӯхти ироқиро гуфта диҳед.
4. Кӯкҳои ороиширо бо хоҳиши худ интихоб намуда, онро амалан иҷро намоед.
5. Маснуоти дилхоҳро интихоб намоед ва дӯзед.

**5. Истифодаи усули Кластери сода**

**Масъала:** Барои дӯхтани маснуот аз кадом дарзу кӯкҳо бештар истифода мебаранд?




**5. Кори амалӣ:**

Аз тарафи омӯзгор қоидаҳои техникаи бехатарӣ ва санитарию гигиенӣ оид ба мавзӯъ назорат карда, аз ҷониби хонандагон риоя карда шавад.

**Қадамҳо:**

1. Омӯзгор маълумот медиҳад. Ҳангоми кашидадӯзӣ ва гулдӯзӣ андозаҳои гуногуни нақшро истифода мебаранд. Нақшҳоро ба матоъ бо роҳҳои гуногун мегузаронанд. Барои он, ки кашидадӯзӣ дар матоъ сифати баланд дошта бошад, бояд аввал нақш интихоб карда шавад;

2. Аз тарафи омӯзгор супориш дода мешавад, ки барои дӯхтани маснуоти интихобшуда нақш интихоб карда ба матоъ гузаронида шавад;

3. Нақши интихобкарда бо роҳҳои гуногун ба матоъ гузаронида мешавад;

4. Нақши дар рӯйи коғаз кашидашудаи гулро бо сӯзан якмаром сӯрох кардан лозим аст;

5. Баъд андозаро ба рӯйи матоъ гузошта, вобаста ба ранги матоъ бӯр пошида мешавад;

6. Аз коғази шаффофи нусхабардорӣ истифода бурдан лозим аст;

7. Андозаро ба рӯйи моҳут, бахмал ва шоҳии ҷилодор монда, аз болои нақш кӯк карда шавад;

8. Баъд коғазро боэҳтиёт даронда гирифтан лозим аст, чунки дар ин ҳолат нақши гул боқӣ мемонад;

9. Барои ба матоъҳои тунуки сафед гузаронидани нақш андозаро ба рӯйи шиша мемонанд;

10. Аз болояш матоъро пӯшонида, аз таги шиша чароғ медоранд ва аз рӯйи нақши равшаншуда қалами сиёҳ давонда шавад;

11. Вобаста ба сифати кори иҷрошуда ба хонандагон аз тарафи омӯзгор баҳогузорӣ карда мешавад.



***Намуди нақш барои дӯхтани кӯки зарбӣ***

**6. Дарсро ҷамъбаст намуда, заҳмати хонандагонро қадрдонӣ кунед.**

**7. Арзёбӣ:** Дар рафти дарс фаъолияти таълимии хонандагонро мушоҳида намуда, дараҷаи ба салоҳиятҳо ноил гаштани онҳоро муайян кунед. Натиҷаҳои фаъолияти таълимии хонандагонро аз рӯйи савол ва супоришҳои зерин арзёбӣ карда метавонед. *(мувофиқи натиҷаи арзёбии мазкур ба хонандагон баҳои аъло, хуб, қаноатбахш ва ғайриқаноатбахш гузошта мешавад).*

| Фаъолият | Метавонад | Қисман метавонад | Наметавонад |
|---|---|---|---|
| Дар бораи таърихи гулдӯзӣ (кашидадӯзӣ)-ро шарҳ дода метавонад? | | | |
| Раванди гулдӯзиро шарҳ дода, онро дар амал иҷро карда метавонад? | | | |
| Эҳтиёткорона кор кардан ва муносибати хуб бо таҷҳизот ва асбобҳои гулдӯзиро риоя карда метавонад? | | | |
| Хусусияти эстетикии гулдӯзӣ ва кашидадӯзиро шарҳ дода, онро арзёбӣ карда метавонад? | | | |
| Бо гулдӯзӣ ва кашидадӯзӣ ғояҳои содаро пайдо карда, онро ба таври умумӣ шарҳ дода метавонад? | | | |
| Урфу одатҳои миллиро шарҳ дода, онро арзёбӣ карда метавонад? | | | |

## ДАРСИ 17

## МАВЗӮЪ: ДӮХТАНИ КӮКИ ЗАРБӢ

**Барнома:** Кашидадӯзӣ бо кӯкҳои занҷиршакл, зарбӣ. Ташкили ҷойи корӣ. Қоидаҳои санитарию гигиенӣ. Бехатарии меҳнат. Хелҳои ришта ва тайёр кардани онҳо барои дӯхтан. Маълумот доир ба ранг. Намунаи кашидадӯзӣ.

**Салоҳиятҳо:**

- Баъзе воситаҳои технологиро истифода бурда метавонад;
- Дар доираи мавзӯъҳои маҳдуд ғояи навро пайдо карда метавонад;
- Доир ба баъзе касбҳо маълумоти сода дода метавонад;
- Хусусиятҳои тарбиявии фанро дарк карда, баъзе унсурҳои онро дар амал татбиқ карда метавонад.

**Мақсадҳои дарс:**

-Шероза, тарзи дӯхтани он, тарзи дӯхтани кӯкҳои зарбӣ, доир ба ранг ва тарзи иҷрои кӯкҳоро шарҳ дода тавонад;

-Раванди дӯхтани шероза ва кӯкҳои зарбиро шарҳ дода, онро дар амал иҷро карда тавонад;

-Эҳтиёткорона кор кардан ва муносибати хуб бо таҷҳизот ва асбобҳоро риоя карда тавонад;

-Хусусияти эстетикии шероза ва кӯкҳои зарбиро шарҳ дода, онро арзёбӣ карда тавонад;

-Бо гулдӯзӣ ва кашидадӯзӣ ғояҳои содаро пайдо намояд ва онро ба таври умумӣ шарҳ диҳад;

-Урфу одатҳои миллиро шарҳ дода, онро арзёбӣ карда тавонад.

**Таҷҳизоти зарурӣ:** китоби дарсӣ, овезаҳои таълимӣ.

**1. Методикаи таълим:** Ҳангоми банақшагирии дарс аз тавсияҳои зерин истифода бурда метавонед.

1. Ташкили дарс: Дар ин марҳала корҳои зерин ба роҳ монда мешавад:

Тайёр намудани маводди хониш;

Ҳозир-ғоиб кардани хонандагон;

Омода намудани хонандагон ба дарс.

**2. Такрори дарси гузашта:** Дарсро аз гузоштани масъала оғоз намоед. Бо саволҳои зерин ба хонандагон муроҷиат намоед:

1. Дар кадом аср либосҳои ҳаррӯзаи бо гулдӯзӣ орододашуда васеъ паҳн гардид?
2. Дар санъати гулдӯзӣ маълумот диҳед.
3. Асбобҳои асосии гулдӯзиро номбар кунед.
4. Чанд намуди кашидадӯзӣ маълум аст?

**3. Шиносоӣ бо мазмуни мавзӯъ:** Оид ба дӯхтани кӯки зарбӣ суҳбат гузаронида, дар бораи раванди дӯхтани кӯкҳои зарбӣ, интихоби ранги ришта, тобиши ранг, хосияти ранг, хомкӯк, риояи қоидаҳои техникаи бехатарӣ ҳангоми иҷрои кори амалӣ шарҳ дода мешавад.

Дар гулдӯзии тоҷикон ҷиҳак (шероза) мавқеи муҳим дорад. Он ҷузъи ҷудонашавандаи либоси занона, мардона, бачагона, пойҷома ва каллапӯшҳо буда, бо он ашёи хурди ороиширо низ зинат медиҳанд. Нақши ҷиҳак хеле рангоранг мешавад, асосан нақшҳои ҳандасавӣ (геометрӣ) маъмуланд. Инчунин тасвирҳои ҳайвонот, паранда, рустанӣ ва нақшҳои исломӣ вомехӯранд. Ҷиҳакро бо кӯки зарбӣ дар матои мустаҳками зичбофта ё канва (тӯр) медӯзанд. Канва матои махсус буда, барои гузаронидани сӯзан катакчаҳо дорад. Кӯки зарбӣ дар натиҷаи болои ҳам омадани ду кӯки уреб ба вуҷуд меояд. Ҳамаи кӯкҳои болоӣ бояд дар як самт хобанд. Кӯки зарбии дуруст иҷрошуда дар тарафи чаппаи асос дар як самт хати рости уфуқӣ ё амудиро ташкил медиҳад.

Барои дӯхтани ҷиҳак аввал асоси онро интихоб бояд кард. Онро дар дастгоҳҳои ҷиҳакбофии махсус мебофанд. Асоси ҷиҳак бофтаи зичи сафед, сиёҳ ё ранга буда, катакчаҳои якхела дорад. Баъди интихоби асоси ҷиҳак ба он нусха ё нақши муайянро интихоб менамоем. Мисол: гули садбарг ва барги он бо илова намудани нақшҳои геометрӣ ё нақшаҳои гуногуни интихобӣ. Дар вақти дӯхтани ҷиҳак бо тарзи кӯки зарбӣ

аввал рангҳои зангори якхела (барои барг ё шоха), баъд асоси гули садбарг ва дигар ороишҳоро медӯзем. Гулҳо ба равиши уфуқӣ ва уреб дӯхта мешаванд. Дар тарафи корӣ дар се катак кӯки халта иҷро намудан мумкин аст. Зебоии маснуоти ороишии бо кӯки зарбӣ дӯхташуда (сачоқча, дастархон) ба тозакорӣ вобаста аст. Агар кӯки зарбӣ бо як хати уфуқӣ дӯхта шавад, он гоҳ ҳамаи кӯкҳо аввал ба як тараф уреб иҷро карда, баъд аз болои онҳо кӯкҳои самти муқобил гузаронида мешаванд. Кӯкҳои уреб ҳамдигарро мебуранд ва кӯки зарбӣ ҳосил мешавад. Агар кӯки зарбӣ амудӣ дӯхта шавад, он гоҳ як кӯкро аз поён ба боло то охири нақш дӯхта, сӯзанро ба тарафи чаппаи асос мегузаронем. Сипас сӯзанро ба тарафи ростаи асос бароварда, кӯкро аз боло ба поён ба самти чап уреб иҷро мекунем.



***а*** ***б***

***Тарзи дӯхтани кӯки зарбӣ: а) пайиҳам дӯхтани кӯки зарбӣ; б)намуди пайдарҳам дӯхтани нақши гулҳои шероза***

**Доир ба ранг.** Омӯхтани рангҳои ришта дар вақти кашидадӯзӣ аҳамияти калон дорад. Дар ҳама намудҳои кашидадӯзӣ риштаро мувофиқи ранги матоъ интихоб бояд кард. Он ба маҳорати кашидадӯз вобаста аст, ки инро мувофиқати рангҳо мегӯянд. Рангҳои асосӣ сурх, зард, кабуд мебошанд. Бо ҳамроҳ кардани ду ранги асосӣ ранги иловагӣ ҳосил намудан мумкин аст. Мисол, дар натиҷаи ҳамроҳ намудани ранги сурх ва зард ранги норинҷӣ ҳосил мешавад. Ҳарду ронгро бо кабуд омезем, ранги сабз ҳосил мешавад ва ғайра. Тобиши ранг хосияти рангро муайян мекунад. Дар вақти интихоб намудани рангҳои нусхаи расми интихобкарда, ранги заминаи матоъро ба назар гирифта, рангҳои риштаҳои гулдӯзиро интихоб бояд кард.

**4. Мустаҳкамкунии мавзӯи нав:**

1. Кӯкҳои зарбӣ бо кадом равиш дӯхта мешавад?
2. Барои дӯхтани шероза бояд аввал чӣ кард?
3. Бо кадом роҳ кӯки зарбӣ дӯхта мешавад?
4. Аҳамияти интихоби ранг ҳангоми гулдӯзӣ.
5. Тобиши ранг чист?

**5. Истифодаи усули Кластери сода**

**Масъала:** Барои дӯхтани шероза кадом нақшҳоро истифода мебаранд?




**6. Кори амалӣ: Иҷрои кӯки зарбӣ.**

Аз тарафи омӯзгор қоидаҳои техникаи бехатарӣ ва санитарию гигиенӣ оид ба мавзӯъ назорат карда, аз ҷониби хонандагон риоя карда шавад.

**Асбоб ва таҷҳизот**: матои канва (тӯр)-и андозааш 20x30 см, ришта-ҳои абрешимӣ, қасқон, сӯзани борик бо гӯшаки калон.

**Қадамҳо:**

1. Аз тарафи омӯзгор оид ба тарзи дӯхтани шероза маълумот дода шавад. Агар асоси шероза барои кашидадӯзӣ набошад, он гоҳ тарзи дӯхтани маснуотро дар матои интихобӣ иҷро кардан мумкин аст;
2. Аз тарафи омӯзгор супориш дода мешавад, ки хонандагон бояд матоъ ва риштаро омода созанд;
3. Матои канва (тӯр) як ҷузъро бурида гирифтан лозим аст, ки андозааш ба нусхаи расми интихобкарда бо назардошти ҳаққи чок (барои ҳаққи чок 1 см кифоя аст) мувофиқ бошад;
4. Нақша ба канва (лӯр) ё матои сафеди гузаронидашуда гирифта шавад;
5. Канва ба матоъ кӯк зада шавад;
6. Риштаҳои мӯина ва абрешимии 3-қабатаро истифода бурдан лозим аст;
7. Расмро мувофиқи нақша иҷро карда, аз рӯйи нақши мувофиқ ранги риштаро интихоб намудан лозим аст;
8. Аз тарафи омӯзгор супориш дода мешавад, ки раванди пайдарҳамии кӯк талаботи тарзи дурусти дӯхт иҷро карда шавад;
9. Нақшаҳо метавонанд гуногун бошанд, ба мисоли расми қаҳрамонони афсонавӣ, расми гулҳо, баргҳо, шаклҳои геометрӣ ва ғ.
10. Дар охири кор кӯкҳои иловагӣ канда шавад;
11. Маснуоти дӯхташударо аз тарафи чаппа дарзмол карда шавад;
12. Вобаста ба сифати дӯхт аз тарафи омӯзгор ба хонандагон баҳогузорӣ карда мешавад.



***Тарзи дӯхтани кӯки зарбӣ: а) намуди нақша; б) аз рӯйи нақша бо кӯки зарбӣ дӯхтани нақш***

**6. Дарсро ҷамъбаст намуда, заҳмати хонандагонро қадрдонӣ кунед.**

**7. Арзёбӣ:** Дар рафти дарс фаъолияти таълимии хонандагонро мушоҳида намуда, дараҷаи ба салоҳиятҳо ноил гаштани онҳоро муайян кунед. Натиҷаҳои фаъолияти таълимии хонандагонро аз рӯйи савол ва супоришҳои зерин арзёбӣ карда метавонед. *(мувофиқи натиҷаи арзёбии мазкур ба хонандагон баҳои аъло, хуб, қаноатбахш ва ғайриқаноатбахш гузошта мешавад).*

| Фаъолият | Метавонад | Қисман метавонад | Наметавонад |
|---|---|---|---|
| Дар бораи шероза, тарзи дӯхтани он, тарзи дӯхтани кӯкҳои зарбӣ, доир ба ранг ва тарзи иҷрои кӯкҳо шарҳ дода метавонад? | | | |
| Раванди дӯхтани шероза ва кӯкҳои зарбиро шарҳ дода, онро дар амал иҷро карда метавонад? | | | |
| Эҳтиёткорона кор кардан ва муносибати хуб бо таҷҳизот ва асбобҳоро риоя карда метавонад? | | | |
| Хусусияти эстетикии шероза ва кӯкҳои зарбиро шарҳ дода, онро арзёбӣ карда метавонад? | | | |
| Бо гулдӯзӣ ва кашидадӯзӣ ғояҳои содаро пайдо менамояд ва онро ба таври умумӣ шарҳ медиҳад? | | | |
| Урфу одатҳои миллиро шарҳ дода, онро арзёбӣ карда метавонад? | | | |

## БОБИ V

## ТЕСТ

**1. Тасмаи ченакгирӣ, сӯзан, қайчӣ, ришта, сӯзанак, ангуштпона барои чӣ лозиманд?**
а) дӯхтани маснуот
б) буридани маснуот
в) ченакгирӣ

**2. Тамоми таҷҳизоти рӯйи миз бояд дар кадом гӯшаи миз гузошта шавад?**
а) рост
б) чап
в) фарқ надорад

**3. Қайчиро аз чӣ месозанд?**
а) пӯлод
б) мис
в) филизот (металл)

**4. Андозаи сӯзанҳои замони ҳозира аз рақами 1 то рақами чанд мебошанд?**
а) №12
б) №14
в) №10

**5. Ҳангоми чокбурӣ барои ба мистарқолаб ё андоза часпонидани матоъ истифода мешавад, чист?**
а) сарсӯзан
б) сӯзан
в) ҷадвал

**6. Тасмаи ченакгирӣ соли чанд ихтироъ шудааст?**
а) соли 1810
б) соли 1876
в) соли 1980

**7. Риштаҳо аз рақами 10 то рақами чанд ишора карда мешавад?**
а) №80
б) №60
в) №100

**8. Кашидадӯзии тоҷикиро ба чанд навъ ҷудо мекунанд?**
а) ду навъ
б) чор навъ
в) панҷ навъ

**9. Чанд намуди асосии кашидадӯзии дастӣ маълум аст?**
а) ду намуд
б) се намуд
в) панҷ намуд

**10. Ироқии чида чанд хел мешавад?**
а) ду хел
б) шаш хел
в) ҳафт хел

## ДАРСИ 18

## МАВЗӮЪ: ТАЪЙИНОТ ВА СОХТИ МОШИНИ ДАРЗДӮЗИИ ДАСТӢ

**Барнома:** Талаботи санитарию гигиенӣ ҳангоми кор бо мошини дарздӯзӣ. Қоидаи бехатарии меҳнат. Қоидаи ба кор омода кардани мошина. Усулҳои кор бо мошинаи дарздӯзӣ. Ташкили ҷойи корӣ. Муносибатҳои эҳтиёткорона нисбат ба таҷҳизот ва асбобу афзор. Ба кор омода кардани мошин. Омӯхтани усулҳои мошина. Машқи дарздӯзӣ.

**Салоҳиятҳо:**
- Баъзе воситаҳои технологиро истифода бурда метавонад;
- Дар доираи мавзӯъҳои маҳдуд ғояи навро пайдо карда метавонад;
- Доир ба баъзе касбҳо маълумоти сода дода метавонад;
- Хусусиятҳои тарбиявии фанро дарк карда, баъзе унсурҳои онро дар амал татбиқ карда метавонад.

**Мақсадҳои дарс:**
-Таъйинот ва сохти мошини дарздӯзии дастиро шарҳ дода тавонад;
-Қоидаҳои санитарию гигиенӣ ва кор дар мошини дарздӯзии дастиро шарҳ дода, онро дар амал иҷро карда тавонад;
-Эҳтиёткорона кор кардан ва муносибати хуб бо мошини дарздӯзии дастиро риоя карда тавонад;
-Хусусиятҳои эстетикии дарзҳои мошини дастиро шарҳ дода, онро арзёбӣ карда тавонад.

**Таҷҳизоти зарурӣ:** китоби дарсӣ, овезаҳои таълимӣ.

**1. Методикаи таълим:** Ҳангоми банақшагирии дарс аз тавсияҳои зерин истифода бурда метавонед.
1. Ташкили дарс: Дар ин марҳала корҳои зерин ба роҳ монда мешавад:

Тайёр намудани маводди хониш;
Ҳозир-ғоиб кардани хонандагон;
Омода намудани хонандагон ба дарс.

**2. Такрори дарси гузашта:** Дарсро аз гузоштани масъала оғоз кунед. Бо саволҳои зерин ба хонандагон муроҷиат намоед:

1. Аҳамияти интихоби ранги ришта ҳангоми гулдӯзӣ.
2. Навъҳои кашидадӯзии тоҷикӣ кадомҳоянд?
3. Чанд намуди асосии кашидадӯзии дастӣ маълум аст?
4. Намудҳои тарзи кӯкҳои зарбӣ.

**3. Шиносоӣ бо мазмуни мавзӯъ:** Оид ба таъйинот ва сохтани мошини дарздӯзии дастӣ суҳбат гузаронида, дар бораи аввалин мошини дарздӯзӣ, мақсади истеҳсоли мошини дарздӯзӣ, навъҳои мошинҳои дарздӯзӣ, амалиёти гуногуни мошини дарздӯзӣ, сифати кори мошини дарздӯзӣ, қоидаҳои санитраю гигенӣ, кор дар мошини дарздӯзии дастӣ шарҳ дода мешавад.

Дар замонҳои қадим либосро дастӣ медӯхтанд. Ин кор вақти зиёдро мегирифт. Ҳамчунин дарз на ҳамеша баробар, мустаҳкам ва шинам дӯхта мешуд. Баҳри осонии дарздӯзӣ ва тезонидани мӯҳлати тайёр кардани либос фикри сохтани мошини дарздӯзӣ пайдо шуд. Аввалин мошини дарздӯзӣ соли 1765 дар Англия барои истифода пешниҳод шуд. Дар мамлакатҳои дигар устохонаҳое мавҷуд буданд, ки қисмҳоро аз Англия оварда, мошини дарздӯзиро месохтанд.

Нахустин лоиҳаи мошини дарздӯзиро дар охири асри XV Леонардо да Винчи тартиб додааст. Дар соли 1834 олими амрикоӣ Уолтер Хайт сӯзани гӯшакдор (сӯрохидор)-и нӯгаш тез ва мокуро ихтироъ кард. Ин якумин мошини дарздӯзӣ буд, ки риштаҳои болоӣ ва поёниро истифода мебурд. Дар соли 1850 Алена Вилсон ва махсусан Исаак Зингер мошинҳои дарздӯзиро ба ҳолати ҳозиразамон оварданд. Онҳо ба ғайр аз ҳаракатдиҳандаи дастӣ бо ҳаракатовари пой (педал) кор мекунанд, ки дар ин ҳолат дасти дӯзанда озод мешавад. Аз соли 1870 фирмаи «Зингер» на фақат дар ИМА, балки дар бисёр давлатҳо, аз он ҷумла дар Русия низ филиалҳои худро ташкил кард. Дар наздикии Масква, дар шаҳри Подолск фирмаи «Зингер» барои васли қисмҳои мошини дарздӯзӣ корхонае сохт. Ин корхона дар як сол 600 ҳазор адад мошини дарздӯзӣ истеҳсол мекунад.

Мошини дарздӯзӣ ҳам барои саноат ва ҳам барои рӯзгор истеҳсол карда мешавад. Мошини дарздӯзии саноатиро дар корхонаву устохонаҳои дӯзандагӣ ба кор мебаранд. Мошинҳои дарздӯзӣ якчанд навъ мешавад: мошини дарздӯзии дастӣ; мошини дарздӯзӣ бо ҳаракатовари пой; мошини дарздӯзии барқӣ; мошини дарздӯзии ҳамакора (универсалӣ); мошини дарздӯзии махсус.

Дар мошини дарздӯзии универсалӣ амалиёти гуногуни дӯзандагӣ иҷро карда мешавад, яъне дарзро аз аввал то охир медӯзанд. Онҳо сатҳи дарзро оверлок мезананд, чок медӯзанд, тугмаро мечаспонанд, гулдӯзӣ мекунанд ва ғайра. Мошинҳои махсус танҳо як амалро иҷро мекунанд, яъне тугма мечаспонанд, бахия ва ё танҳо чок медӯзанд.

**Қоидаҳои санитарию гигиенӣ ва кор дар мошини дарздӯзии дастӣ**

1. Барои нигоҳ доштани саломатӣ ва баланд бардоштани самаранокии меҳнат ҳангоми кор бо мошини дарздӯзӣ тарзи нишастан роли муҳим мебозад.

2. Курсии назди мошинро муқобили риштаравонак (аз канори он 15-20 см дуртар) гузоштан лозим аст.

3. Ҳангоми кор ба курсӣ дуруст нишинед, тахтапуштро ба пуштаки он, пойҳоро ба сатҳи фарш ё тиргак такя диҳед. Танаро андак каҷ намуда, сарро ба пеш хам кунед. Ҳангоми нодуруст нишастан кори муътадили организм вайрон мешавад.

4. Масофаи байни дӯзанда ва мошини дарздӯзӣ бояд 35-45 см бошад.

5. Мошини дарздӯзиро дар назди тиреза тарзе гузоред, ки равшанӣ аз тарафи чап афтад. Риоя накардани қоидаҳои нишаст дар назди мошини дарздӯзӣ боиси каҷшавии тахтапушт ва сутунмуҳра, тез мондашавӣ ва касалиҳои узвҳои дарунӣ мегардад. Барои он

ки дар вақти кор бо мошини дарздӯзӣ ҳодисаҳои нохуш рух надиҳанд, қоидаҳои зерини техникаи бехатариро риоя кунед.

Мошини дарздӯзии ватанӣ баъди Инқилоби Октябр дар собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ сохта шудааст. Аввалин корхонаи мошини дарздӯзӣ соли 1923 дар шаҳри Подолски вилояти Масква сохта шудааст. Баъди Ҷанги Бузурги Ватанӣ дар Белоруссия ҳам корхонаи мошини дарздӯзӣ ба кор даромад.

1. Мӯйҳоро зери сарбанд гиред ва тугмаи манҷетҳои остипи либосро ҳатман гузаронед.

2. Дар хона фақат бо иҷозати калонсолон мошини дарздӯзиро истифода баред.

3. Пеш аз кор аз болои мизи корӣ асбобҳои нолозим (қайчӣ, ангуштпона, мурваттоб, равғандон ва ғайра)-ро ғундоред.

4. Аз назар гузаронед, ки сӯзан дар мошин мустаҳкам бошад.

5. Пеш аз кор дар мошини дарздӯзӣ аз назар гузаронед, ки дар маснуот сӯзан ва сӯзанак мавҷуд набошад.

6. Дар вақти кор дар мошини дарздӯзӣ сарро ба қисмҳои ҳаракаткунанда, навардҳои чархзананда, сӯзан, найчапуркунак, гардона (маховик) бисёр хам кардан мумкин нест.

7. Ба лавҳача аҳамият диҳед, ки он пӯшида бошад. Ҳангоми кор ба ҳолати даст назорат бояд кард, то ки ба ангушт сӯзан нахалад.

8. Ангуштони дастро ба тазйиқдиҳанда (лапка) ва сӯзан наздик нагузоред, ҷойҳои ғафси маснуотро оҳиста дӯзед.

9. Дар вақти кор ба назди якдигар омада, диққати шахси коркардаистодаро ба худ ҷалб кардан ва ба якдигар асбобҳоро дароз кардан манъ аст.

10. Мошинро дар ҳолати поён фаровардани тазйиқдиҳанда бе матоъ ба ҳаракат надароред.

11. Махсусан бо қисмҳои муҳаррики мошин эҳтиёткорона муносибат кунед, дар назди онҳо қайчӣ, сӯзан ва дигар ашёро нагузоред.

12. Ҳангоми истифодаи мурваттоб эҳтиёт кунед, ки нӯги тези он аз мурват ғеҷида, дастро захмдор накунад.

13. Ҳангоми ҳаракати мошин тоза кардани он манъ аст. Баъд аз равған кашидани мошин онро дарҳол кор нафармоед.

**4. Мустаҳкамкунии мавзӯи нав:**

1. Ҷойи корро чӣ тавр ба тартиб меоваранд?

2. Ҳангоми кор дар мошини дарздӯзӣ чӣ тавр нишастан лозим аст?

3. Ҳангоми кор дуруст ё нодуруст нигоҳ доштани танаи одам ба чӣ натиҷа меорад?

4. Қоидаҳои санитарию гигиенӣ ва техникаи бехатариро ҳангоми кор бо мошини дарздӯзӣ гӯед ва ҳатман риоя кунед.

**Истифодаи бозии “Монандкунӣ”**

**Намуна.** Монандкунӣ ба мошини дарздӯзии дастӣ

Суханони омӯзгор:

- Бубинед, ман дар болои фарш истодаам. Мошин бошад дар болои платформа, фарш-платформа, ман-асос;

- Духтарон асосро аз мошин нишон диҳед. (духтарон асоси мошинро нишон медиҳанд.)

- Бинед, дасти чапи ман ба дастаи мошин монанд мебошад (духтарон дастаки мошинро нишон медиҳанд).

- Акнун, биёед, бо дасти рост ҳама баробар ба монанди чарх дастамонро давр мезанонем.

- Инак, мошини дарздӯзӣ дастак дорад, ки қисми қатшуда ба асос маҳкам карда шудааст. аз тарафи рости дастак чарх бо чархи ҳаракатовар ҷойгир аст.



*Мошини дарздӯзии дастӣ*

**Дар натиҷа хонандагон:**

- Номи қисматҳо ва асбобҳоро хубтар дар хотир нигоҳ медоранд;
- Ҳаракати қисматҳои ҳаракаткунандаи асбобҳоро дарк мекунанд;
- Асбобҳоро монанд ва фарқ карда метавонанд.

**5. Кори амалӣ: Кор дар мошини дарздӯзӣ**

Аз тарафи омӯзгор қоидаҳои техникаи бехатарӣ ва санитарию гигиенӣ оид ба мавзӯъ назорат карда, аз ҷониби хонандагон риоя карда шавад.

**Таҷҳизот:** мошини дарздӯзӣ, пораи матоъ ва коғаз.

**Қадамҳо:**

1. Аз тарафи омӯзгор чунин маълумот дода мешавад: Барои он ки мошини дарздӯзии дастӣ ба ҳаракат дароварда шавад, бо дасти рост чархашро оҳиста ҷониби худ тоб дода, баъд ба тарафи аз худ муқобил давр занонидан лозим аст. Дар ин ҳолат механизмҳои чокдӯзӣ ба кор медароянд ва дарз дӯхта мешавад.

2. Аз тарафи омӯзгор барои омӯхтани кор дар мошини дарздӯзӣ аввал даврзанонии чархро ёд додан лозим аст;

3. Барои ин пайванди байни чарх ва муҳаррикро кушодан лозим аст;

4. Дар ин ҳолат чархи мошинро бо дасти рост аввал ба тарафи худ давр занонда, баъд дарҳол аз дастааш дошта, муқобили худ давр занондан лозим аст;

5. Ин корро якчанд маротиба амалан такрор намуда, малакаю маҳорат пайдо кардан зарур аст;

6. Баъд аз ёд гирифтани даврзанонии чарх тири онро маҳкам намуда, ба зери пошна пораи коғаз ё матоъро, ки дар рӯйи он хатҳо кашида шудаанд, гузошта, бе ришта якчанд маротиба дӯхта шавад;

7. Ин корро ҳам амалан такрор ба такрор иҷро кардан шарт аст;

8. Вобаста ба кори иҷро намудани хонандагон аз тарафи омӯзгор баҳогузорӣ карда мешавад.

**6. Дарсро ҷамъбаст намуда, заҳмати хонандагонро қадрдонӣ кунед.**

**7. Арзёбӣ:** Дар рафти дарс фаъолияти таълимии хонандагонро мушоҳида намуда, дараҷаи ба салоҳиятҳо ноил гаштани онҳоро муайян кунед. Натиҷаҳои фаъолияти таълимии хонандагонро аз рӯйи савол ва супоришҳои зерин арзёбӣ карда метавонед. *(мувофиқи натиҷаи арзёбии мазкур ба хонандагон баҳои аъло, хуб, қаноатбахш ва ғайриқаноатбахш гузошта мешавад).*

| Фаъолият | Метавонад | Қисман метавонад | Наметавонад |
|---|---|---|---|
| Дар бораи таъйинот ва сохти мошини дарздӯзии дастӣ шарҳ дода метавонад? | | | |
| Қоидаҳои санитарию гигиенӣ ва кор дар | | | |

| | | | |
|---|---|---|---|
| мошини дарздӯзии дастиро шарҳ дода, онро дар амал иҷро карда метавонад? | | | |
| Эҳтиёткорона кор кардан ва муносибати хуб бо мошини дарздӯзии дастиро риоя карда метавонад? | | | |
| Хусусиятҳои эстетикии дарзҳои мошини дастиро шарҳ дода, онро арзёбӣ карда метавонад? | | | |

## ДАРСИ 19

## МАВЗӮЪ: ҚОИДАИ БА КОР ОМОДА КАРДАНИ МОШИНИ ДАРЗДӮЗӢ

**Барнома:** Талаботи санитарию гигиенӣ ҳангоми кор бо мошини дарздӯзӣ. Қоидаи бехатарии меҳнат. Қоидаи ба кор омода кардани мошина. Усулҳои кор бо мошинаи дарздӯзӣ. Ташкили ҷойи корӣ. Муносибатҳои эҳтиёткорона нисбат ба таҷҳизот ва асбобу афзор. Ба кор омода кардани мошин. Гузаронидани риштаи боло ва поён. Омӯхтани узвҳои мошин. Батартибдарории боло, поён ва дарозии лаганда.

**Салоҳиятҳо:**

- Баъзе воситаҳои технологиро истифода бурда метавонад;
- Дар доираи мавзӯъҳои маҳдуд ғояи навро пайдо карда метавонад;
- Доир ба баъзе касбҳо маълумоти сода дода метавонад;
- Хусусиятҳои тарбиявии фанро дарк карда, баъзе унсурҳои онро дар амал татбиқ карда метавонад.

**Мақсадҳои дарс:**

-Амалиёти гузаронидани ришта ва бо ришта пур кардани найчаро шарҳ дода тавонад;

-Қоидаҳои ба кор омода кардани мошини дарздӯзиро шарҳ дода, онро дар амал иҷро карда тавонад;

-Эҳтиёткорона кор кардан ва муносибати хуб бо мошини дарздӯзиро риоя карда тавонад;

-Тарзи гузаронидани риштаи боло ва поён ва дарозии лагандаро шарҳ дода, дар амал иҷро карда тавонад.

**Таҷҳизоти зарурӣ:** китоби дарсӣ, овезаҳои таълимӣ

**1. Методикаи таълим:** Ҳангоми банақшагирии дарс аз тавсияҳои зерин истифода бурда метавонед.

1. Ташкили дарс: Дар ин марҳала корҳои зерин ба роҳ монда мешавад:

Тайёр намудани маводди хониш;

Ҳозир-ғоиб кардани хонандагон;

Омода намудани хонандагон ба дарс.

**2. Такрори дарси гузашта:** Дарсро аз гузоштани масъала оғоз намоед. Бо саволҳои зерин ба хонандагон мурочиат намоед:

1. Аввалин мошини дарздӯзӣ соли чанд ба истифода пешниҳод шудааст?
2. Нахустин лоиҳаи мошини дарздӯзиро соли чанд ва кӣ тартиб додааст?
3. Вобаста ба тарзи баҳаракатоварӣ мошинҳои дарздӯзӣ чанд навъ мешаванд?
4. Оид ба қоидаҳои санитарию гигенӣ маълумоти мухтасар диҳед.

**3. Шиносоӣ бо мазмуни мавзӯъ:** Оид ба қоидаи ба кор омода кардани мошини дарздӯзӣ суҳбат гузаронида, дар бораи бо ришта пур кардани найча, гузаронидани риштаи поёнӣ (риштаи пуд), тоза кардани қисмҳои мокугузаронак, вазифаи асбобу

механизми танзимаи дарозии кӯк ё лаганда, ҷобаҷогузории сӯзани мошини дарздӯзӣ, танзимаи риштакашак шарҳ дода мешавад.

Дар вақти кор дар мошини дарздӯзӣ ҳатман тарзи гузаронидани риштаҳои болоӣ ва поёнӣ, ҷобаҷо кардани сӯзан, танзими сифати дарзҳо, дарозии дарзро донистан лозим аст. Барои гузаронидани риштаи болоӣ паси ҳам якчанд амалиётро иҷро мекунанд.

Аввал сӯзанро дар ҳолати боло намудани дастаи сарчарх мегузорем. Баъд бо фишанг лапкаи пружиниро мебардорем. Ғалтаки риштаро ба тирчае, ки дар болои дастаи мошин ҷойгир аст, мегузорем. Нӯги риштаро аз ғалтак кашида, ба даруни сӯрохии риштаравонкунак мефарорем ва аз даруни сӯрохии пружина мебарорем. Баъди ин риштаро ба боло равона карда, аз даруни сӯрохии риштакашак мегузаронем, ки он дар ин вақт бояд дар ҳолати боло нигоҳ дошта шуда бошад. Сипас, риштаро ба риштаравонкунак дароварда, баъди он аз сӯрохии сӯзан мегузаронем. Дар ҳолати риштагузаронӣ сӯзан бояд боло бардошта шуда бошад.



***Пайдарҳами гузаронидани риштаи болоӣ дар мошини дарздӯзии дастӣ***
***А. 1- меҳвари ғалтак 2- ришта-равонкунаки 1-ум; 3-танзимаи риш-такашаки болоӣ; 4- фишанги риш-такашак; 5-фанари (пруҷиш) эҳтиётӣ; 6- риштаравонкунаки 2-юм; 7- риштаравонкунаки 3-юм; 8-сӯзан.***
***Б. Пайдарҳамии гузаронидани риштаи болоӣ дар мошини дарздӯзии барқӣ***

**Пур кардани найча бо ришта.** Пеш аз гузаронидани риштаи пуд аввал найчаро бо ришта пур мекунем, ғалтакро ба ғалтакгузорак мегузорем ва риштаро аз байни шайбаи риштагузорак мегузаронем. Ҳангоми канда шудани ресмони болоӣ пеш аз ҳама дурустии риштагузориро санҷида, баъд тарангии онро суст кардан зарур аст. Барои ин танзимаро 3-4 бор ба чап тоб додан лозим аст. Ҳангоми аз ҳад зиёд таранг будани риштаи поёнӣ танзимаи поёнӣ фанари сараки найчаро каме холӣ бояд кард.

Ҳангоми аз ҳад зиёд давр задани ғалтак (дар ин маврид аз ғалтак ришта бештар кушода мешавад) ба зери ғалтак як пора матои ғафс мегузоранд. Бо равиши ақрабаки соат риштаро якчанд маротиба мепечонем. Найчаро ба шпиндели (наварди) найчапуркунак гузошта, фишораки онро маҳкам мекунем. Сарчархро ба ҳаракат дароварда, найчаро бо ришта пур мекунем. Баъди аз ришта пур шудан найчаро аз ҳаракат боздошта, шпиндели (наварди) найчапуркунакро кушода, найчаро мегирем ва риштаро меканем. Бо ришта пур кардани найчаро машқ кунед.









***Ҷобаҷо кардани риштаи пуд: 1-найчаи пурро ба моку маҳкам кардан; 2- риштаи найчаро 10-15 см аз моку берун кардан; 3- гузоштани мокуи найчадор ба мокухона***

**Гузаронидани риштаи поёнӣ (риштаи пуд).** Баъди найчаро пур кардан онро ба моку маҳкам мекунем. Дар ин ҳолат нӯги риштаи найча ба дарозии 10-15 см аз моку берун баровардa мешавад. Сипас, дар ҳолати боло бурдани сӯзан мокуи найча ба мокухона (сархонаи моку) ҷо карда мешавад. Сарпӯши мокухонаро (мокугузоракро) пӯшида, меҳвари чархро маҳкам карда, нӯги риштаи торро, ки ба сӯзан гузаронида шудааст, бо дасти чап дошта (оҳиста-оҳиста бо дасти рост чархро тоб дода), сӯзанро ба ҳаракат медарорем, яъне риштаи ба сархонаи моку даровардаро мебарорем. Дар натиҷа нӯги риштаи пуд мебарояд. Нӯги ҳар ду ришта (риштаҳои тору пуд)-ро баробар карда, ба пушти пошна мегузаронем, мошин ба дарздӯзӣ тайёр мешавад. Риштаи поёнӣ дар мавриди бад кор кардани риштапечонак канда мешавад ва дар айни ҳол ба найча аз меъёр зиёд ришта мепечад. Риштаро ба найча тавре бояд печонд, ки он дар канори ғалтак аз ҳад зиёд напечад, ба ғалтак ҳамвор ва якмаром печад ва канори найча 1,5-2 мм аз ришта холӣ монад.

**Вазифаи асбобу механизми танзимаи дарозии лаганда.** Матоъҳои ғафсиашон гуногун лагандаи гуногунро талаб мекунанд. Барои матои тунук лагандаи кӯтоҳ (1,5-2 мм), барои матои ғафс лагандаи дарозро истифода мебаранд. Масофаи байни ду дӯхти сӯзанро лагандачок меноманд. Лагандаи аз ҳама дарозтарин дар мошинҳои дарздӯзии дастӣ 4 мм мебошад. Барои муайян кардани дарозии лаганда мурвати танзимаро ба тарафи чап тоб дода, гӯшаки онро озод нигоҳ медоранд, баъд рақамҳои ҷадвалро ба ҳисоб гирифта, гӯшаки танзимаро муқобили рақами зарурӣ мегузоранд ва мурватро ба тарафи рост тоб медиҳанд. Ҳангоми аз аввалу охир мустаҳкам кардани дарз ва аз тарафи акс лаганда кардан забончаи танзима ба боло тела дода мешавад. Ҳангоми дӯхтани дарзи чин-чин забончаи танзима муқобили рақами 4 (поён) бурда мешавад. Дар ин ҳолат риштаи тор бештар холӣ ва риштаи пуд осон кашида мешавад. Чин-чин дар натиҷаи то қадри ҳол кашидани риштаи пуд ба вуҷуд меояд.

**Ҷобаҷогузории сӯзани мошини дарздӯзӣ.** Сӯзан яке аз қисмҳои асосии мошини дарздӯзист. Вобаста ба ғафсии матоъ ва ришта сӯзанҳои гуногун (вобаста ба рақам) истифода мешаванд. Барои матои ғафс сӯзани борик гузоштан мумкин нест, зеро сӯзан тез мешиканад.




***Танзимаи лагандаи мошини дарздӯзии дастӣ***

**Танзимаи риштакашак.** Риштаҳои дарзи мошинӣ ҳамон вақт зебо, мустаҳкам ва рост мешаванд, ки агар ришта аз ғалтак ва моку муътадил гузарад; ин ба тарангии риштаи болоӣ ва поёнӣ вобаста аст. Нодурустии тарангии ришта боиси камбудиҳои дарз мегардад, яъне дарз халта, номустаҳкам, гиреҳ шуда, боиси кашиши матоъ мегардад. Ҳамаи ин ба танзимаи риштакашак вобаста аст.

**4. Мустаҳкамкунии мавзӯи нав:**

1. Вазифаи танзимаи дарозии чок аз чӣ иборат аст?
2. Сабабҳои шикастани сӯзани мошинро гӯед.
3. Тарзи тоза кардани чанги мокухонаро гуфта диҳед.

**5. Истифодаи бозии кроссворд "Дӯзанда"**

1. Пеш аз дӯхтани маснуот дар мошини дарздӯзӣ маснуотро бо кадом дарз медӯзанд? (дастӣ)
2. Барои дӯхтани кӯки дастӣ кадом асбобро истифода мебаранд? (Сӯзан)
3. Барои ба мистарқолаб ё андоза часпонидани матоъ кадом асбобро истифода мебаранд? (сарсӯзан)
4. Барои кашидани нақша ва андозаи либос, чен кардани матоъ, кашидани хатҳо дар матоъ кадом асбобро истифода мебаранд? (ҷадвал)
5. Барои тела додани сӯзан ба матоъ ва муҳофиза кардани ангуштон аз халидани сӯзан чиро истифода мебаранд? (ангуштпона)
6. Барои ба тартиб даровардани намуди зоҳирии либос кадом асбобро истифода мебаранд? (дарзмол)
7. Барои пайваст кардани ду ҷузъҳо (детал) бо сӯзан чиро истифода мебаранд? (ришта)




**6. Кори амалӣ: Гузаронидани ришта ба мошини дарздӯзии дастӣ**

**Таҷҳизот:** Мошини дарздӯзии дастӣ, риштаи рақами 40, қайчӣ

Аз тарафи омӯзгор қоидаҳои техникаи бехатарӣ ва санитарию гигие-нӣ оид ба мавзӯъ назорат карда, аз ҷониби хонандагон риоя карда шавад.

**Қадамҳо:**

1. Омӯзгор оид ба қоидаҳои ба кор омода кардани мошини дарздӯзӣ шарҳ медиҳад ва дар амал иҷро менамояд:
2. Аввал сӯзанро дар ҳолати боло намудани дастаи сарчарх гузаронида шавад;
3. Бо фишанг лапкаи пруҷинӣ бардошта мешавад;
4. Ғалтаки риштаро ба тирчае, ки дар болои дастаи мошин ҷойгир аст, гузошта мешавад;
5. Нӯги риштаро аз ғалтак кашида, ба даруни сӯрохии риштаравонкунак фароварда аз даруни сӯрохии пруҷина бароварда мешавад;
6. Риштаи баровардашударо ба боло равона карда, аз даруни сӯрохии риштакашак гузаронида, он бояд дар ҳолати рӯ ба боло нигоҳ дошта шуда бошад;
7. Сипас, риштаро ба риштаравонкунак даровара, аз сӯрохии сӯзан гузаронида мешавад;
8. Дар ҳолати риштагузаронӣ сӯзан бояд боло бардошта шуда бошад;
9. Нӯги ришта бояд 10-15 см дарозтар бароварда шавад, то ки ҳангоми риштаи пудро баровардан аз сӯзан набарояд.

10. Гузаронидани риштаи болоӣ ва поёниро якчанд маротиба аз рӯйи қоидаҳои гузаронидани риштаи болоӣ ва поёнӣ бо ҳамроҳии омӯзгор машқ карда шавад.

**6. Дарсро ҷамъбаст намуда, заҳмати хонандагонро қадрдонӣ кунед.**

**7. Арзёбӣ:** Дар рафти дарс фаъолияти таълимии хонандагонро мушоҳида намуда, дараҷаи ба салоҳиятҳо ноил гаштани онҳоро муайян кунед. Натиҷаҳои фаъолияти таълимии хонандагонро аз рӯйи савол ва супоришҳои зерин арзёбӣ карда метавонед. *(мувофиқи натиҷаи арзёбии мазкур ба хонандагон баҳои аъло, хуб, қаноатбахш ва ғайриқаноатбахш гузошта мешавад).*

| Фаъолият | Метавонад | Қисман метавонад | Наметавонад |
|---|---|---|---|
| Дар бораи амалиёти гузаронидани ришта ва бо ришта пур кардани найчаро шарҳ дода метавонад? | | | |
| Қоидаҳои ба кор омода кардани мошини дарздӯзиро шарҳ дода, онро дар амал иҷро карда метавонад? | | | |
| Эҳтиёткорона кор кардан ва муносибати хуб бо мошини дарздӯзиро риоя карда метавонад? | | | |
| Хусусиятҳои эстетикии дарзҳои мошиниро шарҳ дода, онро арзёбӣ карда метавонад? | | | |

## ДАРСИ 20

## МАВЗӮЪ: КОРИ АМАЛӢ. УСУЛҲОИ КОР БО МОШИНИ ДАРЗДӮЗӢ

**Барнома:** Талаботи санитарию гигиенӣ ҳангоми кор бо мошини дарздӯзӣ. Қоидаи бехатарии меҳнат. Қоидаи ба кор омода кардани мошин. Усулҳои кор бо мошинаи дарздӯзӣ. Ташкили ҷойи корӣ. Муносибатҳои эҳтиёткорона нисбат ба таҷҳизот ва асбобу афзор. Ба кор омода кардани мошин. Таъйинот ва усулҳои дӯхтани дарзҳои рост ва ба дарун қаткардашуда (доманадӯхт). Истифодаи воситаи механизатсияи майда ҳангоми дӯхтани дарзи рост ва қаткардашуда (хаткашаки маҳдудкунанда). Машқи дарздӯзӣ.

**Салоҳиятҳо:**
- Баъзе воситаҳои технологиро истифода бурда метавонад;
- Дар доираи мавзӯъҳои маҳдуд ғояи навро пайдо карда метавонад;
- Доир ба баъзе касбҳо маълумоти сода дода метавонад;
- Хусусиятҳои тарбиявии фанро дарк карда, баъзе унсурҳои онро дар амал татбиқ карда метавонад.

**Мақсадҳои дарс:**

-Таъйинот ва сохти мошини дарздӯзии дастиро шарҳ дода тавонад;

-Қоидаҳои санитарию гигиенӣ ва кор дар мошини дарздӯзии дастиро шарҳ дода, онро дар амал иҷро карда тавонад;

-Дӯхтани дарзи рост ва қаткардашуда (доманадӯхт)-ро амалан иҷро карда тавонад;

-Эҳтиёткорона кор кардан ва муносибати хуб бо мошини дарздӯзии дастиро риоя карда тавонад;

-Хусусиятҳои эстетикии дарзҳои мошини дастиро шарҳ дода, онро арзёбӣ карда тавонад.

**Таҷҳизоти зарурӣ:** китоби дарсӣ, овезаҳои таълимӣ.

**1. Методикаи таълим:** Ҳангоми банақшагирии дарс аз тавсияҳои зерин истифода бурда метавонед.

1. Ташкили дарс: Дар ин марҳала корҳои зерин ба роҳ монда мешавад:
Тайёр намудани маводди хониш;
Ҳозир-ғоиб кардани хонандагон;
Омода намудани хонандагон ба дарс.

**2. Такрори дарси гузашта:** Дарсро аз гузоштани масъала оғоз намоед. Бо саволҳои зерин ба хонандагон муроҷиат намоед:
1. Вазифаи танзимаи дарозии чок аз чӣ иборат аст?
2. Сабабҳои шикастани сӯзани мошинро гӯед.
3. Тарзи тоза кардани чанги мокухонаро гуфта диҳед.

**3. Шиносоӣ бо мазмуни мавзӯъ:** Суҳбат оид ба дӯхтан дар мошин ва ба кор омодашуда шарҳ дода мешавад.

Мошинро бо латта тоза карда, чархашро бо дастӣ рост оҳиста ҳаракат дода, сӯзанро боло мебардорем, тазйиқдиҳандаро ба боло бардошта, матоъро зери он гузошта, сӯзанро рӯйи матоъ мефарорем. Месанҷем, ки бари дарз оё дуруст муайян шудааст. Бари дарз аз кӯки сӯзан то буриши матоъ чен карда мешавад. Баъди он ки бари дарз аниқ карда шуда, тазйиқдиҳандаро поён, ба рӯйи матоъ фароварда, чархро тоб дода, дарздӯзӣ мекунем. Ҳангоми дарздӯзӣ матои дӯхташавандаро ба зери тазйиқдиҳанда тела додан ё баръакс ба тарафи худ кашидан мумкин нест, танҳо онро андаке доштан кифоя аст. Наққола (транспортер) худ матоъро пеш мебарад. Барои он ки дарз рост шавад, ҳангоми дӯхтан на ба ҳаракати сӯзан, балки ба масофаи байни буриши матоъ ва канори чангак бояд назар кард. Вақте ки дарз дӯхта шуд, маснуот аз зери тазйиқдиҳанда бароварда мешавад. Барои ин ҳаракати мошинро нигоҳ дошта, сӯзан ва тазйиқдиҳандаро боло мебардорем, риштаҳои тору пудро ба дарозии 10-15 см кашида, онҳоро аз бехи канори матоъ ба пушти тазйиқдиҳанда мебарем. Дар ин ҳолат риштаро ҷониби худ сахт кашидан мумкин нест, зеро сӯзан мешиканад. Барои пайдо намудани малакаю маҳорати дарздӯзӣ дар як пора матоъ якчанд қатор хати рост кашида медӯзем. Танзимаи дарозии чокро аввал ба рақами калонаш гузошта 2 қатор ва дар охир ба миёнааш, яъне ба ададди 3-3,5 гузошта медӯзем, фарқи ин дарзҳоро месанҷем, ки кадомаш дуруст аст. Баъди анҷоми кор зери тазйиқдиҳандаи (пошнаи) мошин мағзӣ гузошта, онро дар ҳолати пештара нигоҳ медорем. Мағзии зери тазйиқдиҳанда як пора матои якчанд қабат дӯхташуда аст.

**4. Мустаҳкамкунии мавзӯи нав**
1. Номи дарзҳо ва тартиби иҷрои онҳоро дар хотир доред.
2. Дарзи одиро чӣ гуна медӯзанд?
3. Ҳангоми дӯхтани маснуот қоидаҳои техникаи бехатарӣ ва санитарӣ-гигениро шарҳ диҳед.

**5. Истифодаи усули Кластери сода**

Кластер (claster – хӯша, даста) усули гирдоварии андешаҳои хонандагон доир ба ягон мавзӯъ, мафҳум буда, дар шаклҳои гуногун тасвир меёбад. Ин усул аз тарафи мутахассиси проблемаҳои эҷодӣ Тони Бюзан кор карда шудааст. Ин усул имкон медиҳад, ки хонандагон барои фикр намудани мавзӯи дарпешистода сафарбар шаванд.

**Мақсадҳои истифодаи усули Кластер:** гирдоварии андешаҳои хонандагон; бунёди вазъияти ҷустуҷӯ; инкишофи малакаҳои баёни мухтасари фикр; омӯзиши роҳҳои гуногуни гирдоварии андешаҳо; пешниҳод кардани маълумотҳои иловагӣ; муайян кардани дониши хонандагон доир ба мавзӯъ.

Масъала: Намудҳои дарзҳои мошинӣ. Кадом намудҳои асосии дарзҳои мошиниро медонед?




**6. Кори амалӣ: Технологияи коркарди дарзҳои мошинӣ. Дарзи одӣ (дарзи рост)**

Аз тарафи омӯзгор қоидаҳои техникаи бехатарӣ ва санитарию гигиенӣ оид ба мавзӯъ назорат карда, аз ҷониби хонандагон риоя карда шавад.

**Таҷҳизот**: мошини дарздӯзӣ, риштаи рақами 40, ду пора матои андозаашон 30x30, қайчӣ.

**Қадамҳо:**

1. Омӯзгор оид ба дарзи одӣ маълумот медиҳад: Машҳуртарин дарз дарзи одӣ мебошад. Иҷрои ин дарз вобаста ба номаш ниҳоят осон буда, барои пайваст кардани пораҳои асосии маснуот истифода мешавад.
2. Барои иҷрои кори амалӣ аз тарафи хонандагон матоъ интихоб карда шавад;
3. Аз тарафи омӯзгор супориш дода мешавад, ки матои интихобшуда ду пора карда шавад;
4. Ду пораи ростаи матоъро болои ҳам рӯ ба рӯ, аз канор 0,5-0,7 см гузошта дӯхта шавад;
5. Пеш аз иҷрои дарзи одӣ (ҳангоми навомӯзӣ) аввал пораҳоро бо сӯзан (бо кӯки калон) пайваст карда шавад;
6. Пораҳои пайваст баъд бо мошин дӯхта шавад;
7. Ғафсии дарз ба матоъ ва таъйиноти маснуот вобаста аст;
8. Вобаста ба кори амалии иҷрошуда аз тарафи омӯзгор ба хонандагон баҳогузорӣ карда мешавад.




***Намуди дарзи одӣ***

**6. Дарсро ҷамъбаст намуда, заҳмати хонандагонро қадрдонӣ кунед.**

**7. Арзёбӣ:** Дар рафти дарс фаъолияти таълимии хонандагонро мушоҳида намуда, дараҷаи ба салоҳиятҳо ноил гаштани онҳоро муайян кунед. Натиҷаҳои фаъолияти таълимии хонандагонро аз рӯйи савол ва супоришҳои зерин арзёбӣ карда метавонед. *(мувофиқи натиҷаи арзёбии мазкур ба хонандагон баҳои аъло, хуб, қаноатбахш ва ғайриқаноатбахш гузошта мешавад).*

| Фаъолият | Метавонад | Қисман метавонад | Наметавонад |
|---|---|---|---|
| Дар бораи таъйинот ва сохти мошини дарздӯзии дастӣ шарҳ дода метавонад? | | | |
| Қоидаҳои санитарию гигиенӣ ва кор дар мошини дарздӯзии дастиро шарҳ дода, онро дар амал иҷро карда метавонад? | | | |
| Дӯхтани дарзи рост ва қаткардашуда (дома-надӯхт)-ро амалан иҷро карда метавонад? | | | |
| Эҳтиёткорона кор кардан ва муносибати хуб бо мошини дарздӯзии дастиро риоя карда метавонад? | | | |
| Хусусиятҳои эстетикии дарзҳои мошини дастиро шарҳ дода, онро арзёбӣ карда метавонад? | | | |

## БОБИ VI

## ТЕСТ

**1. Дар замонҳои қадим либосро чӣ гуна медӯхтанд?**
а) дастӣ
б) бо мошини дарздӯзӣ
в) бо мошини дастӣ

**2. Аввалин мошини дарздӯзӣ дар кадом давлат ихтироъ шудааст?**
а) Англия
б) Русия
в) Япония

**3. Нахустин лоиҳаи мошини дарздӯзӣ дар охири асри чанд тартиб дода шудааст?**
а) XV
б) X
в) V

**4. Аз тарафи киҳо тарзи кори мошинҳои дарздӯзӣ эҷод шудааст?**
а) А.Вилсон ва И.Зингер
б) Нютон ва Л.Толстой
в) Рӯдакӣ ва Хайём

**5. Кадом намуди мошини дарздӯзиро дар корхонаҳои дӯзандагӣ ба кор мебаранд?**
а) саноатӣ
б) рӯзгорӣ
в) ҷамъиятӣ

**6. Вобаста ба чӣ мошинҳои дарздӯзӣ ба якчанд навъ ҷудо карда мешаванд?**
а) баҳаракатоварӣ

б) ба дӯхт
в) навъ ва сифат

**7. Сӯзани мошини дарздӯзӣ аз рӯйи чӣ фарқ карда мешавад?**
а) ғафсӣ
б) тезӣ
в) дарозӣ

**8. Сӯзанҳои мошинро дар куҷо бояд нигоҳ дошт?**
а) ҷойи хушк
б) боло
в) ғаладони мошин

**9. Риштаи болоиро тавассути чӣ танзим мекунанд?**
а) фанари кашиши моку
б) гардиши танзимаи риштакашаки болоӣ
в) гардиши танзимаи риштакашаки поёнӣ

**10. Барои танзим кардан мурвати мокуро таранг ё суст кардан лозим аст?**
а) тарангии риштаи поёнӣ
б) тарангии риштаи болоӣ
в) ҳар ду

## ДАРСИ 21

## МАВЗӮЪ: БАНАҚШАГИРИИ ЛИБОСИ МАХСУС БО УНСУРҲОИ АМСИЛАСОЗӢ

**Барнома:** Таъйинот, хелҳои либоси махсус. Талабот нисбати истифода ва эстетикаи либоси махсус. Усулҳои чен кардани қаду басти одам. Андоза барои тартиб додани маснуот ва аломатҳои ишоратии он. Кори амалӣ: гирифтани андоза ва навиштани натиҷаи он.

**Салоҳиятҳо:**
- Баъзе воситаҳои технологиро истифода бурда метавонад;
- Дар доираи мавзӯъҳои маҳдуд ғояи навро пайдо карда метавонад;
- Доир ба баъзе касбҳо маълумоти сода дода метавонад;
- Хусусиятҳои тарбиявии фанро дарк карда, баъзе унсурҳои онро дар амал татбиқ карда метавонад.

**Мақсадҳои дарс:**
-Дар бораи таърихи пайдоиши либос маълумот дода тавонад;
-Банақшагирии либоси махсус бо унсурҳои амсиласозиро шарҳ дода, онро дар амал иҷро карда тавонад;
-Баъзе намудҳои либосҳоро иваз карда, таъйиноти онро дигар карда тавонад;
-Хусусиятҳои эстетикии банақшагирӣ бо унсурҳои амсиласозиро шарҳ дода, онро арзёбӣ карда тавонад.

**Таҷҳизоти зарурӣ:** китоби дарсӣ, овезаҳои таълимӣ
**1. Методикаи таълим:** Ҳангоми банақшагирии дарс аз тавсияҳои зерин истифода бурда метавонед.
1. Ташкили дарс: Дар ин марҳала корҳои зерин ба роҳ монда мешавад:
Тайёр намудани маводди хониш;
Ҳозир-ғоиб кардани хонандагон;
Омода намудани хонандагон ба дарс.

**2. Такрори дарси гузашта:** Дарсро аз гузоштани масъала оғоз кунед. Бо саволҳои зерин ба хонандагон муроҷиат намоед:

1. Оид ба усулҳои кор бо мошини дарздӯзӣ маълумоти мухтасар диҳед.

2. Барои кор бо мошини дарздӯзӣ кадом таҷҳизот ва масолеҳ истифода бурда мешавад?

3. Раванди кор бо мошини дарздӯзиро баён намоед.

4. Дар бораи технологияи коркарди дарзҳои мошинҳо маълумот диҳед.

**3. Шиносоӣ бо мазмуни мавзӯъ:** Оид ба банақшагирии либоси махсус бо унсурҳои амсиласозӣ суҳбат гузаронида, дар бораи либос, мафҳуми либос, таърихи пайдоиши либос, нақши либос дар зиндагии инсон, мафҳуми илова, таъйинотҳои либос, кашидани нақшаи либос, хатҳо ва аломатҳои ишоратӣ, намудҳои андозагирӣ, андозагирӣ барои нақшаи пешдоман, номгӯйи ченакҳои андозагирӣ барои нақшаи пешдоман шарҳ дода мешавад.

Номи умумии чизҳоеро, ки инсон мепӯшад, либос мегӯянд. Ба мафҳуми либос каллапӯш, курта, пойҷома, пойафзол, шиму доман ва ғайра дохил мешаванд. Либос ҳамчун василаи муҳофизати инсон аз таъсири гуногуни беруна (гармою сармо, обу оташ, гарду чанг ва ғайра) пайдо шудааст. Либоси аввалини одамони қадим аз пӯсти ҳайвонот, баргу пӯстлохи дарахтон, пару пӯсти парандагон ва ғайра буд. Баъдтар одамон барои худ аз пашм, пахта, канаб, катон, абрешим либос тайёр мекардагӣ шуданд. Либосҳо аввал танҳо миёну ронро мепӯшонданд. Баъдтар намудҳои гуногуни либос, аз ҷумла куртаҳои кӯтоҳу дароз, чакман, яктаҳ, пойҷома, пешдоман ва ғайра пайдо шуданд. Либос мувофиқи фаслҳои сол, машғулияту касбу кор, синну сол, ранги рӯю мӯю абру, ҷусса тайёр карда мешавад. Ғайр аз ин, либос аз рӯйи таъйинот ба корӣ ва ҷойравӣ ҷудо мешавад. Либоси кории одамон вобаста ба касбу кор ва машғулияти онҳо дӯхта мешавад. Масалан, либоси кории табибон, ошпазҳо, фурӯшандаҳо хилъати сафеду кулоҳ (рӯймол)-и махсус буда, либоси сохтмончиёну коркунони конҳо аз матои махсуси дурушт дӯхта мешавад. Хонандагон низ либоси махсус доранд. Ин либос барои духтарон куртаю пешдомани мактабӣ ё нимкуртаю доман (юбка), кофтаю сарафан, барои писарон шиму костюми сиёҳ ё кабуд, куртаи сафед аст.

**Пайдоиши либос.** Ҳафриётҳои бостоншиносӣ нишон медиҳанд, ки либос ҳанӯз дар давраи палеолит (40-25 ҳазор сол пеш аз милод) пайдо шудааст. Барои каллапӯш маводди табиӣ (кадуҳои дарунхолӣ, пӯстлохи чормағзи какао, косахонаи сангпушт)-ро истифода мебурданд. Пойафзол баъдтар пайдо шуд. Либос бадани инсонро қисман мепӯшонад.

Барои кашидани нақшаи либос аввал андозаи ҷуссаро гирифтан лозим аст. Ҳангоми андозагирӣ дар ҳолати муқарарӣ бо либоси сабуки яққабата истода, миёнро мебандем. Барои муқаррар намудани хатти миён он бо тасмача, резина ё ришта баста мешавад. Андоза аз тарафи рост гирифта мешавад. Ҳангоми андозагирӣ ченактасмаро таранг кашидан ё суст (халта) доштан мумкин нест. Ҳангоми андозагирӣ ченакҳои дарозиро пурра ва ченакҳои барро ним баробар менависанд. Зеро нақшаи андоза ба ними ҷусса сохта мешавад. Андозаҳо дар тарафи рости албом (дафтар)-и корӣ навишта мешаванд. Барои кашидани нақшаи маснуот хатҳои махсуси ишоратӣ истифода мешаванд, ки онҳоро донистан зарур аст.

**Андозагирӣ барои нақшаи пешдоман.** Либоси корӣ барои аз ифлосиҳои гуногун нигоҳ доштани либоси тоза бояд шароит муҳайё намояд. Барои он ки либоси корӣ зебо, озода бошад ва дар бадани одам нағз шинад, андозаро аниқ мегиранд. Барои дуруст гирифтани андоза ҳолати хатҳои асосии онро донистан лозим аст. Ченакҳои асосӣ барои гирифтани андозаи пешдоман дарозии назди сина, дарозии қисми поёнии пешдоман, хати миён, хати рон ва ғайра ё масофаи байни онҳо мебошанд. Қоидаҳои асосӣ дар вақти андозагирӣ:

1. Пеш аз андозагирӣ миёнро бо тасма ё ришта бастан лозим аст.

2. Вақти гирифтани андоза қомат бояд рост бошад ва шахс рост истад, худро озод ҳис намояд.

3. Андозаро бо ченактасма мегиранд. Дар вақти гирифтани андоза ченак-тасмаро таранг набояд кашид ва аз ҳад озод гирифтан ҳам лозим нест.

4. Андозаи дарозиро пурра чен карда, андозаи барро (гирди ҷуссаро) пурра чен карда, нимашро менависанд, чунки нақшаро ба ними ҷусса мекашанд.

Баъди интихоби модели пешдоман ва матоъ бояд андозаи худро гирем. Зебоии маснуот аз андозагирӣ вобастагии калон дорад. Ҳар қадар андозаро саҳеҳтар гирем, ҳамон қадар маснуоти дӯхташавандаи мо хушсифаттар мешавад. Ҳар кадоми шумо аз ҷуссаи худ андоза гиред ва ба қаду бари худ мувофиқ карда маснуотро дӯзед. Барои он ки ҳар яки шумо ба асоси андозагирӣ сарфаҳм 'равед ва зарурати онро муайян кунед, чӣ бояд кард? Мисол, ба ду духтараки андозаи гуногундошта, яъне қаду барашон фарқдошта, ду пешдомани андозаашон якхеларо мепӯшонем ва мебинем, ки як пешдоман ба ҳарду духтарак ҳар хел меистад. Аз ин маълум шуд, ки пешдоман ба андозаи яке аз духтарҳо мувофиқ буда, барои дигар духтарак васеъ аст. Аз ин хулоса бароварда мешавад, ки ба ҳар як хонанда дар алоҳидагӣ андоза гирифта, ба ин андоза мувофиқ пешдоман ё маснуоти дилхоҳ дӯхтан лозим аст.



***Намуди андозагирӣ, 1- хатти гирди гардан, 2- гирди сандуқи сина, 3- хатти гирди миён, 4- хатти гирди рон, 5- дарозӣ аз миён то зону***



***Намудҳои пешдоманҳо***

| № | Номгӯйи ченакҳо | Аломат-ҳои шартӣ | Тарзи андозагирӣ | Таъйиноти ченак |
|---|---|---|---|---|
| 1 | Гирди гардан | Гг | Гирди гардан чен карда мешавад | Андозаро барои кашидани хатти гардан мегирем |
| 2 | Гирди сандуқи сина | Гсс | Ченактасма гирди сандуқи сина гузаронида мешавад | Андоза барои буридани ҷойи гиребон кашида, болои пешдоман гирифта мешавад |
| 3 | Гирди миён | Гм | Андоза аз хатти миён гирифта мешавад | Барои муайян кардани ҷойи бандак ва тасма, миён зарур аст |
| 4 | Гирди рон | Гр | Андоза аз хатти миён поён, гирди хатти рон гирифта мешавад | Ин андоза барои муайян намудани васеии қисми доман зарур аст |
| 5 | Баландии сандуқи сина | Бсс | Андоза аз хатти сандуқи сина то миён чен карда мешавад | Баландии сандуқи сина то миён |
| 6 | Дарозии либос | Дл | Дарозии миёну рон, зону | Андоза аз хатти рон, аз зону ё то дарозии дилхоҳ чен карда мешавад |
| 7 | Гирди сар | Гс | Андозаи гирди сар, аз болои пешонӣ то пушти сар чен карда мешавад | Андозаи дарозии рӯймол ё каллапӯш |

**4. Мустаҳкамкунии мавзӯи нав:**

Барои мустаҳкамкунии дониши хонандагон шумо метавонед аз чунин варақаҳо истифода баред.

***Варақаи 1***

1. Асоси андозагирӣ дар чист?
2. Ишоратҳои ченкунӣ ё аломатҳои шартии ченакҳоро гӯед?
3. Ченакҳои дарозӣ аз бар чӣ фарқ доранд?

***Варақаи 2***

1. Ба либосҳои корӣ кадом намуди либосҳо дохил мешаванд?
2. Андозаро аз ҷуссаи одам бо чӣ мегиранд?
3. Барои дӯхтани пешдоман кадом матоъҳоро истифода мебаранд?

**5. Истифодаи усули “Чархи ақидаҳо”**

Фаҳмонидани мавзӯи навро бо истифодаи усули «**Чархи ақидаҳо**» оғоз мекунад ва метавонад аз саволҳои зерин истифода барад:

- ✓ Оид ба либос маълумоти пурра диҳед.
- ✓ Хатҳо ва аломатҳои шартиро номбар кунед.
- ✓ Қоидаҳои асосӣ дар вақти андозагирӣ.
- ✓ Намудҳои андозагириро номбар кунед.

Масъала: *“Дар бораи либос чиро медонед?” Ақидаҳои худро баён намоед.*




**6. Кори амалӣ: Гирифтани андоза барои пешдоман**

Аз тарафи омӯзгор қоидаҳои техникаи бехатарӣ ва санитарию гигиенӣ оид ба мавзӯъ назорат карда, аз ҷониби хонандагон риоя карда шавад.

**Таҷҳизот**: ченактасма, қалам, дафтар, тасма ё ришта барои бастани миён.

**Қадамҳо:**

1. Аз тарафи омӯзгор оид ба қоидаҳои дуруст гирифтани андоза барои пешдоман шарҳ дода, дар амал иҷро карда мешавад: Барои гирифтани андоза қоидаҳои андозагириро ба назар гирифта, андозаро барои пешдоман гирифта мешавад. Дар вақти гирифтани андоза талаботҳоро иҷро бояд кард. Барои гирифтани андоза либоси сабуки яккабата бояд ба бар намуд.
2. Аз тарафи омӯзгор супориш дода мешавад, ки ду нафар барои андозагирӣ ба тахтаи синф бароянд;
3. Супориш дода мешавад, ки ҳангоми гирифтани андоза, андоза аз тарафи рост гирифта шавад;
4. Пеш аз андозагирӣ миёнро бо тасма ё ришта бандед;
5. Вақти гирифтани андоза қомат бояд рост бошад ва шахс рост истад, худро озод ҳис намояд;
6. Андоза бо ченактасма гирифта мешавад. Дар вақти гирифтани андоза ченактасмаро таранг набояд кашид ва аз ҳад озод гирифтан ҳам лозим нест.
7. Андозаи дарозиро пурра чен карда, андозаи барро (гирди ҷуссаро) пурра чен карда, нимаш навишта мешавад, чунки нақша ба ними ҷусса кашида мешавад;
8. Барои мустаҳкам намудани мавзӯи нав синфро ба ду нафарӣ ҷудо карда, гурӯҳҳо бояд аз ҳамдигар андозаро гирифта дар ҷадвали овардашудаи сутуни андозагирӣ аз худ пур карда шавад;
9. Дар раванди кори амалӣ ҳангоми ба хатогиҳо роҳ додани гурӯҳҳо аз тарафи омӯзгор назорат бурда шуда, камбудӣ сари вақт ислоҳ карда шавад;
10. Вобаста ба дурустии андозаҳои гирифташуда аз тарафи омӯзгор ба хонандагон баҳогузорӣ карда мешавад.

**Мустаҳкамкунии кори амалӣ.** Истифодаи бозии "Пурра кунед?"

Омӯзгор ба тахтаи синф аломатҳои шартии номгӯйи ченакҳоро менависед. Ба хонандагон вазифа дода мешавад, ки номгӯйи ченакҳо ба дафтари кории худ пурра карда шавад. Он хонандае, ки дуруст ва дар муҳлати муайяншуда номгӯйи ченакҳоро пурра мекунад, ғолиб донисташуда, аз тарафи омӯзгор ҳавасманд гардонида шавад.

1. **Гг**-гирди гардан
2. **Гсс**-гирди сандуқи сина
3. **Гм**-гирди миён
4. **Дл**-дарозии либос

5. **Бсс**-баландии сандуқи сина
7. **Гс**-гирди сар

**Андозагирӣ барои пешдоман**

| № | Аломати ченакҳо | Номи ченакҳо | Ҷуссаи намунавӣ | Андозагири аз худ |
|---|---|---|---|---|
| 1 | НГсс | Нимченаки гирди сандуқи сина | 36 | |
| 2 | Дс то м | Дарозии сина то миён | 16 | |
| 3 | Нчм | Нимченаки миён | 30 | |
| 4 | Дл | Дарозии либос | 45 | |
| 5 | Нчр | Нимченаки рон | 40 | |
| 6 | Нвс | Нимченаки васеии сина | 8 | |

**7. Дарсро ҷамъбаст намуда, заҳмати хонандагонро қадрдонӣ кунед.**

**8. Арзёбӣ:** Дар рафти дарс фаъолияти таълимии хонандагонро мушоҳида намуда, дараҷаи ба салоҳиятҳо ноил гаштани онҳоро муайян кунед. Натиҷаҳои фаъолияти таълимии хонандагонро аз рӯйи савол ва супоришҳои зерин арзёбӣ карда метавонед. *(мувофиқи натиҷаи арзёбии мазкур ба хонандагон баҳои аъло, хуб, қаноатбахш ва ғайриқаноатбахш гузошта мешавад).*

| Фаъолият | Метавонад | Қисман метавонад | Наметавонад |
|---|---|---|---|
| Дар бораи таърихи пайдоиши либос маълумот дода метавонад? | | | |
| Банақшагирии либоси махсус бо унсурҳои амсиласозиро шарҳ дода, онро дар амал иҷро карда метавонад? | | | |
| Баъзе намудҳои либосҳоро эҷодкорона иваз карда, таъйиноти онро дигар карда метавонад? | | | |
| Хусусиятҳои эстетикии банақшагирӣ бо унсурҳои амсиласозиро шарҳ дода, онро арзёбӣ карда метавонад? | | | |

## ДАРСИ 22

## МАВЗӮЪ: КАШИДАНИ ТАРҲИ МАСНУОТ

**Барнома:** Таъйинот, хелҳои либоси махсус. Талабот нисбати истифода ва эстетикаи либоси махсус. Ҷадвали андоза барои тартиб додани маснуот ва аломатҳои ишоратии он. Ҳисоби конструксияҳо аз рӯйи формулаҳо. Пайдарҳамии тартиб додани нақшаҳо ва тайёр кардани андозаи либос. Маълумоти умумӣ оид ба сохт ва тартиби нақшаҳои маснуоти дӯзандагӣ (пешдоман ва сарбанд ё каллапӯш). Ороиши нақша ва андозаҳо. Бо ҳарф ишора кардани нуқтаҳо ва порчаҳо. Асбоб ва афзори нақшакашӣ, хаткашаки паргор. Мафҳуми амсиласозӣ.

**Салоҳиятҳо:**

- Баъзе воситаҳои технологиро истифода бурда метавонад;
- Дар доираи мавзӯъҳои маҳдуд ғояи навро пайдо карда метавонад;
- Доир ба баъзе касбҳо маълумоти сода дода метавонад;
- Хусусиятҳои тарбиявии фанро дарк карда, баъзе унсурҳои онро дар амал татбиқ карда метавонад.

**Мақсадҳои дарс:**

-Дар бораи кашидани нақшаи рӯймол (сарбанд) ва пешдоман, амсиласозии маснуот маълумот дода тавонад;

-Равандҳои кашидани нақшаи рӯймол (сарбанд) ва пешдоманро шарҳ дода тавонад;

-Бо маснуотҳои гуногун ғояҳои содаро пайдо намояд ва онро ба таври умумӣ шарҳ диҳад;

-Баъзе қисматҳои кашидани нақшаи рӯймол (сарбанд) ва пешдоманро иваз карда, тайиноти онро дигар карда тавонад;

-Хусусиятҳои эстетикии рӯймол (сарбанд) ва пешдоманро шарҳ дода, онро арзёбӣ карда тавонад.

**Таҷҳизоти зарурӣ:** китоби дарсӣ, овезаҳои таълимӣ.

**1. Методикаи таълим:** Ҳангоми банақшагирии дарс аз тавсияҳои зерин истифода бурда метавонед.

1. Ташкили дарс: Дар ин марҳала корҳои зерин ба роҳ монда мешавад:

Тайёр намудани маводди хониш;

Ҳозир-ғоиб кардани хонандагон;

Омода намудани хонандагон ба дарс.

**2. Такрори дарси гузашта:** Дарсро аз гузоштани масъала оғоз кунед. Бо саволҳои зерин ба хонандагон муроҷиат намоед:

1. Либос чист?
2. Либос дар кадом давра пайдо шудааст?
3. Аз рӯйи таъйинот либос ба чанд гурӯҳ тақсим мешавад?
4. Дар бораи хат ва аломатҳои ишоратӣ маълумот диҳед.

**3. Шиносоӣ бо мазмуни мавзӯъ:** Оид ба кашидани тарҳи маснуот суҳбат гузаронида, дар бораи кашидани нақшаи рӯймол (сарбанд) ва пешдоман, сохтани нақшаи каллапӯш, формулаи ҳисобкунӣ барои пешдоман, амсиласозӣ ва тарроҳии либос, тарзҳои ороиши пешдоман: мағзӣ, гулдӯзӣ, кашидадӯзӣ, чин-чин шарҳ дода мешавад.

Баъд аз гирифтани ченак барои кашидани нақшаи маснуот чунин таҷҳизот ва асбобҳои ёрирасон лозиманд: ҷадвали рост (30 см), ҷадвали миқёсӣ (1:4), секунҷа, ҷадвали кунҷак, қалами сиёҳи ТМ, мулоим, 2 М ва сахт, вараqи албом. Пеш аз дӯхтани маснуот таҷҳизот ва асбобҳои ёрирасонро тайёр кунед, ба хатҳои дар рафти кашидани нақша истифодашуда (хатҳои яклухти муқаррарӣ, канда-канда, ғафсу борик ва ғайра) аҳамият диҳед. Ғайр аз хатҳои мазкур дар кашидани нақшаи либос аломатҳои ишоратӣ низ истифода мешаванд. Хатҳо ва аломатҳои ишоратии зеринро аз худ кунед.

**Хатҳо ва аломатҳои ишоратӣ**

| **Номгӯйи аломатҳо** | **Тасвири графикӣ** |
|---|---|
| Нақшахати яклухти сиёҳ (ғафсиаш то 1 мм) | ▬▬▬▬▬▬ |
| Хатти яклухти борики муқаррарӣ (ғафсиаш 1/2-1/3) мм) | ———————— |
| Хатти канда-канда (ғафсиаш 1/2-1/3 мм) | — — — — |
| Аломатҳои баробар, хурд ва калон | = >< |
| Тахминан баробар | ~~ |
| Аз...............то........... | ... |
| Кунҷ | ∟ |
| Хатти мувозӣ | // |




***Ороиши рамкаи корӣ***

**Амсиласозии маснуот.** Дигаргунии намуди ҷузъҳои либос ва ороишу зебоии он (ороишҳои гуногун, гулдӯзӣ, кашидадӯзӣ, аппликатсия бо рангҳои гуногун, шероза)-ро амсиласозии либос меноманд. Дар вақти амсиласозӣ рангҳо ва дар вақти дӯхтан риштаҳо бояд мувофиқи матоъ бошанд. Амсиласозӣ ва тарроҳии (конструксияи) либос ба тарзи истифодаи он вобаста мебошад, яъне якчанд намуди истифодаи пешдоман мавҷуд аст. Пешдоман барои тайёр кардани таом бояд васеътар бошад (яъне қисми болоӣ ва қисми поёнии сандуқи сина васеътар бошад), то ки ду паҳлуи ронро пӯшонад. Ин пешдоман бояд рӯйи либосро хуб пӯшонад ва онро дар вақти тайёр кардани таом аз ифлосӣ, чарахсаи равған муҳофизат кунад. Дар ин ҳолат, ба пешдомани корӣ ороишҳои гуногун шарт нест, барои он ки дарзмолкуниро мураккаб мекунад. Дар дигар ҳолатҳо, дар вақти тайёр кардани мизи идона он бояд майдатар, зебо ва назаррас бошад. Дӯхтани пешдоман хеле осон аст. Матоъро барои пешдоман харидан шарт нест. Аз либосҳое, ки барои шумо хурд шудаанд (доман, курта ё ки аз куртаи кухнаи мардонаи гулдор, рахдор, бегули якранг ё рангаш ҳархела) пешдоман сохтан мумкин аст. Либосҳои аз матоъҳои сунъӣ дӯхташуда зиёдтар хизмат мекунанд ва шустанашон осон аст, онҳоро дарзмол кардан шарт нест, онҳоро бо шерозаҳои рангоранг ё аппликатсия нав кардан мумкин аст. Аз рӯймолҳои ҳархела, аз матоъҳои пахтагӣ пешдомани хурди зебо дӯхтан мумкин аст, канори онҳо барои дӯхтани гарданбанд ва миёнбанд мувофиқ мебошад.



**Тарзҳои ороиши пешдоман**

**Мағзӣ**. Мағзӣ аз ду тараф қат карда, дӯхта мешавад, онро якбора дарзмол мекунанд. Мағзиро ба матои асосӣ мепайвандем. Дигар намуди амсиласозӣ дӯхтани ҳошия мебошад. Ҳошияро мувофиқи матои асосӣ интихоб мекунанд. Дар вақти интихоби ҳошия матоъҳои нафисро ба эътибор мегиранд. Ҳошияро дар ду пахлуи киса истифода мебаранд, онро оро медиҳанд ё ба намуди пар-пар медӯзанд.

**Гулдӯзӣ, кашидадӯзӣ**. Гулҳоро аз риштаҳои якранг медӯзанд. Дар вақти гулдӯзӣ шаклҳои ҳандасавӣ, гулу барги рустанӣ, тасвири ҳайвонот, парандаҳо, хомкӯк, юрмадӯзӣ, тӯрдӯзиҳои гуногунро истифода мебаранд. Аппликатсия аз матоъҳои зебои якранг, рангу бофташон ва коркардашон гуногун бурида ва дӯхта мешавад. Барои он ки канори матои буридашуда тит нашавад, онро аз тарафи чаппааш пешакӣ дар маҳлули оҳар тар мекунанд, баъди хушк шудан онро дарзмол мекунанд, ё ин ки ба тарафи чаппаи нақши буридашуда бо роҳи дарзмолкунӣ флизилин мечаспонанд. Нақши буридаи тайёрро ба пешдоман бо риштаҳои ҳамранги матои асос дастӣ ё бо мошини дарздӯзӣ медӯзанд.

**Чин-чин**. Пеш аз он ки ба пешдоман намуди чин-чин диҳанд, аввал қисми асосии чиншавандаро чен карда, баъд барои зебо шудани чинҳо тасма ва ҳошияҳои ороиширо 1,5 - 2 баробар зиёдтар мегиранд.

**4. Мустаҳкамкунии мавзӯи нав:**

1. Барои кашидани нақша кадом таҷҳизот ва асбобҳои ёрирасон истифода бурда мешавад?
2. Пеш аз кашидани нақша чӣ бояд кард?
3. Барои гирифтани андоза ва кашидани нақшаи пешдоман аз кадом ченакҳо истифода бурдед?
4. Барои ороиши пешдоман кадом намуди ороишҳоро истифода бурдед?
5. Истифодаи бозии «Калимаҳоро ҷобаҷо гузор».

Омӯзгор ба тахтаи синф як ҷумларо бетартиб менависад. Ба хонандагон вазифа дода мешавад, ки вобаста ба мавзӯи нав ҷумларо дуруст тартиб дода, калимаҳоро ҷобаҷо гузоранд. Барои бозии мазкур аз тарафи омӯзгор вақти муайян дода мешавад.

**Масъала: Банақшагирии либоси махсус**

Аппликатсия гулдӯзӣ, шероза дигаргуниро меноманд намуди ҷузъҳои ороишӣ ва зебоии онро либос ( ороишҳои либос кашидадӯзиҳои гуногун, бо рангҳои гуногун) амсиласозиро мегӯянд.

**Ҷавоби дуруст:**

Дигаргунии намуди ҷузъҳои либос ва ороишу зебоии он (ороишҳои гуногун, гулдӯзӣ, кашидадӯзӣ, аппликатсия бо рангҳои гуногун, шероза)-ро амсиласозии либос меноманд.

**5. Кори амалӣ: Кашидани нақшаи рӯймол (сарбанд) ва пешдоман**

Аз тарафи омӯзгор қоидаҳои техникаи бехатарӣ ва санитарию гигиенӣ оид ба мавзӯъ назорат карда, аз ҷониби хонандагон риоя карда шавад.

**Таҷҳизот:** ҷадвали миқёсии М 1:4, ҷадвали калон, қалами ТМ ва 2 М, хаткӯркунак, дафтар, коғази сафеди албоми андозааш 60х60.

**Қадамҳо:**

1. Аз тарафи омӯзгор супориш дода мешавад, ки барои нақшаи рӯймол (сарбанд) ва пешдоман маводҳои лозимӣ омода карда шавад;
2. Супориш дода мешавад, ки нақша аввал дар дафтари корӣ (албом) бо миқёси М 1:4, баъд дар варақи калон бо андозаи ҷадвали Ml: 1кашида шавад;
3. Аз тарафи омӯзгор супориш дода мешавад, ки мувофиқи пайдарҳамии нақшаи дастурии №2 ва №4 кори амалӣ иҷро карда шавад.
4. Нақшаҳое, ки аз тарафи омӯзгор дар тахтаи синф кашида шуда буд ё аз овезаҳои таълимӣ истифода бурда шуд, хонандагон бояд ба дафтарашон айнан кӯчонанд;
5. Вобаста ба кори амалии иҷрошуда аз тарафи омӯзгор санҷиш гузаронида, ба хонандагон баҳогузорӣ карда мешавад.
6. Мувофиқи хоҳиши хонандагони аз нақшаи дастурдиҳии №2, варианти №2 ва дастурдиҳии №3 истифода бурда, нақшаи каллапӯшро андоза гирифта кашида шавад. Инчунин амсиласозии пешдоман аз нақшаи дастурдиҳии №5 истифода баранд.

7. Агар амсилаи пешдоманро сохтанӣ бошед, аввал онро ба матоъ мувофиқ кунед. Барои амсиласозии пешдоман дар фасони нақшаи аввалаи либос хату буришҳои иловагӣ дохил карда, онро мувофиқи табъи худ оро диҳед.

**6. Дарсро ҷамъбаст намуда, заҳмати хонандагонро қадрдонӣ кунед.**

**7. Арзёбӣ:** Дар рафти дарс фаъолияти таълимии хонандагонро мушоҳида намуда, дараҷаи ба салоҳиятҳо ноил гаштани онҳоро муайян кунед. Натиҷаҳои фаъолияти таълимии хонандагонро аз рӯйи савол ва супоришҳои зерин арзёбӣ карда метавонед. *(мувофиқи натиҷаи арзёбии мазкур ба хонандагон баҳои аъло, хуб, қаноатбахш ва ғайриқаноатбахш гузошта мешавад).*

| Фаъолият | Метавонад | Қисман метавонад | Наметавонад |
|---|---|---|---|
| Дар бораи кашидани нақшаи рӯймол (сарбанд) ва пешдоман, амсиласозии маснуот маълумот дода метавонад? | | | |
| Равандҳои кашидани нақшаи рӯймол (сарбанд) ва пешдоманро шарҳ дода метавонад? | | | |
| Бо маснуотҳои гуногун ғояҳои содаро пайдо менамояд ва онро ба таври умумӣ шарҳ медиҳад? | | | |
| Баъзе қисматҳои кашидани нақшаи рӯймол (сарбанд) ва пешдоманро иваз карда, таъйиноти онро дигар карда метавонад? | | | |
| Хусусиятҳои эстетикии рӯймол (сарбанд) ва пешдоманро шарҳ дода, онро арзёбӣ карда метавонад? | | | |

## ДАРСИ 23

## МАВЗӮЪ: ОМОДА КАРДАНИ АНДОЗА ВА СОХТАНИ ҚОЛАБ

**Барнома:** Талабот нисбати истифода ва эстетикаи либоси махсус. Ҷадвали андоза барои тартиб додани маснуот ва аломатҳои ишоратии он. Сохтани қолаби маснуот. Пайдарҳамии тартиб додани қолаби маснуот ва тайёр кардани он. Бо ҳарф ишора кардани нуқтаҳо ва порчаҳо. Асбоб ва афзори нақшакашӣ хаткашаки паргор. Мафҳуми амсиласозӣ.

**Салоҳиятҳо:**

- Баъзе воситаи технологиро истифода бурда метавонад;
- Дар доираи мавзӯъҳои маҳдуд ғояи навро пайдо карда метавонад;
- Доир ба баъзе касбҳо маълумоти сода дода метавонад;
- Хусусиятҳои тарбиявии фанро дарк карда, баъзе унсурҳои онро дар амал татбиқ карда метавонад.

**Мақсадҳои дарс:**

-Раванди омода кардани андоза ва сохтани қолабро шарҳ дода тавонад;
-Аз рӯйи андозаи муайян қолабҳои гуногун сохта тавонад;
-Баъзе андозаҳоро иваз карда, таъйиноти онро дигар карда тавонад;
-Дар бораи касби буранда маълумот дода тавонад;
-Хусусиятҳои эстетикии рӯймол (сарбанд) ва пешдоманро шарҳ дода, онро арзёбӣ карда тавонад.

**Таҷҳизоти зарурӣ:** китоби дарсӣ, овезаҳои таълимӣ.

**1. Методикаи таълим:** Ҳангоми банақшагирии дарс аз тавсияҳои зерин истифода бурда метавонед.

1. Ташкили дарс: Дар ин марҳала корҳои зерин ба роҳ монда мешавад:

Тайёр намудани маводди хониш;

Ҳозир-ғоиб кардани хонандагон;

Омода намудани хонандагон ба дарс.

**2. Такрори дарси гузашта:** Дарсро аз гузоштани масъала оғоз намоед. Бо саволҳои зерин ба хонандагон муроҷиат намоед:

1. Дар бораи амсиласозии маснуот маълумот диҳед.
2. Бо кадом тарзҳо пешдоманро ороиш додан мумкин аст?
3. Нақшаи пешдомани миёндорро кашед.
4. Формулаи ҳисобкунӣ барои пешдоманро баён кунед.

**3. Шиносоӣ бо мазмуни мавзӯъ:** Оид ба омода кардани андоза ва сохтани қолаб суҳбат гузаронида, дар бораи талаботҳо барои нақшаро хонандагон хонда тавонистан, фарқ кардани хатҳои асосӣ, сохтани қолаби рӯймол (сарбанд) ва пешдоман, мафҳуми қолаб шарҳ дода мешавад.

Барои гирифтани ченаки васеии қисми поёнии пешдоман ба ченаки ЧР (нимченаки рон) ҳаққи чок дода мешавад, то ин ки пешдоман озод истад ва паҳлуҳои онро пурра пӯшонад. Барои он ки хонанда нақшаро хонда тавонад, ин чизҳоро донистанаш лозим аст:

1. Ҷузъҳои пешдоман аз якдигар фарқ доранд, қисми болоии пешдоман нисбат ба қисми поёнии он хурдтар буда, ба бадан каме часпида меистад.
2. Кисаи он ба чоркунҷа, қисми поёнии пешдоман ба росткунҷа монандӣ дорад.
3. Ном ва аломатҳои шартии хатҳои ронро муайян карда, онро аз ҷусса ёфтан осонтар аст.
4. Муайян кардани ҳолати буришҳо ва нуқтаҳои нақша дар маснуот. Аввал дар маснуоти тайёр ва баъд аз ҷусса нишон додан мумкин аст.
5. Муайян кардани бузургиҳои ченкунӣ, ки аз рӯйи онҳо дигаргунии нақшаро дидан мумкин аст. Агар хонанда нақшаро нағз хонда ва хатҳои асосиро фарқ карда тавонад, барои андозаи худ аз ченаки гирифтааш қолаб сохта метавонад.

**Сохтани қолаби руймоли сарбанд ва пешдоман.** Барои буридан ва дӯхтани маснуот, албатта, қолаб лозим аст. Қолаб – нақшаи ҷузъӣ буда, ба андозаи аслӣ баробар аст. Як маснуот аз якчанд ҷузъ иборат мебошад. Қолабро бе назардошти ҳаққи чок асосан ба ними маснуот тайёр мекунанд. Ба қолаб номи ҷузъҳоро мегузоранд ва самти равиши риштаҳо, ҷойи қаткунӣ, миёнаҷойи матоъ ва шумораи қолабҳоро муайян мекунанд. Қолабҳоро аз коғази ғафс ё борик (коғази нусхагирӣ, клеёнка, селофанҳои ғафс) месозанд. Қолабҳои асосиро аз рӯйи нақшаҳои асосӣ, ки дуруст андоза гирифта шудаанд, тайёр мекунанд. Намуди фасонҳои гуногуни мураккабро аз рӯйи қолаби асосӣ бо ҷадвали секунҷа (лекало), қалам, хаткӯркунак ва ғайра тағйир додан мумкин аст. Таҳияи фасонҳои гуногуни одӣ аз рӯйи қолаби асосӣ ҷаҳонбинӣ ва тафаккури хонандаро васеъ намуда, бодиққатӣ, фаҳмиши амиқи зебоипарастӣ, майлу рағбат, маҳорату малакаи онҳоро оид ба дӯхтани маснуот ташаккул медиҳад ва онҳо дар айни замон дуруст интихоб намудани фасонҳои гуногунро ёд мегиранд. Пеш аз он ки қолабро ба андозаи худ тайёр кунед, дар дафтар бо ҷадвали миқёсии М 1:4 якчанд маротиба кашидану буридани онро машқ кунед, то ки нисбати буридани қолаб малака пайдо шавад.

Барои дӯхтани либос ва сохтани қолаб хонандагон асосан миқёси 1:4-ро истифода баранд беҳтар аст. Агар ҷадвал набошад, хонандагон метавонанд аз варақи дафтари катаки дафтари одӣ истифода баранд. Барои мустаҳкамии варақ ба пушти он картон ё фанер часпондан мумкин аст. Дар нақша хатҳои асосиро яклухти ғафс кашида, якчанд маротиба чен карда, баъди боварӣ ҳосил кардан онро буридан лозим аст. Қабл аз буридани қолаб хонандагон бояд аввал онро ба омӯзгор нишон диҳанд ва хатоҳои

содиршударо ислоҳ намоянд. Баъд аз буридани қолаб онро боз як бор санҷед, ки дар андоза тағйироти калон нашуда бошад. Қолаби тайёрро бо нақшаи асосӣ мувофиқ мекунанд, ки он як хел аст ё не, яъне аз гирифтани ченаки дуруст қолаб саҳеҳтар тайёр мешавад. Дар вақти буридани қолаб ба қайчизанӣ аҳамият диҳед, ки хатҳои буридашудаи қолаб рост, ҳамвор ва бенуқсон бошанд. Қоидаҳои буридан ва кор бо қайчиро донистан лозим аст. Баъд аз машқ кардан бо ҷадвали миқёсии М 1:4 бо ҷадвали метрӣ андозаи қолаби асосиро тайёр мекунем.

Қолаб, ки барои буридани матоъ лозим буд, ҳанӯз дар асри X истифода бурда мешуд. Қолабро чеварҳо эҳтиёткорона нигоҳ медоштанд, ки аз рӯйи қолаб нусхабардорӣ накунанд. Аз соли 1860 истеҳсоли қолаб дар корхонаҳо ба роҳ монда шуд. Асосан фирмаи Е. Бавттерика дар солҳои 1826-1903 қолабҳоро мебаровард.

**4. Истифодаи усули «МДД»**

Методи МДД (ихтисораи «Медонам», «Донистан мехоҳам», «Донистам») усули ҷустуҷӯ - тадқиқот буда, барои фаъолона ҳал кардани масъалаи нав ёрӣ мерасонад. Ин метод барои фаҳмиши амиқи мазмун ва мундариҷаи матн бо истифода аз ММД гузаронида мешавад.

**Мақсадҳои истифодаи усули мазкур:** муайян кардани савияи дониши мавҷудаи хонандагон; ташаккули малакаҳои ба худ баҳо додан; инкишофи малакаҳои кор бо матн; муқоисаи донишҳои мавҷуда ва донишҳои навомӯхтаи хонандагон.

**Қадамҳои иҷро кардани ин метод:**

1. Аз рӯйи мақсад ва мавзӯи дарс ангезиши зеҳн гузаронида мешавад.
2. Хонандагон он чизеро, ки дар бораи ашё, ҳодиса ва ё мафҳум медонад, дар сутуни якум менависанд.
3. Ба онҳо савол дода мешавад, ки оид ба мавзӯи дарс чиро донистан мехоҳанд ва онҳо сутуни дуюмро пур мекунанд.
4. Пас аз хондани матн, ё тамошои видеои таълимӣ ба сутуни дуюм баргашта, муайян мекунем, ки хонандагон ба кадом саволҳои худ ҷавоб ёфтанд.
5. Он ҷавобҳо ба сутуни сеюм навишта мешаванд.
6. Сипас, сутуни аввал бо сутуни сеюм муқоиса ва таҳлил карда мешавад.

**Ҷараёни пур кардани ҷадвали ММД-ро ба се марҳала тақсим кардан мумкин аст:**

**Марҳалаи аввал «Медонам»**. Хонандагон он чизеро, ки дар бораи ашё, ҳодиса ва ё мафҳум медонад, навишта мешавад.




**Марҳалаи дуюм "Донистан мехоҳам"** Хонандагон он чизеро, ки дар бораи ашё, ҳодиса ва ё мафҳум донистан, ё фаҳмидан мехоҳанд навишта мешавад.




**Марҳалаи сеюм "Донистам".** Хонандагон он чизеро, ки дар бораи ашё, ҳодиса ва ё мафҳум фаҳмиданд, навишта мешавад.




Дар марҳилаи сеюм, сутуни 1 ("Медонам") бо сутуни 3 ("Донистам") муқоиса карда мешавад. Яъне, хонандагон донишҳои мавҷудаи худро бо маълумотҳои нав муқоиса мекунанд.

**Намуна. Мавзӯъ**: Сохтани қолаби рӯймол (сарбанд).
**Савол барои ангезиши зеҳн:** *Маълумот оид ба қолаб?*

| Медонам | Донистан мехоҳам | Донистам |
|---|---|---|
| Қолаб – нақшаи ҷузъӣ буда, ба андозаи аслӣ баробар аст | Маълумоти мушаххас оид ба таърихи пайдоиши қолаб ва истеҳсоли он | Қолаб, ки барои буридани матоъ лозим буд, ҳанӯз дар асри X истифода бурда мешуд. Қолабро чеварон эҳтиёткорона нигоҳ медоштанд, ки аз рӯйи қолаб нусхабардорӣ накунанд. Аз соли 1860 истеҳсоли қолаб дар корхонаҳо ба роҳ монда шуд. Асосан фирмаи Е. Бавттерика дар солҳои 1826-1903 қолабҳоро мебаровард. |

**5. Кори амалӣ: Сохтани қолаби пешдоман**
Аз тарафи омӯзгор қоидаҳои техникаи бехатарӣ ва санитарию гигиенӣ оид ба мавзӯъ назорат карда, аз ҷониби хонандагон риоя карда шавад.

**Таҷҳизот**: ҷадвали метрӣ, тасмаи ченакгирӣ, коғаз, қалам, нақшаи асосии пешдоман, қайчӣ.

**Қадамҳо:**
1. Аз тарафи омӯзгор мавзӯи нав такроран баён мешавад: Қолабҳоро аз коғази ғафс ё борик (коғази нусхагирӣ, клеёнка, селофанҳои ғафс) месозанд. Қолабҳои асосиро аз рӯйи нақшаҳои асосӣ, ки дуруст андоза гирифта шудаанд, тайёр мекунанд. Намуди фасонҳои

гуногуни мураккабро аз рӯйи қолаби асосӣ бо ҷадвали секунҷа (лекало), қалам, хаткӯркунак ва ғайра тағйир додан мумкин аст. Таҳияи фасонҳои гуногуни одӣ аз рӯйи қолаби асосӣ иҷро карда мешавад. Барои дӯхтани либос ва сохтани қолаб хонандагон асосан миқёси 1:4-ро истифода баранд беҳтар аст. Агар ҷадвал набошад, хонандагон метавонанд аз вараҷи дафтари катаки дафтари одӣ истифода баранд. Барои мустаҳкамии варақ ба пушти он картон ё фанер часпондан мумкин аст.

2. Аз тарафи омӯзгор супориш дода мешавад, ки хонандагон бояд асбоб ва таҷҳизоти лозимиро барои кашидани қолаби маснуот омода созанд;

3. Аз тарафи омӯзгор супориш дода мешавад, ки аз рӯйи нақшаи асосии пешдоман ва андозаи гирифтаи худ аввал нақшаи сарбанд ё каллапӯш ва пешдоманро ба коғази интихобкарда кашида шавад;

4. Хатҳои асосии яклухти ғафсро кашида, баъд қолаби он сохта шавад;

5. Аз тарафи омӯзгор супориш дода мешавад, ки пеш аз буридани қолаб андо-заи қолабро ба омӯзгор нишон дода, камбудӣ ва норасоиҳоро бартараф карда шавад;

6. Қолаби сохташуда бо қайчӣ бурида шавад;

7. Қолаби рӯймол (сарбанд) ё каллапӯш ва пешдомани интихобӣ ба андозаи худ сохта шавад;

8. Вобаста ба сифат ва намуди қолабҳои тайёршуда аз тарафи омӯзгор ба хонандагон баҳогузорӣ карда мешавад.

**6. Дарсро ҷамъбаст намуда, заҳмати хонандагонро қадрдонӣ кунед.**

**7. Арзёбӣ:** Дар рафти дарс фаъолияти таълимии хонандагонро мушоҳида намуда, дараҷаи ба салоҳиятҳо ноил гаштани онҳоро муайян кунед. Натиҷаҳои фаъолияти таълимии хонандагонро аз рӯйи савол ва супоришҳои зерин арзёбӣ карда метавонед. *(мувофиқи натиҷаи арзёбии мазкур ба хонандагон баҳои аъло, хуб, қаноатбахш ва ғайриқаноатбахш гузошта мешавад).*

| **Фаъолият** | **Метавонад** | **Қисман метавонад** | **Наметавонад** |
|---|---|---|---|
| Дар бораи раванди омода кардани андоза ва сохтани қолаб шарҳ дода метавонад? | | | |
| Аз рӯйи андозаи муайян қолабҳои гуногун сохта метавонад? | | | |
| Баъзе андозаҳоро иваз карда, таъйиноти онро дигар карда метавонад? | | | |
| Дар бораи касби буранда маълумот дода метавонад? | | | |
| Хусусиятҳои эстетикии рӯймол (сарбанд) ва пешдоманро шарҳ дода, онро арзёбӣ карда метавонад? | | | |

## ДАРСИ 24

## МАВЗӮЪ: ТЕХНОЛОГИЯИ ЧОКБУРӢ ВА ДӮХТАНИ ЛИБОСИ МАХСУС

**Барнома:** Талабот нисбати истифода ва эстетикаи либоси махсус. Пайдарҳамии технологияи чокбурӣ ва дӯхтани либоси махсус. Ҳисоби миқдори матоъ барои рӯймол (сарбан), пешдоман, калапӯш. Бо ҳарф ишора кардани нуқтаҳо ва порчаҳо. Асбоб ва афзори нақшакашӣ хаткашаки паргор.

**Салоҳиятҳо:**

- Баъзе воситаҳои технологиро истифода бурда метавонад;
- Дар доираи мавзӯъҳои маҳдуд ғояи навро пайдо карда метавонад;

➢ Доир ба баъзе касбҳо маълумоти сода дода метавонад;

➢ Хусусиятҳои тарбиявии фанро дарк карда, баъзе унсурҳои онро дар амал татбиқ карда метавонад.

**Мақсадҳои дарс:**

-Технологияи чокбурӣ ва дӯхтани либоси махсусро шарҳ дода тавонад;

-Дар бораи омода кардани либос бо пайдарҳамии гуногунро шарҳ дода тавонад;

-Аз рӯйи андозаи муайян нусхаи пешдоманро бурида тавонад;

-Эҳтиёткорона кор кардан ва муносибати хуб бо асбобу абзорҳоро риоя карда тавонад;

-Баъзе андозаҳоро иваз карда, таъйиноти онро дигар карда тавонад;

-Хусусиятҳои эстетикии пешдоманро шарҳ дода, онро арзёбӣ карда тавонад.

**Таҷҳизоти зарурӣ:** китоби дарсӣ, овезаҳои таълимӣ.

**1. Методикаи таълим:** Ҳангоми банақшагирии дарс аз тавсияҳои зерин истифода бурда метавонед.

1. Ташкили дарс: Дар ин марҳала корҳои зерин ба роҳ монда мешавад:

Тайёр намудани маводди хониш;

Ҳозир-ғоиб кардани хонандагон;

Омода намудани хонандагон ба дарс.

**2. Такрори дарси гузашта:** Дарсро аз гузоштани масъала оғоз намоед. Бо саволҳои зерин ба хонандагон муроҷиат намоед:

1. Барои гирифтани ченаки васеии қисми поёнии пешдоман чӣ кор бояд кард.
2. Дар кадом ҳолат хонанда аз ченаки гирифтааш қолаб сохта метавонад?
3. Қолаб чист?
4. Барои дӯхтани либос ва сохтани қолаб асосан микёси чандро истифода бурдани хонанда беҳтар аст?

**3. Шиносоӣ бо мазмуни мавзӯъ:** Оид ба технологияи чокбурӣ ва дӯхтани либоси махсус суҳбат гузаронида, дар бораи омода кардани либос бо пайдарҳамии гуногун, мақсади гузаронидани санҷиш пеш аз буридану дӯхтани матоъ ва ба эътибор гирифтани бари матоъ, буридани нусхаи пешдоман, талаботи асосӣ ҳангоми буридани маснуот, риояи қоидаҳои техникаи бехатарии кор бо қайчӣ, дарзмол, сӯзан ва сӯзанак шарҳ дода мешавад.

**Либос бо пайдарҳамии гуногун тайёр карда мешавад:**

1. Тайёрӣ ва интихоби матоъ.
2. Тайёр намудани пораҳои матоъ ва буридани онҳо.
3. Дӯхтани маснуот.

Пеш аз буридану пора кардани матоъ онро хуб аз назар гузаронидан лозим аст, ки ягон ҷойи он доғдор, дарида ва ё каҷу килеб набошад; ҷойҳои нуқсондорро бо бӯр ишорат мекунанд. Пеш аз буридану дӯхтани матоъ дарозӣ ва бари он, равшании раххои риштаҳо, хусусияти нақша ва коркарди гармию намии онро ба назар гирифтан лозим аст. Пешдоманҳое, ки барои пухтани таом ва дигар корҳо дар ошхона лозиманд, бояд аз матоъҳои рангашон кушод, якранг, пахтагӣ ё катонӣ (чит, суф, сандуф) дӯхта шаванд. Пешдоманҳое, ки барои рӯбучини хона истифода мебаранд, аз матоъҳои пурнақшу нигор ва сахт дӯхта шаванд, беҳтар аст. Бари матоъҳое, ки истеҳсол мешаванд, аз 60 см то 1 м 60 см мешавад. Ба эътибор гирифтани бари матоъ дар вақти дӯхтани маснуот барои сарфаю сариштакорӣ ва роҳ надодан ба исрофкории беҳудаи матоъ аҳамияти калон дорад. Барои дӯхтани пешдоман матоъҳои барашон аз 75 то 90 см-ро интихоб намоед, беҳтар аст. Исрофи матоъ ба дарозии матоъ ва интихоби намуди фасон вобастагӣ дорад. Пеш аз он ки матоъро интихоб ва ба буридан тайёр кунем, матои сарфмешударо ҳисоб кардан лозим аст. Агар матоъ васеъбар (бараш 140 см) бошад, дарозии онро ба дарозии маснуот баробар гирифтан лозим аст. Дарозии либосро муайян карда, киса, миёнбанд (тасма) ва

гарданбанд ба назар гирифта мешавад. Ҳаққи чокро барои қисми болоӣ 1,5 см, барои қисми болоии пешдоман 2 см, паҳлу ва қисми поёнӣ 1,5 см мегузоранд.

**Буридани нусхаи пешдоман.** Пеш аз буридани нусхаи пешдоман матои интихобкардаро аз назар гузаронидан лозим аст:

1. Матоъро дарзмол карда, ҷойи каҷу килеб ва милкашро бурида, дуқат карда, бо сӯзанак кӯк мекунем.

2. Ҳангоми қатъ кардан риштаҳои тору пуди матоъ, гули матоъ ва ҷойҳои нуқсондорро ба назар мегирем.

3. Дар вақти густурдани матоъ мизи корӣ бояд тоза ва ҳамвор бошад; қолабҳоро ҷобаҷо карда, аввал ҷузъҳои калон ва баъд ҷузъҳои хурдро тавре ҷо ба ҷо мекунем, ки сарфакории матоъ ба назар гирифта шавад.

4. Қолабҳоро ба риштаю раҳҳо ва қаду бари матоъ мувофиқ карда, баъд сӯзанакҳоро маҳкам мекунем; равиши сӯзанакҳо бояд ба як самт нигаронида шавад.

5. Ба ҷойи дарз аз канори қолаб 0,8-1 см гузошта, бо бӯри дӯзандагӣ ё собуни махсус хат мекашем. Қолабро аз матоъ ҷудо накарда, аз рӯйи хатҳои матоъ низ буридан мумкин аст.

6. Пеш аз буридани матоъ рафти корро аз назар мегузаронем, раҳҳо ва гулҳои матоъ бояд мувофиқат кунанд. Чи тавре ки дар урфият мегӯянд: «Ҳафт бор чен куну як бор бур».

**Талаботҳои асосӣ дар вақти буридани маснуот.** Дар вақти буридан кашишхӯриву кӯтоҳшавии матоъро баъди шустан ба назар бояд гирифт.

1. Пеш аз буридани матоъ онро дарзмол кардан лозим аст.

2. Пайдарҳамии гузоштани қолабҳо: хатҳои кӯндаланг ва барқади матоъ ва ҷойи нуқсондори онро ба назар гирифтан лозим аст.

3. Ҷузъҳои қолабро танҳо бо бӯри дӯзандагӣ, собун ё бо қалам гирддавон мекунанд.

4. Дар вақти буридан ҳаққи чокро мувофиқи ҷузъҳо ва намуди онҳо ба назар гиред.

5. Матоъро рост буред. Барои он ки маснуоти бурида рост ва саҳеҳ бошад, ба ҳолати даст аҳамият диҳед.

6. Дар вақти буридани матоъ ба сарфаю сариштакорӣ аҳамият диҳед, то ки лахтакпораҳо камтар шаванд (лахтакпораҳоро бояд то пурра дӯхтани маснуот эҳтиёт кунед ва баъд аз он лахтакпораҳо маснуоти барои рӯзгор заруриро дӯзед).

7. Дар вақти буридани матоъ қоидаҳои техникаи бехатарии кор бо қайчӣ, дарзмол, сӯзан ва сӯзанакро ба назар гирифтан лозим аст.

**4. Мустаҳкамкунии мавзӯи нав:**

1. Барои чӣ пеш аз буридани матоъ тарафҳо ва бари матоъ муайян карда мешаванд?

2. Барои буридани матоъ кадом қоидаҳоро ба назар бояд гирифт?

3. Матои барои пешдоман интихобкардаро аз назар гузаронед, ки нуқсондор набошад.

**5. Истифодаи усули Кластери сода**

Кластер (claster – хӯша, даста) усули гирдоварии андешаҳои хонандагон доир ба ягон мавзӯъ, мафҳум буда, дар шаклҳои гуногун тасвир меёбад. Ин усул аз тарафи мутахассиси проблемаҳои эҷодӣ Тони Бюзан кор карда шудааст. Ин усул имкон медиҳад, ки хонандагон барои фикр намудани мавзӯи дарпешистода сафарбар шаванд.

**Мақсадҳои истифодаи усули Кластер:** гирдоварии андешаҳои хонандагон; бунёди вазъияти ҷустуҷӯ; инкишофи малакаҳои баёни мухтасари фикр; омӯзиши роҳҳои гуногуни гирдоварии андешаҳо; пешниҳод кардани маълумотҳои иловагӣ; муайян кардани дониши хонандагон доир ба мавзӯъ.

Масъала: **Интихоби матоъ**. Пешдоманро аз кадом намудҳои матоъ дӯхтан мумкин аст?




**6. Кори амалӣ: Буридани нусхаи пешдоман**

Аз тарафи омӯзгор қоидаҳои техникаи бехатарӣ ва санитарию гигиенӣ оид ба мавзӯъ назорат карда, аз ҷониби хонандагон риоя карда шавад.

**Таҷҳизот:** қуттии сӯзанҳо, қайчӣ, сӯзанак, бӯр, ченактасма, қолаби пешдоман ва матоъ.

**Қадамҳо:**

1. Аз тарафи омӯзгор барои иҷрои кори амалӣ барои мустаҳкамкунии мавзӯи нав чунин баён карда мешавад: Дар вақти буридан матоъ бояд қаду бари муайян дошта бошад. Барои он ки дар вақти буридани ҷузъҳо ҷойи нуқсондор рост наояд, дар он ҳаққи чокро ба назар мегиранд. Матоъро бо қайчиҳои махсус ё мошинҳои махсуси буранда мебуранд.

2. Аз тарафи омӯзгор супориш дода мешавад, ки матоъ ба буриш ва маводҳои ёрирасон омода карда шавад;

3. Супориш дода мешавад, ки ҳар як хонанда мустақилона сифати матоъ, ҷойи кандашавии риштаҳои тору пуд, доғҳо, нуқсонҳои рангубор, дуруст ҷойгиршавии нақшҳоро аз назар гузаронанд;

4. Тарафи роста чаппаи матоъ муайян карда, дарзмол карда шавад;

5. Супориш дода мешавад, ки дарозию бари матоъ чен карда, милки он бурида шавад;

6. Тарафи роста ба дарун қаткарда, бо сӯзанак маҳкам карда шавад, ки дар натиҷа матоъ дуқат карда мешавад;

7. Супориш дода мешавад, ки канорҳои матоъ (буридани каҷу килебии матоъ) баробар карда, барои ҷузъи миёнбанд (бараш 7 см) ҷудо карда шавад;

8. Пораи асосии қолаб ба рӯйи матоъ (қолаб тавре гузошта мешавад, ки хати марказ ба тарафи қатшудаи матоъ афтад ва аз тарафҳои дигар барои бари дарз 2 см гузошта шавад) гузошта, бо сӯзанак ба матоъ қолаб часпонида шавад;.

Ҳаминро ҳам ба эътибор гирифтан лозим аст, ки сӯзанакҳо амудӣ ва як хел равиш дошта бошанд. Техникаи бехатарии корро риоя намоед

9. Қолаби киса, бандакҳо ва миёнбанд ба матои боқимонда гузошта мешавад;

10. Ҷойи рӯймол (сарбанд)-ро ҳам ба назар бояд гирифт;

11. Хатҳо бо гузоштани ҳаққи чок: 1. Чокҳои китф - 1,5 см 2. Чокҳои паҳлуӣ- 1-1,5 см 3.Чокҳои поёнӣ - 3 см кашида шавад;

12. Ҷойи қати поёнии пешдоман - 1,5-3 см-ро бояд ташкил диҳад;

13. Ҷойи қати қисми болоии киса- 1,5-3 см, қисми поёнӣ - 1,5 см ро бояд ташкил диҳад;

14. Мувофиқи қолаб хатҳоро бо бӯр ё собуни махсус тарошида (ҷузъҳоро пайиҳам гузошта) кашида мешавад;

13. Кори иҷрокардаро мустақилона ҳар як хонанда санҷида боз як маротиба омӯзгор санҷида, баъд барои буридани нусхаи пешдоман ва рӯймол иҷозат дода шавад.

14. Супориш дода мешавад, ки баъд аз буридани матоъ сӯзанакҳои аз қолаб гирифтаро ба қуттии корӣ гузошта шавад;

15. Аз тарафи омӯзгор  оид ба тарзи гузоштани қолаб, тарзи буриши тарафҳо ва тозагии ҷойи буриш, ҷойи хатҳои бӯркашида баназаргирии ҳаққи чок ба назар гирифта шуда, ба сифати кори хонанда баҳогузорӣ карда шавад.



***Тарзи гузоштани қолаб ба матоъ ва буридани нусхаи пешдомани яклухт бо рӯймол (сарбанд)***

**7. Дарсро ҷамъбаст намуда, заҳмати хонандагонро қадрдонӣ кунед.**

**8. Арзёбӣ:** Дар рафти дарс фаъолияти таълимии хонандагонро мушоҳида намуда, дараҷаи ба салоҳиятҳо ноил гаштани онҳоро муайян кунед. Натиҷаҳои фаъолияти таълимии хонандагонро аз рӯйи савол ва супоришҳои зерин арзёбӣ карда метавонед. *(мувофиқи натиҷаи арзёбии мазкур ба хонандагон баҳои аъло, хуб, қаноатбахш ва ғайриқаноатбахш гузошта мешавад).*

| Фаъолият | Метавонад | Қисман метавонад | Наметавонад |
|---|---|---|---|
| Дар бораи технологияи чокбурӣ ва дӯхтани либоси махсус шарҳ дода метавонад? | | | |
| Дар бораи омода кардани либос бо пайдарҳамии гуногун шарҳ дода метавонад? | | | |
| Аз рӯйи андозаи муайян нусхаи пешдоманро бурида метавонад? | | | |
| Эҳтиёткорона кор кардан ва муносибати хуб бо асбобу абзорҳоро риоя карда метавонад? | | | |
| Баъзе андозаҳоро эҷодкорона иваз карда, таъйиноти онро дигар карда метавонад? | | | |
| Хусусиятҳои эстетикии пешдоманро  шарҳ дода, онро арзёбӣ карда метавонад? | | | |

## ДАРСИ 25

## МАВЗӮЪ: БАРОИ ДӮХТАН ОМОДА КАРДАНИ ҶУЗЪҲОИ БУРИДАШУДА

**Барнома:** Талабот нисбати истифода ва эстетикаи либоси махсус. Пайдарҳамии технологияи дӯхтани либоси махсус. Асбоб ва афзори нақшакашӣ хаткашаки паргор. Барои дӯхтан омода кардани ҷузъҳои буридашудаи рӯймол (сарбанд).

**Салоҳиятҳо:**

- Баъзе воситаҳои технологиро  истифода бурда метавонад;
- Дар доираи мавзӯъҳои маҳдуд ғояи навро  пайдо карда метавонад;
- Доир ба баъзе касбҳо маълумоти сода дода метавонад;
- Хусусиятҳои тарбиявии фанро дарк карда, баъзе унсурҳои онро дар амал  татбиқ карда метавонад.

**Мақсадҳои дарс:**

-Омода кардани ҷузъҳои буридашуда барои дӯхтан ва шартҳои асосӣ ҳангоми дарздӯзии мошиниро шарҳ дода тавонад;

-Барои дӯхтан пораҳоро омода карда тавонад;

-Эҳтиёткорона кор кардан ва муносибати хуб бо асбобу абзорҳоро риоя карда тавонад;

-Баъзе андозаҳоро иваз карда, таъйиноти онро дигар карда тавонад;

-Хусусиятҳои эстетикии маснуотро шарҳ дода, онро арзёбӣ карда тавонад.

**Таҷҳизоти зарурӣ:** китоби дарсӣ, овезаҳои таълимӣ.

**1. Методикаи таълим:** Ҳангоми банақшагирии дарс аз тавсияҳои зерин истифода бурда метавонед.

1. Ташкили дарс: Дар ин марҳала корҳои зерин ба роҳ монда мешавад:

Тайёр намудани маводди хониш;

Ҳозир-ғоиб кардани хонандагон;

Омода намудани хонандагон ба дарс.

**2. Такрори дарси гузашта:** Дарсро аз гузоштани масъала оғоз намоед. Бо саволҳои зерин ба хонандагон муроҷиат намоед:

1. Либос бо кадом пайдарҳамии гуногун омода карда мешавад?
2. Пеш аз буридану дӯхтани матоъ чиҳоро бояд ба назар гирифт?
3. Аҳамияти ба эътибор гирифтани бари матоъ ҳангоми дӯхтани маснуот дар чист?
4. Бари матоъҳое, ки истеҳсол мешаванд, аз чанд см то чанд см мешаванд?

**3. Шиносоӣ бо мазмуни мавзӯъ:** Оид ба барои дӯхтан омода кардани ҷузъҳои буридашуда суҳбат гузаронида, дар бораи омода кардани пораҳо барои дӯхтан, шартҳои асосӣ ҳангоми дарздӯзии мошинӣ, риояи қоидаҳои дурусти дарзмолкунӣ ҳангоми омода кардани маснуот, тартиби дӯхтани рӯймол шарҳ дода мешавад.

Технологияи дӯхтани маснуотро дида мебароем. Он талаботҳои ба худ мувофикро дорад.

Тайёр намудани пораҳо барои дӯхтан. Пораҳоро аввал бо сӯзан бо дарзи одӣ, баъд бо мошини дарздӯзӣ дӯхтан лозим аст. Ҳангоми дарздӯзии мошинӣ шартҳои зеринро ба инобат бояд гирифт:

1. Дарзҳои дастӣ бояд бо чокҳои баробар дӯхта шаванд.
2. Дарзҳои мошинӣ бояд аз паҳлуи кӯкҳои дастӣ рост ва шинаму зебо иҷро карда шаванд.
3. Пас аз иҷрои ҳар дарз онро дарзмол кардан лозим аст.
4. Дӯхтани маснуот, дарзмол кардани он. Пораҳои тайёршуда бо тартиб пайваст карда мешаванд. Кӯкҳои дастиро канда, маснуотро дарзмол мекунем.
5. Баъди иҷрои кор онро месанҷем. Маснуот бояд мувофиқи намуна хушнамуд, қисмҳои ҷуфташ баробар ва дуруст ҷой гирифта бошанд. Баъди дарзмол ягон ҷойи қатшуда набояд бошад.
6. Дар вақти дӯхтани кӯкҳои дастӣ захми чокҳо бояд рост ва дар масофаи муайян аз ҷойи буриш ва ҷойи қати матоъ ҷойгир шуда бошанд, кунҷҳои ҷойи буриш бояд ҳамвор бошанд, кӯкҳои нусхагирӣ ва сӯзанакҳо бояд баъди иҷрои кӯкҳои дастӣ гирифта шаванд, баъди дарзҳои мошинӣ кӯкҳои дастӣ бояд гирифта шаванд.

**4. Мустаҳкамкунии мавзӯи нав:**

1. Дар вақти дӯхтани маснуот кадом шартҳоро ба назар гирифтан лозим аст?
2. Тарзи дӯхтани тасмаро шарҳ диҳед.

**5. Истифодаи бозии “Номи касбро ёбед”**

**Маълумоти умумӣ дар бораи бозӣ.** Ин бозӣ барои инкишофи хотира ва тасаввуроти фазоии хонандагон аҳамияти калон дорад. Аз тарафи омӯзгор ба хонандагон саволҳои дар поён овардашуда дода мешавад. Хонандагон бояд номи касбро муайян намоянд.

**Мақсадҳои бозӣ:** ғанӣ гардонидани тасаввуроти тахайюлии хонандагон; мустаҳкамкунии хотираи хонандагон; тарбия намудани хонандагон ба интихоби бошуурона касбинтихобкунӣ; тарбияи мушоҳидакории хонандагон.

**Қадамҳои истифода бурдани бозӣ:**

1. . Аз тарафи омӯзгор оид ба ягон намуди касб маълумотҳо хонда мешавад;
2. Баъди хондани маълумотҳо хонандагон бояд номи касбро муай-ян намоянд;
3. Дар вақти муайяншуда аз тарафи омӯзгор ҷавобҳо ҷамъ карда шуда, холҳо муайян карда мешавад.

**Намунаи истифодабарии бозӣ дар дарси технология (таълими меҳнат)**

1. Мутахассис оид ба тайёр кардани матоъ барои дӯхтани маснуотҳои гуногун мебошад. (дӯзанда)
2. Маснуотҳоро аз матоъ гирифта ва расмҳо истифода бурда зебо мегардонад, инчунин расмҳои либосро зебо мекашад. (наққош)
3. Мутахассис, ки аз қолаб шаклҳои зеборо офарида бурида метавонад дар соҳаи либос пойафзол. (буранда)
4. Мутахассисе, ки наххоро хомришта карда ба калоба ришта мубаддал медиҳад? (ресанда).
5. Мутахассисе, ки дар асоси супоришҳо техники риштаҳоро гузаронида дастгоҳро ба кор омода мекунад ва ба кор даровarda ба сифати коркарду бофтани он назорат мекунад. (бофанда)

**Дар натиҷа хонандагон чиро ёд мегиранд: и**нтихоб намудани касби онҳо бошуурона мешавад; оид ба касбҳои гуногун маълумоти пурра мегиранд; таснифоти касбҳоро меомӯзанд.

**6. Кори амалӣ: Дӯхтани рӯймол (сарбанд)**

Аз тарафи омӯзгор қоидаҳои техникаи бехатарӣ ва санитарию гигиенӣ оид ба мавзӯъ назорат карда, аз ҷониби хонандагон риоя карда шавад.

**Таҷҳизот:** қуттии сӯзанҳо, ришта, қайчӣ, ҷадвал, ченактасма, сӯзанак, бӯр, ангуштпона, рӯймол ва шероза (1 м) ё тасмаи ороишӣ.

**Қадамҳо:**

1. Аз тарафи омӯзгор бо мақсади мустаҳкам намудани мавзӯи нав чунин шарҳ дода мешавад: Дар вақти тайёр кардани маснуот риояи қоидаҳои дурусти дарзмолкунии маснуот нақши асосиро мебозад. Он ба намуди зоҳирии маснуот ва сифати он таъсир мерасонад. Баъди иҷро намудани ҳар як дарзи мошинӣ ба рӯйи онҳо матоъ ё дока гузошта дарзмол кардан лозим аст. Кӯкҳои дастиро канда, ҷойҳои чиншуда ва қатшудаи маснуотро дарзмол кунед. Дар вақти дарзмол кардан ба ҳарорати дарзмол аҳамият диҳед.
2. Аз тарафи омӯзгор супориш дода мешавад, ки хатҳои буриши ду тарафи кунҷи рост бо дарзи одӣ дӯхта шаванд;
3. Ҷойи буриши рости сарбанд (рӯймол)-ро аввал 0,5 см ба тарафи чаппа қат карда, кӯк карда мешавад;
4. Баъд аз тарафи чаппа боз 0,8 см- 1 см қат карда, кӯк ва дарзмол карда мешавад;
5. Қисми зиёдатии матоъро аз гӯшаҳои сарбанд бояд бурид;
6. Аз тарафи чаппаи матоъ бо бӯр 1 см хат кашида, аз ҷойи буриш миёнаҷойи он муайян карда мешавад;
7. Аз ҷойи буриши рӯймол (сарбанд) 1 см гузошта, аз тарафи чаппааш бо бӯр хат кашида мешавад;
8. Миёнаҷойи тасмаро ёфта, бо бӯр ё қалам нишона гузошта мешавад;

9. Шерозаро ба тарафи чаппаи рӯймол тарзе гузошта мешавад, ки канори шероза (тасма) қад-қади хати кашидашуда ҷойгир шавад ва миёнаҷояш бо ҷойи нишона мувофиқ ояд, баъд бо даст кӯк зада мешавад;

10. Аз канори тасма 0,1 -0,2 см гузошта, бо мошини дарздӯзӣ дӯхта, охири чокро маҳкам карда мешавад;

11. Кӯкҳои дастӣ канда мешавад;

12. Тасма (шероза)-ро аз тарафи ростаи рӯймол қатъ карда, аввал дастӣ кӯк карда, баъд бо мошин дӯхта, дар охир кӯкҳои дастӣ канда шавад.

13. Вобаста ба кори иҷрошудаи хонандагон аз тарафи омӯзгор баҳогузорӣ карда мешавад.



***Дӯхтани рӯймол бо шерозаи оройишӣ: а) дӯхтани рӯймол бо кӯкҳои дастӣ; б) дӯхтани рӯймол бо мошини дарздӯзии дастӣ ва часпондани шерозаи оройишӣ; в) пурра дӯхтани рӯймол***

**7. Дарсро ҷамъбаст намуда, заҳмати хонандагонро қадрдонӣ кунед.**

**8. Арзёбӣ:** Дар рафти дарс фаъолияти таълимии хонандагонро мушоҳида намуда, дараҷаи ба салоҳиятҳо ноил гаштани онҳоро муайян кунед. Натиҷаҳои фаъолияти таълимии хонандагонро аз рӯйи савол ва супоришҳои зерин арзёбӣ карда метавонед. *(мувофиқи натиҷаи арзёбии мазкур ба хонандагон баҳои аъло, хуб, қаноатбахш ва ғайриқаноатбахш гузошта мешавад)*

.

| Фаъолият | Метавонад | Қисман метавонад | Наметавонад |
|---|---|---|---|
| Дар бораи омода кардани ҷузъҳои буридашуда барои дӯхтан ва шартҳои асосӣ ҳангоми дарздӯзии мошиниро шарҳ дода метавонад? | | | |
| Барои дӯхтан пораҳоро омода карда метавонад? | | | |
| Эҳтиёткорона кор кардан ва муносибати хуб бо асбобу абзорҳоро риоя карда метавонад? | | | |
| Баъзе андозаҳоро иваз карда, таъйиноти онро дигар карда метавонад? | | | |
| Хусусиятҳои эстетикии маснуотро шарҳ дода, онро арзёбӣ карда метавонад? | | | |

## ДАРСИ 26

## МАВЗӮЪ: КОРИ АМАЛӢ: ТЕХНОЛОГИЯИ ДӮХТАНИ ПЕШДОМАН

**Барнома:** Талабот нисбати истифода ва эстетикаи либоси махсус. Пайдарҳамии технологияи дӯхтани либоси махсус. Таҷҳизот ва асбобҳои ёрирасон. Барои дӯхтан омода кардани ҷузъҳои буридашудаи пешдоман.

**Салоҳиятҳо:**

- Баъзе воситаҳои технологиро истифода бурда метавонад;

- Дар доираи мавзӯъҳои маҳдуд ғояи навро  пайдо карда метавонад;
- Доир ба баъзе касбҳо маълумоти сода дода метавонад;
- Хусусиятҳои тарбиявии фанро дарк карда, баъзе унсурҳои онро дар амал  татбиқ карда метавонад.

**Мақсадҳои дарс:**

-Технологияи дӯхтани пешдоманро шарҳ дода тавонад;

-Барои дӯхтани пешдоман пораҳоро омода карда тавонад;

-Эҳтиёткорона кор кардан ва муносибати хуб бо асбобу абзорҳоро риоя карда тавонад;

-Баъзе намуди пешдоманро иваз карда, таъйиноти онро дигар карда тавонад;

-Хусусиятҳои эстетикии пешдоманро  шарҳ дода, онро арзёбӣ карда тавонад.

**Таҷҳизоти зарурӣ:** китоби дарсӣ, овезаҳои таълимӣ.

**1. Методикаи таълим:** Ҳангоми банақшагирии дарс аз тавсияҳои зерин истифода бурда метавонед.

1. Ташкили дарс: Дар ин марҳала корҳои зерин ба роҳ монда мешавад:

Тайёр намудани маводди хониш;

Ҳозир-ғоиб кардани хонандагон;

Омода намудани хонандагон ба дарс.

**2. Такрори дарси гузашта:** Дарсро аз гузоштани масъала оғоз намоед. Бо саволҳои зерин ба хонандагон муроҷиат намоед:

1. Талаботҳои технологияи дӯхтани маснуот кадомҳоянд?
2. Дар бораи омода кардани пораҳо барои дӯхтан шарҳ диҳед.
3. Шартҳои асосӣ ҳангоми дарздӯзии мошинӣ кадомҳоянд?
4. Тарзи дӯхтани тасмаро шарҳ диҳед.

**3. Шиносоӣ бо мазмуни мавзӯъ:** Оид ба технологияи дӯхтани пешдоман суҳбат гузаронида, дар бораи дӯхтани гарданбанд, дӯхтани пешдомани яклухт шарҳ дода мешавад.

Дар вақти дӯхтани қисми асосии пешдоман кӯкҳои дастӣ захми чокҳо бояд рост ва дар масофаи муайян аз ҷойи буриш ва ҷойи қати матоъ ҷойгир шуда бошанд, кунҷҳои ҷойи буриш бояд ҳамвор бошанд, кӯкҳои нусхагирӣ ва сӯзанакҳо бояд баъди иҷрои кӯкҳои дастӣ гирифта шаванд, баъди дарзҳои мошинӣ кӯкҳои дастӣ бояд гирифта шаванд.

Дарзҳои мошинӣ бояд аз паҳлуи кӯкҳои дастӣ рост ва шинаму зебо иҷро карда шаванд.

Гарданбандҳоро ду қати баробар карда, аввал бо сӯзани дастӣ ва баъд бо мошини дарздӯзӣ медӯзанд, кӯкҳои дастиро канда, рост ва дарзмол мекунанд. Ба ҷойи ишорашуда ду кунҷи қисми болоии пешдоманро мечаспонем. Ба ҷойи гарданбандҳои матоӣ тасмачаҳои махсуси тайёрро низ часпондан мувофиқ аст.

**4. Мустаҳкамкунии мавзӯи нав:**

1. Тарзи дӯхтани қисми поёнии пешдоманро гуфта диҳед.
2. Гарданбандро дар кадом масофа ба қисми болоии пешдоман мепайванданд?

**5. Кори амалӣ: Дӯхтани пешдомани яклухт:**

**Таҷҳизот:** қуттии корӣ, пешдоман, ҷузъҳои пешдоман, мошини дарздӯзӣ, дарзмол.

Аз тарафи омӯзгор қоидаҳои техникаи бехатарӣ ва санитарию гигиенӣ оид ба мавзӯъ назорат карда, аз ҷониби хонандагон риоя карда шавад.

**Қадамҳо:**

1. Аз тарафи омӯзгор оид ба дӯхтани буришҳои канорӣ супориш дода мешавад;
2. Буришҳои канорӣ ва қисми болоии ҷузъи пешдоманро аввал 0,5 см, баъд 1 см ба дарун қатъ карда кӯк зада шавад;
3. Канорҳои пешдоман ва қисми болоиро аз ҷойи қатшуда бо мошини дарздӯзӣ дӯхта шавад;

4. Дар бораи дӯхтани қисми поёнии пешдоман аз тарафи омӯзгор супориш дода мешавад: қисми поёнии буришро аввал 0,5 см, баъд 1 - 2,5 см қат карда кӯк зада, баъд бо мошини дарздӯзӣ дӯхта мешавад;

5. Қисми охири чок мустаҳкам карда шуда, кӯкҳои дастӣ канда шавад;

6. Ҷойҳои дӯхтаи пешдоман дарзмол карда шавад;

7. Аз тарафи омӯзгор оид ба баробарии васеии чокҳо дар вақти кӯк задан, роста ва ҳамвории чок, дарзмол кардани хонандагон санҷиш гузаронида шавад;

8. Ҷузъи гарданбандро гирифта, барқад гузошта, тарафи ростаи онро ба дарун гузошта, аз ҷойи бурish 0,7 см монда, дастӣ кӯк зада шавад;

9. Дарзҳоро росту ҳамвор карда, ду тарафи гарданбандро (канор ва як тарафи кунҷи онро) бо мошини дарздӯзӣ дӯхта шавад;

10. Кӯкҳои дастиро канда ва охири гарданбандро бо ёрии қалам роста карда шавад;

11. Кунҷҳои гарданбандро роста карда, 0,8 см ба дарун қат намуда, аввал дастӣ, баъд бо мошини дарздӯзӣ дӯхта шавад;

12. Кӯкҳои дастиро канда, онро дарзмол карда шавад;

13. Гарданбанди тайёрро ба қисми болоии пешдоман дар масофаи 0,8 см аз ҷойи коркарди маснуот аввал дастӣ, баъд бо мошини дарздӯзӣ дӯхта шавад;

14. Бо мақсади баҳогузорӣ аз тарафи омӯзгор ба сифати буриши канори қисми асосии пешдоман ва кунҷҳои гарданбанд, сифати чок, дуруст пайваст шудани гарданбанд ва қисми болоии пешдоман аҳамият дода, санҷиш гузаронида шавад.




***а) дӯхтани буришҳои канории пешдоман б) пайвасти гарданбанд ба пешдоман***

**6. Дарсро ҷамъбаст намуда, заҳмати хонандагонро қадрдонӣ кунед.**

**7. Арзёбӣ:** Дар рафти дарс фаъолияти таълимии хонандагонро мушоҳида намуда, дараҷаи ба салоҳиятҳо ноил гаштани онҳоро муайян кунед. Натиҷаҳои фаъолияти таълимии хонандагонро аз рӯйи савол ва супоришҳои зерин арзёбӣ карда метавонед. *(мувофиқи натиҷаи арзёбии мазкур ба хонандагон баҳои аъло, хуб, қаноатбахш ва ғайриқаноатбахш гузошта мешавад).*

| Фаъолият | Метавонад | Қисман метавонад | Наметавонад |
|---|---|---|---|
| Дар бораи технологияи дӯхтани пешдоман шарҳ дода метавонад? | | | |
| Барои дӯхтани пешдоман пораҳоро омода карда метавонад? | | | |
| Эҳтиёткорона кор кардан ва муносибати хуб бо асбобу абзорҳоро риоя карда метавонад? | | | |
| Баъзе намуди пешдоманро эҷодкорона иваз карда, таъйиноти онро дигар карда метавонад? | | | |
| Хусусиятҳои эстетикии пешдоманро шарҳ дода, онро арзёбӣ карда метавонад? | | | |

## ДАРСИ 27

## МАВЗӮЪ: КОРИ АМАЛӢ: ДӮХТАНИ КАМАРБАНД Ё МИЁНБАНД (ТАСМА)

**Барнома:** Талабот нисбати истифода ва эстетикаи либоси махсус. Пайдарҳамии технологияи дӯхтани либоси махсус. Таҷҳизот ва асбобҳои ёрирасон. Барои дӯхтан омода кардани ҷузъҳои камарбанди буридашудаи пешдоман.

**Салоҳиятҳо:**

- Баъзе воситаҳои технологиро истифода бурда метавонад;
- Дар доираи мавзӯъҳои маҳдуд ғояи навро пайдо карда метавонад;
- Доир ба баъзе касбҳо маълумоти содда дода метавонад;
- Хусусиятҳои тарбиявии фанро дарк карда, баъзе унсурҳои онро дар амал татбиқ карда метавонад.

**Мақсадҳои дарс:**

-Раванди дӯхтани камарбанд ё миёнбанд (тасма)-ро шарҳ дода тавонад;

-Тарзи дурусти пайваст кардани тасмаро бо пешдоман шарҳ дода, дар амал иҷро карда тавонад;

-Барои дӯхтани камарбанд ё миёнбанд (тасма) пораҳоро омода карда тавонад;

-Эҳтиёткорона кор кардан ва муносибати хуб бо асбобу абзорҳоро риоя карда тавонад;

-Ҳангоми истифодаи матоъ сарфакориро риоя карда тавонад;

**Таҷҳизоти зарурӣ:** китоби дарсӣ, овезаҳои таълимӣ.

**1. Методикаи таълим:** Ҳангоми банақшагирии дарс аз тавсияҳои зерин истифода бурда метавонед.

1. Ташкили дарс: Дар ин марҳала корҳои зерин ба роҳ монда мешавад:

Тайёр намудани маводди хониш;

Ҳозир-ғоиб кардани хонандагон;

Омода намудани хонандагон ба дарс.

**2. Такрори дарси гузашта:** Дарсро аз гузоштани масъала оғоз намоед. Бо саволҳои зерин ба хонандагон муроҷиат намоед:

1. Барои дӯхтани пешдоман кадом намуди таҷҳизот зарур аст?
2. Дар бораи дӯхтани гарданбанди пешдоман шарҳ диҳед.
3. Раванди дӯхтани пешдомани яклухтро баён кунед.
4. Гарданбандро дар кадом масофа ба қисми болоии пешдоман мепайванданд?

**3. Шиносоӣ бо мазмуни мавзӯъ:** Оид ба дӯхтани камарбанд ё миёнбанд (тасма) суҳбат гузаронида, дар бораи ороиши либос дар Рум, нақши камарбанд дар давраҳои пеш, тартиби иҷрои дӯхтани камарбанд, таҷҳизоти зарурӣ барои дӯхтани камарбанд шарҳ дода мешавад.

Дар тӯли солҳои зиёд либос чун объекти мӯд ба бисёр дигаргуниҳо дучор гардид. Дар Рум ба ороиши либос бештар аҳамият медоданд ва тасма ҳам ба яке аз ҷузъиёти ороишӣ мубаддал гашт. Тасмаро бо маводди қимат, марвориди ҳиндӣ, сангҳои қиматбаҳои суфта, ёқут ва ғайра оро медоданд. Дар давраҳои пеш аскарони дар муҳориба тарсончаку ноуҳдабароро аз сафи аскарон бо шармандагӣ аз тасма маҳрум мекарданд.

Дар асрҳои миёна, ки киса он қадар маъмул набуду борхалтаҳоро кам истифода мебурданд, корд, шона, қайчӣ ва ғайраро бо ришта ё занҷирак ба тасма меовехтанд. Аскарон дар тасмаашон шамшер, ханҷар, баъзан зангӯлаҳо меовехтанд. Ҳатто гуфторе ҳам вуҷуд дошт, ки «Дар куҷое, ки сарбоз ва амалдор ҳаст, дар ҳамон ҷо садо вуҷуд дорад». Бинобар ҳамин, дар баъзе либосҳо тасма (миёнбандҳо)-ро ҳоло ҳам то ҳадди имкон ба тарзҳои гуногун ороиш медиҳанд.

**4. Мустаҳкамкунии мавзӯи нав:**

1. Тарзи дӯхтани тасмаро гуфта диҳед.
2. Тасмаро ба пешдоман чӣ тарз мепайванданд?

**5. Кори амалӣ: Дӯхтани тасма (миёнбанд)**

Аз тарафи омӯзгор қоидаҳои техникаи бехатарӣ ва санитарию гигиенӣ оид ба мавзӯъ назорат карда, аз ҷониби хонандагон риоя карда шавад.

**Таҷҳизот:** қуттии корӣ, ҷузъҳои тасма (миёнбанд), мошини дарздӯзӣ, дарзмол.

**Қадамҳо:**

1. Аз тарафи омӯзгор оид ба дӯхтани тасма (миёнбанд) ба хонандагон супориш дода мешавад;
2. Барои дӯхтани тасма (миёнбанд) асбоб ва маводҳои лозима омода карда шавад;
3. Ҷузъҳои тасмаро (миёнбандро) гирифта, барқад гузошта, тарафи ростаи онро аз қисми буриши он 0,7 см – 1 см ба дарун қат карда, бо кӯки дастӣ дӯхта шавад;
4. Хонандагон бояд дарзҳоро ҳамвор намуда, ба санҷиши сифати кор ба омӯзгор пешниҳод диҳанд. Баъд аз ислоҳи хатогӣ ва камбудӣ бо иҷозати омӯзгор бо мошини дарздӯзӣ дӯхта шавад;
5. Миёнбандро роста карда, 2 тарафи охири онро ба дарун 0,8 см қат карда, 0,5 см аввал дастӣ, баъд бо мошини дарздӯзӣ дӯхта шавад;
6. Тасмаи тайёр дарзмол карда шавад;
7. Бо мақсади баҳогузорӣ аз тарафи омӯзгор ба сифати чокҳо, васеъгии тасма, кунҷи миёнбанд эътибор дода, кори амалии иҷрошуда санҷида шавад.



***Дӯхтани миёнбанд***

**6. Дарсро ҷамъбаст намуда, заҳмати хонандагонро қадрдонӣ кунед.**

**7. Арзёбӣ:** Дар рафти дарс фаъолияти таълимии хонандагонро мушоҳида намуда, дараҷаи ба салоҳиятҳо ноил гаштани онҳоро муайян кунед. Натиҷаҳои фаъолияти таълимии хонандагонро аз рӯйи савол ва супоришҳои зерин арзёбӣ карда метавонед. *(мувофиқи натиҷаи арзёбии мазкур ба хонандагон баҳои аъло, хуб, қаноатбахш ва ғайриқаноатбахш гузошта мешавад).*

| Фаъолият | Метавонад | Қисман метавонад | Наметавонад |
|---|---|---|---|
| Дар бораи раванди дӯхтани камарбанд ё миёнбанд (тасма) шарҳ дода метавонад? | | | |
| Тарзи дурусти пайваст кардани тасмаро бо пешдоман шарҳ дода, дар амал ичро карда метавонад? | | | |
| Барои дӯхтани камарбанд ё миёнбанд (тасма) пораҳоро омода карда метавонад? | | | |
| Эҳтиёткорона кор кардан ва муносибати хуб бо асбобу абзорҳоро риоя карда метавонад? | | | |
| Ҳангоми истифодаи матоъ сарфакориро риоя карда метавонад? | | | |

## ДАРСИ 28
## МАВЗӮЪ: КОРИ АМАЛӢ: ДӮХТАНИ КИСА

**Барнома:** Талабот нисбати истифода ва эстетикаи либоси махсус. Пайдар-ҳамии технологияи дӯхтани либоси махсус. Таҷҳизот ва асбобҳои ёрирасон. Барои дӯхтан омода кардани ҷузъҳои кисаи буридашудаи пешдоман.

**Салоҳиятҳо:**

- Баъзе воситаҳои технологиро истифода бурда метавонад;
- Дар доираи мавзӯъҳои маҳдуд ғояи навро пайдо карда метавонад;
- Доир ба баъзе касбҳо маълумоти сода дода метавонад;
- Хусусиятҳои тарбиявии фанро дарк карда, баъзе унсурҳои онро дар амал татбиқ карда метавонад.

**Мақсадҳои дарс:**

-Намудҳои киса, шартҳои дӯхтани кисаро шарҳ дода тавонад;
-Тарзи дурусти дӯхтани кисаро шарҳ дода, онро дар амал иҷро карда тавонад;
-Барои дӯхтани киса пораҳоро омода карда тавонад;
-Эҳтиёткорона кор кардан ва муносибати хуб бо асбобу абзорҳоро риоя карда тавонад;
-Ҳангоми истифодаи матоъ сарфакориро риоя карда тавонад;

**Таҷҳизоти зарурӣ:** китоби дарсӣ, овезаҳои таълимӣ.
**1. Методикаи таълим:** Ҳангоми банақшагирии дарс аз тавсияҳои зерин истифода бурда метавонед.
1. Ташкили дарс: Дар ин марҳала корҳои зерин ба роҳ монда мешавад:
Тайёр намудани маводди хониш;
Ҳозир-ғоиб кардани хонандагон;
Омода намудани хонандагон ба дарс.

**2. Такрори дарси гузашта:** Дарсро аз гузоштани масъала оғоз кунед. Бо саволҳои зерин ба хонандагон муроҷиат намоед:
1. Тарзи дуруст дӯхтани камарбандро шарҳ диҳед.
2. Ороиши либос дар Рум чӣ гуна буд?
3. Бо кадом мақсад дар асрҳои миёна камарбандро истифода мебурданд?
4. Оид ба тарзи дуруст пайваст кардани камарбанд бо пешдоманро шарҳ диҳед.

**3. Шиносоӣ бо мазмуни мавзӯъ:** Оид ба дӯхтани киса суҳбат гузаронида, дар бораи намуди киса, фарқи байни кисаи берун (кисаи болоӣ) аз дарунӣ, усулҳои пайвастани киса, ороиши кисаи берунӣ, муайян кардани ҷой ва андозаи киса, шартҳои зарурӣ ҳангоми дӯхтани киса, таҷҳизоти зарурӣ барои дӯхтани киса шарҳ дода мешавад.

Асосан ду намуди киса маълум аст: кисаи берунӣ ва кисаи дарунӣ. Онро аз ҷузъҳои асосии маснуот тайёр карда, дар болои дарз ва ё чин мешинонанд. Вобаста ба ҷойи дӯхт кисаи берун (кисаи боло) аз дарунӣ фарқ мекунад. Кисаи берун одӣ, рост, ҳошиядор, ҳошияаш муқарнас, сарпӯшдор, бесарпӯши бахиядор, чиндор ва ғайра мешавад. Кисаи берунро бо ҳар хел чину гулдӯзӣ, аппликатсия ва ғайра оро медиҳанд. Ҳангоми тайёр кардани киса усулҳои пайвастани минбаъдаи онро (вобаста ба шакли киса ва хусусиятҳои матое, ки аз он киса дӯхта мешавад) ба эътибор гирифтан даркор аст. Барои дӯхтани пешдоман асосан кисаи беруниро интихоб мекунанд. Ҷой ва андозаи кисаро аз рӯйи намунаи гирифташуда дар вақти пӯшида дидани пешдоман муайян мекунанд. Бо ин мақсад мувофиқи андоза шакли кисаро аз коғаз мебуранд.

**Дар вақти дӯхтани киса шартҳои зеринро риоя кунед:** Баробарии кисаҳоро санҷида, онро оро дода, ба қисми асосӣ (ба пешдоман) мечаспонем. Гирди кисаро бо тасмаи ороишӣ, тӯр ё мағзӣ оро додан мумкин аст.

1. Дар вақти кӯкҳои дастӣ чокҳо бояд якхела ва рост дӯхта шуда бошанд.

2. Паҳмии чокҳо мувофиқи нишондод ба дарозии маснуот як хел бошад.

3. Чокҳои мошинӣ бояд якхела, рост бошанд ва аз болои кӯкҳори дастӣ нагузаранд. Онҳо дар масофаи муайян аз хати буриш ё ҷойи қати маснуот дӯхта шаванд.

4. Ба кунҷҳои киса аҳамият диҳед, ки онҳо якхела бошанд.

5. Кӯкҳои дастӣ бояд баъд аз дарзи мошинӣ канда шаванд.

6. Паҳмии ва бари киса мувофиқи андозаи додашуда бошад.

7. Ба дарзмолкунии маснуот аҳамияти ҷиддӣ диҳед.

**4. Мустаҳкамкунии мавзӯи нав:**

1. Кадом намуди кисаҳоро медонед?

2. Дар вақти дӯхтан ба кадом шартҳо аҳамият додан лозим аст?

**5. Истифодаи усули Кластери сода:**

Кластер (claster – хӯша, даста) усули гирдоварии андешаҳои хонандагон доир ба ягон мавзӯъ, мафҳум буда, дар шаклҳои гуногун тасвир меёбад. Ин усул аз тарафи мутахассиси масоилҳои эҷодӣ Тони Бюзан кор карда шудааст. Ин усул имкон медиҳад, ки хонандагон барои фикр намудани мавзӯи дарпешистода сафарбар шаванд.

**Мақсадҳои истифодаи усули Кластер:** гирдоварии андешаҳои хонандагон; бунёди вазъияти ҷустуҷӯ; инкишофи малакаҳои баёни мухтасари фикр; омӯзиши роҳҳои гуногуни гирдоварии андешаҳо; пешниҳод кардани маълумотҳои иловагӣ; муайян кардани дониши хонандагон доир ба мавзӯъ.

Масъала: Намудҳои кисаҳои берунӣ. Кадом намудҳои кисаҳои беруниро медонед?




**6. Кори амалӣ: Дӯхтани кисаҳо**

Аз тарафи омӯзгор қоидаҳои техникаи бехатарӣ ва санитарию гигиенӣ (беҳдоштӣ) оид ба мавзӯъ назорат кардашуда, хонандагон онро ҳатман риоя намоянд.

**Таҷҳизот:** қуттии афзорҳои дӯзандагӣ, ҷузъҳои киса, мошини дарздӯзӣ, дарзмол.

**Қадамҳо:**

1. Аз тарафи омӯзгор супориш дода мешавад, ки барои дӯхтани киса асбоб ва маводҳои лозима омода карда шавад;

2. Аз тарафи ростаи киса дар масофаи 0,5 см ва 2 см аз буриши болоии ҷузъи киса бо бӯр хати рост кашида шавад;

4. Хати буриши даҳони кисаро 0,5 см кӯк мезанем ва бо мошини дарздӯзӣ дӯхта мешавад;

5. Баъди 2 см боз чаппа қат карда, ду тарафи кисаро низ дӯхта ва роста карда шавад;

6. Кӯкҳои дастиро канда, дарзмол карда шавад;

7. Канори киса аз тарафи роста 0,8 см ё 1 см қатъ карда дӯхта шавад;

8. Се тарафи дигари кисаро низ як маротиба 0,8 ё 1 см қат карда дӯхта, дарзмол карда шавад;

9. Бо ҳамин ҷузъи дигари киса пайдарҳам дӯхта шавад;

10. Аз тарафи омӯзгор сифати чокҳо: ба андоза ва шакли киса, васеъгии чок ва захми он, инчунин дуруст дарзмол кардани маснуот назорат бурда, вобаста ба кори амалии иҷрошуда баҳогузорӣ карда шавад.



***Дӯхтани киса***

**7. Дарсро ҷамъбаст намуда, заҳмати хонандагонро қадрдонӣ кунед.**

**8. Арзёбӣ:** Дар рафти дарс фаъолияти таълимии хонандагонро мушоҳида намуда, дараҷаи ба салоҳиятҳо ноил гаштани онҳоро муайян кунед. Натиҷаҳои фаъолияти таълимии хонандагонро аз рӯйи савол ва супоришҳои зерин арзёбӣ карда метавонед. *(мувофиқи натиҷаи арзёбии мазкур ба хонандагон баҳои аъло, хуб, қаноатбахш ва ғайриқаноатбахш гузошта мешавад).*

| **Фаъолият** | **Метавонад** | **Қисман метавонад** | **Наметавонад** |
|---|---|---|---|
| Дар бораи намудҳои киса, шартҳои дӯхтани киса ё ҷайб шарҳ дода метавонад? | | | |
| Тарзи дурусти дӯхтани кисаро шарҳ дода, онро дар амал иҷро карда метавонад? | | | |
| Барои дӯхтани киса пораҳоро омода карда метавонад? | | | |
| Эҳтиёткорона кор кардан ва муносибати хуб бо асбобу абзорҳоро риоя карда метавонад? | | | |
| Ҳангоми истифодаи матоъ сарфаву сариштакориро риоя карда метавонад? | | | |

## ДАРСИ 29

## МАВЗӮЪ: «ПУРРА ДӮХТАНИ МАСНУОТ»

**Барнома:** Талабот нисбати истифода ва эстетикаи либоси махсус. Пайдарҳамии технологияи дӯхтани либоси махсус. Таҷҳизот ва асбобҳои ёрирасон. Барои пурра дӯхтани маснуот омода кардани ҷузъҳои коркардшудаи пешдоман.

**Салоҳиятҳо:**

- Баъзе воситаҳои технологиро истифода бурда метавонад;
- Дар доираи мавзӯъҳои маҳдуд ғояи навро пайдо (офарида) карда метавонад;
- Доир ба баъзе касбҳо маълумоти кофӣ дода метавонад;
- Хусусиятҳои тарбиявии фанро дарк карда, баъзе унсурҳои онро дар амал татбиқ карда метавонад.

**Мақсадҳои дарс:**

-Пурра дӯхтани пешдоман, талабот ҳангоми дӯхтанро шарҳ дода тавонад;

-Талаботҳои зарурӣ ҳангоми дӯхтанро шарҳ дода, онро дар амал иҷро карда тавонад;

-Эҳтиёткорона кор кардан ва муносибати хуб бо дарзмоли барқиро риоя карда тавонад;

-Ҳангоми истифодаи матоъ ба сарфакорӣ риоя карда тавонад;

**Таҷҳизоти зарурӣ:** китоби дарсӣ, овезаҳои таълимӣ.

**1. Методикаи таълим:** Ҳангоми банақшагирии дарс аз тавсияҳои зерин истифода бурда метавонед.

1. Ташкили дарс: Дар ин марҳала корҳои зерин ба роҳ монда мешавад:

Тайёр намудани маводди хониш;

Ҳозиру-ғоиб кардани хонандагон;

Омода намудани хонандагон ба дарс.

**2. Такрори дарси гузашта:** Дарсро аз гузоштани масъала оғоз кунед. Бо саволҳои зерин ба хонандагон муроҷиат намоед:

1. Чанд намуди киса мавҷуд аст?
2. Фарқи байни кисаи берунӣ аз дарунӣ дар чист?
3. Кисаи беруниро чӣ гуна оро додан мумкин аст?
4. Ҷой ва андозаи киса чӣ гуна муайян карда мешавад?

**3. Шиносоӣ бо мазмуни мавзӯъ:** Оид ба пура дӯхтани маснуот суҳбат гузаронида, дар бораи талаботҳои зарурӣ ҳангоми дӯхтан, равандҳои дӯхтани пешдоман, дарзмолкунӣ, танзими ҳарорати дарзмоли барқӣ, риояи қоидаҳои дарзмолкунии пешдоман ва рӯймол шарҳ дода мешавад.

**Дар вақти дӯхтан талаботҳои зеринро риоя кунед:**

1. Кӯкҳои дастӣ як хел дӯхта шаванд ва дар масофаи якхела ҷойгир бошанд.
2. Паҳмии чокҳо як хел бошад.
3. Кӯкҳои дарзи мошинӣ бояд ҳамвору рост бошанд ва дар вақти дӯхтани маснуот ҳалқапартоии чок рух надиҳад.
4. Дарзҳои мошинӣ бояд аз ҷойи қат ё буриши маснуот дӯхта шаванд. Сӯзанакҳоро аз маснуот гирифтан лозим аст.
5. Баъди дарзи мошинӣ кӯкҳои дастиро бояд канд.
6. Паҳмии ва дарозии ҷузъҳои гарданбанду киса мувофиқи андозаҳои додашуда бошанд.
7. Баъди иҷрои ҳар як дарзи мошинӣ онро дарзмол кардан лозим аст.
8. Намуди зоҳирии маснуот бояд зебо, ба модели интихобкарда мувофиқ ва ба организм фоидаовар бошад, ба талаботи гигиенӣ (беҳдоштӣ) мувофиқат кунад.
9. Маснуоти тайёрро дарзмол бояд кард.
10. Кисаҳо дар масофаи якхела ва баробар ҷойгир шаванд.

**Дарзмолкунӣ.** Дарзмоли барқӣ тавассути унсури гармибахши дохилӣ пас аз васл кардан ба шабакаи барқ тафсонида мешавад. Танзими ҳарорат бо рақамҳои римии I, II, III, ё тақсимоти шёлк (абрешим), шерст (пашм), лён (матои катонӣ) ишора шудааст. Тавассути он ҳарорати дарзмолро ба навъи матоъ мувофиқ мекунанд. Дарзмол барои ҳамвор кардани либос, матои ғиҷимшуда, дарзмол кардани дарз, гулдӯзӣ ва амсоли он истифода мешавад. Ҳангоми дарзмол кардани рӯймол (сарбанд) ва пешдоман қоидаҳои зеринро риоя бояд кард:

1. Дарзмолро аз назар гузаронед, ки таги он чиркин ё ягон ҷояш канда нашуда бошад.

2. Дарзмолро бо дастони хушк васл ва қатъ кунед. Бо дасти тар иҷро кардани ин амалҳо қатъиян манъ аст.

3. Ҳарорати дарзмолро тавассути танзимаи ҳарорат ба навъи матои дарзмолшаванда мувофиқ кунед.

4. Ашёро аз рост ба чап дарзмол кунед.

5. Ашёи дарзмолкардаро дарҳол таҳ ё қат кардан мумкин нест. Маснуотро дар рӯйи тахтаи махсус дарзмол кунед. Технологияи коркарди пешдомани яклухтро ба назар гирифта, мо якчанд намуди пешдоманро дӯхта метавонем. Тарзи дӯхтани пешдоманҳои амсилаашон гуногун аз рӯйи коркарди ҷузъҳои алоҳида фарқ мекунад. Бинобар ин технологияи коркарди пешдомани яклухтро ба эътибор гирифта, мо пешдомани камарбанддорро дӯхта метавонем. Коркарди гарданбандро монанди гарданбанди пешдомани яклухт иҷро кунед.

**4. Мустаҳкамкунии мавзӯи нав:**

1. Қисми поёнии пешдоманро чӣ тарз медӯзанд?

2. Кадом қисми пешдоманро чин-чин мекунем: паҳлу ё қисми болоии пешдо-манро?

3. Агар тасмаи ороишӣ ё шероза дошта бошед, метавонед бо он пешдоманро ороиш диҳед.

**5. Кори амалӣ: Технологияи пайваст кардани ҷузъҳои пешдоман**

Аз тарафи омӯзгор қоидаҳои техникаи бехатарӣ ва санитарию гигиенӣ (беҳдоштӣ) оид ба мавзӯъ назорат бурда, аз ҷониби хонандагон ҳатман риоя карда шавад.

**Таҷҳизот:** қуттии афзорҳои дӯзандагӣ, ҷузъҳои киса, гарданбанд, тасма (миёнбанд), пешдоман, мошини дарздӯзӣ, дарзмол.

**Қадамҳо:**

1. Омӯзгор оид ба омода сохтани асбоб ва маводҳои зарурӣ супориш медиҳад;

2. Пайваст кардани киса ба қисми поёнии пешдоман, тарафҳои кисаро муайян карда, ҷойи пайвастани гарданбанд ба қисми болоии пешдоман, миёнбанд ба қисми паҳлуии пешдоманро муайян карда, хати миёнро бо бӯр ишора намуда, ҷойгиршавии ҷузъҳоро дар маснуот муайян карда шавад;

3. Тарафи чаппаи ҷузъи кисаро ба тарафи ростаи маснуот гузошта, тарафҳои болоӣ ва паҳлуии маснуотро ба назар гирифта шавад;

4. Ҷойи кисаро хат кашида ё муайян намуда, кӯкҳои нусхагирӣ гузаронида шавад;

5. Аз канори киса 0,1-0,2 см гузошта, аввал дастӣ кӯк зада, баъд бо мошини дарздӯзӣ дӯхта, кунҷҳои болоиро бо шакли секунҷа маҳкам карда шавад;

6. Кӯкҳои дастиро канда, маснуот ва киса дарзмол карда шавад;

7. Миёнбанди тайёрро ба маркази ду паҳлуи пешдоман дар масофаи 0,8 см аз канорҳои он дастӣ ва баъд бо мошини дарздӯзӣ дӯхта шавад. Маснуоти тайёр дарзмол карда шавад;

8. Бо мақсади баҳогузорӣ ба кори иҷронамудаи хонандагон аз тарафи омӯзгор сифати дӯхтани киса, миёнбанд ва гарданбанд, сифати дарзи мошинӣ, дарзмолкунии маснуот санҷида шуда, баҳогузорӣ карда шавад.

**Эзоҳ:** Ба хонандагон тавсия дода мешавад, ки бо мақсади ороиш додани пешдоман қисми гарданбанд, миёнбанд ва канори кисаро бо тасмачаи абрешимӣ (лента) оро дода, ба қисми асосии пешдоман пайваст карда шавад.

Шумо метавонед, аз амсилаҳои гуногуни пешдоман истифода бурда, мувофиқи хоҳиши худ, дӯзед.





*а)* *б)*

***Пешдомани яклухт***
***а) пешдомани яклухт пурра аз матои асосӣ дӯхташуда; б) пешдомани яклухт бо истифодаи ороиши тасмачаи абрешимӣ***

**6. Дарсро ҷамъбаст намуда, заҳмати хонандагонро қадрдонӣ кунед.**

**7. Арзёбӣ:** Дар рафти дарс фаъолияти таълимии хонандагонро мушоҳида намуда, дараҷаи ба салоҳиятҳо ноил гаштани онҳоро муайян кунед. Натиҷаҳои фаъолияти таълимии хонандагонро аз рӯйи савол ва супоришҳои зерин арзёбӣ карда метавонед. *(мувофиқи натиҷаи арзёбии мазкур ба хонандагон баҳои аъло, хуб, қаноатбахш ва ғайриқаноатбахш гузошта мешавад).*

| **Фаъолият** | **Метавонад** | **Қисман метавонад** | **Наметавонад** |
|---|---|---|---|
| Дар бораи пурра дӯхтани пешдоман, талабот ҳангоми дӯхтанро шарҳ дода метавонад? | | | |
| Талаботҳои зарурӣ ҳангоми дӯхтанро шарҳ дода, онро дар амал иҷро карда метавонад? | | | |
| Эҳтиёткорона кор кардан ва муносибати хуб бо дарзмоли барқиро риоя карда метавонад? | | | |
| Ҳангоми истифодаи матоъ сарфакориро риоя карда метавонад? | | | |

## ДАРСИ 30

## МАВЗӮЪ: ТЕХНОЛОГИЯИ ДӮХТАНИ ОСТИНЧАИ НОНПАЗӢ

**Барнома:** Маълумоти умумӣ дар бораи остинча. Талабот нисбати истифода ва зебогии остинча. Кашидани нақша ва тайёр кардани маснуот барои буридан. Пайдарҳамии технологияи дӯхтани остинча. Таҷҳизот ва асбобҳои ёрирасон. Ҳисоби миқдори матоъ барои остинчаи нонпазӣ.

**Салоҳиятҳо:**

- Баъзе воситаҳои технологиро истифода бурда метавонад;
- Дар доираи мавзӯъҳои маҳдуд ғояи навро пайдо карда метавонад;
- Доир ба баъзе касбҳо маълумот дода метавонад;
- Хусусиятҳои тарбиявии фанро дарк карда, баъзе унсурҳои онро дар амал татбиқ карда метавонад.

**Мақсадҳои дарс:**

-Тарзи дӯхтани остинчаи нонпазиро шарҳ дода тавонад;

-Раванди технологияи дӯхтани остинчаро шарҳ дода, онро дар амал иҷро карда тавонад;

-Эҳтиёткорона кор кардан ва муносибати хуб бо дарзмоли барқиро риоя карда тавонад;

- Маснуотҳои гуногуни ғояҳои навро пайдо намуда онро шарҳ диҳад;

-Ҳангоми истифодаи матоъ сарфакориро риоя карда тавонад;

-Урфу одатҳои миллиро шарҳ дода, онро арзёбӣ карда тавонад.

**Таҷҳизоти зарурӣ:** китоби дарсӣ, овезаҳои таълимӣ.

**1. Методикаи таълим:** Ҳангоми банақшагирии дарс аз тавсияҳои зерин истифода бурда метавонед.

1. Ташкили дарс: Дар ин марҳала корҳои зерин ба роҳ монда мешавад:

Тайёр намудани маводди хониш;

Ҳозир-ғоиб кардани хонандагон;

Омода намудани хонандагон ба дарс.

**2. Такрори дарси гузашта:** Дарсро аз гузоштани масъала оғоз кунед. Бо саволҳои зерин ба хонандагон муроҷиат намоед:

1. Ҳангоми дарзмол кардани маснуоти тайёр ба чӣ аҳамият додан зарур аст?
2. Қисми поёнии пешдоманро чӣ тарз медӯзанд?
3. Дарзмоли барқӣ бо кадом мақсад истифода бурда мешавад?
4. Оид ба технологияи коркарди пешдомани яклухт маълумот диҳед.

**3. Шиносоӣ бо мазмуни мавзӯъ:** Оид ба технологияи дӯхтани остинча суҳбат гузаронида, дар бораи истифодабарии остинча дар рӯзгор, интихоби матоъ барои дӯхтани остинча, риояи техникаи бехатарӣ ҳангоми буридан ва дӯхтани остинча, таҷҳизоти зарурӣ, шаклҳои остинча, амсиласозӣ аз рӯйи қолаб шарҳ дода мешавад.

Остинчаро барои часпонидани санбӯса ва нон дар танӯр истифода мебарем, Танӯрҳоро мувофиқи истифода барои санбӯса даҳонашон ба боло, барои нон тарзе мегузоранд, ки даҳони танӯр рӯ ба ҷониби нонпаз бошад. Барои часпондани нон ба дасти рост остинча мепӯшанд. Барои дӯхтани остинча матои зичбофтаи пахтагӣ ва катониро истифода мебаранд. Остинчаро аз матои шиму костюм ва доманҳои (юбкаҳои) аз истифода баромада низ сохтан мумкин аст. Барои рӯй ва дохили он матоъҳои ғафсро ҳам истифода мебаранд. Ба қабати матоъ пахта мегузоранд. Аз рӯйи нақша қолаб сохта, баъд қолабро ба матоъ гузошта, қоидаҳои буридан ва дӯхтани маснуотро бо назардошти риояи техникаи бехатарӣ иҷро намоед. Шаклҳои остинча гуногунанд. Онҳоро аз рӯйи колаб амсиласозӣ мекунанд. Асоси остинча дароз, рафидашакл, мудаввар ва андозаҳояш хурд, миёна, калон ва ғайра мешаванд.

**Эзоҳ:** Бар ва дарозии остинчаро каме хурд карда, дарозиашро 20 см кӯтоҳ карда, дастпӯшак, чойникпӯшак сохтан мумкин аст. Агар ба он пахта наандохта, як қабат карда, ҷойи аз ду тараф даст медаромадагиро кушода монем, нимдастпӯшак ҳосил мешавад. Нимдастпӯшак либосҳои остиндарозро аз ифлосшавӣ нигоҳ медорад. Дарозии онро аз оринҷи хурд то оринҷи калон чен мекунанд. Васеии он бояд аз мушти даст 4 см зиёдтар бошад. Шумо метавонед барои остини либосатонро аз ифлосӣ нигоҳ доштан нимдастпӯшакро истифода баред.



*Намуди остинчаи рафида: а) намуди тарафи ростаи*
*маснуот; б) намуди тарафи чаппаи маснуот*

**4. Мустаҳкамкунии мавзӯи нав:**

1. Чанд намуди остинчаро медонед?
2. Барои дӯхтани остинча ба ғайр аз матоъҳои пахтагию катонӣ боз кадом навъи матоъро истифода мебаранд?
3. Шумо дар хонаатон бо кадом навъи остинча нон мепазед, маълумот диҳед.
4. Шумо метавонед дар дарси амалӣ намуди дилхоҳи остинча, нимостинча, дастпӯшакро аз рӯйи интихоб дӯзед.

**5. Кори амалӣ: Дӯхтани остинча.**

**Таҷҳизот:** қуттии афзорҳои дарздӯзӣ, матоъ, ҷадвал, қайчӣ, қолаб, қалам, бӯри дӯзандагӣ.

Аз тарафи омӯзгор қоидаҳои техникаи бехатарӣ ва санитарию гигиенӣ (беҳдоштӣ) оид ба мавзӯъ назорат карда, аз ҷониби хонандагон риоя карда шавад.

**Қадамҳо:**

1. Аз тарафи омӯзгор барои дӯхтани остинча омода кардани асбоб, таҷҳизот ва маводҳои зарурӣ ба хонандагон супориш дода мешавад;
2. Аз матои пахтагии ғафс ё катонии якранги зичбофти росткунҷаи тарафҳояш 30х60 тайёр карда шавад (астар ва авраи маснуот);
3. Пеш аз буридан матоъро аз назар гузаронида, сифати онро бояд муайян намуд;
4. Баъд матоъро чорқат карда, ба ҷойи қатшудаи матоъ қолаби тайёрро гузошта, қолаб бо сӯзанак маҳкам карда шавад. Қоидаҳои техникаи бехатарӣ ба назар гирифта шавад;
4. Баъд ҷойи буриши онро бо бӯр, бо назардошти ҳаққи чок, гирддавон карда шавад;
5. Баъд бо қайчӣ онро бурида ва аз он ду ҷузъ ҳосил карда шавад;
6. Астари остинчаро кушода, авраро аввал 1 см бо кӯки дастӣ дӯхта шавад;
7. Агар матои интихобкардаатон кам бошад, авраашро аз дигар хел матоъ интихоб намуда, маснуоти дӯхта дарзмол карда шавад;
8. Маснуотро роста карда, ба дохилаш пахта аз ҷойи сӯрохӣ бо ғафсии 2-3 см гузаронида шавад;
9. Овезаки остинчаро аз тасма ё лента сохтан мумкин аст. Дарозии тасма бояд 12 см, бараш 1 см бошад. Онро тавре тайёр кард, ки дар миёнаҷойи қатъи тасма шакли секунҷа ҳосил карда шавад. Нӯгҳои тасмаро дар пушти маснуот аввал дастӣ кӯк карда, баъд бо мошини дарздӯзӣ дӯхта, дарозии тасма бояд 5 см бошад;
10. Маснуоти тайёрро ҳамчун кӯрпача лаганда карда, масофаи лаганда ба табъи дӯзанда вобаста аст;
11. Баъд аз лаганда тарафи ростаашро ба дарун дуқат карда, ду тарафи гирдашро ба дарозии чок аз канори маснуот 0,7 см аввал дастӣ, баъд бо мошини дарздӯзӣ дӯхта шавад;
12. Маснуотро аз ҷое, ки даст дароварда мешавад, рост намуда, истифода бурда шавад;

13. Хонандагон метавонанд ду тарафи маснуотро дӯхта, рост карда, ду тарафи дӯхташударо бо кӯкҳои ороишӣ, кӯки харак ё кӯки одӣ, бо матои якранг гирддавон карда дӯхта шавад;

14. Бо мақсади баҳогузорӣ ба сифати кори амалии иҷрошуда, аз тарафи омӯзгор ба рост ва ҳамвории дарзҳои мошинӣ, лаганда бо хати муайян ва масофаи муайян, ороиши зебои маснуот санҷида шуда, муайян карда шавад.



***Технологияи коркарди остинча: 1-тарзи гузоштани қолаб ба матоъ; 2-дӯхтани остинча ва ба дохили он гузоштани пахта ё ватин; 3-гузоштани пахта ва авраю астар; 4-лаганда кардани остинча; 5-пурра дӯхтани остинча бо астарчаи сафед***

**6. Дарсро ҷамъбаст намуда, заҳмати хонандагонро қадрдонӣ кунед.**

**7. Арзёбӣ:** Дар рафти дарс фаъолияти таълимии хонандагонро мушоҳида намуда, дараҷаи ба салоҳиятҳо ноил гаштани онҳоро муайян кунед. Натиҷаҳои фаъолияти таълимии хонандагонро аз рӯйи савол ва супоришҳои зерин арзёбӣ карда метавонед. *(мувофиқи натиҷаи арзёбии мазкур ба хонандагон баҳои аъло, хуб, қаноатбахш ва ғайриқаноатбахш гузошта мешавад).*

| Фаъолият | Метавонад | Қисман метавонад | Наметавонад |
|---|---|---|---|
| Дар бораи технологияи дӯхтани остинча шарҳ дода метавонад? | | | |
| Раванди технологияи дӯхтани остинчаро шарҳ дода, онро дар амал иҷро карда метавонад? | | | |
| Эҳтиёткорона кор кардан ва муносибати хуб бо дарзмоли барқиро риоя карда метавонад? | | | |
| Бо маснуотҳои гуногун ғояҳои навро пайдо карда ва онро ба таври умумӣ шарҳ медиҳад? | | | |
| Ҳангоми истифодаи матоъ сарфакориро риоя карда метавонад? | | | |
| Урфу одатҳои миллиро шарҳ дода, онро арзёбӣ карда метавонад? | | | |

## БОБИ VII

## ТЕСТ

**1. Номи умумии чизҳоеро, ки инсон мепӯшад, чӣ мегӯянд?**
а) либос
б) пойафзол
в) дастпӯшак

**2. Либос дар кадом давра пайдо шудааст?**
а) палеолит
б) неолит
в) пеш

**3. Либос аз рӯйи таъйинот ба чанд гурӯҳ ҷудо мешавад?**
а) корӣ ва ҷойӣ
б) корӣ ва хонагӣ
в) хонагӣ ва ҷойӣ

**4. Либосе, ки ҳангоми иҷрои кори рӯзгор пӯшида мешавад, кадомҳоянд?**
а) пешдоману сарбанд
б) сарбанд ва пойафзол
в) пойафзоли хонагӣ ва сарбанд

**5. Барои кашидани нақшаи либос чиро гирифтан лозим аст?**
а) андозаи ҷусса
б) андозаи пой
в) дафтар ва хома

**6. Барои озод истодани маснуот, ороиш ва ҳаворо нағз гузаронидан чӣ гуна андоза ёрӣ мерасонад?**
а) иловагӣ
б) муқаррарӣ
в) ҷусса

**7. Ҳиссаи чокро асосан дар кадом намуди маснуот истифода мебаранд?**
а) яклухт дӯхташуда
б) пайвастшуда
в) алоҳида дӯхташуда

**8. Нақша аввал дар дафтари корӣ бо миқёси чанд кашида мешавад?**
а) М 1:4
б) М 1:5
в) М 2:4

**9. Дигаргунии намуди ҷузъҳои либос ва ороишу зебоии онро чӣ меноманд?**
а) амсиласозии либос
б) тарроҳии либос
в) буриши либос

**10. Нақша ҷузъӣ буда, ба андозаи аслӣ баробар аст, чӣ мебошад?**
а) қолаб
б) дӯхтан
в) сохтани қолаб

# ДАРСИ 31
# МАВЗӮЪ: ЛОИҲАИ ЭҶОДӢ. ДӮХТАНИ БОЛИШТЧА БАРОИ ДИВАН

**Барнома:** Маълумоти умумӣ дар бораи болиштча барои диван. Таърихи эҷодиши болиштча. Талабот нисбати истифода ва эстетикии болиштча барои диван. Кашидани нақша ва тайёр кардани маснуот барои буридан. Пайдарҳамии технологияи дӯхтани болиштча барои диван. Таҷҳизот ва асбобҳои ёрирасон**.** Асосноккунии маснуот ва ҳисоби иқтисодӣ.

**Салоҳиятҳо:**

- Баъзе воситаҳои технологиро истифода бурда метавонад;
- Дар доираи мавзӯъҳои маҳдуд ғояи навро пайдо карда метавонад;
- Доир ба баъзе касбҳо маълумоти сода дода метавонад;
- Хусусиятҳои тарбиявии фанро дарк карда, баъзе унсурҳои онро дар амал татбиқ карда метавонад.

**Мақсадҳои дарс:**

-Асоснок кардани маснуоти дӯхташаванда, интихоби матоъ ва воситаҳои ёрирасон;

-Дӯхтани болиштча барои диванро шарҳ дода тавонад;

-Раванди технологияи дӯхтани болиштча барои диванро шарҳ дода, онро дар амал иҷро карда тавонад;

-Эҳтиёткорона кор кардан ва муносибати хуб бо асбоб ва таҷҳизотро риоя карда тавонад;

-Бо маснуотҳои гуногун лоиҳаҳои дигари содаро пайдо намояд ва онро ба таври умумӣ шарҳ диҳад;

-Ҳангоми истифодаи матоъ сарфакориро риоя карда, ҳисоби иқтисодиро муайян карда тавонад;

-Урфу одатҳои миллиро шарҳ дода, онро арзёбӣ карда тавонад.

**Таҷҳизоти зарурӣ:** китоби дарсӣ, овезаҳои таълимӣ.

**1. Методикаи таълим:** Ҳангоми банақшагирии дарс аз тавсияҳои зерин истифода бурда метавонед.

1. Ташкили дарс: Дар ин марҳала корҳои зерин ба роҳ монда мешавад:

Тайёр намудани маводди хониш;

Ҳозир-ғоиб кардани хонандагон;

Омода намудани хонандагон ба дарс.

**2. Такрори дарси гузашта:** Дарсро аз гузоштани масъала оғоз кунед. Бо саволҳои зерин ба хонандагон муроҷиат намоед:

1. Оид ба раванди дӯхтани остинча маълумот диҳед.
2. Бо кадом мақсад остинчаро истифода мебаранд?
3. Чанд намуди остинча мавҷуд аст?
4. Бо кадом мақсад нимдастпӯшак пӯшида мешавад?

**3. Шиносоӣ бо мазмуни мавзӯъ:** Оид ба лоиҳаи эҷодӣ доир ба дӯхтани болиштча барои диван суҳбат гузаронида, дар бораи интихоб ва асосноккунии маснуот, таърихи пайдоиши болиштча, раванди дӯхтани болиштча барои диван, намудҳои матоъ, қисмҳои болиштча, андозагирии болиштча барои диван шарҳ дода мешавад.

**Асоснок намудани масъалаҳои ҳалталаби пайдошуда ва талабот нисбат ба онҳо.** Ба наздикӣ рӯзи таваллуди модаркалонам. Ман бояд тухфаи махсусро интихоб карда, дар рӯзи таваллудаш ба ӯ тақдим кунам. Мо дар дарсҳои «Асосҳои касбу ҳунар» дӯхтан ва амсиласозии маснуотро омӯхта истодаем. Дар хона модаркалонам ҳамроҳи мо зиндагӣ мекунад ва дар лаҳзаи фароғат дар диван нишаста дам мегирад. Дар хонаи модаркалонам мебел вуҷуд дорад, бинобар ин ман барои дивани модаркалонам болиштча дӯхта, тухфа намудан мехоҳам.

**Муайян намудани масъалаҳои аниқ ва тавсияи онҳо.** Ман бояд роҳе ёбам, ки тухфаро бо дастони худам созам, зеро дӯхтанро омӯхта истодаам. Дар давоми сол ман дӯхтани пешдоман, остинча, дастпӯшак ва гулдӯзиро омӯхтам. Ба ҳамин асос, ман дар назди худ мақсад гузоштам, ки барои диван болиштча дӯзам.

**Муайян намудани андозаҳои асосӣ ва маҳдудият.** Акнун бояд донам, ки болиштчаҳои интихобкарда чӣ гуна бошанд: а) болиштчаи диван бояд зебо ва ба талаботи муди ҳозира мувофиқ бошад; б) тарҳи болиштчаи диван ба модели интихобкарда мувофиқ бошад; в) болиштчаи диван набояд ҷойи зиёдро ишғол кунад ва он ғайриодӣ бошад; г) норасоиҳои дар вақти дӯхтан бавуҷудомадаро сари вақт бартараф кардан лозим аст; д) болиштчаи диван бояд тарзе дӯхта шавад, ки онро дар ҳар куҷо истифода бурдан мумкин бошад. Масалан, дар вақти дамгирӣ, барои меҳмон, барои хоб ва ғайра истифода шавад; е) болиштчаи диван бояд арзишаш паст, босифат ва зебо бошад.

**Муайян намудани анъанаҳо, урфу одат ва таърихи онҳо.** Болиштчаи диван аввалин бор дар мамлакатҳои Осиё дар давраи қадим пайдо шудааст. Дар интерйери хонаи туркҳо ягон хел таҷҳизот ва мебел дида намешуд. Онҳо дар фарши хона қолину палос ва болиштчаҳои гуногуншаклро истифода мебурданд. Барои дӯхтани болишт бояд ягон услубро интихоб кунам ва мафҳуми услубро донам.

Калимаи «стилҳ» (Stylos)- услуб ба мо аз Юнони қадим омадааст. Маъноям чӯбчаи нӯгтез барои мактубҳои бо мум маҳкамкарда мебошад. Дар замони ҳозира услуб гуфта хислати хос ва кирдору рафтори муаллифи мактуб, хусусиятҳои асарҳои бадеӣ, рассомӣ (наққошӣ)-ро мегӯянд. Услуб (стил)-ро дар мебел, ҷиҳози хона, бино, либос дидан мумкин аст. Дар либос се услуб нишон дода шудааст: классикӣ, варзишӣ, романтикӣ.

1. Ба услуби классикӣ базеб пӯшидан хос мебошад. Дар тӯли асрҳо ин услуб дигар нашуда, он чизе, ки алҳол дар муд нест, боқӣ мондааст.

2. Услуби варзишӣ на фақат барои дарсу машқҳои варзишӣ, инчунин барои озодона ҳаракат кардан, корҳои гуногун ва дамгирӣ мувофиқ аст.

3. Услуби романтикӣ бо тахайюл, ҷустуҷӯ ва ёддошту хотира вобаста аст. Ба ин услуб истифодаи унсурҳои таърихии маснуот ва либоси миллию фолклорӣ дохил мешаванд. Ҳамаи номгӯйи услубҳо метавонанд дар як либос ё маснуоти интихобкарда дарҷ ёбанд. Аз ин лиҳоз маснуоти интихобкардаи ман бештар ба услуби романтикӣ хос мебошад.

**Тартиб додани нақшаи мулоҳизавӣ.**

**Таҳияи вариантҳо (намунаҳо).** Намунаҳо гуногунанд. Болиштчаҳои диван аз матои мӯинаи сунъӣ бо гулдӯзӣ, кашидадӯзӣ, тасмаҳои ороишӣ, атлас, ласҳои гуногун, шоҳиҳои ғафси якранг, бахмал, духоба, матоъҳои пахтагӣ ва катонии гулдор, ба шакли бозичаҳо, меваҷот, ҳайвонот ва ғайра дӯхта мешаванд. Ба дохили онҳо пахта ё поролон, лахтакпораҳои матоъҳои гуногун ва ғайраро мегузоранд. Матоъҳои гуногун барои дӯхтани болиштча мавҷуданд. Ман бо модаркалонам матои бахмалро интихоб кардем ва лахтакҳои дар хона бударо истифода мебарем, чунки бахмал арзон аст.

**Интихоби матоъ, асбобу воситаҳои ёрирасон, таҷҳизот**

1. Мошини дарздӯзӣ
2. Тахтаи дарзмолкунӣ, дарзмол, обпошак.
3. Сӯзани №3, сӯзанак, қайчӣ, ангуштпона, қуттии корӣ.
4. Риштаҳои пахтагии № 50 барои дарзҳои мошинӣ, риштаи № 60 барои кӯкҳои дастӣ.
5. Ченактасма, ҷадвал, бӯри дӯзандагӣ, метри чӯбӣ.
6. Китоб, дафтари корӣ, варақи албом, коғаз барои сохтани қолаб, маводди иловагӣ, маҷаллаҳо, интерйери хона ва ғайра.

**Пайдарҳам тайёр намудани маснуот.** Барои тайёр кардани болиштчаи диван матои астари пахтагӣ ё бахмал (ватин ё мачалка, пахта)-ро мувофиқи табъи худ интихоб мекунем. Онро пеш аз буридан шустан ва дарзмол кардан лозим аст, ки кашиш нахӯрад ва баъд аз буридан аз рӯйи қолаб шаклаш тағйир наёбад. Барои тайёр кардани болиштча андозаи онро муайян мекунем, ки тахминан 45 х 45 мебошад. Қолаб ба шакли болиштча бояд мувофиқ бошад. Аз рӯйи модели интихобкарда асоси нақшаро мекашем, қолаби маснуотро тайёр мекунем ва онро мебурем. Барои авра матои сунъии бараш 50 см, барои астар матои бараш 50 см-ро интихоб мекунем. Матои астарӣ бояд арзонтар, якранг ва ба ранги авра мувофиқ бошад. Ман бахмали дарозиаш 50 см ва бараш 1 м 40 см-ро интихоб намудам. Мо метавонем авра ва астарро аз матоъҳои рангашон гуногун интихоб намоем.

**Назорат ба сифати маснуот.** Муҳокима намудани сифати маснуот, баҳо додан ба сифати болиштчаи дӯхташуда, нишон додани норасоӣ ва камбудиҳои он.

**Тайёр намудани маснуот.** Ҳама амалиёти тайёр намудани болиштчаро аз рӯйи харитаи технологӣ бо назардошти қоидаҳои техникаи бехатарии кор бо асбобҳои дӯзандагӣ пайдарҳам иҷро мекунем.

**Ислоҳ намудани маснуот.** Лоиҳаи тайёркардаро бо намунаи интихобкарда муқоиса намуда, норасоиҳоро ислоҳ мекунем.

**Санҷиш.** Коркарди охирини болиштчаро иҷро менамоем. Маснуоти духтаро ба модаркалонам туҳфа намудам. Барои дӯхтани маснуот модаркалонам миннатдорӣ баён намуданд.

**Таҳияи василаҳои таблиғоти маснуот.** Агар дар оянда хоҳам, ки дӯзанда шавам, ба рӯзнома бо чунин мазмун эълон медиҳам. “Дӯхтани болиштча барои диван, босифат, зуд ва арзон, покизаву бо намунаи ҳозиразамон”.

**Ороиши лоиҳаҳои эҷодӣ.** Ба талаботҳои ороиши лоиҳаи эҷодӣ шинос гардида, онро иҷро мекунем. Гирди болиштчаро бо тасма, шероза ё дигар намуд метавонем ороиш диҳем.



**1.**



**2.**



**3**



**4.**



**5.**

***Намунаи 1. Болиштчаи диван бо гулдӯзӣ, тасма ва канаб; 2. Намунаи Лӯлаболишт; Намунаи 3. Болиштчаи диван бо шакли ҳандасавӣ; Намунаи 4. Болиштчаи ороишӣ; Намунаи 5. Болиштчаи ҳандасавии аз матоъҳои лахтакпорадӯхташуда***

**4. Мустаҳкамкунии мавзӯи нав**

1. Лоиҳаи эҷодӣ чист?
2. Дар вақти иҷро кардани лоиҳаи эҷодӣ кадом пайдарҳамиро риоя намудед?
3. Мувофиқи хоҳиши худатон лоиҳаи эҷодии дилхоҳатонро иҷро намоед.

**5. Истифода Кластери сода**

Кластер (claster – хӯша, даста) усули гирдоварии андешаҳои хонандагон доир ба ягон мавзӯъ, мафҳум буда, дар шаклҳои гуногун тасвир меёбад. Ин усул аз тарафи мутахассиси проблемаҳои эҷодӣ Тони Бюзан кор карда шудааст. Ин усул имкон медиҳад, ки хонандагон барои фикр намудани мавзӯи дарпешистода сафарбар шаванд.

**Мақсадҳои истифодаи усули Кластер:** гирдоварии андешаҳои хонандагон; бунёди вазъияти ҷустуҷӯ; инкишофи малакаҳои баёни мухтасари фикр; омӯзиши роҳҳои гуногуни гирдоварии андешаҳо; пешниҳод кардани маълумотҳои иловагӣ; муайян кардани дониши хонандагон доир ба мавзӯъ.

**Масъалаи 1:** Дӯхтани болиштча барои диван. Талаботҳо нисбат ба дӯхтани болиштча барои диван кадомҳоянд?




**Масъала 2:** Интихоби матоъ, асбобу воситаҳои ёрирасон, таҷҳизот барои дӯхтани болиштча барои диван. Барои дӯхтани болиштча барои диван аз кадом матоъҳо истифода бурдан мумкин аст?




**6. Кори амалӣ:**

Аз тарафи омӯзгор қоидаҳои техникаи бехатарӣ ва санитарию гигиенӣ оид ба мавзӯъ назорат карда, аз ҷониби хонандагон риоя карда шавад.

**Асбобу таҷҳизот:**

Барои дӯхтани болиштча қайчӣ, сарсӯзан, матоъ, бӯр, ченактасма, сӯзан, ришта, мошини дарздӯзӣ ва пахта лозим аст.

Баъд аз интихоб намунаи шакли маснуоти дӯхташаванда, нақша ва тартиби дӯхтани маснуотро муҳокима карда мешавад.

Талаботи техникӣ ба назар гирифта, мувофиқи табъи хонанда нақшаи болиштча кашида мешавад;

**Намунаи нақшаи болиштча:**







Асоси болишт 45см х 45см

Матоъ барои лаблула 9см х 60 см

**Қадамҳо:**

1. Барои дӯхтани болишт матои лозимиро интихоб намуда, бо андозаи 45 см х 45 см бо бӯр нишона гузошта шавад;
2. Аз рӯйи нишона нақшаи тарҳи ҷилди болишт бо қайчӣ бурида мешавад: ду ҷузъи болишт бо назардошти 15 см ҷойи қатшудаи ҷилди болишт;

3. Ҷилди болишт бо шакли конверт бурида мешавад. Як тарафи буриши барқади матоъро то 1-1,5 см ба дарун қат намуда, онро бо сарсӯзан маҳкам намуда, бо дарзи дастӣ ва мошина дӯхта шавад;

4. Ду қисми ҷузъҳоро бо ҳам бо мошини дарздӯзӣ бо дарзи масофаи 1 см дӯхта, матои пайвастшударо гирифта, қатъ карда, аз як тараф бо назардошти 10-12 см барои сарпӯши ҷилди болишт ва гирди онро бо кӯкҳои дастӣ 0,7 см кӯк зада шавад;

5. Сипас, аз рӯйи кӯки дастии дӯхташуда бо дарзҳои мошинӣ пайвастани қисмҳои болишт ба амал оварда шавад. Барои коркарди сарпӯши болишт бояд деталҳо бо назардошти 10-12 см қисми боло масофа гузошта, пайвастан бо мошини дарздӯзӣ гузаронида шавад;

6. Бояд 8-то тасмаи дарозиаш 60 см ва бараш 9 см бурида шавад;

7. Инчунин қисми кунҷи ҳар як детали тасмаро бо пайвасти буриш бо тариқи диагоналӣ (шакли секунҷа) бурида шавад;

8. Кунҷи қисми ҷузъи буридашударо дарзмол намуда, пас рӯйи матоъ якҷоя карда, бо сарсӯзан маҳкам карда, онро ба мошини дарздӯзӣ дӯхта тайёр карда шавад;

9. Аз 8 қисми тасмаи коркардашуда 2-то рамкаи чоркунҷа тайёр карда шавад. Аввал матои тариқи рамка дӯхташударо бо тарафҳои росташ рӯ ба рӯ гузошта дӯхта шуда, баъд аз коркарди дастӣ бо мошини дарздӯзӣ пайваст карда шавад;

10. Тасмаи дӯхташуда, яъне лаблӯлаҳоро роста намуда, кунҷҳояшро камтар қайчӣ задан лозим аст, то ки кашишхӯрии матоъ дида нашавад;

11. Аз тарафи қисми чапи матоъ 1,5 см ба дохил қат карда, ба дохили чорчӯбаи тайёршуда асоси ҷилди болишт гузошта шавад. Аввало дастӣ кӯк намуда, баъд бо мошини дарздӯзӣ дӯхта шавад. Ба ҷилди болишти тайёр болиштчаҳои гуногуни тайёрро ҷойгир намудан лозим аст;

12. Бо мақсади баҳогузорӣ аз тарафи омӯзгор дурустии интихоби матоъ, сифати чок, дуруст омадани шакли болиштча баъди ба даруни он гузоштани болишт ё пахта, сифати дарзмолкунӣ санҷида шуда, баҳои муносиб гузошта шавад.



***Раванди пайдарпайи дӯхтани болиштча барои диван***

**Худбаҳодиҳӣ.** Ба кори худ ин тарз баҳогузорӣ мекунем. Шартҳои иҷрошударо таҳлил намуда, ба худ баҳогузорӣ менамоем. Месанҷам, ки оё лоиҳаи эҷодиро ба пуррагӣ иҷро намудаам ва аз кори худ қонеъ ҳастам ё дигаргунӣ даровардан лозим аст. Ба ҳамаи ин саволҳо ҷавоб гирифта, қаноатманд мешавам.

**Эзоҳ:** Шумо метавонед дигар намунаи болиштчаро интихоб намуда дӯзед. Матоъҳои духоба ё сунъиро истифода баред, ба ҷойи пахта ватин ё дигар масолеҳро гузоред, масолеҳи дар хонаатон бударо истифода баред. Ба ҷойи занҷирак метавонед тугма шинонед.

Пайдарҳам иҷро намудани талаботи лоиҳаи эҷодиро аз китоби дарсии саҳифаи 166-175 истифода баред.

**7. Дарсро ҷамъбаст намуда, заҳмати хонандагонро қадрдонӣ кунед.**

**8. Арзёбӣ:** Дар рафти дарс фаъолияти таълимии хонандагонро мушоҳида намуда, дараҷаи ба салоҳиятҳо ноил гаштани онҳоро муайян кунед. Натиҷаҳои фаъолияти таълимии хонандагонро аз рӯйи савол ва супоришҳои зерин арзёбӣ карда метавонед. *(мувофиқи натиҷаи арзёбии мазкур ба хонандагон баҳои аъло, хуб, қаноатбахш ва ғайриқаноатбахш гузошта мешавад).*

| Фаъолият | Метавонад | Қисман метавонад | Наметавонад |
|---|---|---|---|
| Дар бораи дӯхтани пешдомани ороишӣ (кунҷакдор) шарҳ дода метавонад? | | | |
| Раванди технологияи дӯхтани пешдомани ороиширо шарҳ дода, онро дар амал иҷро карда метавонад? | | | |
| Эҳтиёткорона кор кардан ва муносибати хуб бо асбоб ва таҷҳизотро риоя карда метавонад? | | | |
| Бо маснуотҳои гуногун лоиҳаҳои дигари содаро пайдо менамояд ва онро ба таври умумӣ шарҳ медиҳад? | | | |
| Ҳангоми истифодаи матоъ сарфакориро риоя карда, ҳисоби иқтисодиро муайян карда метавонад? | | | |
| Урфу одатҳои миллиро шарҳ дода, онро арзёбӣ карда метавонад? | | | |

## ДАРСИ 32

## МАВЗӮЪ: ҲИСОБИ ИҚТИСОДӢ

**Барнома:** Талабот нисбати истифода ва эстетикии болиштча барои диван. Пайдарҳамии технологияи дӯхтани болиштча барои диван. Таҷҳизот ва асбобҳои ёрирасон. Муайян кардани сарфи матоъ барои болиштча барои диван. Ҳисоби иқтисодии маснуоти дӯхташаванда.

**Салоҳиятҳо:**

- Баъзе воситаҳои технологиро истифода бурда метавонад;
- Дар доираи мавзӯъҳои маҳдуд ғояи навро пайдо карда метавонад;
- Доир ба баъзе касбҳо маълумоти сода дода метавонад;
- Хусусиятҳои тарбиявии фанро дарк карда, баъзе унсурҳои онро дар амал татбиқ карда метавонад.

**Мақсадҳои дарс:**

-Ҳисоби иқтисодии лоиҳаи эҷодиро шарҳ дода тавонад;

-Асосноккунии маснуотро шарҳ дода, онро дар амал иҷро карда тавонад;

-Эҳтиёткорона кор кардан ва муносибати хуб бо асбоб ва таҷҳизотро риоя карда тавонад;

-Бо маснуотҳои гуногун лоиҳаҳои дигари содаро пайдо намояд ва онро ба таври умумӣ шарҳ диҳад;

-Хусусиятҳои эстетикии маснуотро шарҳ дода, онро арзёбӣ карда тавонад;

-Ҳангоми ҳисоби иқтисодии лоиҳаи эҷодӣ сарфакориро риоя карда тавонад.

**Таҷҳизоти зарурӣ:** китоби дарсӣ, овезаҳои таълимӣ.

**1. Методикаи таълим:** Ҳангоми банақшагирии дарс аз тавсияҳои зерин истифода бурда метавонед.

1. Ташкили дарс: Дар ин марҳала корҳои зерин ба роҳ монда мешавад:

Тайёр намудани маводди хониш;

Ҳозир-ғоиб кардани хонандагон;

Омода намудани хонандагон ба дарс.

**2. Такрори дарси гузашта:** Дарсро аз гузоштани масъала оғоз кунед. Бо саволҳои зерин ба хонандагон муроҷиат намоед:

1. Оид ба таърихи пайдоиши пешдоман маълумоти мухтасар диҳед.
2. Лоиҳаи эҷодӣ гуфта чиро мефаҳмед?
3. Пешдоманро аз кадом намуди матоъҳо дӯхтан мумкин аст?
4. Барои дӯхтани пешдомани кадом ченакҳоро гирифтан зарур аст?

**3. Шиносоӣ бо мазмуни мавзӯъ:** Оид ба ҳисоби иқтисодӣ суҳбат гузаронида, дар бораи интихоб ва асосноккунии маснуот, лоиҳаи эҷодии «Дӯхтани болиштча барои диван», асоснок кардани масъалаҳои ҳалталаби эҷодшуда ва талабот нисбат ба инҳо, муайян кардани масъалаҳои аниқ ва тавсияи онҳо, муайян кардани андозаҳои асосӣ ва маҳдудият, муайян кардани анъанаҳо, урфу одат ва таърихи онҳо, тартиб додани нақшаи мулоҳизавӣ, таҳияи вариантҳо (намунаҳо), таҳлили идея ва интихоби варианти беҳтарини лоиҳа, интихоби матоъ, асбобу воситаҳои ёрирасон, таҷҳизот, интихоби матоъ, пайдарҳам омода кардани маснуот, назорат ба сифати маснуот, омода кардани маснуот, ислоҳ кардани маснуот, санҷиш, таҳияи василаҳои таҳлили маснуот, ороиши лоиҳаҳои эҷодӣ, худбаҳодиҳӣ шарҳ дода мешавад.

**Ҳисоби иқтисодӣ**

**Асосноккунии маснуот.** Ҳисоби иқтисодӣ. Нархи болиштчаи диванро, ки аз матоъҳои чит ва бахмал дӯхта шудааст, бо чунин тарз ҳисоб мекунем. Матоъ: нархи 1 метр чит - 8 сомонӣ. Барои маснуот 50 см кифоя

аст. Он гоҳ нархи матоъ 4 сомонӣ мешавад.

Нархи пахта 10 сомон. Ба мо 1 кг лозим аст. S1 ӯ1х 10 с.ӯ10 сомонӣ

Як дона ғалтак 0,50 дирам - 100 м. Риштаи сарфшуда 50 метр.

Нархаш 0,25 дирам. S3ӯ0,25 дирам. 1 дона занҷирак. Нархаш 1сомонӣ. S4 ӯ 1 сомонӣ.

SӯS1+S2+S3+S4ӯ4 сомонӣ + 10+0,25 дирам + 1с ӯ 14 сомониву 25 дирам.

Аз сабаби он, ки мошини дарздӯзии дастиро истифода мебарем, сарфи қувваи барқро ҳисоб намекунем.

**Асосноккунии маснуот, ҳисоби иқтисод**

| **№р/б** | **Номгӯйи маводди истифодашаванда** | **Нарх бо (сомонӣ)** | **Сарфи матоъ барои маснуот** | **Хароҷоти маснуот бо (сомонӣ)** |
|---|---|---|---|---|
| 1. | Матоъ: чит | 1 м - 8 сомонӣ, бараш 1 м 40см | 50 см | 4 сомонӣ |
| 2. | Пахта | 10 сомон | 1 кг | 10 сомон |
| 3. | Ғалтак | 50 дирам | 50 м | 0,25 дирам |
| 4. | Занҷирак | 1 сомонӣ | 1 дона | 1 сомонӣ |
| | **Ҳамагӣ** | | **14 сомониву 25 дирам** | |

**Назорат ба сифати маснуот.** Муҳокима намудани сифати маснуот, баҳо додан ба сифати болиштчаи дӯхташуда, нишон додани норасоӣ ва камбудиҳои он.

**Тайёр намудани маснуот.** Ҳама амалиётҳои тайёр намудани болиштчаро аз рӯйи харитаи технологӣ бо назардошти қоидаҳои техникаи бехатарии кор бо асбобҳои дӯзандагӣ пайдарҳам иҷро мекунем.

**Ислоҳ намудани маснуот.** Лоиҳаи тайёркардаро бо намунаи интихобкарда муқоиса намуда, норасоиҳоро ислоҳ мекунем.

**Санҷиш.** Коркарди охирини болиштчаро иҷро менамоем. Маснуоти духтаро ба модаркалонам туҳфа намудам. Барои дӯхтани маснуот модаркалонам миннатдорӣ баён намуданд.

**Таҳияи василаҳои таблиғоти маснуот.** Агар дар оянда хоҳам, ки дӯзанда шавам, ба рӯзнома бо чунин мазмун эълон медиҳам. “Дӯхтани болиштча барои диван, босифат, зуд ва арзон, покизаву бо намунаи ҳозиразамон”.

**Ороиши лоиҳаҳои эҷодӣ.** Ба талаботҳои ороиши лоиҳаи эҷодӣ шинос гардида, онро иҷро мекунем. Гирди болиштчаро бо тасма, шероза ё дигар намуд метавонем ороиш диҳем.

**Эзоҳ:** Шумо метавонед дигар намунаи болиштчаро интихоб намуда дӯзед. Матоъҳои духоба ё сунъиро истифода баред, ба ҷойи пахта ватин ё дигар масолеҳро гузоред, масолеҳи дар хонаатон бударо истифода баред. Ба ҷойи занҷирак метавонед тугма шинонед.

**4. Мустаҳкамкунии мавзӯи нав:**

1. Лоиҳаи эҷодӣ чист?
2. Дар вақти иҷро кардани лоиҳаи эҷодӣ кадом пайдарҳамиро риоя намудед?
3. Мувофиқи хоҳиши худатон лоиҳаи эҷодии дилхоҳатонро иҷро намоед.

**5. Кори амалӣ:** Ҳисоби иқтисодӣ барои дӯхтани болиштча барои диван.

Аз тарафи омӯзгор супориш дода мешавад, ки нархи болиштча барои диван аз матои дӯхташуда ҳисоб карда шавад. Ҳангоми ҳисоби иқтисодии маснуот нархи матоъ, ришта, сарфаи қувваи барқ ба назар гирифта шуда, аз рӯйи ҳисоби иқтисодии маснуот ҷадвали №15, ки дар саҳифаи 174 ҷойгир аст, пур карда шавад.

Хонандагон ба ду гурӯҳ тақсим шуда, ба кори худ ин тарз баҳогузорӣ кунанд Шартҳои иҷрошударо таҳлил намуда, ба ҳамдигар баҳогузорӣ карда шавад. Аз тарафи омӯзгор санҷида шавад, ки оё хонандагон лоиҳаи эҷодиро ба пуррагӣ иҷро намуда, аз кори худ қаноатманд ҳастанд ё дигаргунӣ даровардан лозим аст? Ба ҳамаи ин саволҳо аз тарафи хонандагон ҷавоб гирифта, баъд аз ҳимояи таблиғоти маснуоти дӯхташудаи худ аз тарафи омӯзгор баҳогузорӣ карда мешавад.

**6. Дарсро ҷамъбаст намуда, заҳмати хонандагонро қадрдонӣ кунед.**

**7. Арзёбӣ:** Дар рафти дарс фаъолияти таълимии хонандагонро мушоҳида намуда, дараҷаи ба салоҳиятҳо ноил гаштани онҳоро муайян кунед. Натиҷаҳои фаъолияти таълимии хонандагонро аз рӯйи савол ва супоришҳои зерин арзёбӣ карда метавонед. *(мувофиқи натиҷаи арзёбии мазкур ба хонандагон баҳои аъло, хуб, қаноатбахш ва ғайриқаноатбахш гузошта мешавад).*

| Фаъолият | Метавонад | Қисман метавонад | Наметавонад |
|---|---|---|---|
| Дар бораи ҳисоби иқтисодии лоиҳаи эҷодӣ шарҳ дода метавонад? | | | |
| Асосноккунии маснуотро шарҳ дода, онро дар амал иҷро карда метавонад? | | | |
| Эҳтиёткорона кор кардан ва муносибати хуб бо асбоб ва таҷҳизотро риоя карда метавонад? | | | |
| Бо маснуотҳои гуногун лоиҳаҳои дигари содаро | | | |

| | | | |
|---|---|---|---|
| пайдо менамояд ва онро ба таври умумӣ шарҳ медиҳад? | | | |
| Хусусиятҳои эстетикии маснуотро шарҳ дода, онро арзёбӣ карда метавонад? | | | |
| Ҳангоми ҳисоби иқтисодии лоиҳаи эҷодӣ сарфакориро риоя карда метавонад? | | | |

## ДАРСИ 33
## МАВЗӮЪ: ТАЪМИРИ ЛИБОС

**Барнома:** Ташкили ҷойи корӣ ва қоидаҳои бехатарии меҳнат. Талаботи санитарию гигиенӣ ба либос. Роҳҳои таъмири либос (иваз кардани тугмаҳо ва дӯхтани дарзҳои кандашуда). Тарзҳои дӯхтани тугма. Усулҳои таъмири либос. Интихоби тугма ва ресмон барои таъмири либос. Тарзи дӯхтани тугмаҳо. Санҷиши сифати таъмир.

**Салоҳиятҳо:**

- Баъзе воситаҳои технологиро истифода бурда метавонад;
- Дар доираи мавзӯъҳои маҳдуд ғояи навро пайдо карда метавонад;
- Доир ба баъзе касбҳо маълумоти сода дода метавонад;
- Хусусиятҳои тарбиявии фанро дарк карда, баъзе унсурҳои онро дар амал татбиқ карда метавонад.

**Мақсадҳои дарс:**

-Таъмири либосро шарҳ дода тавонад;

-Раванди таъмири либосро шарҳ дода, онро дар амал иҷро карда тавонад;

-Эҳтиёткорона кор кардан ва муносибати хуб бо асбоб ва таҷҳизотро риоя карда тавонад;

-Хусусиятҳои эстетикии маснуотро шарҳ дода, онро арзёбӣ карда тавонад;

-Ҳангоми таъмири либос сарфакориро риоя карда тавонад.

**Таҷҳизоти зарурӣ:** китоби дарсӣ, овезаҳои таълимӣ.

**1. Методикаи таълим:** Ҳангоми банақшагирии дарс аз тавсияҳои зерин истифода бурда метавонед.

1. Ташкили дарс: Дар ин марҳала корҳои зерин ба роҳ монда мешавад:

Тайёр намудани маводди хониш;

Ҳозиру-ғоиб кардани хонандагон;

Омода намудани хонандагон ба дарс.

**2. Такрори дарси гузашта:** Дарсро аз гузоштани масъала оғоз кунед. Бо саволҳои зерин ба хонандагон муроҷиат намоед:

1. Лоиҳаи эҷодӣ чист?
2. Ҳангоми тартиб додани лоиҳаи эҷодӣ кадом пайдарҳамиро бояд ба назар гирифт?
3. Намудҳои болиштчаҳо барои диванро номбар кунед.
4. Лоиҳаи эҷодиро интихоб намуда, онро асоснок кунед.

**3. Шиносоӣ бо мазмуни мавзӯъ:** Оид ба таъмири либос суҳбат гузаронида, дар бораи нигоҳубини либос, намудҳои таъмир: таъмири хурд, таъмири миёна, таъмири калон, усулҳои таъмир: руфукунӣ, яккакӯк, бофти ҳунарӣ ё даврадӯзии дарбеҳ, роҳҳои дарбеҳ: бо тарзи одӣ ва бо тарзи ороишдиҳӣ, тугмаҳо ва таъмири он, дӯхтани тугмаи чорсӯроха ба матои тунук, мустаҳкам кардани ришта, дӯхтани тугма ба матои ғафс шарҳ дода мешавад.

Сари вақт таъмир кардан ва нигоҳубин намудани либос муддати истифодаи онро дароз мекунад. Инсон нисбат ба либоси дарида бо либоси ботартиб зебо менамояд. Барои истифодаи дурударози либос онро эҳтиёт ва нағз нигоҳубин кардан лозим аст. Барои ин сари вақт тугма, чангак, ангулаҳоро таъмир кардан, чокҳои кандашударо дӯхтан, ҷойи дарида ва сӯрохшудаи либосро дарбеҳ намудан зарур мебошад. Агар ҷойи сӯрохӣ ё ҷойи беҳад калон дарида дарбеҳ карда нашавад, ба рӯйи маснуоти дарида ва сӯрохшуда ё аз таги он матои дарбеҳӣ гузошта, ҷойи даридаро дарбеҳ кардан мумкин аст.

**Тугмаҳо ва таъмири он.** Тугмаҳоро, одатан, ба матои дуқабата, баъзан ба як қабати он (масалан, палтои беастар) медӯзанд. Дар мавриди охирин аз тарафи чаппаи бари либос як порча матоъ ё тугмаи қутраш майда мешинонанд. Умуман тугмаро тарзе мешинонанд, ки он аз канори маснуот баромада истад. Тугмаро ба риштаи ҳамранги матоъ медӯзанд. Азбаски ангуларо аз мобайни бар (ё пушт) ба масофаи муайян (0,2- 0,3 см) ишора мекунанд, тугмаҳоро аз рӯйи хати мобайни бар (ё пушт) дӯхтан лозим аст. Тугмаҳои барҷастаи бесӯрох (ҳалқадор)-ро ба либос ҷафс медӯзанд. Ҳангоми дӯхтани тугмаи сӯрохаш дутарафа риштаро сахт кашида намедӯзанд, чунки байни ришта ва тугма боз ришта печонидан лозим меояд. Дар акси ҳол агар тугмаро ба маснуот зич дӯзанд, гузаронидани ришта мушкил ва маснуот ғиҷим мешавад. Матоъ ҳар қадар ғафс бошад, риштаи тугмаро ҳамон қадар суст монда медӯзанд. Барои дӯхтани тугмаи барҷастаи қафояш ҳалқадор аз матои ҳамон маснуот тасмача бурида, аз сӯрохи тугма мегузаронанд ва худи ҳамон тасмачаро ба либос медӯзанд. Барои ба либоси мӯина дӯхтани тугма (барои он, ки мӯякҳои он дар вақти дӯхтан халал нарасонанд) коғази тунук монда, сипас тугмаро медӯзанд ва баъд коғазро даронда мегиранд.

**Дӯхтани тугмаи чорсӯроха ба матои тунук**

1. Риштаро маҳкам намуда, сӯзанро аз сӯрохии тугма гузаронед.
2. Сӯзанро аз сӯрохии дуюм ба тарафи чаппаи матоъ гузаронед.
3. Аз тарафи чаппаи матоъ сӯзанро аз сӯрохии сеюми тугма гузаронед.
4. Аз сӯрохии чорум ба тарафи чаппаи матоъ гузаронед ва ин амалро якчанд маротиба такрор намоед ва риштаро аз тарафи чаппаи матоъ гиреҳ кунед.

**Мустаҳкам намудани ришта**

1. Сӯзанро ба тарафи чаппаи матоъ гузаронед, дар зери кӯк риштаро ду-се маротиба дар нӯги сӯзан печонед.
2. Риштаро кашед.
3. Боз як бор сӯзанро аз таги кӯк гузаронед. Риштаро гузаронед ва онро буред.

**Дӯхтани тугма ба матоъҳои ғафс**

1. Ба рӯйи тугмаи чорсӯроха донаи гӯгирдро гузоред. Тугмаро монанди тугмаи дар матоъҳои тунук дӯзед.
2. Пеш аз риштаро гиреҳ кардан гӯгирдчӯбро гиред. Сӯзанро аз тарафи чаппа аз таги тугма бароред.
3. Риштаро якчанд маротиба гирдогирд дар гирди тугма то ҳосил шудани “пояча” печонед.
4. Сӯзанро ба тарафи чаппаи матоъ гузаронед. Риштаро гиреҳ кунед.

Дарозии либосро умуман бо назардошти мавқеи хати зонуҳо муайян мекунанд. Зимни ин ҳатман сатҳи хатти камари ҷуссаро ба ҳисоб мегиранд.

**4. Мустаҳкамкунии мавзӯи нав**

1. Кадом тарзи дӯхтани тугмаро медонед?
2. Фарқи дӯхтани тугмаи чорсӯроха дар матоъҳои гуногунро гуфта диҳед.
3. Намунаи тугмаи дилхоҳро гирифта, онро шарҳ дода, дар пораи суф дӯхта, ба албоматон часпонед.

**5. Истифодаи усули Кластери сода**

Кластер (claster – хӯша, даста) усули гирдоварии андешаҳои хонандагон доир ба ягон мавзӯъ, мафҳум буда, дар шаклҳои гуногун тасвир меёбад. Ин усул аз тарафи мутахассиси проблемаҳои эҷодӣ Тони Бюзан кор карда шудааст. Ин усул имкон медиҳад, ки хонандагон барои фикр намудани мавзӯи дарпешистода сафарбар шаванд.

**Мақсадҳои истифодаи усули Кластер:** гирдоварии андешаҳои хонандагон; бунёди вазъияти ҷустуҷӯ; инкишофи малакаҳои баёни мухтасари фикр; омӯзиши роҳҳои гуногуни гирдоварии андешаҳо; пешниҳод кардани маълумотҳои иловагӣ; муайян кардани дониши хонандагон доир ба мавзӯъ.

Масъала: Истифодаи тугмаҳо ва таъмири онҳо. Тугмаро аз чиҳо истеҳсол наму-дан мумкин аст?




**6. Кори амалӣ: Тарзи дӯхтани тугма**

**Таҷҳизот**: қуттии асбобу анҷомҳои дарздӯзӣ, матоъ ё маснуоти дилхоҳ, ришта, қайчӣ, тугмаҳои гуногуни ду ё чорсӯроха, пояча.

Аз тарафи омӯзгор қоидаҳои техникаи бехатарӣ ва санитарию гигиенӣ оид ба мавзӯъ назорат карда, аз ҷониби хонандагон риоя карда шавад.

**Қадамҳо:**

1. Аз тарафи омӯзгор барои дӯхтани тугма супориш дода мешавад, ки ҳамаи асбоб ва маводҳои лозимӣ омода карда шавад;
2. Супориш дода мешавад, ки барои дӯхтани тугма ҷойи дӯхти тугмаҳо муайян карда шавад;
3. Супориш дода мешавад, ки ришта гиреҳ карда шавад;
4. Сӯзан аз сӯрохии поячаи тугма гузаронида шавад;
5. Сӯзан ба тарафи чаппаи маснуот гузаронида шавад;
6. Сӯзан аз тарафи чаппаи матоъ ба тарафи рости матоъ, аз дохили сӯрохии поячаи тугма гузаронида шавад;
7. Ин амалиёт барои мустаҳкам намудан 5-7 маротиба такрор карда шавад.




***Таъмир ва шинондани тугмаи поячадор: а) муайян кардани ҷопи тугма; б) пайдарҳамии дӯхти тугма; в) гиреҳ кардани ришта аз тарафи чаппаи матоъ***

**7. Дарсро ҷамъбаст намуда, заҳмати хонандагонро қадрдонӣ кунед.**

**8. Арзёбӣ:** Дар рафти дарс фаъолияти таълимии хонандагонро мушоҳида намуда, дараҷаи ба салоҳиятҳо ноил гаштани онҳоро муайян кунед. Натиҷаҳои фаъолияти таълимии хонандагонро аз рӯйи савол ва супоришҳои зерин арзёбӣ карда метавонед. *(мувофиқи натиҷаи арзёбии мазкур ба хонандагон баҳои аъло, хуб, қаноатбахш ва ғайриқаноатбахш гузошта мешавад).*

| Фаъолият | Метавонад | Қисман метавонад | Наметавонад |
|---|---|---|---|
| Дар бораи таъмири либос шарҳ дода метавонад? | | | |
| Раванди таъмири либосро шарҳ дода, онро дар амал иҷро карда метавонад? | | | |
| Эҳтиёткорона кор кардан ва муносибати хуб бо асбоб ва таҷҳизотро риоя карда метавонад? | | | |
| Хусусиятҳои эстетикии маснуотро шарҳ дода, онро арзёбӣ карда метавонад? | | | |
| Ҳангоми таъмири либос сарфакориро риоя карда метавонад? | | | |

## ДАРСИ 34
## МАВЗӮЪ: ТАРЗИ ШУСТАНИ МӮЙ ВА КАШИДАНИ ӮСМА

**Барнома:** Ташкили ҷойи корӣ. Қоидаҳои санитарӣ-гигиенӣ. Гигиенаи бадан ва мӯй. Собунҳо ва моеъҳо барои шустани бадан. Моеъҳо ва собунҳо барои шустани мӯй. Истифода аз масолеҳи табиӣ барои шустани мӯй. Нигоҳубини абру. Хелҳои ӯсма. Тарзҳои ӯсмамолӣ. Истифодаи масолеҳи табиӣ барои сабзиши абру (ӯсма).

**Салоҳиятҳо:**

- Баъзе воситаҳои технологиро истифода бурда метавонад;
- Дар доираи мавзӯъҳои маҳдуд ғояи навро пайдо карда метавонад;
- Доир ба баъзе касбҳо маълумоти сода дода метавонад;
- Хусусиятҳои тарбиявии фанро дарк карда, баъзе унсурҳои онро дар амал татбиқ карда метавонад.

**Мақсадҳои дарс:**

-Гигиенаи духтаронро шарҳ дода тавонад;

-Тарзи дуруст шустани мӯй ва кашидани ӯсмаро шарҳ дода, онро дар амал иҷро карда тавонад;

-Эҳтиёткорона кор кардан ва муносибати хуб бо собун ва шампунро риоя карда тавонад;

-Хусусиятҳои гигиениро шарҳ дода, онро арзёбӣ карда тавонад;

-Ҳангоми шустани мӯй ва кашидани ӯсма сарфакориро риоя карда тавонад.

**Таҷҳизоти зарурӣ:** китоби дарсӣ, овезаҳои таълимӣ.

**1. Методикаи таълим:** Ҳангоми банақшагирии дарс аз тавсияҳои зерин истифода бурда метавонед.

1. Ташкили дарс: Дар ин марҳала корҳои зерин ба роҳ монда мешавад:

Тайёр намудани маводди хониш;

Ҳозиру-ғоиб кардани хонандагон;

Омода намудани хонандагон ба дарс.

**2. Такрори дарси гузашта:** Дарсро аз гузоштани масъала оғоз кунед. Бо саволҳои зерин ба хонандагон муроҷиат кунед:

1. Дар кадом ҳолат аввал матои дарбеҳӣ гузошта, баъд дарбеҳ карда мешавад?

2. Вобаста аз дараҷаи фарсудашавии ҷузъҳои маҳсулот таъмирҳо чанд намуд мешаванд?

3. Чанд роҳи дарбеҳкуннӣ мавҷуд аст?

4. Оид ба тугма ва таъмири он маълумот диҳед.

**3. Шиносоӣ бо мазмуни мавзӯъ:** Оид ба гигиенаи духтарон суҳбат гузаронида, дар бораи тарзи шустани мӯй ва кашидани ӯсма, нигоҳубин ва гигиенаи инсон, хусусиятҳои пӯст, намудҳои собун ва шампун, маслиҳатҳо оид ба мустаҳкам кардани мӯй, тарзи об кардани ӯсма, тарзи дурусти кашидани ӯсма шарҳ дода мешавад.

**Нигоҳубин ва гигиенаи инсон.** Пӯст мустаҳкаму чандир буда, вобаста ба синну сол, ҳолати организм ва таъсири шароити беруна тағйир меёбад, бинобар ин нигоҳубини он (гигиенаи бадан, тағзия ва муҳофизат) кори ҳар як шахс мебошад. Барои шустушӯйи

бадан собунҳои мушкин (хушбӯй)- и сахт, моеъ ва хока истифода бурда мешаванд. Собуни мушкини сахт 74-78 фоиз кислотаҳои ҳаднок (равғани гов, норҷил, саломас), моддаҳои хушбӯй ва рангкунанда дорад. Баъзе собунҳои мушкин хосияти шифобахшӣ ва тамйизӣ доранд. Барои шустушӯйии бадан аз собунҳои «Детское», «Малиш», «Чебурашка» ва собунҳои хушбӯйии ҳозиразамони “Oriflame-Soap”, “Dove”, “Camay”, “Экзотика”, “Луговқе травқ”, гелҳои (барои шустушӯйии бадан) “Тысячилетник”, “Яблоко”, “Крапива” ва ғайра истифода баред. Маҷмӯи тадбирҳое мавҷуданд, ки барои обутоб додани организм ва ба шароити номусоиди обу ҳаво, иқлим устувор гардондани он равона карда шудаанд. Организмро асосан тавассути ҳаво, об, нури офтоб обутоб медиҳанд. Агар ба ин омилҳо машққҳои ҷисмонӣ илова шаванд, обутобёбии организм торафт самарабахштар мегардад. Омили асосии обутоби бадан об буда, дар ин бобат нисбат ба ҳаво муфидтар аст. Об нисбат ба ҳаво 28 маротиба зиёдтар гармӣ мегузаронад. Дар хона барои обутоб додани организм ба бадан об рехтан, бо латтаи тар пок кардани он ва оббозӣ дар душ, ванна ва ғайра муфид аст. Барои шустушӯйии бадан якчанд ваннаҳо (ваннаҳои буғӣ, шифоӣ бо қиёми дарахти сӯзанбарг, перманганати калий, хардалоб, оҳару сода ва ғайра)-ро истифода мебаранд.

**Шустани мӯй.** Барои шустани мӯй онро нағзакак тар кунед, оҳиста бо оби равон, душ ё бо асбоби махсус ба шустан тайёр кунед. Ҳозир бисёр шампунҳои гуногуни кӯдакона мавҷуданд. Ҳар яки онҳо таркиби ба худ хос доранд ва пӯсту мӯйро муҳофизат мекунанд. Дар вақти шустан чашмро пӯшед. Ҳоло ба ғайр аз шампунҳои кӯдакона шампунҳои ҳозиразамони “Кокос”, “Крапива”, “Берёза”, “Каштан”, “Ромашка”, истеҳсоли хориҷӣ ва ғайра мавҷуданд. Шампунро камтар ба кафи даст гиред, аввал ба болои сар ва баъд ба ақиби он ва қисми дигарашро ба кафи дигар гирифта, ба пешонии росту чап молед, бо ин роҳ шампунро баробар тақсим кунед ва ба ҳамаи мӯй пурра молед. Вақти шустан мӯйро тоза шӯед, ки шампун боқӣ намонад, мӯйро камтар фишурда обашро равонед. Мӯйро хушк кардан лозим аст. Аввал сарро бо сачоқ печонед ва камтар (тахминан 10 дақиқа) истед. Ҳеҷ гоҳ мӯйи сарро тар шона накунед. Дар ин ҳолат он беқувват мешавад ва бисёртар мерезад. Мӯйи хушкро шона кардан осон аст.

**Маслиҳати муфид барои мустаҳкам кардани мӯй.** Ба дегчаи сирдор як литр об андохта ҷӯшонед, се қошуқи таомхӯрӣ решаи дарахти булутро (онро дар дорухона мефурӯшанд) андохта, онро 15 дақиқа ҷӯшонед. Баъд аз хунук шудан онро аз се қабат дока гузаронед ва бо ҳамин оби ширгарм бе собуну шампун сарро шӯед. Ҳамин хел маҳлулро аз испанд тайёр кардан мумкин аст. Ба мӯйҳои равғаннок кефир, ҷурғот молида, бо сачоқ 20-30 дақиқа печонед ва баъд бо шампуни махсус барои мӯйҳои равғанӣ шӯед. Агар мӯй хушк бошад, бо оби мулоим шӯед. Онро ин тарз тайёр мекунанд. Оби одиро ҷӯшонда, баъд хунук кунед ва бо он сарро шӯед. Дар ин вақт бояд калонсолон дар наздатон бошанд. Шампунро худи одам ҳам тайёр карда метавонад. Барои ин зардии тухми хомро гирифта (сафедиашро истифода набаред) лат диҳед, ба он як қошуқча равғани офтобпараст ҳамроҳ карда ба решаи мӯй молед. Баъд бо сачоқ печонда 2 соат нигоҳ доред. Сипас бо оби ширгарм ва шампуни барои мӯйи хушк шӯед.

**Тарзи кашидани ӯсма.** Ӯсма (васма) гиёҳест, ки занону духтарон баргҳои онро фишурда, оби сабзашро ба абрувон ва пӯсти худ мемоланд. Баландин ӯсма то 25 см расида, поя ва баргҳояш ранги сабзи нилгун доранд. Соли дуюм аз охирҳои моҳи апрел то июл гул мекунад, ранги гулаш зард аст. Ӯсма (васма) дар Осиёи Миёна ва Паси Қафқоз маълум буда, тухми онро асосан дар заминҳои обӣ мекоранд.

**4. Мустаҳкамкунии мавзӯи нав:**

1. Кадом намуди собунҳоро медонед?
2. Чанд намуди мӯйро медонед?
3. Шумо дар хона аз кадом шампун ва собунҳо истифода мебаред?

**5. 1. Истифодаи бозии “Кроссвордро пур кунед!”**

| | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | **Т** | | | | |
| | | | **У** | | | | |
| | | | **Г** | | | | |
| | | | **М** | | | | |
| | | | **А** | | | | |

1. Барои дӯхтани тугма кадом масолеҳ зарур аст? (ришта)
2. Ивази тугма бо кадом таъмир доҳил мешавад? (хурд)
3. Ба таъмири хурд ғайр аз ивази тугма боз кадом масолеҳ дохил мешавад? (чангак)
4. Ҳангоми дӯхтан, тугма ва ришта ҳамранги чӣ бояд бошад? (матоъ)
5. Ҳангоми дӯхтани тугма бо кадом асбоб бояд эҳтиёткорона муносибат кард? (сӯзан)

**5. 2. Истифодаи усули Кластери мураккаб**

Кластер (claster – хӯша, даста) усули гирдоварии андешаҳои хонандагон доир ба ягон мавзӯъ, мафҳум буда, дар шаклҳои гуногун тасвир меёбад. Ин усул аз тарафи мутахассиси проблемаҳои эҷодӣ Тони Бюзан кор карда шудааст. Ин усул имкон медиҳад, ки хонандагон барои фикр намудани мавзӯи дарпешистода сафарбар шаванд.

**Мақсадҳои истифодаи усули Кластер:** гирдоварии андешаҳои хонандагон; бунёди вазъияти ҷустуҷӯ; инкишофи малакаҳои баёни мухтасари фикр; омӯзиши роҳҳои гуногуни гирдоварии андешаҳо; пешниҳод кардани маълумотҳои иловагӣ; муайян кардани дониши хонандагон доир ба мавзӯъ.

Масъала: Таъмири либос. Кадом намудҳои таъмири либосро медонед?




**6. Кори амалӣ:** Технологияи кашидани ӯсма.

Аз тарафи омӯзгор қоидаҳои техникаи бехатарӣ ва санитарию гигиенӣ оид ба мавзӯъ назорат карда, аз ҷониби хонандагон риоя карда шавад.

**Таҷҳизот:** ӯсма, пахта, ӯсмаобкунак ё пиёла, оина, чӯбчаи нӯгаш тез барои пахтапечонӣ ва кашидани ӯсма, сачоқ.

**Қадамҳо:**

1. Аз тарафи омӯзгор супориш дода мешавад, ки оид ба кашидани ӯсма асбоб ва маводҳои зарурӣ омода намоянд;

2. Ӯсмаро аввал шуста, қоидаҳои санитарию гигиениро риоя намуда, камтар офтоб дода шавад;

3. Баъд он дар ӯсмаобкунак ё пиёла об карда шавад;

4. Ҳангоми кашидани ӯсма дастро дар об тар кунед, барои он ки кабудии ӯсма дар даст намонад;

5. Барои кашидани ӯсма аз гӯгирдчӯб, чӯбчаи борик, ки ба як нӯгаш камтар пахта печонда, бо нӯги дигар изи абруро кашед;

6. Ӯсмаро ба абру бо чӯбчаи ӯсмадор канда-канда пайи ҳам кашида шавад;

7. Баъди кашидани ӯсма ӯсмамолакро ба ӯсма тар карда, фақат аз кунҷи абру об давонда шавад;

8. Баъди 2-3 бор об давондан (баъди ҳар 5-8 дақиқа) ӯсмаро хушк намуда, бо об оҳиста шӯед ва бо сачоқ сахт пок накунед, то ки сиёҳӣ ва кабудии ӯсма наравад.

9. Баъд асбобҳои истифодашуда (ӯсмаобкунак, чӯбчаи ӯсмакашӣ)-ро хуб шуста, дар селофан гузошта, дар ҷойи муайян нигоҳ дошта шавад;

10. Вобаста ба кори иҷрошуда аз тарафи омӯзгор ба хонандагон баҳогузорӣ карда шавад.

**7. Дарсро ҷамъбаст намуда, заҳмати хонандагонро қадрдонӣ кунед.**

**8. Арзёбӣ:** Дар рафти дарс фаъолияти таълимии хонандагонро мушоҳида намуда, дараҷаи ба салоҳиятҳо ноил гаштани онҳоро муайян кунед. Натиҷаҳои фаъолияти таълимии хонандагонро аз рӯйи савол ва супоришҳои зерин арзёбӣ карда метавонед. *(мувофиқи натиҷаи арзёбии мазкур ба хонандагон баҳои аъло, хуб, қаноатбахш ва ғайриқаноатбахш гузошта мешавад).*

| Фаъолият | Метавонад | Қисман метавонад | Наметавонад |
|---|---|---|---|
| Дар бораи гигиенаи духтарон шарҳ дода метавонад? | | | |
| Тарзи дурусти шустани мӯй ва кашидани ӯсмаро шарҳ дода, онро дар амал иҷро карда метавонад? | | | |
| Эҳтиёткорона кор кардан ва муносибати хуб бо собун ва шампунро риоя карда метавонад? | | | |
| Хусусиятҳои гигиениро шарҳ дода, онро арзёбӣ карда метавонад? | | | |
| Ҳангоми шустани мӯй ва кашидани ӯсма сарфакориро риоя карда метавонад? | | | |

## Адабиёт
### Бо забони тоҷикӣ


1. Азизов А.А., АшӯроваТ.А. Ташкили фаъолияти лоиҳавии мутахассисони оянда ва истифодаи методҳо дар дарсҳои технология. Хуҷанд: Нури маърифат, 2014. -116 с.
2. Азизов А.А., Иргашова М.У. Технология: таълим бо усулҳои нав/дастури методӣ барои омӯзгорони фанни технология (таълими меҳнат).-Душанбе, 2016. -76 с.
3. Азизов А.А., Исломов С., Раҳимов С., Ғафурова Р. Асосҳои касбу хунар (технология) (барои духтарҳо). Душанбе. 2007, 192 с.
4. Азизов А.А., Мирзохӯҷаев М.Д., Ашӯрова Т.А. Касбнома. – Хуҷанд: Меъроҷ 2014, - 94 саҳ.
5. Азизов А.А., Раҳимов С., Исломов С. технология (таълими меҳнат барои писарон) Китоби дарсӣ барои синфи 9-уми муассисаҳои таҳсилоти умумӣ Душанбе. 2016.
6. Алиев А.Б., Зиёев М. Н., Олимова Ф. К., Эрматова У.С., Зоолишоева Б.Ф., Ниёзов Ф. Такмили маҳорати педагогии омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ. Дастури таълим барои курсҳои такмили ихтисоси омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ. Лоиҳа. Душанбе, 2010.
7. Арзёбӣ дар низоми таълими салоҳиятнокӣ, модули таълимӣ оид ба татбиқи стандартҳои фаннии синфҳои ибтидоӣ, Ниёзов Ф., Зиёев М., Алиев А., Нусратов Б., Ҷонмирзоев Э., Қодиров Н., Иргашева М., Зиёев Қ. Душанбе - 2016 с.– 65 саҳ.
8. Зиёев М.Н., Олимова Ф.К., Эрматова У.С., Алиев А.Б., Зоолишоева Б.Ф., Ниёзов Ф. М., Ташкили ҷараёни таълим дар синфҳои ибтидоӣ. Дастури таълим барои курсҳои такмили ихтисоси омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ. Душанбе: 2009.

9. Иргашова М., Азизов А.А., Насимӣ М. “Замима ба китоби дарсии “Санъат ва меҳнат” барои синфи 4-ум” Душанбе: Маориф, 2016. -40 с.
10. Иргашова М., Азизов А.А., Насимӣ М. “Роҳнамои фанни санъат ва меҳнат барои синфи 4-ум” барои омӯзгорони синфҳои ибтидоии муассисаҳои таҳсилоти умумӣ. Душанбе: Маориф, 2016. -112 с.
11. Исломов С, Азизов А.А., Раҳимов С. технология (таълими меҳнат барои писарон) Китоби дарсӣ барои синфи 5-уми муассисаҳои таҳсилоти умумӣ Душанбе. 2004.
12. Исломов С. Обидова К., Рӯзиева М.Д., Технология (таълими меҳнат барои духтарон), китоби дарсӣ барои синфи 7. Нашри 2. Душанбе, 2015. -152 с.
13. Исломов С. Рӯзиева М.Д., Обидова К., Технология (таълими меҳнат барои духтарон), китоби дарсӣ барои синфи 8. Душанбе, 2007. -192 с.
14. Исломов С., Азизов А.А., Раҳимов С. технология (таълими меҳнат барои писарон) Китоби дарсӣ барои синфи 7-уми муассисаҳои таҳсилоти умумӣ Душанбе. 2005.
15. Исломов С., Обидова К.. Рӯзиева М. Технология (таълими меҳнат барои духтарон), китоби дарсӣ барои синфи 6. Душанбе, 2004. -128 с.
16. Исломов С., Раҳимов С., Азизов А. Касбу ҳунар (технология барои писарон) китоби дарсӣ барои синфи 6. Душанбе: Фарас, 2005. -141 с.
17. Ниёзов Ф., Олимова Ф., Зиёев М. Маърифати таълим: ҷустуҷӯ ва бозёфт. Дастур барои худомӯзии омӯзгорони фанни забони тоҷикӣ. - Душанбе, 2012. - 78с.
18. Низоми таълими салоҳиятнокӣ, модули таълимӣ барои татбиқи стандартҳои фаннии синфҳои ибтидоӣ, Ниёзов Ф., Зиёев М., Алиев А., Нусратов Б., Ҷонмирзоев
Э., Қодиров Н., Иргашева М., Зиёев Қ. Душанбе - 2016 с.– 36 саҳ.
19. Раҳимов С. Азизов А.А., Исломов С. технология (таълими меҳнат барои писарон) Китоби дарсӣ барои синфи 8-уми муассисаҳои таҳсилоти умумӣ Душанбе. 2008.
20. Рӯзиева М.Д., Обидова К., Исломов С. Технология (таълими меҳнат барои духтарон), китоби дарсӣ барои синфи 5. Нашри 2. Душанбе, 2016. -192 с.
21. Сафин Д., Мусина Р., Мухторӣ Қ. ва диг. Усулҳои таълим ва омӯзиши ҳамфаъол.
Дастури таълимӣ. -Душанбе, 2007. - 376 с.
22. Сокол А.Б., Маҳорати педагогӣ. Маводди курси таълимӣ бо фармоиши ЮНИСЕФ Тоҷикистон, Душанбе -2014. - 117 с.

**Бо забони русӣ**

1. Астрейко С.Я. Трудовое обучение: Технический труд. Учеб. пособие для 5-9 классов. Минск:. Нац. инс.образования 2014.
2. Болотов В.А., Сериков В.В. Компетентностная модель: от идеи к образовательной программе // Педагогика. – 2003. – № 10. – С. 8-14.
3. Зимняя И.А. Ключевые компетентности как результативно-целевая основа компетентностного подхода в образовании. Авторская версия.-М.: Исследовательский центр проблем качества подготовки специалистов, 2004
4. Мединцева И. П. Компетентностный подход в образовании / И. П. Мединцева // Педагогическое мастерство: материалы II междунар. науч. конф. (г. Москва, декабрь 2012 г.). — М.: Буки-Веди, 2012.
5. Мирсеитова С. Обучение как поиск и поиск для обучения: формы и методы развития критического мышления обучающихся. -КазАЧ, 2011
6. Симоненко В.Д. Технология. 5 класс: учеб. Для общеобразоват. учреждений: вариант для мальчиков – М: Просвещение, 2010. – 176 с : ил.
7. Троянская С.Л. Основы компетентностного подхода в высшем образовании, Учебное пособие для студентов магистратуры психолого-педагогических направлений подготовки, издательский центр «Удмуртский университет». – 2016, 176 стр.

# РОҲНАМОИ
# ФАННИ ТЕХНОЛОГИЯ
# (ТАЪЛИМИ МЕҲНАТ
# БАРОИ ДУХТАРОН)
# СИНФИ 5-УМ

## барои омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ


| | |
|---|---|
| Муҳаррир | С. Неккадамов |
| Мусаҳҳеҳ | М. Саидова |
| Муҳаррири техникӣ | Н.С. Зайниддинов |
| Тарроҳ | З. Саъдуллоев |

Ба чоп 08. 07. 2017 иҷозат дода шуд. Коғази офсет.
Чопи офсет. Андоза 60x84 1/8. Ҷузъи чопӣ 22,5.
Адади нашр 4000 нусха.
Супориши № 131/2017

Муассисаи нашриявии «Маориф»-и
Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон.
734024, ш. Душанбе, кӯчаи Аҳмади Дониш 50
Тел: 222-14-66,
E-mail: najmiddin64@mail.ru

Дар матбааи ҶДММ «Пилтан»
бо супориши №12 аз 16.08.2017 ба табъ расидааст.